ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

ИШМАТОВ А.Б.
ИБРОҲИМОВ М.Ф.

# ЛУҒАТИ РУСӢ-ТОҶИКИИ НАССОҶӢ

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

Ишматов А.Б.
Иброҳимов М.Ф.

# ЛУҒАТИ РУСӢ-ТОҶИКИИ НАССОҶӢ

# РУССКО-ТАДЖИКСКИЙ ТЕКСТИЛЬНЫЙ СЛОВАРЬ

ДУШАНБЕ
«ИРФОН»
2010

ББК 40.5+12.1
И - 50

*Дар ҷаласаи кафедраи Технологияи маснуоти нассоҷӣ ва тарҳрезӣ барои истифода дар ҷараёни таълим пешниҳод гаштааст ва аз тарафи Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои чоп тавсия шудааст*

**Тартибдиҳандагон:** **Ишматов Аскаралӣ Бозорович,**
**номзади илмҳои техникӣ, дотсент**

**Иброҳимов Муродалӣ Файзалиевич,**
**номзади илми таърих, дотсент**

**Муҳаррири масъул** – *Шоев Н.Н- доктори илмҳои педагогӣ, профессор.*

**Тақризгарон -** *Шарифов М-* номзади илми филология, дотсент.
*Ҳакимов F.Қ-* номзади илмҳои техникӣ, дотсент.

К-50 ЛУҒАТИ РУСӢ-ТОҶИКИИ НАССОҶӢ. – Душанбе, «ИРФОН» 2010 с. –604 с.

Дар луғати мазкур тарҷумаи русӣ ба тоҷикии беш аз 7000 калимаи ба истеҳсолоти нассоҷӣ дахлдошта ҷамъ оварда шудааст. Умедворем, ки таълифу нашри нахустин луғати соҳавиро ҳамаи онҳое, ки бо ҷамъоварию коркарди ибтидоии наххо, ресандагию бофандагӣ, пардози газворҳою дӯхти либос алоқае доранд, қадами нек мешуморанд.

Луғат барои донишҷӯёни мутахассисони соҳа пешбинӣ шудааст, вале шиносоӣ бо он барои тарҷумонҳо, муҳаррирон ва умуман, доираи васеи хонандагон, аз аҳамият холӣ нест.

4602030000 – 027
И ――――――――― 2010
М 501 (12) - 2010

ISBN 978-99947-0-060-8

9 789994 700608

© Ишматов А.Б. Иброҳимов М.Ф. 2010

**Ба истиқболи ҷашни**
**20-солагии Донишгоҳи**
**Технологии Тоҷикистон**

# ПЕШГУФТОР

Тӯли солҳои зиёд тоҷикон ба шарофати забони бузурги русӣ бо асосҳои техника ва технологияи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ шинос мешаванд ва бо дастовардҳои муосири олимони хориҷи дурру наздик шинос мешаванд. Дар муассиссаҳои таълимӣ тадриси фанҳои тахассусии равияҳои техникӣ асосан ба забони русӣ сурат мегирад. Вале баъди соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми давлатиро соҳиб шудани забони тоҷикӣ чунин вазъро қобили қабул наметавон шумурд. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки мутолиаи китобҳои техникии ба забони русӣ таълифшуда, дар такя ба онҳо омӯзиши масолеҳ, таҷҳизот ва равандҳои технологӣ, аз ҷумла оид ба саноати нассоҷӣ, барои донишҷӯёни имрӯза мушкилии калонро ба бор меорад. Онҳо забони русиро чуқур намедонанд ва аз ин рӯ фанҳои тахассусиро дар сатҳи қаноатбахш азхуд карда наметавонанд.

Аз ин сабаб, дар соҳаи техника ва технология татбиқ намудани забони тоҷикӣ масъалаи доғи рӯз гаштааст. Аммо имрӯз бахшида ба соҳаи нассоҷӣ адабиёту дастурамалҳои таълимии ба забони тоҷикӣ нашршуда ангуштшуморанд. Якчанд китоби соҳавӣ аз забони русӣ мустақим тарҷума шудаанд. Ва табиист, ки дар онҳо камбудиҳои муайян ҷой доранд. Ба назар мерасад, ки дар китобҳои гуногуни тарҷумашуда номҳои ҳамон як мавод, таҷҳизот, усул ё раванд ба таври мухталиф тарҷума шудаанд. Баъзан тарҷума дағалу гӯшхарош аст ё мазмуни чизро ба таври воқеӣ инъикос намекунад. Сабаби инро фаҳмидан мумкин аст. Бе истифода аз луғатҳои русӣ ба тоҷикӣ ба забони давлатӣ таҳия намудани адабиёти соҳавии оммафаҳм ғайриимкон аст. Вале чунин луғатҳо дастрас нестанд, балки умуман таълиф нашудаанд.

Дар луғатҳои русӣ-тоҷикии мавҷуда, ки хусусияти умумӣ доранд, ба ибораҳои нассоҷӣ диққати кам дода шудааст. Бар замми ин, дар онҳо дастовардҳои нави илму техникаро инъикос наёфтаанд [illegible]

КИТОБХОНА
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета Таджикистана
ИНВ. № 20498

дар бораи масолеҳу маҳсулот, таҷҳизот, равандҳою технологияҳои навтарин дарбар намегиранд.

Луғати русӣ-тоҷикии нассоҷӣ, ки дар дасти Шумо қарор дорад, бештар аз 7000 калимаро дарбар гирифтааст. Ба он асосан истилоҳоти махсуси соҳавӣ дохил шудааст. Вале ибораҳое низ, ки ба соҳаҳои бо саноати нассоҷӣ ҳамҳуд дахл доранд (аз ҷумла ба саноати дӯзандагӣ), аз мадди назари муаллифон дур намондаанд. Баъзе калимаҳои овардашуда хусусияти умумисаноатӣ доранд.

Дар аснои омодасозии луғати мазкур таҳиягарон пеш аз ҳама аз таҷрибаи бои педагогии худ, ки ҳангоми солҳои зиёд дар макотиби олӣ фаъолият карданашон андӯхтаанд, истифода карданд. Солҳои охир аз тарафи онҳо машғулиятҳои назариявию амалӣ аз фанҳои тахассусӣ ба забони тоҷикӣ гузаронида мешавад ва ин омили муҳим мебошад.

Дар луғат ҳангоми интихоби тарҷумаҳо асосан калимаҳои баробарвазн истифода шудаанд, аммо баъзан ибораҳое низ қабул шудаанд, ки маънои чизро пурратар ифода мекунанд. Тарҷумаи як қатор ибораҳоро метавои ҳамчун пешниҳод қабул намуд ва дар атрофашон баҳс намудан равост (барои мисол, «болт», «гайка», «шайба», «кулиса» ва ғ.).

Барои ибораҳои душворфаҳм дар қавсҳо эзоҳу тавсифҳо оварда шудаанд. Тавзеҳоти мазкур дар натиҷаи чуқуру амиқ омӯхтани адабиёти соҳавӣ таҳия гаштааст.

Барои муайян кардани маънии луғатҳо ва дохил кардани калимаҳо ба ғайр аз адабиёти илмию таълимии соҳавӣ боз маводҳои луғатҳои мавҷуда аз қабили «Луғати русӣ-тоҷикӣ» (М.: Русский язык, 1985), «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар ду ҷилд (М.: Советская энциклопедия, 1969), «Луғати тоҷикӣ-русӣ» (М.: ГИИНС, 1954), «Русско-персидский политехнический словарь» (М.: Советская энциклопедия, 1973), «Словарь иностранных слов» (М.: Русский язык, 1984), «Таджикский ремесленный текстиль: словарь-справочник» (Душанбе: Ирфон, 2003), «Русско-узбекский терминологический словарь по ткачеству и швейному делу» (Тошкент: Укитувчи, 1993), «Фарҳанги мухтасари русӣ-тоҷикии истилоҳоти коргузорӣ» (Душанбе: Симурғ, 1993) ва диг. истифода шудаанд.

Китобе, ки Шумо дар даст доред, асосан барои донишҷӯён ва мутахассисони соҳа таъин гаштааст. Умедворем, ки шиносоӣ бо он барои доираи васеи хонандагон, тарҷумонҳо, муҳаррирон низ аз фоида холӣ нест.

Азбаски ин нахустин таҷрибаи таълифи луғати нассоҷӣ мебошад, табиист ки дар он камбудиҳои алоҳида вохӯрда метавонанд ва ё ҷанбаҳои

алоҳидаю баъзе ибораҳо аз доираи назари таҳиягарон дур мондаанд. Мулоҳиза ва пешниҳодоти Шумо бо сипосгузорӣ қабул карда мешаванд. Нишонӣ: ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев - 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, факултети стандартизатсия, технология ва дизайн, телефон 2345689.

## РУССКИЙ АЛФАВИТ

## АЛИФБОИ РУСӢ

| | | | |
|---|---|---|---|
| А | А | | |
| Б | Б | | |
| В | В | | |
| Г | Г | | |
| Д | Д | | |
| Е | Е, | Ё | Ё |
| Ж | Ж | | |
| З | З | | |
| И | И | | |
| Й | Й | | |
| К | К | | |
| Л | Л | | |
| М | М | | |
| Н | Н | | |
| О | О | | |
| П | П | | |
| Р | Р | | |
| С | С | | |
| Т | Т | | |
| У | У | | |
| Ф | Ф | | |
| Х | Х | | |
| Ц | Ц | | |
| Ч | Ч | | |
| Ш | Ш | | |
| Щ | Щ | | |
| | Ъ | | |
| | Ы | | |
| | Ь | | |
| Э | Э | | |
| Ю | Ю | | |
| Я | Я | | |

# А

| | | |
|---|---|---|
| **Абака** | - | **Абака** (ибораи испанӣ. Растании бисёрсолаи тропикӣ машҳур бо номи «банани нассоҷӣ». Баргҳои нахдеҳ дорад. Чунин нахро канаби манилавӣ меноманд. Барои тайёр кардани арғамчинҳои киштии бодбондор, чилбуру танобҳо истифода мешавад) |
| **Абразив** | - | **Ҷилбур** (масолеҳи рӯйпӯши баъзе навардҳои пешкаши дастгоҳҳои бофандагӣ) |
| **Абсолютно** | - | **Мутлақо** |
| **Абсолютное значение** | - | **Қимати мутлақ** |
| **Абсолютное разрывное удлинение** | - | **Ёзиши мутлақи кандашавӣ** |
| **Абсорбировать, абсорбция** | - | **Ҷаббидан, фурӯбарӣ, бахудкашӣ** |
| **Аванс** | - | **Пешпардохт, пешмузд** |
| **Авансировать предприятие** | - | **Ба муассиса пешпардохт додан** |
| **Авансовый раскрой** | - | **Чокбурии пешакӣ** |
| **Аварийная** | - | **Садамавӣ** |
| **Аварийное состояние** | - | **Ҳолати садамавӣ** |
| **Аварийный ремонт** | - | **Таъмири садамавӣ** |
| **Авария** | - | **Садама** (ногаҳонӣ аз кор баромадани таҷҳизот) |
| **Авербандное крашение** | - | **Ранг кардан ба тарзӣ абрбандӣ** |
| **Авизент** | | **Авизент** (матои пахтагини зич барои парашютҳо) |

| | | |
|---|---|---|
| **Авровая ткань** | - | **Матои абратӣ** (абрешимин, баъзан пахтагин, аз қабили адрасу атлас, ки аз ҳисоби пеш аз бофт баста, ҳарранга намудани ресмонҳои тор соҳиби нақшу нигори махсус мешавад. Нақшаш тобону возеҳ аст, вале маънояш шартию, шаклаш номуайян. Баъзеҳо номи чунин газворро ҳамчун «абрмонанд» тарҷума мекунанд. Ба фикри мо, азбаски он танҳо барои тарафи абраи маснуоти гуногун пешбинӣ шудааст, номи матоъ бо ибораи «абра» вобастагӣ дорад) |
| **Авто...** | - | **Худ...** |
| **Автоблокировка** | - | **Худмуҳофиза** |
| **Автокар** | - | **Худбар** (аробаи худгарди боркаш) |
| **Автоклав** | - | **Худбанд** (зарфе, ки дар он бо фишору ҳарорати баланд таҷрибаҳои физикию кимиёвӣ мегузаронанд) |
| **Автомат** | - | **Худкор** |
| **Автомат для выполнения коротких швов** | - | **Худкори чокҳои кӯтоҳ** |
| **Автомат для съёма бобин** | - | **Калобагири худкор** |
| **Автомат мотальный** | - | **Худкори азнавпечӣ** |
| **Автомат клубочный** | - | **Худкори кулӯлапечӣ** |
| **Автомат ниточный** | - | **Худкори найчапечон** |
| **Автомат уборочно-моточный** | - | Худкори лӯхтакчапеч (ба шакли 8-монанди бенайча) |
| **Автоматизация** | - | **Худкоргардонӣ** |
| **Автоматика** | - | **Худкорӣ** (1. назария ва қоидаҳои ташкили низоми идораи равандҳои техникию технологӣ, ки бе иштироки одам амал мекунад; 2. ҷамъи механизмҳои худкор) |

| | | |
|---|---|---|
| **Автоматическая** | - | **Худкор** |
| **Автоматическая линия** | - | **Хати худкор** (раванде, ки бетаваққуф амал менамояд) |
| **Автоматическая передача** | - | **Худтаҳвил** |
| **Автоматический ткацкий станок** | - | **Дастгоҳи бофандагии худкор** |
| **Автоматический тормоз навоя** | - | **Худманъгари наварди бофандагӣ** |
| **Автономная** | - | **Мустақил, мухтор** |
| **Автономное питание станка сырьём** | - | **Таъмини мустақили дастгоҳ бо хомашё** |
| **Автопитатель** | - | **Худтаъмингар** |
| **Автопогрузчик** | - | **Худборкун** |
| **Автопуск** | - | **Худбакордарор** |
| **Автораспределитель** | - | **Худтақсимгар** |
| **Авторегистр** | - | **Худқайдгар** |
| **Авторегулятор** | - | **Худтанзимгар** |
| **Автостоп** | - | **Боздорандаи худкор** |
| **Автотранспортёр** | - | **Худтаҳвилдеҳ** |
| **Агава** | - | **Агава** (растании тропикӣ, ки аз баргҳои он нахи лифии мустаҳкам мегиранд. Барои тайёр кардани арғамчин, матоъҳои дурушт ва ғ. истифода мешавад) |
| **Агент** | - | **Ваколатдор** (бо супориши шахси дигар, аз ном ва аз ҳисоби он амал мекунад) |
| **Агент по снабжению** | - | **Ваколатдори таъминот** |

| | | |
|---|---|---|
| **Агентство** | - | **Агентӣ** (муассисае, ки ба манфиати ширкати дигар хизматҳоро иҷро мекунад) |
| **Агрегат** | - | **Агрегат** (аз лотинӣ ба маънои «пайвастшуда». Якчанд мошини бо ҳамдигар пайваста. Дар умум ба тарзи механикӣ якҷоя намудани чандин қисми якҷинса ё гуногунҷинс) |
| **Агрегатно-поточная линия** | - | **Хати агрегатии муттасил** |
| **Агрокультура** | - | **Зироатпарварӣ** |
| **Агротехника** | - | **Технологияи кишоварзӣ** |
| **Адаптация** | - | **Мӯътадилшавӣ** |
| **Адгезия** | - | **Часпиш** (часпидани сатҳҳои ду ҷисми гуногунҷинси сахт ё моеъ) |
| **Адекватный** | - | **Баробар, пурра мувофиқ** |
| **Аджилон** | - | **Аҷилон** (номи дигари ресмони пурпечтоби рилон) |
| **Администрация** | - | **Маъмурият** (шахсони вазифадор, сарварон) |
| **Адрас** | - | **Адрас** (матои ресмонҳои тораш абрешимин ва пудаш пахтагин, ки нақши рах-рах ё абрмонанд дорад. Онро подшоҳӣ низ меномиданд) |
| **Адсорбент** | - | **Ҷаббанда, фурӯбар, бахудкаш** |
| **Адсорбция** | - | **Ҷаббида гирифтан, фурӯбарӣ, бахудкашӣ** |
| **Ажур** | - | **Тӯр** (ибораи фаронсавӣ ба маънои «сӯрохиҳо доштан, бодгузаро будан») |
| **Ажурная занавесь** | - | **Пардаи тӯр** |
| **Ажурная строчка** | - | **Кӯки печдор** |

| | | |
|---|---|---|
| **Ажурное переплетение** | - | **Боҳампечии тӯрӣ** (1. намуди боҳампечии бофандагӣ, ки дар он ресмонҳои тори ҳамсоя бо ҳамдигар печида, бо ресмонҳои пуд боҳампечӣ мешаванд; 2. гурӯҳи боҳампечиҳои кешбофӣ аз синфи боҳампечиҳои мураккаб, ки барои ҳосилшавии онҳо иҷрои амалиётҳои иловагӣ (ғеҷонидани ҳалқа, дар ҳалқа ҷойғир кардани ду ресмон ва ғ.) талаб карда мешавад) |
| **Азокраситель** | - | **Рангубори нитрогенӣ** |
| **Айлантовый шёлкопряд** | - | **Абрешимреси шумтолӣ** (кирмаке, ки баргҳои дарахти ҳамномро истеъмол намуда, пиллаи кушода ҳосил мекунад. Онро дар шимоли Чин, Ҳиндустон, Ҷопон ва дар ҷазираи Ява парвариш мекунанд) |
| **Акклиматизация** | - | **Мӯътодонӣ** (ба шароити муҳит мувофиқ гаштан) |
| **Аккордная** | - | **Паймонӣ** |
| **Аккордная заработная плата** | - | **Музди меҳнати паймонӣ** (барои тамоми ҳаҷми кор тибқи шартнома яклухт пардохта мешавад) |
| **Аккордная оплата труда** | - | **Пардохти паймонии музди меҳнат** |
| **Аккумулятор** | - | **Ғунгар** (олат барои ғун намудани энергия) |
| **Аккумуляция** | - | **Ҷамъ кардан, ҷамъшавӣ** (аз лотинӣ ба маънои «ғун кардан». Олат барои ғун намудани энергия) |
| **Акон** | - | **Акон** (аз ҳарфҳои аввали «ацетатно-капроновая объёмная нить» - «ресмони калонҳаҷми атсетатию капронӣ». Ресмони омехта, ки ба комэлан монанд буда, қиматтар аст. Асосан дар истеҳсолоти кешбофӣ истифода мешавад. Дар таркиби баъзе матоъҳои абрешимин низ вомехӯрад) |
| **Акрил, акрилан** | - | **Акрилан** (номи дигари ресмони синтетикии нитрон. Аз полиакрилонитрил дар ИМА истеҳсол мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Акромиальный отросток** | - | **Шохчаи акромиалӣ** (ҷои дарзи пайвастшавии остин бо китф) |
| **Аксамит** | | **Аксамит** (номи кӯҳнашудаи матоъҳои қиматбаҳои дастбоф) |
| **Акселерометр** | - | **Шитобсанҷ** |
| **Аксессуар** | - | **Лавозимот** (ҷузъиёте, ки сару либосро пурра мегардонад) |
| **Аксиальный батанный механизм** | - | **Механизми теғадастгири аксиалӣ** (дар он агар мавқеъҳои ниҳоии нуқтаи кории механизм бо хати рост пайваст карда шаванд, ин хат аз тири наварди асосии дастгоҳ мегузарад) |
| **Акт** | - | **Санад, хулосанома** (ҳуҷҷате, ки аҳамияти ҳуқуқӣ дорад) |
| **Акт приёмки из ремонта** | - | **Санади қабул аз таъмир** (ҳуҷҷате, ки пас аз таъмири пурра ё миёна аз тарафи комиссияи махсус тартиб дода мешавад ва дар он ҳолати техникии таҷҳизот бо назардошти иҷрои талаботи варақаи иллатҳо қайд мегардад) |
| **Акт приёмки-сдачи** | - | **Санади додугирифт** |
| **Актив** | - | **1. Фаъолон;**<br>**2. Дороӣ** |
| **Активатор** | - | **Фаъолгар** |
| **Активизация** | - | **Фаъол гардондан** |
| **Активный** | - | **Фаъол, боғайрат** |
| **Активный краситель** | - | **Рангубори фаъол** (ранги баланди нисбати рутубат устувор, ки асосан барои ранг кардани маснуоти аз наххои табиӣ истеҳсолшуда истифода мегардад) |
| **Актуальный** | - | **Бисёр муҳим, саривақтӣ, доғи рӯз** |
| **Акция** | - | **Саҳмия** |

| | | |
|---|---|---|
| Ализарин | - | **Ализарин** (рангубори синтетикӣ барои рангҳои сурх, бунафш ва гулобӣ бахшидан ба матоъ. Қаблан аз решаи растании рӯян ҳосил карда мешуд) |
| Алстрон | - | **Алстрон** (навъи нахи полипропиленӣ, ки дар Инглистон истеҳсол мешавад) |
| Альпак | - | **Алпак** (1. матои сабук, ки аз пашми як намуд уштури чунин ном дошта (аз Амрикои Ҷанубӣ) бофта шудааст; 2. як намуд матои абрешимини калоннақш) |
| Алюнит | - | **Алюнит** (ё люрекс. Варақаи тасмагии бараш 1-2 мм, ки бо ширеҳои рангашон гуногун пӯшида шудааст. Бо мақсади ороишӣ ба таркиби матоъ ворид карда мешавад. Бештар дар бофти матоъҳои абрешимини барои либоси бегоҳинӯш таъингашта истифода мешавад. Аммо ҷои онро имрӯз пластилекс, ки мустаҳкамтару қадре чандир аст, гирифта истодааст) |
| Амбар | - | **Анбор** |
| Амилан | - | **Амилан** (номи наху ресмони синтетикие, ки аз поликапролактам дар Ҷопон истеҳсол мекунанд. Ба гурӯҳи нахҳои полиамидӣ дохил мешавад) |
| Амин | - | **Амин** (пайвастагии органикӣ, ки дар истеҳсоли нахҳои кимиёӣ, масолеҳи рангубор, пластмасса ва ғ. истифода мешавад) |
| Аммиак | - | **Аммиак** (аз юнонӣ ба маънои «навшодир». Дар истеҳсоли нахи сунъии мису аммиакдор истифода мешавад) |
| Амортизатор | - | **Зарбахомӯшгар** (аз фаронсавӣ ба маънои «хомӯшгари лаппиш». Олат барои суст кардани бардорузани қисмҳои мошин) |
| Амортизационная | - | **Истеҳлокӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| **Амортизационные отчисления** | - | **Маблағҳои истеҳлокӣ** (ифодаи пулии андозаи амортизатсия, ки ба дараҷаи хӯрдашавии захираҳои асосӣ мувофиқат мекунад. Ин маблағҳо ба таркиби арзиши аслии маснуот дохил карда мешавад) |
| **Амортизационный фонд** | - | **Хазинаи истеҳлокӣ** (маблағҳои мақсадноки дар давраи муайян аз ҳисоби маблағҳои амортизатсионӣ ғуншуда, ки барои барқарор кардани захираҳои асосӣ (таъмир ва нав кардан) пешбинӣ гаштаанд) |
| **Амортизация** | - | **Истеҳлок** (ҷараёни тадриҷан ба арзиши маснуоти истеҳсолгашта гузаронида шудани арзиши захираҳои асосӣ дар мувофика бо фарсудашавии онҳо, аз ҷумла таҷҳизоту биноҳо) |
| **Аморфный** | - | **Бешакл** |
| **Амплитуда** | - | **Майл, ҳудуд** (аз лотинӣ ба маънои «бузургӣ». Дуршавии калонтарин аз ҳолати мувозинат) |
| **Анализ** | - | Таҳлил, таҷзия (аз юнонӣ ба маънои «ба қисмҳо ҷудо кардан») |
| **Анализатор хлопка-волокна** | - | **Таҳлилгари нахи пахта** |
| **Аналитическая** | - | **Таҳлилӣ** |
| **Аналитические весы** | - | **Тарозуи таҳлилӣ** |
| **Аналитический метод** | - | **Тарзи таҳлилӣ** |
| **Аналог предмета** | - | **Ҷисми монанд** (аз юнонӣ ба маънои «мувофиқ, ҳамандоза») |
| **Аналогичный** | - | **Мувофиқ, монанд, айнан** |
| **Ангорская шерсть** | - | **Пашми ангор** |
| **Анемометр** | - | **Суръатсанҷ** |
| **Анид** | - | **Анид** (номи наху ресмони синтетикие, ки аз полигексаметиленадипинамид дар Руссия истеҳсол мекунанд. Ба гурӯҳи наххои полиамидӣ дохил аст) |

| | | |
|---|---|---|
| **Анилин** | | **Нил** (аз португалӣ ба маънои «нил», ки дафъаи аввал аз он ҳосил шудааст. Моеи часпаки беранг, ки дар рӯшнои торик мегардад. Дар истеҳсолоти масолеҳи рангубор, қатронҳои синтетикӣ ва ғ. истифода мешавад) |
| **Анилиновый** | - | **Нилӣ, нилдор** |
| **Анилиновый краситель** | - | **Рангубори нилдор** |
| **Анилиновый чёрный** | - | **Нилии сиёҳ** (рангуборе, ки дар натиҷаи бевосита дар нах оксидшавии нил ба вуҷуд меояд. Ба чунин тарз пахта, пашм ва мӯинаро ранг мекунанд) |
| **Анкерный болт** | - | **Мурвати васли даруни бетон** (ба он дасттоҳро маҳкам мекунанд. «Анкер» - аз ибораи олмонӣ ба маънои «мустаҳкам кардан») |
| **Анкета** | - | **Пурсишнома** |
| **Аннотация** | - | **Шарҳи мухтасар, хулоса** |
| **Анти...** | - | **Муқобил, зид** |
| **Антиадгезионное покрытие** | - | **Қабати ночасп** (дар сатҳи уствонаҳои мошини ширешдиҳӣ) |
| **Антикорозийная обработка** | - | **Коркарди зангназанӣ** |
| **Антипирен** | - | **Антипирен** (аз юнонӣ ба маънои «зидди оташ». Моддае, ки худалангагирӣ ва сӯхтори мустақили матоъ, чӯб ва дигар масолеҳи органикиро пешгирӣ мекунад. Онро ба сатҳи масолеҳ дар намуди маҳлул ё дар таркиби масолеҳи рангбахш мемоланд. Антипиренҳои бештар паҳн-гашта: гидроксиди алюминий, пайвастагиҳои бор, сурма, пайвастагиҳои фосфор) |
| **Антисептик** | - | **Моддаи зиддиуфунӣ** (ба таркиби ширеш илова шуда, барои дар ресмонҳои тор пайдо нашудани ҳашарот хизмат мекунад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Антистатик** | - | **Моддаи зидди зарядноки** (ба таркиби ширеш илова шуда, барои дар ресмонҳои тор пайдо нашудани зарядҳои статикӣ хизмат мекунад) |
| **Антистатичность** | - | **Зарядногирӣ** (қобилият) |
| **Апаш** | - | **Васеъ** |
| **Апаш воротник** | - | **Гиребони васеъ** |
| **Апаш рубашка** | - | **Куртаи гиебонвасеъ** |
| **Аппарат** | - | **Аппарат** (дастгоҳ, таҷҳизот) |
| **Аппарат двухпрочёсный** | - | **Аппарати шоназани дукарата** |
| **Аппарат для сушки шерсти** | - | **Аппарати пашмхушкгардонӣ** |
| **Аппарат непрерывного действия** | - | **Аппарати фаъолияташ бетаваққуф** |
| **Аппарат периодического действия** | - | **Аппарати фаъолияташ даврӣ** |
| **Аппаратная** | - | **Аппаратӣ** |
| **Аппаратная пряжа** | - | **Ресмони аппаратӣ** (он ғафс ва нисбатан пастсифат аст) |
| **Аппаратная система прядения** | - | **Низоми аппаратии ресидан** (аз нахҳои пастсифату кӯтоҳ ва пасмондаҳои истеҳсолӣ) |
| **Аппаратная смесь** | - | **Омехтаи аппаратӣ** (масолеҳ барои истеҳсоли ресмони аппаратӣ) |
| **Аппаратное прядение** | - | **Ресиши аппаратӣ** (истеҳсоли ресмони ғафсу пастсифат аз нахҳои кӯтоҳу пасмондаҳо) |
| **Аппликация** | - | **Гулчаспонӣ** (аз лотинӣ ба маънои «ниҳодан, гузоштан».Тарзи ҳосил кардани нақш ё тасвир бо роҳи дар матоъ дӯхтан ё часпонидани пораҳои қоғаз ё матои ранга). |

**Аппрет** - **Сайқалоб** (моддаҳо аз қабили оҳар, собун, равған, эфири селлюлоза ё қатрони синтетикӣ, ки ба сатҳи ресмон ё матоъ дар аснои пардоз молида мешаванд. Сайқалобҳо барои ба масолеҳ бахшидани хосиятҳои махсус аз қабили камшиштӣ, ғиҷимнашавӣ, насӯхтан, устуворӣ нисбати намнокшавӣ ва ҳ. истифода мешаванд)

**Аппретирование, аппретура** - **Сайқалобдиҳӣ** (аз фаронсавӣ ба маънои «пардози ниҳоӣ». Яке аз марҳалаҳои асосии пардози масолеҳи нассоҷӣ бо мақсади беҳтар намудани намуди зоҳирӣ ва хосиятҳои гуногуни он)

**Аппробация** - **Озмудан** (дар асоси натиҷаи таҷриба писандидан ё исбот намудан)

**Арабские цифры** - **Рақамҳои арабӣ** (1, 2, 3, …)

**Арахне** - **Арахне** (технологияи маъмули чеххо мувофиқ ба технологияи олмонии «Маливатт», ки барои истеҳсоли масолеҳи нобофтаи катондӯхта (ватин) истифода мешавад. Наххос, ки катонро ташкил мекунанд, ба воситаи ресмонҳо маҳкам мешаванд. Тарзи маҳкам намудан кешбофиро мемонад)

**Аренда** - **Иҷора, кироя**

**Ареометр** - **Зичисанҷ** (аз лотинӣ ба маънои «ковок, моеъ». Асбоб барои чен кардани зичии моеъ)

**Аритмичный** - **Бенизом**

**Аркат, аркатный шнур** - **Таноби гулабар** (дар мошини жаккардӣ аз сӯрохии тахтаи тақсимгар гузашта, барои алоқаи гулаи мустақил бо таноби чангак хизмат мекунад. Барои ҳар ресмони тор таноби гулабари мустақил пешбинӣ мегардад)

**Армированная нить** - **Ресмони тирдор**

КИТОБХОНАИ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА Технологического университета Таджикистана
ИНВ. № 20498

| | | |
|---|---|---|
| **Армюрные переплетения** | - | **Боҳампечиҳои хурднақш** (номи дигари ҳамин зерсинфи боҳампечихҳои бофандагӣ) |
| **Армяк, армячина** | - | **Армяк** (либоси болоии ғафси қадимаи деҳқонон) |
| **Артикул** | - | **Рамз** (аз лотинӣ ба маънои «қисм, боб». Намуди маснуот, мол ва низ ифодаи рақамӣ ё ҳарфии он) |
| **Артикул ткани** | - | **Рамзи матоъ** (рақами шартии он) |
| **Асбест** | - | **Асбест** (нахи маъданӣ, ки онро сангпахта низ меноманд. Хосиятҳои оташустуворӣ, диэлектрикӣ, гарминогузаронӣ дошта, ба таъсири тезобҳою ишқорҳо устувор аст) |
| **Асимметричный зев** | - | **Боди номутаносиб** |
| **Асинхронность** | - | **Ноякваќтӣ, моснопазирӣ** (рост наомадан аз рӯи вақт) |
| **Аспирация** | - | **Ҳавокашӣ** (аз лотинӣ ба маънои «бодкашӣ ё боддиҳӣ». Низоми ҳавокашӣ бо мақсади аз манзил берун кардани чанг) |
| **Ассамский шёлкопряд** | - | **Абрешимреси ассамӣ** (онро муга ё кирмаки дарахти ғор низ меноманд. Соле панҷ маротиба пилла медиҳад. Дар Ҳиндустон ва Ассам пахн шудааст) |
| **Ассигнование** | - | **Маблағгузорӣ** |
| **Ассортимент** | - | **Хелҳо** |
| **Ассортимент продукции** | - | **Хелҳои маҳсулот** |
| **Ассортимент тканей** | - | **Хелҳои матоъҳо** |
| **Астралон** | - | **Астралон** (номи дигари ресмони калонҳаҷми мэлан) |

| | | |
|---|---|---|
| **АСУ** | - | **Низоми худидорасозӣ** |
| **Ателье** | - | **Фармоишгоҳ** (коргоҳ барои ба аҳолӣ расонидани баъзе хизматҳои маишӣ, масалан барои дӯхтану таъмири либос) |
| **Атлас** | - | **Атлас** (аз арабӣ ба маънои «суфта» 1. Матои абрешимин ё нимабрешимини якранг, ки сатҳи ҷилодори суфта дорад; 2. Матои миллии нақшдор барои либосҳои занона; 3. Намуди боҳампечии бофандагӣ; 4. Намуди боҳампечии кешбофии торҳалқагӣ, ки ба синфи боҳампечиҳои содда дохил мешавад. Ҳар як ресмони он аввал ба як самт дар якчанд сутунчаҳо ҳалқаҳо ташкил карда, синас ба самти акс ҳалқаҳо ба вуҷуд меорад) |
| **Атлас неправильный** | - | **Атласи нодуруст** (гечиши пӯшидаҳояш тағйирёбанда) |
| **Атлас отклонённый** | - | **Атласи майлон** (ҳаммаънои астласи нодуруст) |
| **Атлас правильный** | - | **Атласи дуруст** (гечиши пӯшидаҳояш доимӣ) |
| **Атлас производный** | - | **Атласи ҳосилавӣ** |
| **Атлас простой** | - | **Атласи содда** (дар кешбофӣ намуди боҳампечии атлас, ки дар як бозгашти он танҳо як қатори гардишӣ мавҷуд аст) |
| **Атлас сложный** | - | **Атласи мураккаб** (дар кешбофӣ намуди боҳампечии атлас, ки дар як бозгашти он ду ё бештар қаторҳои гардишӣ вомехӯранд) |
| **Атлас усиленный** | - | **Атласи пурқувватгашта** |
| **Атлас четырёхниточный** | - | **Атласи чорресмона** (атласи нодуруст, ки баргашташро чор ресмон ташкил медиҳанд) |

| | | |
|---|---|---|
| **Атласное переплетение** | - | **Боҳампечии атлас** (дар натиҷаи он сатҳи абраи матоъро асосан ресмонҳои тор ташкил мекунанд ва ҷойгиршавии зичи ресмонҳо дар матоъ таъмин мешавад) |
| **Атмосфера** | - | **Ҳаво, муҳит** |
| **Атмосферное давление** | - | **Фишори ҳаво** |
| **Аттестация** | - | **Тахассусанҷӣ** (аз лотинӣ ба маънои «гувоҳнома». Муайян кардани дараҷаи тахассуси коргарон ё хонандагон) |
| **Аудитория** | - | **Синфхона** (манзил барои хондани лексияҳою маърӯзаҳо ва гузаронидани семинарҳо) |
| **Аукцион** | - | **Музояда** (савдои оммавӣ, ки дар асной он мол ё анҷом аз тарафи шахсе харида мешавад, ки нархи болотаринро пешниҳод мекунад) |
| **Ацетатная** | - | **Атсетатӣ** |
| **Ацетатная нить** | - | **Ресмони атсетатӣ** |
| **Ацетатное волокно** | - | **Нахи атсетатӣ** (нахи сунъӣ, ки аз полимери атсетилселлюлоза мегиранд. Дар асной палмосидан дилкаш буда, мулоим аст ва хосияҳои хуби чандирӣ дорад, бинобар ин маснуоти аз он истеҳсолшуда кам ғиҷим мешавад. Аз соли 1918 истеҳсол мешавад) |
| **Ацетатный шёлк** | - | **Абрешими атсетатӣ** (ресмони сунъии селлюлозадор дар назар аст) |
| **Ацетилцеллюлоза** | - | **Атсетилселлюлоза** (моддаи сафеди сахт, ки дар истеҳсоли нахи атсетатӣ, лакҳо, плёнкаҳо, пластмассаҳо ва ғ. истифода мешавад. Эфири мураккаби селлюлоза бо тезоби атсетат) |
| **Аэромеханическая** | - | **Аэромеханикӣ, гирдбодӣ** |
| **Аэромеханическая прядильная машина** | - | **Мошини ресандагии аэромеханикӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| **Аэромеханическое прядение** | - | **Ресиши аэромеханикӣ** (аз наххои ҷудо-ҷудо ба воситаи гирдбоди ҳаво дар дохили ҳуҷрачаи ресандагии беҳаракат ба иҷро мерасад) |
| Аэрон | - | **Аэрон** (як намуди ресмони синтетикии ҳалқадор. Намунаи ресмонҳои мураккаб (калонҳаҷм) мебошад. Он чунин истеҳсол мешавад: ресмони тирдори капрониро дар олати аэродинамикӣ дучори таъсири фавраи бенизоми ҳаво мегардонанд. Ресмони печанда, ки аз наххои буридашуда ҳосил шудааст, ва ба наххои ҷудогона тақсим мешавад. Наххои алоҳида қат шуда, ҳалқашакл мегарданд ва бо ҳамин шакл ба сатҳи ресмони тирӣ тоб дода мешаванд. Дарозии ресмони ҳосилшуда 10-20% камтар шуда, ҳаҷми он 50-200% калонтар мешавад) |

# Б

| | | |
|---|---|---|
| Бабочка | - | Шапалак (яке аз марҳалаҳои инкишофи кирмаки нилла) |
| База, базис | - | **Манбаъ, асос, замина** |
| **База волокна** | - | **Заминаи нах** (тавсифи шартие, ки дараҷаи аз рӯи дарозӣ дар атрофи дарозии сершумор ҷамъшавии нах-ҳои дастаро инъикос мекунад. Бо % ифода мешавад) |
| **База сырьевая** | - | **Манбаи хомашё** |
| Базовая | - | **Асосӣ, асосгузор, заминавӣ, ибтидоӣ** |
| **Базовая длина** | - | **Дарозии асосгузор** |
| **Базовое значение** | - | **Қимати асосгузор** |
| **Базовое переплетение** | - | **Боҳампечии асосгузор** (дар асоси он боҳампечии дигар сохта мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Байка** | - | **Байка** (аз ҳоландӣ ба маънои «матои пашмин». 1. Матои мулоими зимистонаи пахтагин, ки ҳарду сатҳаш бо пати хобидаи шоназада зич пўшида шудааст. Дар байни матоъҳои пахтагин ғафстарину вазнинтарин аст, зичии сатҳияш 335-468 г/м$^2$. Дар намуди якранг истеҳсол мешавад. Барои либоси занонаю кўдакона ва либоси тагпўш истифода мешавад; 2. Матои вазнин аз ҷумлаи моҳутхои дағал, ки ки аз ҳисоби нахи ресмонҳо сатҳи абрааш патдор аст. Аз он палто ва кампал тайёр мекунанд) |
| **Байковое одеяло** | - | **Кампали патдор** |
| **Бак** | - | **Чалак** (зарфи калонҳачм барои моеъҳо) |
|     **Бак варочный** | - | **Чалаки ҷўшонидан** (аз ҷумла, барои тайёр кардани ширеш истифода мешавад) |
| **Баланс** | - | **Тавозун, мувозина** |
|     **Баланс сырья** | - | **Тавозуни хомашё** (ҷадвале, ки дар он ҳисоби миқдорию арзиши ба истеҳсолот воридшавии масолеҳ ва баромади маҳсулот иҷро карда мешавад) |
| **Балансир** | - | **Тавозунгар** (фашанги дукитфа) |
| **Балансовая** | - | **Тавозунӣ** |
|     **Балансовая прибыль** | - | **Фоидаи тавозунӣ** |
|     **Балансовая стоимость** | - | **Арзиши тавозунӣ** |
|     **Балансовая стоимость оборудования** | - | **Арзиши тавозунии таҷҳизот** (онро нархи таҷҳизот ва хароҷот барои овардану васл намудан ташкил медиҳанд) |
| **Балка** | - | **Болор** |

| | | |
|---|---|---|
| **Балласт** | - | **Сарбор** |
| **Балластный порок** | - | **Нуқси сарборӣ (вазнбахш)** |
| **Баллон** | - | **Байзанокӣ** (хати каҷе, ки онро ресмони аз ғалтак кушодашав дар фазо мекашад, тухмшакл) |
| **Баллонирующая нить** | - | **Ресмони байзанакӣ** |
| **Баллоногаситель** | - | **Рафъгари байзанокӣ** (ҷузъи кории таҷҳизоти азнавнеч) |
| **Баллоноограночитель** | - | **Маҳдудгари байзанокӣ** |
| **Баллоноразбиватель** | - | **Тақсимгари байзанокӣ** (ба қисмҳои ҷудогона) |
| **Банан** | - | **Банан** (нахи лифӣ, ки аз барги растании ҳамноми тропикӣ гирифта мешавад) |
| **Банлон** | - | **Банлон** (номи дигари ресмони печтоби гофрон) |
| **Банкротство** | - | **Муфлисӣ, муфлисшавӣ** |
| **Бант** | - | **Бант** (тасмаи гиреҳбаста) |
| **Барабан** | - | **Устувона** (гирдаи тӯлкашидаи дарунхолӣ) |
| **Барабан главный** | - | **Устувонаи асосӣ** |
| **Барабан колковый** | - | **Устувонаи дандонадор** |
| **Барабан ножевой** | - | **Устувонаи теғдор** |
| **Барабан передвижной** | - | **Устувонаи мутаҳаррик, ҳаракатнок** |
| **Барабан пильчатый** | - | **Устувонаи аррагӣ** |
| **Барабан приёмный** | - | **Устувонаи қабулгар** |
| **Барабан разрыхлительный** | - | **Устувонаи титгар** |

| | | |
|---|---|---|
| Барабан сетчатый | - | Устувонаи тӯрӣ (дар сатҳаш сӯрохиҳо дорад) |
| Барабан скелетный | - | Устувонаи устухонбаста |
| Барабан сновальный | - | Устувонаи тортанӣ (ба он тасмаҳои ресмонҳо паиҳам печонида мешаванд) |
| Барабан сушильный | - | Устувонаи хушкгардон |
| Барабан съёмный | - | 1. Устувонаи ҷудосоз (масолеҳгир);<br>2. Устувонаи ҷудошав |
| Барабан тормозной | - | Устувонаи манъгар |
| Барабан чёсальный | - | Устувонаи шоназанӣ |
| Барабан щёточный | - | Устувонаи чӯткадор |
| Барабанная | - | Устувонагӣ, устувонадор |
| Барабанная сушилка | - | Хушкгардони устувонагӣ |
| Барабанная шлихтовальная машина | - | Мошини ширешдиҳии устувонагӣ |
| Барабанчик | - | Устувонача |
| Барабанчик гребенной | - | Устувоначаи шонагӣ, шоназан |
| Барабанчик дискретизирующий | - | Устувоначаи порасоз |
| Барабанчик мотальный | - | Устувоначаи печонгар |
| Барабанчик прорезной | - | Устувоначаи комадор |
| Барка | - | Тағора (зарф. Дар пашмшӯӣ аз он истифода мебаранд) |
| Бармы | - | Китфандоз (ҷузъи либоси идонаи пурзебу зиннати шоҳу князҳои рус) |
| Барометр | - | Фишорсанҷ (асбоб барои чен кардани фишори ҳаво) |

| | | |
|---|---|---|
| **Бартер** | - | **Мубодилаи мол ба мол** |
| **Бархат** | - | **Бахмал** (матои патдор. Ҳангоми истеҳсоли он ба ғайр аз ресмонҳои тор ва пуди заминаи матоъ боз ресмонҳои иловагии патдеҳ ширкат меварзанд. Пас аз бофт чунин ресмонҳоро мебуранд, то нӯгҳои ресмонҳои бурида дар сатҳи матоъ пат ташкил кунанд. Патбурӣ ё дар дастгоҳи бофандагӣ ё берун аз он дар асnои пардоздиҳӣ иҷро карда мешавад) |
| **Бархат двухполотенный** | - | **Бахмали дуқабатабоф** (дуқабата бофта шуда, сипас ба ду матои патдори мустақил ҷудо мешавад) |
| **Бархат прутковый** | | **Бахмали милабоф** (дар бофти он се маҷмӯи ресмонҳои тор иштирок мекунанд: патдеҳ, густурданӣ ва решагӣ ё заминавӣ. Аз байни ресмонҳои тор ба ғайр аз ресмонҳои пуд боз милаҳо гузаронида мешаванд. Агар милаҳо нӯгтез бошанд, ҳангоми аз дохили матои бофта кашида гирифтани онҳо тори патдеҳ бурида шуда, дар сатҳи матоъ пат ҳосил мекунад. Агар нӯги мила тез набошад, матои ҳалқапӯш ба вуҷуд меояд) |
| **Бархат саморезный** | - | **Бахмали худбуршуда** (ҳаммаънои бахмали дуқабатабоф) |
| **Бархатка** | - | **Бахмалпора, тасмаи бахмалӣ** |
| **Бархатцы** | - | **Бахмалгул** |
| **Баска** | - | **Ҷимҷима** (дар миёни курта занона) |
| **Баслис** | - | **Баслис** (қолини дар дастгоҳи уфуқӣ бофташуда) |
| **Басовая** | - | **Барои шерозаба нд** |
| **Басовая нить** | - | **Ресмони бам, шерозабанд** |

| | |
|---|---|
| Басовый закреп | **Устуворгардонӣ (пухтасозӣ) бо шерозабанд** |
| Батан, батанный механизм | **Механизми теғадастгир** (аз фаронсавӣ ба маънои «зарбазан». Олати дастгоҳи бофандагӣ барои ба канораи матоъ оварда часпондани пуд) |
| Батанный механизм аксиальный | **Механизми теғадастгири аксиалӣ** (дар он агар мавқеъҳои ниҳоии нуқтаи кории механизм бо хати рост пайваст карда шаванд, ин хат аз тири навардӣ асосии дастгоҳ мегузарад) |
| Батанный механизм дезаксиальный | **Механизми теғадастгири дезаксиалӣ** (дар он агар мавқеъҳои ниҳоии нуқтаи кории механизм бо хати рост пайваст карда шаванд, ин хат берун аз тири навардӣ асосии дастгоҳ мегузарад) |
| Батанный механизм для двойного прибоя | **Механизми теғадастгир барои дукарата оварда часпонидан** (дар баъзе намуд дастгоҳҳои қолинбофӣ вомехӯрад) |
| Батанный механизм с коротким поводком | **Механизми теғадастгири кӯтоҳкашак** (дар дастгоҳҳои бофандагии васеъбар истифода мешавад) |
| Батарея | **Захирагоҳ** (олати аз маҷмӯи қисмҳои якхела иборат буда) |
| Батарея шпуль | **Захирагоҳи найчаҳо** |
| Батик | **Батик** (усули нақшу нигори матоъ ва маҳсулоти дар натиҷа ҳосилшуда. Дар ибтидо бо назардонгти нақш ба қисмҳои алоҳидаи сатҳи матоъ моддаи махсус (муми гарм ё ширеши резин) мемоланд, то қабати рангногузар пайдо шавад. Сипас матоъро ранг мекунанд. Бо ин усул бештар матоъҳои орошӣ ва рӯймолҳои сарбандиро зинат медиҳанд) |

| | | |
|---|---|---|
| Батист | - | **Батист** (ба номи Батист Камбре - бофандаи фаронсавии асри 18. Матои хеле тунуки нимшаффофи пахтагин, зағирин ё абрешимини намкашгашта барои либоси занона. Аз матои сабуктарини нахтагӣ волта каме вазнинтар аст (зичии сатҳияш 71 г/ м$^2$). Дараҷаи пуршавии матоъ бо ресмонҳои тор 52 %, бо ресмонҳои пуд - 38%.) Онро ба воситаи боҳампечии суф аз ресмонҳои якхелаи сахт тофташуда мебофанд. Ба гурӯҳи матоъҳои куртавори тобистона дохил аст. |
| Бахрома | - | Реш, шилшила, пӯпак |
| Башмак боевого механизма | - | Болиштаки механизми зарбазан |
| Бегунок | - | Давандак (ҷузъи корӣ дар мошини ресандагии ҳалқарес. Он барои дар як вакт таъмин намудани амалиётҳои тофтану печонидан хизмат мекунад) |
| Бегунок эллипсовидный | - | Давандаки байзашакл |
| Бедро | - | Рон, сон |
| Безбарабанная | - | Беустувона |
| Безбарабанная шлихтовальная машина | - | Мошини ширещдиҳии беустувона |
| Безбарабаная сновальная машина | - | Мошини танандаи беустувона |
| Безверетённая | - | Бедук |
| Безверетённая машина | - | Мошини бедук |
| Безверетённое прядение | - | Ресиши бедук (тарзи ресидан бе истифода аз низоми «давандак – ҳалқа». Усулҳои гуногуни ресиши бедук мавҷуданд: пневмомеханикӣ, электромеханикӣ, аэродинамикӣ ва ғ.) |
| Безворсовая ткань | - | Матои бепат |
| Безразмерный | - | Беандоза, ёзанда |
| Безламельная заправка | - | Таъмини (ҷойгирсозии) беовеза |

| | | |
|---|---|---|
| **Безмерный** | - | **Беандоза** |
| **Безотказность** | - | **Раднопазирӣ** (вайрон нашудан, бешикаст кор кардан) |
| **Безошибочность** | - | **Бехатогӣ** |
| **Безровничное прядение** | - | **Ресиши бепилик** |
| **Безрукавка** | - | **Камзӯлчаи беостин** |
| **Безусадочная отделка** | - | **Пардози шиштнопазирӣ** (яке аз равандҳои пардози ниҳоии газворҳои нассоҷӣ) |
| **Бейка** | - | **Шероза, мағзӣ, зеҳ** |
| **Бекеша** | - | **Пӯстинча** |
| **Белая вытравная печать** | - | **Равонда гулбарории сафед** (ба қисмҳои алоҳидаи сатҳи матои қаблан рангшуда моддаи беранг-соз мемоланд ва дар натиҷа нақш ба вуҷуд меояд. Ба таркиби ин модда масолеҳи дигари рангбахши ба вайроншавӣ устувор дохил намекунанд, бинобар ин расм сафед иҷро мешавад) |
| Беление ткани | - | **Сафедгардонии матоъ** (маҷмӯи равандҳои технологӣ барои сафедӣ бахшидан ба матоъ бо роҳи дур намудани омехтаҳои барилова ва озод намудани он аз ранги табиии масолеҳи таркибӣ. Барои матоъҳои рангшавандаю барои нақшбандӣ пешбинишуда сафедгардонӣ ҳамчун амалиёти омодасозӣ хизмат мекунад. Омехтаҳои зараррасон дар натиҷаи коркард бо хлорамин, маҳлули рақиқи тезобҳою ишқорҳо ва ҳ. пест мешаванд. Барои бевосита сафедгардонӣ бошад аз моддаҳои оксидгар (гипохлорити натрий ё калсий, пероксиди гидроген ва ғ.) ё барқарорсоз (гази сулфит, гидросулфит, бисулфит) истифода мебаранд) |
| **Беленный** | - | **Сафедгашта** |

| | | |
|---|---|---|
| **Белизна** | - | **Сафедӣ** |
| **Белковые волокна** | - | **Нахҳои сафедадор** (зеин, казеин. Чунин нах бори нахуст соли 1935 дар асоси казеини шир истеҳсол шудааст) |
| **Белок** | - | **Сафеда** |
| **Белошвейка** | - | **Чевар** |
| **Бельевая** | - | **1. Барои либоси тагпӯш**<br>**2. Матои бистарпӯш** |
| **Бельевая ткань** | - | **1. Матоъ барои либоси тагпӯш** (калсон, корсет, синабанд, хилъат, либоси оббозӣ ва ғ.);<br>**2. Матои бистарпӯш** |
| **Бельевой шов** | | **Дарзи бистарпӯшбоб** (дар либоси таг низ вомехӯрад) |
| Бельё | - | **1. Либоси таг;**<br>**2. Бистарпӯш** |
| **Бельтинг** | - | **Белтинг** (аз англисӣ ба маънои «тасмаи таҳвилӣ». Матои таъиноташ техникии хеле мустаҳкам ва зичи пахтагин, баъзан аз омехтаи пахта бо нахҳои синтетикӣ. Ба воситаи боҳампечии суф аз ресмонҳои чанд қабат тофташуда бофта мешавад. Аз он тасмаҳои баҳараковар ва таҳвилгарҳои тасмагӣ тайёр мекунанд. Чунин тасмаҳо бештар бисёрқабатаю резиндор истеҳсол мешаванд) |
| Бердо | - | Теға (1. ҷузъи кории дастгоҳи бофандагӣ барои ба сарҳади матоъ оварда часпонидани пуд; 2. ҷузъи кории мошини тортанӣ, ки ресмонҳоро мунтазам ҷобаҷо менамояд ё ресмонҳои тоқу ҷуфтро аз ҳам ҷудо мекунад) |
| **Бердо варное** | - | **Теғаи кафшерӣ** |
| **Бердо ленточное** | - | **Теғаи тасма, теғаи таъмингар** (дар мошин барои тортании тасмагӣ) |

| | | |
|---|---|---|
| Бердо откидное | - | **Теғаи хамшав** |
| Бердо паяное | - | **Теғаи лаҳимӣ** |
| Бердо смолёное | - | **Теғаи қатронмолида** |
| Бердо суппортное | - | **Теғаи таъмингар** (дар мошин барои тортании тасмагӣ бари муайяни тасма ва зичии ҷойгиршавии ресмонҳоро таъмин мекунад ва нигоҳ медорад) |
| Бердо ценовое | - | **Теғаи тақсимгар** (1. дар мошин барои тортании дастагӣ шонае, ки ресмонҳои печандаро қад-қади наварди тортанӣ мунтазам ҷобаҷо мекунад; 2. ҷузъи кории мошин барои тортании тасмагӣ, ки ресмонҳои тоқ ва ҷуфти тасмаи печандаро аз ҳам ҷудо мекунад) |
| **Бесконечная цепь** | - | **Занҷири беохир** (ду нӯгаш ба ҳам пайвастшуда) |
| **Беслон** | - | **Беслон** (номи дигари ресмони синтетикии нитрон. Аз полиакрилонитрил дар Ҷопон истеҳсол мешавад) |
| **Бесплановый** | - | **Бенақша, бидуни нақша** |
| **Беспрослойная намотка** | - | **Печиши бенимқабат** (дар қабатҳои ҳамсоя миқдори печакҳо баробар аст) |
| **Бесступенчатый вариатор** | - | **Олати тағйирдеҳи безина** (механизм барои танзими ҳамвори суръат) |
| **Бестарный** | - | **Безарф** |
| **Бесцветный** | - | **Беранг** |
| **Бесчелночный ткацкий станок** | - | **Дастгоҳи бофандагии бемоку** |
| **Бесшовный** | - | **Бедарз, бепайванд, яклухт** |

| | | |
|---|---|---|
| **Бесшумный станок** | - | **Дастгоҳи бегалоғула, беовоз** |
| **Бечева, бечёвка** | - | **Таноб, чилбур** |
| **Биение вала** | - | **Заниши навард** |
| **Биконическая бобина** | - | **Калобаи думахрутӣ** |
| **Бикомпонентная текстурированная нить** | | **Ресмони мураккаби дорои ду ташкилдиҳанда** (як намуди ресмонҳои калонҳаҷм, ки аз ду ё бештар полимерҳо истеҳсол мешавад. Дар асноп ташаккули он ҳар як сӯрохии филйера бо мақсади гузаронидани полимерҳои гуногун бояд бо девораҳо ба қисматҳо ҷудо карда шавад. Қад-Қади ресмони ташаккулёфта якчанд қисми таркиби кимиёияшон мухталиф ҷой мегиранд. Чунин ресмонро ёзонида, сипас дучори коркарди гармо мегардонанд. Дар асноп ин амалиёт полимерҳои таркиби ресмон ба таври гуногун мешинаид ва бо ин сабаб он печтоб, мулоим ва калонҳаҷм мегардад) |
| **Било** | - | **Савачӯб** |
| **Бинт** | - | **Борикдока** (таъиноташ тиббӣ) |
| **Бисер** | - | **Мӯҳраи рез** |
| **Битые семена** | - | **Чигитҳои кафида** |
| **Благоприятный** | - | **Мусоид** |
| **Бланк** | - | **Варақа** |
| **Блеклость** | - | **Пастрангӣ** |
| **Блеск** | - | **Ҷило, дурахш** |
| **Блестящий** | - | **Ҷилодор, дурахшон, ялаққосӣ** |
| **Блёстки** | - | **Пулакчаҳои рахшон** |

| | | |
|---|---|---|
| **Близна** | - | **Сафедӣ** (нуқси матоъ дар намуди рахҳои арзӣ бинобар мавҷуд набудани ду-се ресмони тор. Дар дастгоҳи бофандагӣ аз сабаби дуруст кор накардани механизми назорати ресмонҳои тор ба вуҷуд меояд) |
| **Блок** | - | **Ғалтак** (қисми механизми болобар дар шакли чархи ҷӯйчадор барои ҳаракати арғамчин, трос, занҷир) |
| **Блокировка** | - | **Монеасозӣ** |
| **Блузка, блузон** | - | **Куртаи нимтана** (занона) |
| **Боа** | - | **Гарданпечи мӯина** |
| **Бобина** | - | **Калоба** (ғалтаки шаклаш мухталиф, ки аз найча ва ресмони яккапеч иборат аст) |
| **Бобина биконическая** | - | **Калобаи думахрутӣ** |
| **Бобина коническая** | - | **Калобаи махрутӣ** |
| **Бобина крестовой намотки** | - | **Калобаи печишаш чилликӣ** |
| **Бобина - ракета** | - | **Калобаи мушакӣ** |
| **Бобина цилиндрическая** | - | **Калобаи устувонашакл** |
| **Бобинажная** | - | **Калобабарор, калобапеч** |
| **Бобинажная машина** | - | **Мошини калобабарор** |
| **Бобинажно-перемоточная машина** | - | **Мошини калобапеч** |
| **Бобинодержатель** | - | **Калобадастгир** |
| **Бобрик** | - | **Бобрик** (матои пашмини зичу сахт, ки пати кӯтоҳи ростистода дорад. Аз он либоси болопӯш медӯзанд) |

| | | |
|---|---|---|
| Боевая | - | Барои зарбазанӣ |
| Боевая коробка | - | Қуттии зарбазанӣ (дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо. Дар дохили он механизми зарбазан ҷойгир шудааст) |
| Боевая шайба | - | Байнҳалқаи зарбазан (ҷузъи механизми зарбазани зарбааш аз поён) |
| Боевой механизм | - | Механизми зарбазан |
| Боевой механизм верхнего боя | - | Механизми зарбазани зарбааш аз боло |
| Боёк | - | Зарбагир |
| Бой | - | Зарба (амалиёти пудгузаронӣ дар дастгоҳҳои бофандагии мокудор ва дорои пудгузаронакҳо) |
| Бойлер | - | Олати обгармкунӣ |
| Боковая | - | Паҳлӯӣ |
| Боковое движение | - | Ҳаракати паҳлӯӣ |
| Боковой карман | | Кисаи паҳлӯӣ |
| Боковой сдвиг | - | Ғеҷиши паҳлӯӣ |
| Боковой срез | - | Буриши паҳлӯӣ (дар либос) |
| Болонья | - | Болоня (ба номи шаҳри итолиёӣ. Матои капронии обногузарон) |
| Болт | - | Мурвати васл |
| Болт анкерный | - | Мурвати васли даруни бетон (ба он дастгоҳро маҳкам мекунанд. «Анкер» - аз ибораи олмонӣ ба маънои «мустаҳкам кардан») |
| Болтовое соединение | - | Васли мурватӣ |
| Бородка | - | Фаххак (нӯги титшудаи ресмон) |

| | | |
|---|---|---|
| **Борт** | - | **Бар, нимдоман** |
| **Борт одежды** | - | **Нимдомани либос** (барзиёд сар додани матоъ ба мобайни қисми пеши либос барои қат кардан ва ташкил намуди қисми поёни гиребон ва тугмабанд) |
| **Борт чулок** | - | **Бари ҷуроб** |
| **Бортовая прокладка, бортовка** | - | **Қабати дохилии нимдоман** |
| **Бортовка** | - | **Мағзӣ** (матои зичи зағирини ғайрихолис ё пахтагини боҳампечиаш суф, ки асосан ҳамчун масолеҳи қабати дохилии либоси болопӯш истифода мешавад. Он ба шакли қисмҳои гуногуни либос (барҳо, қафаси сина, китфҳо ва ғ.) устуворӣ мебахшад. Дар аснои пардоз ба матоъ бо мақсади баланд намудани қаишӣ ва кам шудани ёзиш сайқалоби махсус мемоланд) |
| **Борцовка** | - | **Кашак** (ҷузъи механизми бодкушои дастгоҳи бофандагии мокудор) |
| **Бостон** | - | **Бостон** (ба номи шаҳр дар ИМА. Намуди матои баландсифати боҳампечаш лас, ки аз пашми мериноси холис бофта мешавад. Барои бофт аз ресмонҳои борик ё ғаф-сиашон миёнаи шонарес, ки ду ё бештар қабат доранд, истифода мебаранд. Матоъ дар намуди якранги торик (сиёҳ, кабуд, қаҳваранг) истеҳсол шуда, костюмбоб мебошад) |
| **Бочкообразная намотка** | - | **Печиши хумшакл** |
| **Брак** | - | **Сақат, нуқсон, иллат** |
| **Браковка** | - | **Сақат кардан, назорати сифат** |

| | | |
|---|---|---|
| **Браковочная** | - | **Сақатгар, барои сақат кардан** |
| **Браковочная машина** | - | **Мошини сақатгар** |
| **Браковочно–мерильная машина** | - | **Мошини сақатгару андозагир** |
| **Браковочно-учетная машина** | - | **Мошини сақатгару бақайдгир** |
| **Браковочный стол** | - | **Мизи сақатгарӣ** |
| **Брезент** | - | **Брезент** (матои дағали зичи зағирин ё пахтагини обногузар ва нисбати тосидан устувор. Барои тайёр кардани либоси махсус, пойафзол, чодир ва лифофаҳо истифода мешавад) |
| **Бретель** | - | **Тасмаи сарикитфӣ** |
| **Бригада** | - | **Дастаи корӣ** (гурӯҳи коргарон, ки бо мақсади иҷрои кори муайян дар як даста ҷамъ омадаанд) |
| **Бригада ремонтная** | - | **Дастаи таъмиргар** |
| **Бригада сквозная** | - | **Дастаи ҳамакора** |
| **Бриджи** | - | **Шалвори варзишӣ** |
| **Брильная шерсть** | - | **Пашми тегтарош** (аз ҳайвони беҷон ба воситаи тег тарошида мешавад) |
| **Брокад** | - | **Брокад** (аз ибора итолиёӣ ба маънои «гулдӯзӣ». Номи дигари матои кимхо. Матои ҳарангаи вазнин аз гурӯҳи парчаҳо. Барои бофтани он миқдори зиёди ресмонҳои тиллоӣ истифода мешавад. Нақши бофта намуди гулдӯзиро дорад) |
| **Брокатель** | - | **Брокател** (матои абрешимини куртавор, ки нақши гулҳои зарбоф дошт) |
| **Бронзовая втулка** | - | **Губчаки бириниҷӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| **Броше** | - | **Матои зардӯзинусха** (аз фаронсавӣ ба маънои «зарбофӣ». Матое, ки дар сатҳаш нақши бофтаи тақлиди гулдӯзӣ дорад) |
| **Брошюра** | - | **Рисола, китобча** (нашри ғайридаврӣ, ки муқоваи тунук дорад) |
| **Брошюровочная кромка** | - | **Ҳошияи шерозабаста** (дар баъзе дастгоҳҳои бофандагии найзагии ҳавокор иҷро карда мешавад) |
| **Брошюровочная нить** | - | **Ресмони шерозабанд** |
| **Брус** | - | **Чортарош** |
| **Брутто** | - | **Ғайрихолис** (аз итолиёвӣ ба маънои «дағал». Вазни мол бо борбанди он) |
| **Брыжи** | | **Гиребони пар-пар, чин-чин** |
| **Брюки** | - | **Шим** |
| **Бугристость** | - | **Ноҳамворӣ, дӯнгидорӣ** |
| **Бугристый початок** | - | **Сӯтаи ноҳамвор** (иллати печиш) |
| **Буквенное обозначение** | - | **Ифодаи ҳарфӣ** |
| **Букле** | - | **Букле** (матои аз ресмонҳои муқарнас бофта шуда. Вобаста ба ғафсии газвор аз он курта ё палто медӯзанд) |
| **Булавка** | - | **Сӯзанак** |
| **Бумага** | - | 1. **Когаз, варака;** |
| | | 2. Пахта |
| **Бумага вышивальная** | - | **Пахтаи гулдӯзӣ** (ресмони пахтагини чортораи рангҳояш тира, ки тоби яккарата дорад. Барои гулдӯзии дастӣ пешбинӣ гашта-аст) |
| **Бумага канвовая** | - | **Варақаи катакдор** |
| **Бумага хлопчатая** | - | **Матои пахтагин** |
| **Бумажная материя** | - | **Газвори пахтагин** |

| | | |
|---|---|---|
| Бумазея | - | **Бумазея** (аз фаронсавӣ ба маънои «пахта». Матон пахтагини зимистонаи боҳампечияш лас, баъзан суф, ки як сатҳи он (бештар тарафи абрааш) пати шоназада дорад ва танҳо бо ҳамин аломат аз фланел фарқ мекунад. Зичии сатҳияш 162-255 г/м$^2$. Он хеле мулоиму патдор буда, гармиро хуб нигаҳ медорад. Дар намуди якранг, сафедшуда ва нақшин истеҳсол шуда, асосан барои дӯхти либоси тагпӯш ва кӯдакона истифода мешавад) |
| Бункер | - | **Махзан** (анбори махсус ё қисми таҷҳизот барои захира кардани масолеҳи пошхӯр ё пора-пора) |
| Бунт | - | **Ғарам, той** |
| Бунтирование хлопка | - | **Ғарамсозии пахта** |
| Бунтоукладчик | - | **Мошини ғарамгар** |
| Бурмет | - | **Бурмет** (ба маънои матои базъ) |
| Бурнус | - | **Бурнус** (як навъ либоси болопӯши васеъю остинкӯтоҳи арабон, одатан сафеди капюшондор) |
| Бутон | - | **Ғунча** (узви растанӣ) |
| Бутонизация | - | **Ғунчабандӣ** |
| Бутылочная намотка | - | **Печиши машрафӣ** |
| Буфер | - | **Зарбахӯр** (олат барои мулоим кардани зарба) |
| Буфы | - | **Чин-чин, пар-пар** (ороиш дар остини либос, дар юбка) |
| Бухгалтер | - | **Муҳосиб** |
| Бухгалтер главный | - | **Сармуҳосиб** |

| | | |
|---|---|---|
| Бухгалтер-калькулятор | - | **Муҳосиби харҷ** |
| Бухгалтер материальный | - | **Муҳосиби ҷиҳоз** |
| Бухгалтер расчётный | - | **Муҳосиби пардохт** |
| **Бухгалтерия** | - | **Шӯъбаи муҳосиба** |
| **Бушлат** | - | **Бушлат** (як намуд либоси гарми болопӯш, палтои нимтана) |
| **Быстроходный станок** | - | **Дастгоҳи баландсуръат** |
| **Бытовая** | - | **Маишӣ, хонагӣ** |
| Бытовая одежда | - | **Либоси маишӣ, хонагӣ** |
| Бытовая ткань | - | **Матои маишӣ** |
| Бытовое обслуживание | - | **Хизматрасонии маишӣ** |
| **Бэлан** | - | **Бэлан** (ба маънои мэлан, ки рессмони мураккаби камёзанда мебошад) |
| **Бюст** | - | **Сина** |
| **Бюстгальтер** | - | **Синабанд** |
| **Бязь** | - | **Базъ** (истилоҳи арабӣ. Матои пахтагини боҳампечиаш суф, ки дар намуди сафед, якрангшуда ё нақшбаста истеҳсол мешавад. Бештар аз ресмонҳои кардии 25 текс ба сифати тор ва 29,4 текс ба сифати пуд бофта мешавад. Зичии сатҳии матоъ 140-150 г/м². Нақши чопии геометрӣ ё гулпартофта дошта метавонад. Базъ масолеҳи мустаҳкам буда, кам меёзад, вале ба самти арзӣ шишти баланд (то 6 %) дорад. Онро барои дӯхтани куртаҳои мардонаю занона, либоси махсус, барои тайёр кардани бистарпӯшҳою либоси таг ва ҳамчун қабати дохилии костюму палто истифода мебаранд. Дар байни мардум бо номи сӯф низ шӯҳратманд аст) |

# В

| | | |
|---|---|---|
| **Вайрин** | - | **Вайрин** (навъи нахи синтетикии полиуретанӣ, ки дар ИМА истеҳсол карда мешавад) |
| **Вакансия, вакантное место** | - | **Ҷои холӣ, вазифаи бандношуда** |
| **Вакуум** | - | **Беҳавогӣ** (аз лотинӣ ба маънои «холигӣ». Фазои беҳаво) |
| **Вакуумная труба** | - | **Найчаи беҳаво** |
| **Вал** | - | **Навард** |
| **Вал ведомый** | - | **Наварди пайрав, ҳаракатгир** |
| **Вал ведущий** | - | **Наварди баранда, ҳаракатбахш** |
| **Вал выпускной** | - | **Наварди берунбар** |
| **Вал главный** | - | **Наварди асосӣ** |
| **Вал гладкий** | - | **Наварди суфта, ҳамвор** |
| **Вал коленчатый** | - | **Наварди зонудор** |
| **Вал кулачковый** | - | **Наварди муштакҳо** |
| **Вал мажорный** | - | **Наварди асосӣ** |
| **Вал мерильный** | - | **Наварди андозагир** |
| **Вал накатной** | - | **Наварди лӯлапечӣ** |
| **Вал направляющий** | - | **Наварди самтбахш** |
| **Вал обрезиненный** | - | **Наварди резинпӯш** |
| **Вал отбойный** | - | **Наварди задагир** |
| **Герц** | - | **Гертс** (воҳиди ченаки басомади лаппиш) |
| **Гетерополимер** | - | **Гетерополимер** (пайвастагии калонмолекула, ки макромолекулаи он аз аъзоҳои таркибашон гуногун иборат аст) |
| **Гетероцепные волокна** | - | **Наххои гетерозанчирӣ** (занчири асосии полимери таркиби чунин нахро атомҳои элементҳои гуногун (карбон, оксиген, нитроген ва ғ.) ҳамроҳ ташкил мекунанд. Капрон, лавсан ва ресмони резинӣ намунаи чунин наххоянд) |
| **Гибкая** | - | **Қаиш** |
| **Гибкая передача** | - | **Таҳвили қаиш** |
| **Гибкая рапира** | - | **Қаишнайза** (чузъи пудгузарон дар баъзе дастгоҳҳои бофандагии найзагӣ) |
| **Гибкий шнур** | - | **Таноби қаиш** |
| **Гибкое волокно** | - | **Нахи қаиш** |
| **Гибкость волокна** | - | **Қаишии нах** |
| **Гибрид** | - | **Дурага** |
| **Гигиена одежды** | - | **Гигиенаи либос** (ба талаботи тандурустӣ чавобгӯ будани он) |
| **Гигрограф** | - | **Рутубатнавис** (асбоби сабти тағйирёбии рутубати ҳаво) |
| **Гигрометр** | - | **Рутубатсанч , намисанч** |
| **Гигроскоп** | - | **Рутубатсанч, намисанч** |
| **Гигроскопичная ткань** | - | **Матои намкаш** |

**Гигроскопичность** - **Намкашӣ, рутубатпазирӣ** (қобилият)

**Гидравлический ткацкий станок** - **Дастгоҳи бофандагии обкор** (дар он пуд ба воситаи фавраи об гузаронида мешавад)

**Гидратцеллюлоза** - **Гидратселлюлоза** (яке аз намудҳои селлюлозаи таркибаш дигаршуда. Ҳангоми дар маҳлул такшин намудани селлюлозаи табиӣ ё бо дигар роҳҳо ҳосил мешавад. Нисбат ба селлюлозаи табиӣ қобилияти намнокшавӣ ва ранггирии баландтар дошта, дар реаксияҳо хубтар иштирок мекунад. Барои истеҳсоли селлофан ва наххои сунъӣ васеъ истифода мешавад)

**Гидратцеллюлозные волокна** - **Наххои гидратселлюлозӣ** (вискоза, поллиноза, нахи баландмодул ва нахи мису-аммиак)

**Гидропривод** - **Бакордарори обӣ**

**Гидрофильные волокна** - **Наххои намкаш** (наххои табиӣ ва сунъӣ)

**Гидрофобность** - **Рутубатнопазирӣ** (хосияти наххои синтетикӣ)

**Гильза** - **Найча** (бегирдаи коғазин ё аз пластмасса буда, ба он ресмонҳоро ба тарзи чилликӣ мепечонанд. Калобаи устувонашакл дар чунин асос ташаккул меёбад)

**Гинем** - **Гинем** (матои пахтагини сабук, одатан рахдор ё катакчагӣ, барои дӯхтани куртаҳои занонаю кӯдакона)

**Гипотетически** - **Фарзӣ, тахминӣ**

**Гипохлориты** **Гипохлоритҳо** (намакҳои тезоби гипохлорит. Оксидгарҳои пурқувватанд, махсусан гипохлоритҳои натрий ва калсий. Барои сафедгардонии матоъҳо васеъ истифода мешаванд)

| | | |
|---|---|---|
| Гипюр | - | Матои тӯр |
| Главная | - | Асосӣ |
| Главные переплетения | - | Боҳампечиҳои асосӣ (ё боҳампечиҳои содда. 1. Синфе, ки онро боҳампечиҳои бофандагии суф, лас, сатин ва атлас ташкил мекунанд. Ба воситаи онҳо матоъҳои якҷинсаи бенақш ё нақшашон соддатарин бофта мешаванд; 2. Синфи боҳампечиҳои кешбофӣ, ки дар онҳо қатори ҳалқагӣ аз пайдарпани танҳо як ҷузъи ҳалқабандӣ (худи ҳалқаҳо) иборат асту халос. Ба ин синф баъзе намудҳои боҳампечиҳои кулирӣ (ҳамвора ва ластик) ва торҳалқагӣ (занҷира, трико ва атлас) дохил мешаванд) |
| Главный барабан | - | Устувонаи асосӣ |
| Главный бухгалтер | - | Сармуҳосиб |
| Главный вал | - | Наварди асосӣ |
| Главный инженер | - | Сармуҳандис |
| Гладильная доска | - | Тахтаи дарзмолӣ |
| Гладить, глажение | - | Дарзмол кардан |
| Гладкая | - | 1. Суфта, хамвор;<br>2. Якранг |
| Гладкая отделка | - | Пардози якранг |
| Гладкая ткань | - | 1. Матои суфта;<br>2. Матои якранг |
| Гладкий валик | - | Наварди суфта |
| Гладкий трикотаж | - | Кешбофти якранг, бенақш (аз ду ресмон бофта мешавад. Ресмони якум, ки лавҳагӣ ном дорад, халқаҳои абраро ба вуҷуд меорад, ресмони дигар (заминӣ) – ҳалкаҳои остарро) |
| Гладкокрашенная ткань | - | Матои якрангшуда (дар намуди газвор ранг карда мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Гладкость пряжи** | - | **Суфтагии ресмон** |
| **Гладкошёрстная ткань** | - | **Матои пашмини якранг** |
| **Гладь** | - | **1. Гулдӯзии якранг, ҳамвор;**<br>2. **Ҳамвора** (боҳампечии кешбофии кундалангӣ, ки ба синфи боҳампечиҳои содда дохил шуда, яккарата аст ва маснуоти якрӯ ба вуҷуд меорад) |
| **Гладь двухизнаночная** | - | **Ҳамвораи дуостарӣ** (дар чунин кешбофт камонҳои ҳалқаҳои ҳаторҳои тоҳ (ё ҷуфт) дар сатҳи остар ҷойгиранд) |
| **Гладь кулирная** | - | **Ҳамвораи кундалангӣ** |
| **Гладь производная** | - | **Ҳамвораи ҳосилавӣ** |
| **Гладьевые ткани** | - | **Матоъҳои ҳамвор** (ба воситаи боҳампечиҳои содда ё хурднақш бофта шуда, сатҳи суфта ё муқарнас доранд) |
| **Глажение** | - | **Дарзмол кардан** |
| **Глазет** | - | **Глазет** (намуди парча – матои зичи қиматбаҳо барои костюмҳои занонаю мардонаи намоишӣ. Аз абрешим, пахта ё аз ресмонҳои тори пашмину ресмонҳои пуди металлӣ бо истифода аз боҳампечиҳои гуногун бофта мешуд. Матоъро якранг, нақшин ё бо абрешими ранга гулдӯзишуда истеҳсол мекарданд) |
| **Глазок галева** | - | **Чашмаки гула** (сӯрохии гула, ки аз он ресмони тор мегузарад) |
| **Гленчек** | - | **Гленчек** (номи дигари матои катакдори шотландка) |
| **Глицерин** | - | **Глитсерин** (аз юнонӣ ба маънои «ширин». Моеи часпаки беранги ширинмазза. Ба таркиби баъзе моддаҳои дар истеҳсолоти нассоҷӣ истифодашав, масалан ширеш, ҳамчун моддаи нармсоз ворид карда мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Глобальный** | - | **Умда, куллӣ, умумӣ** |
| **Глубина** | - | **1. Чуқурӣ;**<br>**2. Даромади** |
| **Глубина вкладки шпули** | - | **Чуқурии даромади найча** (ба дохили моку) |
| **Глубина зева** | - | **Даромади** бод (дарозии қисми пеши бод) |
| **Глубина скулирования** | - | **Даромади қатшавӣ** |
| **Глубина станка** | - | **Даромади** дастгоҳ (яке аз андозаҳои он) |
| **Глушитель** | - | **Пастгар, хомӯшсоз** |
| **Глянец** | - | **Ҷило, ялаққос** |
| **Глянцевание** | - | **Ҷилодор кардан** |
| **Гнездо** | - | **Чуқурча, шикоф, сӯрох, хонача** |
| **Гнездо початка** | - | **Асоси сӯта, қисми поёнии он** |
| **Гниение** | - | **Пӯсидан, тосидан** |
| **Гнилой** | - | **Пӯсида, тосида** |
| **Гнилостойкость** | - | **Устуворӣ нисбати пӯсидан** |
| **Гнуть** | - | **Қат кардан, хамгардонӣ** |
| **Гобелен** | - | **Гобелен** (аз насаби Жюл Гобелен – рангрез ва соҳиби мануфактураи қолинбарорӣ дар Париж (асри 16). 1. Қолини нақшдори бепат, ки дар ҳамин манифактура истеҳсол мешуд; 2. Матои нақшдори серранг, одатан суратдор, ки ба сифати масолеҳи ороишӣ, руйкаш ё пардавор хизмат мекунад) |
| **Годность** | - | **Муносибӣ, шоямӣ** |
| **Годовая выработка** | - | **Истеҳсоли солона** |
| **Годовое потребление сырья** | - | **Истеъмоли солонаи хомашё** |
| **Годовое производство пряжи** | - | **Истеҳсоли солонаи ресмон** |

| | | |
|---|---|---|
| **Годовой выпуск продукции** | - | **Барориши солонаи маҳсулот** |
| **Годовой фонд времени** | - | **Захираи солонаи вақт** |
| **Головка** | - | **1. Сарак;**<br>**2. Нӯг** |
| **Головка иглы** | - | **Нӯги сӯзан** |
| **Головка мотальная** | - | **Сараки азнавпечӣ** (як дуки мошини азнавпечӣ дар назар аст) |
| **Головка узловязальная** | - | **Сараки гиреҳбандӣ** (қисми корни мошини гиреҳбандӣ, ки аз пояи он ҷудо шуда метавонад) |
| **Головная** | - | **1. Асосӣ;**<br>**2. Аввалин, якум;**<br>**3. Барои сар (калла)** |
| **Головная машина** | - | **Мошини якум** |
| **Головная секция (часть) машины** | - | **Қисмати аввали мошин** |
| **Головной питатель** | - | **Сартаъмингар** |
| **Головной платок** | - | **Рӯймоли сарбандӣ** |
| **Головной убор** | - | **Каллапӯш, кулоҳ** |
| **Гомополимер** | | **Гомополимер** (пайвастагии калонмолекула, ки макромолекулаи он аз аъзоҳои таркибашон якхела иборат аст) |
| **Гонок** | - | **Кӯбак** (ҷузъи дастгоҳи бофандагӣ барои бо зарба ба ҳаракат овардани моку) |
| **Горелка** | - | **Оташбарор** |
| **Горение** | - | **Сӯхтан** |
| **Горжет** | - | **Гарданпечи мӯйина** (ҷузъи лавозимоти ороишии занона дар намуди пораи мӯйина, ки ба ҷои гиребон хизмат мекунад. Онро ба |

китфҳо чунон мепартоянд, ки мўина ба гардан расида истад, баъзан онро ба як китф мепўшанд)

| | | |
|---|---|---|
| **Горизонтальная** | - | **Уфуқӣ** |
| **Горизонтальная линия** | - | **Хати уфуқӣ** |
| **Горизонтальное движение** | - | **Ҳаракати уфуқӣ** |
| **Горизонтальный сдвиг перекрытий** | - | **Ғеҷиши уфуқии пўшидаҳо** (дар боҳампечӣ) |
| **Горловина** | - | 1. Гулў;<br>2. **Даҳана** (буриши гиребон аз хати буриши китфӣ то маркази пеши либос ё то маркази рафча) |
| **Горловина спинки** | - | **Даҳанаи пушти либос** |
| **Горсть** | - | **Як қабза, як мушт, як каф** |
| **ГОСТ** | - | **Стандарти давлатӣ** |
| **Готлис** | - | **Готлис** (қолини дар дастгоҳи амудӣ бофташуда) |
| **Готовая ткань** | - | **Матои тайёр** |
| **Гофре** | - | **Чин** (қатҳои хурд-хурди дар матоъ ба паҳлў гузошташуда, ки бо роҳи коркарди термикии махсус ба вуҷуд меоянд) |
| **Гофрирование ткани** | - | **Чиндор кардани матоъ** (раванди махсуси пардоздиҳӣ. Ба вуҷуд овардани қатҳои мавҷшакл бо истифода аз усулҳои гуногун. Баъзан аз тарзи нақшкўбии муқарнас истифода мебаранд. Читро бошад бо роҳи намкашгардонии мавзеӣ дар ҳолати озод чиндор мекуннд. Ишқор матоъро мешинонад. Мавзеъҳое, ки ба таъсири ишқор дучор нашудаанд, дам карда чинҳо ташкил мекунанд) |

| | | |
|---|---|---|
| Гофрон | - | Гофрон (ресмони синтетикии пурпечтоби истеҳсоли Руссия. Намунаи ресмонҳои мураккаб (калонҳаҷм) мебошад. Он ба тарзи чиндор кардан истеҳсол мешавад: ресмони синтетикиро дар ҳуҷраи махсус бо зичии баланд ҷойгир намуда, дар ҳамин ҳолат дучори коркарди гармо мекунанд. Гофрон печиши аррашакл дошта, мулоиму калонҳаҷм аст, вале нисбатан кам меёзад. Барои истеҳсоли газворҳои либосвор истифода мешавад) |
| Градиент неровноты | - | Дараҷаи ноҳамворӣ (нишондеҳи пуррагии омехташавии ташкилдеҳҳо) |
| Градус | - | 1. Дараҷа (воҳиди ҳарорат);<br>2. Градус (воҳиди кунҷ) |
| Грамм | - | Грамм (воҳиди вазн) |
| Граница | - | Сарҳад |
| Гранула | - | Ғурӯша, ғелак, дона |
| Грань | - | Қира, паҳлӯ |
| Графа | - | 1. Сутун;<br>2. Қисмат |
| График | - | 1. Таносубрасм;<br>2. Ҷадвал |
| График ремонта | - | Ҷадвали таъмир |
| Графический метод | - | Тарзи нақшавӣ |
| Графопостроитель | - | Нақшакашак |
| Гребёнка | | Шонача (ҷузъи мошини кешбофӣ, ки дар он сӯзанҳои гӯшакдор васл гаштаанд) |
| Гребенная | - | Шонагӣ |
| Гребенная лента | - | Пилтаи шонаг шонагӣ (борик ва сифаташ баланд) |

| | | |
|---|---|---|
| Гребенная пряжа | - | Ресмони шонагӣ (борик ва сифаташ баланд) |
| Гребенная ткань | - | Матоъ аз ресмонҳои шонагӣ |
| Гребенная система прядения | - | Низоми ресидани шонагӣ |
| Гребенное прядение | - | Ресидани шонагӣ (истеҳсоли ресмони борику мустаҳкам аз наххои борику дароз барои бофт ё кешбофӣ намудани маснуоти сабуки пурқимат. Ғоздиҳии масолеҳи нахӣ дар ду марҳила иҷро мешавад: нахуст ба таври кардавӣ ва сипас бо роҳи шоназанӣ, то наххои кӯтоҳ берун карда шаванд) |
| Гребенной барабанчик | - | Устувоначаи шонагӣ, шоназан |
| Гребенной очёс | - | Лоси шоназанӣ (пасмондаи раванди шоназани нахи кӯтоҳтари пахта, ки 96-98 % нахи ресидашав дорад) |
| Гребенной прочёс | - | Масолеҳи шоназада |
| Гребенчатый натяжной прибор | - | Асбоби тарангибахши шонагӣ |
| Гребенщица | - | Шоназан, ғоздеҳ |
| Гребень, гребёнка | - | Шона |
| Гребень вращающийся | - | Шонаи даврзан |
| Гребень толкающий | - | Шонаи теладеҳ |
| Гребнечёсальная | - | Барои шоназании наххо |
| Гребнечёсальная машина | - | Мошини шоназан |
| Гребнечёсальный цех | - | Шӯъбаи шоназанӣ (барои истеҳсоли ресмонҳои борики сифаташон баланд пилта мебарорад) |
| Гребнечесание | - | Ғоздиҳии шонагӣ |
| Грежа | - | Абрешими хом |

| | | |
|---|---|---|
| **Грена** | - | **Тухми шапалак** (яке аз марҳалаҳои инкишофи кирмаки пилла) |
| **Гренадин** | - | **Гренадин** (ресмони чандтора, ки дар натиҷаи ҳамроҳ намудани 2-3 дона абрешими табиӣ ё ресмонҳои сунъӣ ва ба рост тоб додан то 750-1250 печиш дар 1 м ҳосил шудааст. Тоби аввалаи ресмонҳои таркиби он (1000-1500 печиш дар 1 м) чаппа мебошад. Ресмонҳои гренадин ва тор сохти якхела доранд, вале дар тор дараҷаи тобҳои аввалаю дуюмкарата пасттар мебошад) |
| **Гренажный завод** | - | **Заводи тухмипарварӣ** |
| **Гризет** | - | **Гризет** (матои пастсифати пашмин ё абрешимин, ки нақши майдаи бофташуда дошт. Одатан хокистарранги гулдор. Аз он либоси арзони занона медӯхтанд) |
| **Гринсбон** | - | **Гринсбон** (матои пахтагини мустаҳкам, чандир ва нисбати соиш устувор, ки боҳампечии ласи шикаста дорад. Дар сатҳи сафеди он нақши бофтаи арчамонанд мавҷуд аст. Аз ресмонҳои кардавии 25 текс дар тор ва 35,7 текс дар пуд бофта мешавад. Зичии сатҳияш 165-200 г/м$^2$. Аз он эзорҳои тагпӯши мардона, остари либос, кисаҳо медӯзанд) |
| **Гро-гро** | - | **Гро-гро** (юбкабанд, тасмаи рангаи зич ва оҳаргирифта. Ба сифати банди дарунбанди юбка ё шим хизмат мекард) |
| **Грогрон** | - | **Грогрон** (дар асри 19 матои якранги қиматтарин аз абрешими навъи олӣ. Ибораи «гро» дар аввали номи матоъ абрешимин будани онро нишон медиҳад: гроданвер – матои абрешими борики рахдор аз ш. Анвер, гродеберлен - аз Берлин (Олмон), гродешин - аз Чин, гродефloранс - аз Флоренсия ва гроденапл - |

| | | |
|---|---|---|
| | | аз Неапол (Итолиё), гродетур - аз Тур (Фаронса), ва х.) |
| Гроденапл | - | Гроденапл (матои якранги абрешимин ба номи ш. Неапол (Итолиё). Он аз абрешими хоми бисёрқабата бофта мешуд, бинобар ин хеле зич буд. Аз он либосҳои болопӯши мардонаю занона, аз ҷумла бинобар зичии баландаш кулоҳҳо тайёр мекарданд) |
| Гродетур (гарнитур) | - | Гродетур (матои якранги абрешимин ба номи ш. Тур (Фаронса). Ба воситаи боҳампечии репси тор бо зичии баланд бофта мешуд. Ғиҷим намешуд ва хеле бадошт буд. Русҳо онро гарнитур меномиданд) |
| Гродетуровое переплетение | - | Боҳампечии гродетур (ба маънои боҳампечии репс) |
| Гро-муар | - | Гро-муар (номи он маънои «парниёи абрешимин»-ро дорад. Матои парниё, ки аз абрешими баландсифат истеҳсол шудааст. Якранг, боҳампечияш суф, ҷилои мавҷзан дошт) |
| Громоздкий | - | Калону вазнин |
| Грубая шерсть | - | Пашми дағал, ғафс |
| Грубосуконная пряжа | - | Ресмони дағали моҳутбоб |
| Грубошёрстная овца | - | Гӯсфанди дағалпашм |
| Грудничный проход | - | Гузаргоҳи назди пештахтаҳо |
| Грудница | - | Пештахта (ҷузъи дастгоҳи бофандагӣ) |
| Груз | - | Бор |
| Грузовая | - | Борӣ, бордеҳ |
| Грузовая шайба | - | Байнҳалқаи бордеҳ (ҷузъи олати тарангибахш) |
| Грузовой тормоз | - | Манъгари борӣ |

**Грузоподъёмный** - **Борбардор**

**Грузоподъёмность** - **Борбардорӣ, боргирӣ** (қобилият)

**Грузопоток** - **Ҷараёни боркашониҳо**

**Грузчик** - **Борбардор**

**Грунт ткани** - **Заминаи матоъ**

**Грунтовая** - **Заминавӣ**

**Грунтовая нить** - **Ресмони заминавӣ** (1. ҳаммаънои ресмони тори решагӣ дар матоъҳои патдор ва пике; 2. дар кешбофти якранг (бенақш) ба воситаи он ҳалқаҳои остарӣ ҳосил мешаванд)

**Грунтовая основа** - **Тори заминавӣ**

**Группа** - **Гурӯҳ**

**Группировка** - **Гурӯҳбандӣ, ба гурӯҳҳо тақсим кардан**

**Групповая** - **Гурӯҳӣ**

**Групповое рабочее место** - **Ҷои кори гурӯҳӣ**

**Групповое торможение валиков** - **Манъи гурӯҳии навардҳо**

**Групповой прибой** - **Оварда часпонидани гурӯҳӣ** (онро пурра низ меноманд. Ҳангоми бофтани матои ҳалқадор ду-се ресмони пуд, ки қаблан дуртар аз сарҳади матоъ ҷойгир шуда буданд, якҷоя оварда часпонида мешаванд)

**Губки прокладчика** - **Лабҳои пудгузаронак**

**Гульфик** - **Гулфик** (ҷузъҳои қисми пеши шим барои дӯхтани занҷираки ниҳонӣ)

**Гусеница** - **Кирмак** (як марҳилаи инкишофи кирмаки пилла)

**Густота ворса** - **Зичии пат, серпат будан**

# Д

| | | |
|---|---|---|
| **Давление** | - | **Фишор** |
| **Давление атмосферное** | - | **Фишори ҳаво** |
| **Давление пара в барабанах** | - | **Фишори буғ дар устувонаҳо** |
| **Давление рабочее** | - | **Фишори корӣ** |
| **Давление удельное** | - | **Фишори хос** |
| **Дакрон** | - | **Дакрон** (номи нахи синтетикии полиэфир, ки аз гудохтаи полиэтилен-терифталат дар ИМА истеҳсол мекунанд) |
| **Дама** | - | **Дама** (ба номи ш. Дамаск (Сурия). Матои абрешимин ё таркибаш дигар, ки нақши бофта дошт. Заминаи он хира ва нақшаш ҷилодор буд (ё баръакс). Аз ин рӯ бо истифода аз мошини жаккардӣ замина ва нақш ба воситаи боҳампечиҳои гуногун бофта мешуданд, масалан бо боҳампечиҳои атласу суф. Намуди зоҳирии матоъ кимхоро мемонд. Навъҳои гуногун дошт, аз ҷумла дамаст, дамассе, дамассин, дамаскет, дама-кафар) |
| **Дамаскет** | - | **Дамаскет** (намуна аз гурӯҳи матоъҳои дама. Нақши он аз гулчанбарҳо иборат буд ва расми бофта бо ресмонҳои металлӣ иҷро мешуд) |
| **Дамассе** | - | **Дамассе** (аз фаронсавӣ ба маънои «нақшин». Матои абрешимини чандир, ки дар сатҳи ҷилодори он нақши хира иҷро шудааст) |
| **Дамаст** | - | **Дамаст** (аз номи ш. Дамаск, пойтахти Сурия. Номи дигари матои кимхо. Матои калоннақш. Аз ҳисоби инъикоси гуногуни рӯшной аз сатҳҳои заминаи матою ва нақш |

| | | |
|---|---|---|
| | | мавҷ мезанад. Заминаи он хира ва нақшаш ҷилодор буд. Бинобар ин замина ва нақш ба воситаи боҳампечиҳои гуногун бофта мешуданд, масалан бо боҳампечиҳои атласу суф) |
| **Данные** | - | **Рақамҳо, натиҷаҳо** |
| **Данные испытания** | - | **Натиҷаҳои санҷиш** |
| **Дата** | - | **Таърихи рӯз, сана** |
| **Датчик** | - | **Хабардеҳ, нишондеҳ** (асбобе, ки дар бораи вазъи кори механизм ё дигар чиз хабар медиҳад) |
| **Датчик давления** | - | **Олати нишондеҳи фишор** |
| **Двигатель** | - | **Муҳаррик** |
| **Движение** | - | **Ҳаракат** |
| **Движение боковое** | - | **Ҳаракати паҳлӯӣ** |
| **Движение вертикальное** | - | **Ҳаракати амудӣ** (ба боло ё поён) |
| **Движение винтовое** | - | **Ҳаракати печакӣ** |
| **Движение возвратно-поступательное** | - | **Ҳаракати ростхаттаи баргардон** |
| **Движение возвратное** | - | **Ҳаракати баргардон** |
| **Движение вращательное** | - | **Ҳаракати даврзанӣ** |
| **Движение горизонтальное** | - | **Ҳаракати уфуқӣ** |
| **Движение замедленное** | - | **Ҳаракати сустшав** |
| **Движение качательное** | - | **Ҳаракати алвонҷхӯрӣ** |
| **Движение колебательное** | - | **Ҳаракати лаппишхӯр** |
| **Движение криволинейное** | - | **Ҳаракати каҷхатта** |
| **Движение круговое** | - | **Ҳаракати мудаввар, давргардӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Движение наклонное | - | Ҳаракати моил |
| Движение непрерывное | - | Ҳаракати бетаваққуф |
| Движение неравномерное | - | Ҳаракати номунтазам |
| Движение обратное | - | Ҳаракати баръакс |
| Движение осевое | - | Ҳаракати тирӣ |
| Движение относительное | - | Ҳаракати нисбӣ |
| Движение периодическое | - | Ҳаракати даврӣ (такроршав) |
| Движение по часовой стрелке | - | Ҳаракат ба самти ақрабаки соат |
| Движение постоянное | - | Ҳаракати доимӣ (бетаваққуф) |
| Движение поступательное | - | Ҳаракати пешрав |
| Движение принудительное | - | Ҳаракати иҷборӣ, маҷбурӣ |
| Движение продольное | - | Ҳаракати арзӣ |
| Движние против часовой стрелки | - | Ҳаракат муқобили самти ақрабаки соат |
| Движение прямолинейное | - | Ҳаракати ростхатта |
| Движение равномерное | - | Ҳаракати мунтазам (бо суръати доимӣ) |
| Движение реверсивное | - | Ҳаракати пешу пас |
| Движение свободное | - | Ҳаракати озод |
| Движение скользящее | - | Ҳаракати лағжишӣ |
| Движение центробежное | - | Ҳаракати марказгурез |
| Движковая игла | - | Сӯзани давакдор (сӯзани мошини кешбофӣ, ки аз ду ҷузъ иборат аст ва ин ҷузъҳо аз механизмҳои мустақил ҳаракат мегиранд. Сӯзанҳои комадор ва найчагӣ давакдор мебошанд) |
| Движок | - | Давак, ғеҷонак |
| Движущийся | - | Мутаҳаррик, ҳаракатдор |

| | | |
|---|---|---|
| **Двоеточие** | - | **Ду нуқта** |
| **Двойная** | - | **Дучанда** |
| **Двойная машина** | - | **Мошини дучанда** (ё дорои ду сӯзандон. Дар як даври корин он ду қатори ҳалқагӣ ҳосил мешаванд) |
| **Двойная нить** | - | **Ресмони дучанда** (нуқси ресмон ва матоъ) |
| **Двойная обратная проборка** | - | **Торгузарони баръакси дучанда** |
| **Двойная подгибка** | - | **Дуқабата ба дарун қат кардан** |
| **Двойное кручение** | - | **Тоби дукарарата** (дар аснои як гардиши олати тобдеҳ ба ресмон ду тоб бахшида мешавад) |
| **Двойной прибой** | - | **Оварда часпонидани дукарата** (дар баъзе намуд дастгоҳҳои қолинбофӣ вомехӯрад) |
| **Двойной трикотаж** | - | **Кешбофти дучанда** (дурӯя аст, ҳарду тарафи он абра мебошанд. Онро дусӯзандонӣ низ меоманд. Масалан, кешбофти ластикӣ) |
| **Двубортный пиджак** | - | **Пиҷаки дудомана** |
| **Двуластик** | - | **Дуластик** (ё боҳампечии интерлокӣ. Боҳампечии кешбофии кундалангии ҳосилавӣ, ки дар натиҷаи ҳамҷояшавии ду намуд ластик ҳосил мешавад. Дар он сутунчаҳои ҳалқагии як ластик дар байни сутунчаҳои ҳалқагии ластики дигар ҷойгир мешаванд. Ба воситаи мошини дорои ду сӯзандон ба вуҷуд меояд) |
| **Двутрико** | - | **Дутрико** (боҳампечии кешбофии торҳалқагии омехта, ки барои ҳосил кардани он ҳар ресмон бanавбат дар ду сутунчаи ҳамҳудуд набуда (дар байнашон як сутунчаи |

| | | |
|---|---|---|
| | | ҳалқагии дигар партофта шудааст) ҳалқапартой мекунад. Чунин боҳампечиро моҳут ё трикои сесӯзанӣ низ меноманд) |
| **Двухластичная машина** | - | **Мошини дуластикӣ** (ё интерлок. Намуди таҷҳизоти кешбофии дорои ду сӯзандон. Дар он сӯзанҳое, ки ба сӯзандонҳои болою поён тааллуқ доранд, дар муқобили якдигар ҷойгир шудаанд) |
| **Двухбарабанная шлихтовальная машина** | - | **Мошини ширешдиҳии дуустувонагӣ** |
| **Двухвальная жаккардовая машина** | - | **Мошини дунаварди жаккардӣ** (ду призма, яъне ду қарта, доштани онро ифода мекунад) |
| **Двухволновой баллон** | - | **Байзанокии думавҷа** |
| **Двухвьюрковая прядильная машина** | | **Мошини ресандагии дорои ду печтобгар** |
| **Двухголовочная игла** | - | **Сӯзани қӯшсарак** (барои истеҳсоли кешбофти дуостарӣ истифода мешавад) |
| Двухгребёночные переплетения | - | **Боҳампечиҳои душоначагӣ** (гурӯҳи боҳампечиҳои кешбофии торҳалқагӣ аз қабили трико-трико ва трико-моҳут, ки барои ҳосил шуданашон ду шоначаи сӯзанҳои гӯшакдор дошта заруранд. Ҳар як ресмони ҳалқапарто ба воситаи ду сӯзан идора карда мешавад. мисоли чунин боҳампечиянд) |
| **Двухзонный натяжной прибор** | - | **Асбоби тарангибахши думавзей** |
| **Двухигольная** | - | **Дӯсузанӣ, қӯшсӯзандор** |
| **Двухигольное трико** | - | **Трикои дӯсузанӣ** (боҳампечии трикои оддӣ дар назар аст, ки барои ҳосил кардани он ҳар ресмон банавбат дар ду сутунчаи ҳамҳудуд ҳалқапартой мекунад. Яъне ҳалқабандиҳои як ресмон ба воситаи ду сӯзани ҳамсоя банавбат иҷро мешаванд) |
| **Двухизнаночная** | - | **Дуостарӣ** |

**Двухизнаночная гладь** - **Ҳамвораи дуостарӣ** (ё ҳамвораи гардон. Дар чунин кешбофт камонҳои ҳалқаҳои ҳаторҳои тоҳ (ё ҷуфт) дар сатҳи остар ҷойгиранд)

**Двухизнаночный трикотаж** - **Кешбофти дуостарӣ** (онро кешбофти гардон низ меноманд)

**Двухкомпонентная смесь** - **Омехтаи ду ташкилдеҳ**

**Двухконденсерная** **Дорои ду нахтаҳвилгар**

**Двухконденсерная прядильная машина** **Мошини ресандагии дорои ду нахтаҳвилгар**

**Двухконденсерное прядение** **Ресиш бо ду нахтаҳвилгар** (яке аз тарзҳои ресидани бедук ва беҳуҷрачагӣ. Ҷамъшавии наххои ҷудо-ҷудо дар хати расиши сатҳҳои ду устувонаи даврзанандаи таҳвилгар ба амал меояд. Пилики ғоза аз ҳисоби соиш бо сатҳҳои даврзананда тоб мегирад ва ба ресмон мубаддал мегардад. Бинобар ин чунин тарзро ресиши соишӣ низ меноманд)

**Двухкруточная пряжа** - **Ресмони дутоб** (сохти мураккаб дошта, бо роҳи пай дар пай якҷоя намудан ва тобдиҳии дукаратаи ресмонҳо ҳосил мешавад)

**Двухлицевая** - **Дурӯя** (сатҳҳои абраю остари он фарқ намекунанд)

**Двухлицевая саржа** - **Ласи дурӯя** (дар ҳудуди бозгашт миқдори пӯшидаҳои торию пудии он баробар аст)

**Двухлицевая ткань** - **Матои дурӯя, дуабра**

**Двухпереходная машина** - **Мошини дугузариша** (ашё дар ду таҷҳизоти таъиноти якхела дошта пайдарпай коркард мешавад)

**Двухпетельный узел** - **Гиреҳи дуҳалқагӣ** (онро гиреҳи дӯзандагӣ низ меноманд)

**Двухплечий рычаг** - **Фашанги дукитфа**

| | | |
|---|---|---|
| **Двухподъёмная каретка** | - | **Кареткаи дугардиша** (сикли пурраи кори каретка дар давоми ду гардиши наварди асосии дастгоҳ ба иҷро мерасад) |
| **Двухполотенный бархат** | - | **Бахмали дуқабатабоф** (пас аз бофт он ба ду матои патдори мустақил ҷудо мешавад. Ҳаммаънои бахмали худбур) |
| **Двухполотный ткацкий станок** | - | **Дастгоҳи дубара** (он имкони дар як вақт бофтани ду матои якхеларо дорад) |
| **Двухпольная** | - | **Думайдона** |
| **Двухпольная машина** | - | **Мошини думайдона** |
| **Двухпольный прибор** | - | **Олати думайдона** |
| **Двухпрочёсный аппарат** | - | **Аппарати шоназани дукарата** |
| **Двухраппортный кулачок** | - | **Муштаки дубозгашт** (дар давоми як гардиши пурраи он ду бозгашти матоъ бофта мешавад) |
| **Двухрядная стойка** | - | **Тиргаки дунишемадор** (дар он ғалтакҳо дар ду қатори уфуқӣ ҷойгир мешаванд) |
| **Двухслойная ткань** | - | **Матои дуқабата** |
| **Двухслойные переплетения** | - | **Боҳампечиҳои дуқабата** (намунаҳо аз синфи боҳампечиҳои бофандагии мураккаб. Барои ҳосил карданионҳо чор маҷмӯъ ресмон зарур аст: ду маҷмӯъ тор ва ду маҷмӯъ пуд. Ба воситаи чунин боҳампечӣ матои дуқабата бофта мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Двухсменная работа** | - | **Кори дубаста** |
| **Двухстадийное кручение** | - | **Тобдиҳии дузинагӣ** |
| **Двухсторонная** | - | **Дутарафа** |
| **Двухсторонная саржа** | - | **Ласи дутарафа** (боҳампечии лас, ки ба воситаи он матои сатҳҳои абраю остараш фарқдор бофта мешавад) |
| **Двухсторонная мотальная машина** | - | **Мошини дутарафаи азнавпечӣ** |
| **Двухсторонная саржа** | - | **Ласи дутарафа** (боҳампечии лас, ки ба воситаи он матои сатҳҳои абраю остараш фарқдор бофта мешавад) |
| **Двухсторонние протяжки** | - | **Кашоланўгҳои дутарафа** (нўгҳои ресмони ҳалқапартофта яке ба тарафи рост ва дигараш ба чап равона гаштаанд) |
| **Двусторонний маршрут** | - | **Хати роҳи дутарафа** (тарзи кори бофанда дар сурати дуқатора ҷойгир будани дастгоҳҳояш) |
| **Двухсторонний эффект** | - | **Намуди дутарафа** (тарафҳои абраю остар фарқ мекунанд) |
| **Двухступенчатый** | - | **Дузинагӣ** |
| **Двухступенчатый редуктор** | - | **Суръаткуши дузинагӣ** |
| **Двухступенчатый шкив** | - | **Тасмачархи дузинагӣ** |
| **Двухуточный прибор** | - | **Олати дупуда** (механизми дастгоҳи бофандагӣ) |
| **Двухфланцевая катушка** | - | **Ғалтаки дугирдадор** |
| **Двухфонтурная** | - | **Дорои ду сўзандон, дусўзандонӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| **Двухфонтурная машина** | - | **Мошини дорои ду сӯзандон** (ё мошини дучанда. Дар як даври кории он ду қатори ҳалқагӣ ҳосил мешаванд) |
| **Двухфонтурный трикотаж** | - | **Кешбофти дусӯзандонӣ** (дурӯя, ҳарду тарафи он абра мебошанд. Онро дучанда низ меоманд. Масалан, кешбофти ластикӣ) |
| **Двухцветный узор** | - | **Нақши дуранга** |
| **Двухчастная проборка** | - | **Канабгузаронии дуқисма** (дар мошини жаккардӣ) |
| **Двухчелночный механизм** | | **Механизми думоку** |
| **Двухшовный** | - | **Дударзӣ** |
| **Двухъярусная стойка** | - | **Тиргаки дунишемадор** |
| **Дедерон** | - | **Дедерон** (номи наху ресмони синтетикие, ки аз поликапролактам дар Олмон истеҳсол мекунанд. Ба гурӯҳи нахҳои полиамидӣ дохил мешавад) |
| **Дезаксиальный батанный механизм** | - | **Механизми теғадастгири дезаксиалӣ** (дар он агар мавқеъҳои ниҳоии нуқтаи кории механизм бо хати рост пайваст карда шаванд, ин хат берун аз тири наварди асосии дастгоҳ мегузарад) |
| **Действие** | - | 1. **Амал**;<br>2. **Таъсир**;<br>3. **Эътибор** |
| **Действие распоряжения** | - | **Эътибори супориш** |
| **Действие силы** | - | **Таъсири қувва** |
| **Действие трудовое** | - | **Амали корӣ** (маҷмӯи ҳаракатҳои корӣ, ки бе таваққуф иҷро мешаванд) |

**Действительный** - **Ҳақиқӣ, воқеӣ**

**Действующий** - **1. Дарамал;**

**2. Ҷорӣ**

**Декатир** - **Мошини буғтоб** (аппарат барои иҷро намудани амалиёти номбурда. Дар он раванд ба тарзҳои хушк ё нам ба иҷро мерасад. Он дегест, ки ба таври ҳавонагузарон маҳкам мешавад ва дар дохилаш устувонаи ковок давр мезанад. Сатҳи устувона сӯрохидор аст ва ба он матои пашмини коркардшав печонида мешавад. Буғе, ки ба дохили дег равона мегардад, аз қабатҳои матоъ гузашта, ба воситаи сӯрохиҳо вориди устувона мегардад ва сипас аз паҳлӯи кушодаи он берун карда мешавад. Агар усули беҷилогардонии нам сурат гирад, устувона дар дохили тағораи обдор давр мезанад. Ҳарорати об 50-60°С-ро ташкил мекунад)

Декатировка - Буғтоб (аз фаронсавӣ ба маънои «нест кардани ҷило». Раванди коркарди матоъҳои пашмин ба воситаи буғ ё оби ҷӯш бо мақсади пешгирӣ намудани шишти онҳо дар асnoи коркарди пасоянд ва ҳангоми истифодабарӣ. Дар як вақт намуди зоҳирии матоъ низ беҳтар мегардад, сатхи он беҷило мегардад)

Декатировщик - Буғтобчӣ

**Деккер** - **Камгар** (ҷузъи кории баъзе мошинҳои кешбофӣ, ки бо тартиби муқарраршуда ҳалқаро аз як сутунчаи ҳалқагӣ ба дигараш мегеҷонанд. Дар натиҷа сутунчаҳои ҳалқагии канда-канда пайдо мешаванд. Аз он ҳангоми ҳосил кардани боҳампечии тӯрӣ истифода мебаранд)

| | |
|---|---|
| **Декольте** | - **Деколте** (як навъ либоси занона, ки гардану китф ва қисми сари синаву тахтапуштро бараҳна мемонад) |
| **Декоративная ткань** | - **Матои ороишӣ** |
| **Декоратор** | - **Зинатдеҳ, ороишгар** |
| **Декретный отпуск** | - **Рухсатии ҳомилагӣ** |
| **Деление** | - **Тақсим, тақсимот** |
| **Деление жаккардовой машины** | - **Тақсимоти мошини жаккардӣ** (аз рӯи зичии ҷойгиршавии сӯрохиҳо дар қарта муайян карда мешавад) |
| **Делинт** | - **Делинт** (нахи хеле кӯтоҳи пахта) |
| **Делинтер** | - **Делинтер** (мошин барои аз сатҳи чигит канда гирифтани делинт) |
| **Делинтерование** | - **Делинтгирӣ** (яке аз равандҳои коркарди ибтидоии пахта, аз сатҳи чигит канда гирифтани делинт) |
| **Делитель прочёса** | - **Тақсимгари масолеҳи шоназада** |
| **Делительный рядок, ценовое бердо** | - **Теғаи тақсимгар** (1. дар мошин барои тортании дастагӣ шонае, ки ресмонҳои печандаро қад-қади наварди тортанӣ мунтазам ҷобаҷо мекунад; 2. ҷузъи кории мошин барои тортании тасмагӣ, ки ресмонҳои тоқ ва ҷуфти тасмаи печандаро аз ҳам ҷудо мекунад) |
| **Делительный шнурок** | - **Таноби тақсимгар** |
| **Дело личное** | - **Парвандаи шахсӣ** |
| **Делопроизводство** | - **Ҳуҷҷатгузорӣ** |
| **Дельвон** | - **Делвон** (номи нахи синтетикии поливинилхлоридӣ, ки дар ИМА истеҳсол карда мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Демикотон** | - | **Демикотон** (матои пахтагини хеле зичи аз ресмонҳои дуқабата ба воситаи боҳампечии атлас бофташуда. Дар асри 19 дар либосҳои амалдорони хурд ва аҳолии фақир васеъ истифода мешуд) |
| **Демисезонные ткани** | - | **Матоъҳои баҳорию тирамоҳӣ** (масалан, матоъҳои пахтагини поплин, тофта, репс, пике, шотландка) |
| **Демонтаж станка** | - | **Ҷудо кардани дастгоҳ** (ба қисмҳои алоҳида) |
| **Демпфер** | - | **Зарбакуш** (асбоби рафъи зарба) |
| **Денежные затраты** | - | **Хароҷоти пулӣ** |
| **Деним** | - | **Деним** (номи нахустини матоъҳои пахтагини ҷинс, хеле зич ва мустаҳкам. Аз ресмонҳои рангаи тор ва пуди сафед бофта мешуд. Бинобар ин абраи одатан сиёҳ ё кабуд ва остари сафед дошт. Аввалин бор дар Фаронса дар асри 19 бофта шудааст) |
| **Денсиметр** | - | **Денсиметр** (асбоб барои чен кардани зичии ҷисм) |
| **День** | - | **Рӯз** |
| **День выходной** | - | **Рӯзи истироҳат** |
| **День праздничный** | - | **Рӯзи ид** |
| **День рабочий** | - | **Рӯзи корӣ** |
| **Денье** | - | **Денйе** (воҳиди кӯҳнашудаи зичии хаттӣ, ки ба вазни 9 км ресмон баробар буд) |
| **Деревянный бак** | - | **Чалаки чӯбин** |
| **Державка, держатель** | - | **Дастгир** |

**Дерматин** - **Дерматин** (чарми сунъӣ)

**Десорбция** - **Ихроҷ** (аз таркиби худ берун кардани чизе)

**Дессикация** - **Хушксозӣ** (беобгардонии сунъии пахтазор пеш аз ҷамъоварии ҳосил)

**Дессинатор** - **Матоъофар** (шахсе, ки матоъро тарҳрезӣ мекунад ва нақши онро меофарад)

**Деструкция** - **Вайроншавӣ**

**Деталь** - **Ҷузъ, қисма** (дар мошин ё асбоб)

**Детальный** - **Батафсил, муфассал**

**Детектор** - **Нуқсков, иллатков** (аз лотинӣ ба маънои «намудор кардан, зоҳир кардан, падидор кардан». Асбоб барои муайян намудани иллатнокии масолеҳ)

**Децибел** - **Детсибел** (ба номи олими амрикой Бел. Дар акустика воҳиди ғалоғула)

**Дециметр** - **Детсиметр** (воҳиди ченаки дарозӣ, баробар ба 10 см)

**Дефект** - **Нуқс, иллат** (аз лотинӣ ба маънои «камбудӣ, норасоӣ)

**Дефект намотки** - **Нуқси печиш**

**Дефект пряжи** - **Нуқси ресмон**

**Дефектная ткань** - **Матои нуқсдор**

**Дефектность** - **Нуқсдорӣ, иллатнокӣ**

**Дефектостоп** - **Нуқсков, иллатков**

| | | |
|---|---|---|
| **Дефицит** | - | **Норасой, камомад, каср, камбуд** |
| **Дефолиация** | - | **Дефолиатсия** (бебаргсозии сунъии буттаҳои пахта бо моддаҳои кимиёӣ) |
| **Деформация** | - | **Деформатсия** (тағйирёбии шакл ва андозаҳои ҷисм) |
|     **Деформация упругая** | - | **Деформатсияи чандир, зудгардон** |
|     **Деформация пластическая** | - | **Деформатсияи ночандир, бебозгашт** |
|     **Деформация эластическая** | - | **Деформатсияи нимчандир** (бо мурури вақт баргардон) |
| **Деятельность** | - | **Фаъолият** |
|     **Деятельность профессиональная** | - | **Фаъолияти касбӣ** |
| **Дёргать** | - | **Кашидан, силтав додан** |
| **Джемпер** | - | **Ҷемпер** (либоси кешбофтаи бегиребон, ки аз сар пўшида мешавад) |
| **Джерси** | - | **Ҷерси** (ба номи яке аз ҷазираҳои Нормандия. Матои чандиру мулоими кешбофтаи абрешимин ё пашмин ва ё либос аз ҳамин матоъ) |
| **Джин** | - | **Нахкан** (таҷҳизот барои тоза кардани пахта аз чигит) |
|     **Джин валичный** | - | **Нахкани навардӣ** (барои пахтаи маҳиннах) |
|     **Джин пильный** | - | **Нахкани аррагӣ** (барои пахтаи миёнанах) |
| **Джинирование** | - | **Нахканӣ** (раванди ҷудо кардани пахта аз чигит) |
| **Джинсовая ткань** | - | **Матои ҷинс** (ба номи ш. Ҷенуя дар Италиё) |

| | | |
|---|---|---|
| **Джинсы** | - | **Ҷинс** (шими аз матои ҷинс дӯхташуда) |
| **Джут** | - | **Ҷут** (растании лифии яксола ва нахе, ки аз пояи он мегиранд. Аз чунин нах матоъҳои дағали лифофабоб ва барои руйпӯш кардан, брезент ва маснуоти тофташуда аз қабили арғамчин, чилбуру танобҳо истеҳсол мекунанд) |
| **Диагностика** | - | **Ташхис** |
| **Диагональ** | - | **Диагонал** (1. Хати росте, ки дар секунҷа ё бисёркунҷа ду гӯшаи ҳамшафат набударо пайваст мекунад; 2. Матои зичи пахтагин ё пашмин аз ресмонҳои тофташуда, ки дар сатҳаш раҳҳои моили дар асн бофт ҳосилшуда дорад. Кунҷи моилии раҳҳо аз $45^0$ бештар буда, аз ҳисоби интихоби боҳампечии ҳамном ва ё интихоби мувофиқи ғафсӣ ва зичии ҷойгиршавии ресмонҳо ҳосил мешавад. Аз чунин матоъ палто, курткаҳо ва ғ. тайёр мекунанд. Аз матои диагоналӣ, ки ресмонҳои тораш пашмин ва пудаш пахтагин аст, либоси ҳарбӣ медӯзанд) |
| **Диагоналевое переплетение** | - | **Боҳампечии диагоналӣ** (ҳосила аз боҳампечии лас, ки ба он қимати калони кунҷи моилии раҳҳо нисбати тири уфуқӣ хос аст. Онро ласи фароз низ меноманд) |
| **Диаграмма** | - | **Таносубрасм** (нақшае, ки таносуби ягон афзоиш ё камшавиро нишон медиҳад) |
|     **Диаграмма круговая** | - | **Таносубрасми даврӣ** |
|     **Диаграмма рабочая** | - | **Таносубрасми корӣ** |
|     **Диаграмма распределения волокон** | - | **Таносубрасми тақсимоти наххо** (нақшаи вобастагии байни даро- |

| | | |
|---|---|---|
| | | зиҳои наҳҳои даста ва миқдори наҳҳое, ки чунин дарозиро доранд) |
| **Диаграмма цикловая** | - | **Таносубрасми даврӣ** |
| **Диаграмма штапельная** | - | **Таносубрасми буришӣ** (нақшаи тағйирёбии дарозии наҳҳои даста бо тартиби пайваста кутоҳшавӣ, агар як нӯги ҳамаи наҳҳо дар як сатҳ қарор гирад ) |
| **Диаметр** | - | **Диаметр** (масофаи байни ду нуқтаи муқобилхобидаи давра. Қад-қади хати росте, ки аз маркази давра мегузарад, чен карда мешавад) |
| **Диаметр колеса** | | **Диаметри чарх** |
| **Диаметр намотки** | - | **Диаметри печиш** |
| **Диаметр нити** | - | **Диаметри ресмон** |
| **Диаметр ствола навоя** | | **Диаметри танаи наварди бофандагӣ** |
| **Диапазон** | - | **Фосила, ҳудуд** |
| **Диапазон регулирования** | - | **Фосилаи танзим** |
| **Диапазон изменения скорости** | - | **Фосилаи тағйирёбии суръат** |
| **Диацетатное волокно** | - | **Нахи диатсетатӣ** (ресмони сунъии селлюлозадор) |
| **Дизайн** | - | **Тазйин** (аз англисӣ ба маънои «тарҳрезӣ». Тарҳрезӣ намудан, зинат додан, ороиш) |
| **Дизайнер** | - | **Ороишгар** |
| **Динамика** | - | **Динамика** (аз юнонӣ ба маънои «пурқувват». 1. Соҳаи механика, ки ҳаракати ҷисмҳоро дар зери таъсири қувваҳо меомӯзад; 2. Бисёрии ҳаракат ва таъсир) |

| | | |
|---|---|---|
| **Динамическая нагрузка** | - | **Сарбории динамикӣ** (сарбории қувваги, ки аз рӯи бузургӣ ва самт зуд тағйир меёбад) |
| **Динамометр** | - | **Динамометр** (асбоб барои чен кардани қувва ё моменти қувва) |
| **Динамометр для штапеля** | - | **Динамометр барои наххои бурида** (асбоб барои чен кардани сарбории каниш ва ёзиши каниши наххо, аз ҷумла барои пахта) |
| **Диоксан** | - | **Диоксан** (моеи беранг, моддаи ҳалгар барои эфирҳои селлюлоза, каучук ва ғ. Ба таркиби баъзе моддаҳои дар истеҳсолоти нассоҷӣ истифодашав ҳамчун моддаи нармсоз ворид карда мешавад) |
| **Диолен** | - | **Диолен** (номи нахи синтетикии полиэфир, ки аз гудохтаи полиэтилентерифталат дар Олмон истеҳсол мекунанд) |
| **Дисбаланс** | - | **Номувозӣ** |
| **Диск** | - | **Гирда** (доираи ҳамвор) |
| **Диск вариаторный** | - | **Гирдаи олати тағйирдеҳ** |
| **Диск ведомый** | - | **Гирдаи ҳаракатгир** |
| **Диск ведущий** | - | **Гирдаи ҳаракатдеҳ (пешбар)** |
| **Диск навоя** | - | **Гирдаи наварди бофандагӣ** |
| **Дисковый** | - | **Гирд, гирдадор** |
| **Дисковый натяжной прибор** | - | **Олати тарангибахши гирдадор** |
| **Дисковый нож** | - | **Корди гирд** |
| **Дисковый тормоз** | - | **Манъгари гирдадор** (аз ҳисоби соиш фаъолият мекунад) |
| **Дисковый фрикцион** | - | **Соишдеҳи гирдадор** |

**Дискретизация** - **Пора-пора (чудо) кардан** (амалиёт дар мошини ҳаворес. Маҳсулоти ба мошини ресандагии бедук воридшуда дар ҳуҷраи махсус ба наххои алоҳида тақсим мешавад)

**Дискретизирующий барабанчик** - **Устувоначаи порасоз**

**Дискретный** - **Пора-пора, чудо** (аз лотинӣ ба маънои «фосиладор». Иборат аз қисмҳои алоҳида)

**Дискретный поток волокон** - **Сели наххои чудогона**

**Дискретный слой** - **Қабати пора-пора**

**Дисперсия** - **Пароканиш** (аз лотинӣ ба маънои «пароканда, парешон». Ченаки фоизии парешонии қиматҳо дар атрофии қимати миёна)

**Дисперсный краситель** - **Рангубори парешоншав** (иборат аз заррачаҳои хурд)

**Диспетчер** - **Танзимгар**

**Диспропорция** - **Бенизомӣ, номунтазамӣ**

**Дистилированная вода** - **Оби тақтиршуда**

**Дисциплина трудовая** - **Интизоми меҳнат**

**Дифференциал** - **Тафриқа** (аз лотинӣ ба маънои «фарқият». Афзоиши бузургии новобастаи тағйирёбанда)

**Дифференциальный** - **Тафриқавӣ**

**Дифференциальный механизм** - **Механизми тафриқавӣ** (олат барои ба даст овардани ҳаракати натичавӣ дар намуди чамъ ё фарқияти ташкилдеҳҳои ҳаракат)

**Дифференциальная намотка** - **Печиши тафриқавӣ** (дар қисматҳои гуногуни ғалтак ба таври мухталиф ичро мешавад)

| | | |
|---|---|---|
| **Дифференцированный** | - | **Тафриқавӣ, дар алоҳидагӣ** |
| **Диффузия** | - | **Омезиш** (бо ҳам омехтани заррахои гуногун) |
| **Диэлектрик** | - | **Диэлектрик** (моддае, ки барқгузаронии хеле кам дорад, аз қабили шиша, чинивор ва ғ.) |
| **Диэлектрическая пластина** | - | **Лавҳаи диэлектрикӣ** |
| **Длина** | - | **Дарозӣ** |
| **Длина волокна модальная** | - | **Дарозии сершумори нах** (дарозие, ки онро миқдори бештарини наххои даста ё тӯда соҳибанд) |
| **Длина зева** | - | **Дарозии бод** (дар дастгоҳи бофандагӣ масофа аз хатти сарҳади матоъ то овезаҳо ё милаҳои тақсимгар) |
| **Длина куска ткани** | - | **Дарозии пораи матоъ** (барои ҳар матоъ қимати гуногун дошта, дар мувофиқа бо муассисаи фармоянда муқаррар мешавад) |
| **Длина максимальная** | - | **Дарозии калонтарин** |
| **Длина минимальная** | - | **Дарозии камтарин** |
| **Длина намотки** | - | **Дарозии печиш** |
| **Длина разрывная** | - | **Дарозии каниш** (ресмони овезони чунин дарозӣ дошта аз ҳисоби вазни худ канда мешавад) |
| **Длина резервная** | - | **Дарозии захиравӣ, эҳтиётӣ** |
| **Длина снования** | - | **Дарозии тортанӣ** |
| **Длина сопряжённая** | - | **Дарозии вобасташуда** |
| **Длина средняя** | - | **Дарозии миёна** |
| **Длина суровой ткани** | - | **Дарозии матои дурушт** |

| | | |
|---|---|---|
| Длина шерсти естественная | - | Дарозии табиии пашм (дар ҳолати печтоб чен карда мешавад) |
| Длина шерсти истинная | - | Дарозии ҳақиқии пашм (дар ҳолати аз печтобҳо озодшуда чен карда мешавад) |
| Длина штапельная | - | Дарозии буришӣ (дарозии миёнаи наххои дарозтарини даста) |
| Длина эквивалентная | - | Дарозии ҳамарзиш |
| Длинноволокнистый хлопок | - | Пахтаи дарознах |
| Длинное перекрытие | - | Пӯшидаи дароз (дар боҳампечӣ) |
| Длительность | - | Давомнокӣ, тӯлкашӣ |
| Днище | - | Таг |
| Добавка | - | Илова намудан |
| Доброкачественный | - | Хушсифат |
| Добротная ткань | - | Матои хушсифат |
| Доверенность | - | Ваколатнома, боваринома |
| Договор | - | Шартнома, қарордод, аҳднома |
| Доза | - | Воя (миқдори муайяни аниқ ченшуда) |
| Дозатор | - | Воягар (олат барои чен кардан ва бо миқдори муқарраршуда таъмин намудан) |
| Дозировка | - | Воя кардан |
| Дозирующий бункер | - | Маҳзани танзимгари миқдор |
| Доказательство | - | Далел, шаҳодат, исбот |
| Доклад | - | Маърӯза, баёния, суханронӣ |
| Докладная записка | - | Баённома |
| Докроить | - | Шаклбуриро ба итмом расондан |
| Документация | - | Ҳуҷҷатҳо, санадҳо |

| | | |
|---|---|---|
| Долговечность | - | Пойдорӣ |
| Долгосрочный договор | - | Шартномаи дарозмуддат |
| Долгошёрстный | - | Дарозпашм |
| Долгунец | - | Зағири дарозпоя |
| Долевая нить | - | Ресмони арзӣ (самти ресмонҳои тор дар матоъ. Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ ҳангоми шаклбурӣ дар матоъ нишон дода мешавад) |
| Долевик | - | Қадак (ҷуъзе, ки дарзҳои либосро аз ёзиш эмин медорад. Онро аз матои пахтагин қад-қади ресмони арзӣ шаклбурӣ мекунанд) |
| Должностной оклад | - | Музди меҳнати мақомӣ |
| Должность | - | Вазифа, мақом, мансаб (мақоми хизматии корманд, ки он аз доираи ӯҳдадориҳо, ҳуқуқҳои вазифавӣ ва хусусиятҳои масъулият вобаста мебошад) |
| Долька | - | Палла, пора, ҳисса |
| Домашняя одежда | - | Либоси хонагӣ |
| Домотканый | - | Хонабоф |
| Доплата | - | Иловапулӣ, изофапардохт |
| Дополнительная | - | Иловагӣ, изофа, барилова |
| Дополнительная зарплата | - | Маоши иловагӣ (пардохтҳои тибқи қонунҳои меҳнатӣ барои вақти ғайрикорӣ муқаррар гашта: ба ноболиғону ҳомиладорон барои рӯзи кории ихтисоршуда, ба беморону занҳои дар рухсати ҳомилагӣ қарордошта ва ҳ.) |
| Дополнительный отпуск | - | 1. Рухсатии иловагӣ;<br>2. Сардиҳии барилова |

| | | |
|---|---|---|
| Дополнительный эффект | - | Самари иловагӣ |
| Допороть | - | Дарондан |
| Допрясть | - | Ресида шудан |
| Допуск | - | Иҷозат, рухсат |
| Допускаемое относительное отклонение | - | Майли нисбии раво, ҷоиз |
| Допустимая температура | - | Ҳарорати раво, ҷоиз |
| Доработка | - | 1. Такмил додан, каму костро дуруст кардан, ислоҳ дарвардан<br>2. Ба охир расондан, буд кардан |
| Доработка нити | - | Ба охир расидани ресмон |
| Доработанный початок | - | Сӯтаи холишуда (аз ресмон) |
| Дорожка | - | Пойандоз |
| Доска | - | Тахта |
| Доска гладильная | - | Тахтаи дарзмолӣ |
| Доска кассейная | - | Тахтаи тақсимгар (дар мошини жаккардӣ) |
| Доска рамная, рамник | - | Тахтаи чангакнишин (дар мошини жаккардӣ) |
| Досрочно | - | Пеш аз мӯҳлат |
| Доставка груза | - | Оварда расондани бор |
| Достоверность | - | Дурустӣ, саҳеҳӣ, ростӣ, эътиборнокӣ |
| Досягаемая зона | - | Мавзеи дастрас |
| Доткать | - | Бофта шудан |
| Дошить | - | Дӯхта шудан |
| Доход | - | Даромад, фоида |

**Доходный** - **Даромаднок**

**Дралон** - **Дралон** (номи дигари наху ресмони синтетикии нитрон. Дралонро аз полиакрилонитрил дар Олмон истеҳсол мекунанд. Матои аз он бофта сабук шуста мешавад, зуд хушк мегардад, гармиро хуб нигаҳ медорад ва шаклашро ба осонӣ гум намекунад)

**Драп** - **Драп** (аз фаронсавӣ ба маънои «моҳут». Матои вазнин ва зичи пашмин, ки аз ресмонҳои аппаратати бофта мешавад. Одатан дуқабата буда, боҳампечии мураккаб дорад. Ба он гарминогузаронии баланд хос аст. Ба сатҳи абра ресмонҳои сифаташон беҳтар мебароянд. Сатҳи баъзе драпҳоро бо мақсади патбарорӣ шона мезананд. Якранг ё серранг истеҳсол мешавад. Аз он палтоҳои сабуку вазнин медӯзанд. Драпи якқабатаро бештар моҳут ном мебаранд)

**Драп-велюр** **Драп-велюр** (матои патдоре, ки аз пашми мериноси навъи баланд бофта мешавад)

**Драпировка** - **Чиндор кардан**

**Драпировочная ткань** - **Матои ороишӣ**

**Драпируемость** - **Чиндоршавӣ**

**Драпри** - **Драпри** (пардаи чиндор аз матои вазнин)

**Древесина** - **Чӯб**

**Дробильный автомат** - **Худкори майда (реза) кардан**

**Дробление волокна** - **Тақсимшавии нах** (ба нахҳои алоҳида чудошавии нахи техникӣ)

**Дроссельный клапан** - **Қапқоқи дроссел** (олати тағйирдеҳи фишори буғ, газ ё моеъ

бо роҳи тағйир додани фазои ҳаракат)

**Дублерин** - **Дублерин** (матои дурушт, ки ба як сатҳи он ширеш молида шудааст. Он барои ҳосил кардани масолеҳи дуқабата хизмат мекунад. Амалиёти дуқабатагардониро бо ёрии дарзмол иҷро мекунанд. Ширеш гудохта шуда, ба воситаи он дублерин ба масолеҳи дигар мечаспад. Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ истифода мешавад)

**Дублёнка** - **Пӯстин** (аз пӯсти ошдодашуда)

**Дублирование материала** - **Дуқабатасозии масолеҳ** (амалиёти пайваст намудани қабатҳои масолеҳи монанд ё гуногун ба воситаи кӯки ресмонӣ, бо ширеш ё ба тарзи фишор овардан пас аз гудохтани сатҳи пайвастшави яке аз қабатҳо. Бо ёрии ширеш бештар ду матоъро мечаспонанд (масалан, матои пашминро бо синтетикӣ), гудохтану фишороварӣ дар аснои часпонидани паролон ба сатҳи матои бофта ё кешбофта истифода мешавад. Дуқабата намудан имкон медиҳад, ки масолеҳи нассоҷӣ хосиятҳои нав пайдо кунад: обнагузаронӣ, ғиҷимнашавӣ ва ғ. Аз чунин масолеҳ асосан либосҳои болопӯш ва махсусгардонидашуда медӯзанд)

**Дубовый шёлкопряд** - **Абрешимреси (кирмаки) булутӣ**

**Дуга** - **Камон**

**Дуга игольная** - **Камони сӯзанӣ** (ё камони ҳалқа. Дар кешбофт қисми ресмон, ки теғаҳои ҳалқаро бо ҳам мепайвандад)

**Дуга петли** - **Камони ҳалқа** (ҳаммаънои камони сӯзанӣ)

| | | |
|---|---|---|
| Дуплекс | - | **Дуплекс** (аз лотинӣ ба маънои «дукарата». Нақшбандӣ бо ду ранг, ки дар натиҷа тасвири нимранга ба вуҷуд меояд) |
| Дуть | - | **Пуф кардан** |
| Дюрофлакс | - | **Дюрофлакс** (нахи вискозии истеҳсоли Олмон) |
| Дюшес | - | **Дюшес** (сатини ҷилодори баландсифат аз абрешим ё нахҳои кимиёӣ) |

# Е

| | | |
|---|---|---|
| Единица | - | **Воҳид** |
| Единица времени | - | **Воҳиди вақт** |
| Единица измерения | - | **Воҳиди ченак** |
| Единица продукции | - | **Воҳиди маҳсулот** |
| Единичное производство | - | **Истеҳсолоти донаҳисоб** (намуди истеҳсолот, ки маҳсулоти гуногунро якчанд донагӣ мебарорад. Бештар намунаҳои санҷишӣ истеҳсол мекунад. Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ ба он фаъолияти шӯъбаи санҷишӣ мисол шуда метавонад) |
| Единовременный | - | **Яквақта** |
| Единый | - | **Ягона, умумӣ** |
| Ежегодный | - | **Ҳарсола, ҳамасола** |
| Ежеквартальная | - | **Ҳарсемоҳагӣ** |
| Ежемесячный | - | **Ҳармоҳа** |
| Еженедельная чистка | - | **Рӯбучини ҳафтаина** (ҳафтае як бор мавзеъ ба мавзеъ тоза кардани дохили шӯъбаҳои истеҳсолӣ аз тарафи гурӯҳи махсуси фаррошон) |

| | | |
|---|---|---|
| **Естественная** | - | **Табий** |
| **Естественная длина шерсти** | - | **Дарозии табиии пашм** (дар ҳолати печтоб чен карда мешавад) |
| **Естественная сушка** | - | **Хушкгардони табий** |
| **Естественное освещение** | - | **Рўшнои табий** |
| **Естественные условия** | - | **Шароити табий** |
| **Ёмкость** | - | **1. Ғунҷоиш;**<br>**2. Зарф** |
| **Ёмкость бункера** | - | **Ғунҷоиши маҳзан** |
| **Ёмкость шпулярника** | - | **Ғунҷоиши калобадон** |

# Ж

| | | |
|---|---|---|
| Жабо | - | Жабо (1. Чин-чин аз тўр ё дока дар қисми пеши куртаи мардона ё занона. Чинҳо метавонанд озод овезон бошанд ё дар як нуқта мустаҳкам гарданд; 2. Гиребони ростистодаи куртаи мардона) |
| **Жакет** | - | **Жакет** (камзўли болопўши занона, одатан то миён) |
| **Жаккардовая** | - | **Жаккардӣ** |
| **Жаккардовая машина** | - | **Мошини жаккардӣ** (ба номи ихтироъкори фаронсавӣ Жозеф Мари Жаккар. Намуди механизми гулабандбардор барои бофтани матоъҳои калоннақш. Он дар болои дастгоҳи бофандагӣ васл карда мешавад. Ба воситаи мошини жаккардӣ матоъ ва қолинҳое истеҳсол мекунанд, ки бозгашти нақшашон чандин ҳазор ресмонро дарбар гирифта метавонад) |

**Жаккардовая ткань** - **Матои жаккардӣ** (яъне, матои калоннақш)

**Жаккардовые переплетения** - **Боҳампечиҳои жаккардӣ** (1. гурӯҳи боҳампечиҳои бофандагӣ, ки синфи алоҳидаро ташкил мекунанд, боҳампечиҳои калоннақш. Аз онҳо ҳангоми бофти матоъҳои нақшашон калону мураккаб истифода мебаранд. Бозгашти онҳо миқдори хеле зиёди ресмонҳои тору пудро дарбар мегирад: ин нишондиҳанда баъзан якчанд ҳазорро ташкил мекунад; 2. гурӯҳи боҳампечиҳо аз синфи боҳампечиҳои кешбофии омехта. Дар онҳо қатори ҳалқагӣ на танҳо худи ҳалқаҳо, балки ҷузъҳои дигари ҳалқабандӣ (партофт, кашоланӯг) –ро низ дарбар мегирад)

**Жаккардовый зевообразовательный механизм** **Механизми бодкушои жаккардӣ**

**Жаккардовый цех** - **Шӯъбаи жаккардӣ** (барои бофти матоъҳои калоннақш махсус мегардад)

**Жало** - **Дам** (хати алоқаи навардҳои афшурданӣ)

**Жгут** - **Бандина** (дастаи ресмонҳои ҳамроҳшуда)

**Жгутики** - **Бандиначаҳо** (нуқси нахи пахта)

**Жгутовая намотка** - **Печиши бандинагӣ** (нуқс дар ғалтак)

**Жгутообразование** - **Бандинапечӣ** (нуқси ҷараёни азнавпечӣ)

**Жгутораспрямитель** - **Ҳамворсози бандина**

**Жезл** - **Чӯбдаст**

| | | |
|---|---|---|
| **Желатин** | - | **Желатин** (моддаи ширешин, ки аз устухон ё пўсти ҳайвон тайёр карда мешавад. Дар раванди ширешдиҳӣ барои тайёр кардани ширеш истифода мешавад) |
| **Железный** | - | **Оҳанин** |
| **Железы шёлкопряда** | - | **Ғадудҳои кирми пилла** (аз онҳо абрешим ихроҷ мегардад) |
| **Желобок, жёлоб** | - | **Нова** |
| **Жёлоб камеры** | - | **Новаи ҳуҷрача** (сўрохии масолеҳгузар) |
| **Жёсткая** | - | **Дурушт, мазбут** |
| **Жёсткая вода** | - | **Оби дурушт** |
| **Жёсткая отделка** | - | **Пардози дурушт** (матоъ аз амалиёти оҳардиҳӣ гузашта, дағал мешавад, масалан, мадаполам) |
| **Жёсткая передача** | - | **Таҳвили мазбут** |
| **Жёсткая плёнка** | - | **Ғишои дурушт** |
| **Жёсткая рапира** | - | **Мазбутнайза** (ҷузъи пудгузарон дар баъзе дастгоҳҳои бофандагии найзагӣ) |
| **Жёсткость** | - | **Мазбутӣ, дағалӣ, дурурштӣ** |
| **Жёсткость на ощупь** | - | **Дағалӣ ҳангоми палмосидан** |
| **Жёсткость ткани** | - | **Дағалии матоъ** |
| **Животный клей** | - | **Ширеши ҳайвонӣ** (аз рагу пой) |
| **Жидкий** | - | **Моеъ** |
| **Жиклёр** | - | **Сўроха** (сўрохи андозааш тағйирёбанда, ки сарфи газ ё моеъро танзим мекунад) |

Жилет - **Жилет** (либоси болопӯши нимтанаи мардона)

Жилистость - **Чандирӣ**

Жир - **Равған**

Жиропот - **Омехтаи равған ва арақ** (моддае, ки мӯи ҳайвонотро аз берун пӯшидааст)

Жмых - **Кунҷора**

Журавлик - **Турнача** (як намуд фашанги китфаш танзимшаванда)

# З

Забоина - **Кӯфта** (нуқси матоъ дар намуди рахҳои кундалангӣ дар ягон мавзеъ бинобар баланд шудани зичии ҷойгиршавии ресмонҳои пуд. Дар дастгоҳи бофандагӣ аз сабаби дуруст кор накардани механизми аз мавқеи корӣ гирифта бурдани матоъ ба вуҷуд меояд)

Забраковать - **Сақат кардан, нуқсдор шумурдан**

Заварка шерсти - **Обҷӯш кардани пашм**

Заведующий - **Мудири анбор**

Заведующий складом - **Мудири анбор**

Заведующий фабрикой - **Мудири истеҳсолот**

Завернуть рукав - **Барзадани остин**

Завивка кокона - **Пиллапечӣ** (яке аз марҳалаҳои инкишофи кирмак)

Зависимость - **Вобастагӣ, алоқамандӣ, марбут**

Завиток - **Печак**

| | | |
|---|---|---|
| **Завихрение** | - | **Гирдбодшавӣ** |
| **Заводка нити** | - | **Ресмонгузаронӣ** |
| **Заводная машинка** | - | **Олати ресмонгузаронӣ** (дар моку) |
| **Заводская шерсть** | - | **Пашми саноатӣ** (дар заводи чармгарӣ дар натиҷаи коркарди кимиёии пӯст гирифта мешавад) |
| **Завязать** | - | **Бастан, гиреҳбандӣ кардан** |
| **Завязка** | - | 1. **Бастан;** 2. **Тасмача, камарча** (дар миёни либоси дароз) |
| **Загиб, загнуть** | - | **Ба берун қат кардан** (масалан, дар ҷои гиребон) |
| **Загладить** | - | **Ҳамвор кардан, дарзмол кардан** |
| **Заглушка** | - | **Хомӯшгар** |
| **Загнивание** | - | **Пӯсидан, тосидан** |
| **Заготовка** | - | **Захира кардан** |
| **Заготовительный пункт** | - | **Муассисаи захирасозӣ** |
| **Загрузка** | - | 1. **Пур кардан, бор кардан;** 2. **Боргирӣ** |
| **Загрузка главного барабана** | - | **Боргирии устувонаи асосӣ** (нишондиҳандаи технологии раванди ғоздиҳӣ. Миқдори масолеҳи дар тамоми сатҳи устувонаи асосии мошини ғоздиҳӣ мавҷудбударо ифода мекунад) |
| **Загрузка возвратная** | - | **Боргирии бозгаштӣ** (миқдори масолеҳи дар сатҳи поёни устувонаи асосии мошини ғоздиҳӣ мавҷудбударо ифода мекунад) |
| **Загрузка основная** | - | **Боргирии асосӣ** (миқдори масолеҳи дар сатҳи корӣ, яъне дар болои устувонаи асосии мошини ғоздиҳӣ мавҷудбударо ифода мекунад) |

| | | |
|---|---|---|
| Загрузка остаточная | - | Боргирии бозмонда (ҳаммаъно пуршавии бозгаштӣ) |
| Загрузка питающая | - | Боргирии таъминотӣ (микдоı масолеҳе, ки аз ҷузъҳои таъми гар ба сатхи устувонаи асосı мошини ғоздиҳӣ мегузарад) |
| Загрязнение волокна | - | Ифлосшавии нах |
| Загрязнённая ткань | - | Матои ифлосшуда |
| Загуститель | - | Масолеҳи ғализибахш (ба таркı би рангубори дар нақшбанди матоъ истифодашав ворид кар; мешавад. Барои иигаҳ доштан шакли расм рангуборро ба сатх матоъ дар ҳолати ғализ мегуз: ронанд. Ба сифати масолеҳ ғализибахш моддаҳоеро (оҳа| декстрин, трагант, шилм ва ғ.) и( тифода мебаранд, ки дар асно ҳал кардани онҳо дар об ё ҳанг( ми ҷӯшониданашон маҳлули ш( решнок пайдо мешавад) |
| Загустка | | Моводи ғализ |
| Задание | - | Вазифа, супориш, нақша |
| Заданная | - | Додашуда, муқарраргашта |
| Заданная влажность | - | Рутубати додашуда |
| Заданное значение | - | Қимати додашуда |
| Заданные условия | - | Шароити муқарраргашта |
| Задача | - | Вазифа |
| Задвижка | - | Ғалақа |
| Задир | - | Чимдӣ (нуқси равандҳои азнавпечӣ ва тортанӣ. Коргари хизматрасон яке аз печакҳои калоба ё наварди тортаниро канда, нӯги ресмони ғалтаки воридшударо ба он мебандад) |

| | | |
|---|---|---|
| Заднее | - | Дар ақиб, пушт, пас |
| Заднее положение | - | Мавқеи ақиб |
| Заднее полотнище юбки | - | Порчаи пушти юбка |
| Задний ряд | - | Қатори пас |
| Задрапировать | - | Чин-чин пӯшондан |
| Заедание | - | Дармондан |
| Заём | - | Вомбарг |
| Заёмщик | - | Вомгир, қарзгир |
| Зажим | - | Исканҷа |
| Заземление машины | - | Ба замин пайвастани мошин |
| Зазор | - | Роғ, тарқиш |
| Заказ | - | Фармоиш, супориш |
| Заказ разовый | - | Фармоиши якдафъагӣ |
| Заказ срочный | - | Фармоиши фавр ӣ |
| Заказное платье | - | Куртаи фармуда |
| Заказчик | - | Фармоянда, супоришдеҳ |
| Закаливание | - | Обутобдиҳӣ |
| Закатывание | - | 1. Барзадан, печондан;<br>2. Ғелонда даровардан |
| Закатывание рукава | - | Барзадани остин |
| Закладная | - | Қат-қат |
| Закладная кромка | - | Ҳошияи қат-қат (дар дастгоҳи бофандагии бемоку бо роҳи қат намуда, ба боди пасоянд дохил кардани нӯги ресмони пуд ба вуҷуд меояд) |

| | | |
|---|---|---|
| Закладное ткачество | - | Бофти қат-қат (тарзи бофти ранга аз ҳисоби ресмонҳои пуди рангин ва тори беранг. Ҳар хати кундалангии матоъ аз якчанд ресмони пуд ҳосил мешавад. Яъне, пуди рангаш муайян ба тамоми бари матоъ гузаронида нашуда, мувофиқи расм танҳо дар дарозии муайян ҷойгир мешавад. Давоми бофт дар ҳамин хати кундалангӣ бо ресмони рангаш дигар иҷро мешавад) |
| Заклей поперек основы | - | Часпиши кундаланги тор (иллати ҷараёни ширецдиҳӣ) |
| Заклёпка | - | 1. Мехпарчин кардан;<br>2. Парчинмех |
| Заклинивающая собачка | - | Дандонаки роҳбанд |
| Заключащий диск | - | Гирдаи пуррасоз |
| Заключение | - | 1. Хулоса, натиҷагирӣ, хотима;<br>2. Пуррасозӣ (яке аз зинаҳои халқабандӣ дар кешбофӣ, амалиёти аз дохили чангаки сӯзан берунравии ҳалқаи охирин басташуда) |
| Заключительная | - | Ниҳой, интиҳой, охирин, вопасин, хотимавӣ |
| Заключительная отделка ткани | - | Пардози ниҳоии матоъ (маҷмӯи амалиётҳои охирини пардоз бо мақсади холисгардонии матоъ: сайқалобдиҳӣ, хушкгардонӣ якҷоя бо васеъбарсозӣ ва ислоҳи каҷии канораҳои матоъ, тарошидан, беҷилогардонӣ, мулоимсозӣ, бахшидани камшиштӣ ва ғ. Ин равандҳо намуд ва сифати матоъро беҳтар намуда, муқовимати онро ба таъсироти гуногуни истифодабарӣ (шустан, соишхӯрӣ ва ҳ.) баланд мегардонанд. |

| | | |
|---|---|---|
| | | Маҷмӯи амалиётҳои пардози ниҳоиро сохт ва таъиноти матоъ муайян месозанд) |
| Заключительная операция | - | Амалиёти ниҳой, хотимавӣ |
| Заключительная стадия | - | Марҳилаи ниҳой |
| Закон | - | Қонун |
| Закономерность | - | Қонуниятӣ, қонунмандӣ |
| Закострённость волокна | - | Ӯзакдории нах |
| Закраина | - | Канора |
| Закрашивать | - | Ранг кардан |
| Закреп басовый | - | Устуворгардонӣ (пухтасозӣ) бо шерозабанд |
| Закрепитель | - | Устуворсоз, пухтагар |
| Закрепить, закрепление | - | 1. Мустаҳкам кардан, маҳкам намудан, пухта гардондан; 2. Вобаста гардондан, супурдан |
| Закрепка | - | Маҳкам бастан |
| Закрепление | - | Маҳкам намудан, устуворсозӣ, пухтагардонӣ |
| Закрепление конца нити | - | Маҳкам намудани нӯги ресмон |
| Закрепление крутки | - | Устуворсозии тоб |
| Закрепление печатной краски | - | Пухтагардонии (устуворсозии) ранги нақшбандӣ |
| Закреплённые веретена | - | Дукҳои вобасташуда |
| Закрепляющее переплетение | - | Боҳампечии пухтагардон (устуворсоз) |
| Закрещенная основа | - | Тори чилликишуда (иллати ҷараёни бофтан) |
| Закроить, закройка | - | Шаклбурӣ |
| Закройная | - | Барои шаклбурӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Закройная машина | - | Мошини шаклбур |
| Закройный цех | - | Шўъбаи шаклбурӣ |
| Закройщица | - | Шаклбур |
| Закручиваемость | - | Тобпазирӣ (қобилияти кешбофт) |
| Закручивание | - | Тоб додан, тобхўрӣ |
| Закрытая петля | - | Ҳалқаи пўшида (дар боҳампечии кешбофӣ агар нўгҳои ресмон баъди ташкили ҳалқаи мазкур ҳамдигарро бурида гузаранд) |
| Закрытие зева | - | Пўшидашавии бод |
| Закрытый зев | - | Боди пўшида (дар аснои як гардиши пурраи наварди асосии дастгоҳи бофандагӣ тамоми ресмонҳои тор новобаста ба намуди боҳампечии матоъ ба мавқеи мобайнӣ бармегарданд) |
| Зал ткацкий | - | Толори бофандагӣ |
| Залипы | - | Часпакҳо (нуқси матоъ) |
| Залипание | - | Часпидан |
| Заложить складку | - | Чин ба вуҷуд овардан |
| Замазка | - | 1. Хамираи молиданӣ;<br>2. Хамирамолӣ |
| Замаривание | - | Беҷонгардонӣ, маҳвсозӣ |
| Замаривание коконов | - | Беҷонгардонии пиллаҳо |
| Замаривание горячей водой | - | Беҷонгардонӣ бо оби ҷўш |
| Замаривание паром | - | Беҷонгардонӣ бо буғ |
| Замаривание под солнцем | - | Беҷонгардонӣ бо таъсири офтоб |
| Замасливание | - | Равғанолуд кардан |

| | | |
|---|---|---|
| **Замачивать, замочка** | - | **Тар кардан** |
| **Замедленное движение** | - | **Ҳаракати сустшав** |
| **Замена** | - | **Иваз кардан, дигар намудан** |
| **Замер** | - | **Чен кардан** |
| **Заметать, замётываться** | - | **Дарзпайвасти муваққатӣ** (бо мақсади устуворгардонӣ) |
| **Замин** | - | **Қатшавӣ, пахш шудан** |
| **Замин иглы** | - | **Қатшавии сӯзан** (дар мошини гиреҳбанд) |
| **Замин челнока** | - | **Пахшшавии моку** (иллати кори дастгоҳи бофандагӣ) |
| **Замкнуто-полый узор** | - | **Нақши сарбастаи дарунхолӣ** |
| **Замкнутый** | - | **Сарбаста** |
| **Замотка пуха** | - | **Печиши ботибит** (ба сатҳи ғалтак ё навард, нуқс, иллат) |
| **Замок** | - | **Қулф** |
| **Замок игольный** | - | **Қулфи сӯзанбар** (дар мошини кешбофӣ ҷузъе, ки ба сӯзанҳо бо тартиби муқарраршуда ҳаракат мебахшад) |
| **Замораживание** | - | **Яхмосонӣ** |
| **Замотать** | - | **Печондан маҳкам кардан** |
| **Замочка** | - | **Тар карда мондан** |
| **Замочная** | - | **Қулфӣ, аз қулф** |
| **Замочные клинья** | - | **Фонаҳои қулфӣ** (ҷузъҳои кории қулфи мошини кешбофӣ) |
| **Замочный механизм** | - | **Механизми қулфӣ** (яке аз олатҳои пешгир дар дастгоҳи бофандагӣ) |

| | |
|---|---|
| **Замша** | - **Ҷир** (чарме, ки бо роҳи даббоғии равғанин аз пўсти оҳу, гўсфанд ё гўсола ҳосил мешавад. Мулоими бахмалнусха буда, обнагузарон аст. Хуб ранг мешавад. Аз он ҷузъҳои либос, пойафзол, дастпўш тайёр мекунанд) |
| **Замша тканая** | - **Ҷири бофта** (матои боҳампечиаш сатин, ки сатҳи абраи онро ресмонҳои пуд хеле зич пур кардаанд. Дар аснои пардоз он аз амалиётҳои шоназанию сайқалобдиҳӣ мегузарад ва бинобар ин аз рўи намуди зоҳирӣ ва ҳангоми даст расонидан ҷири аслиро мемонад. Аз он либоси варзишӣ ва курткаҳо медўзанд) |
| **Замшевые перчатки** | - **Дастпўшаки ҷирин** |
| **Замыкание муфты** | - **Пайвастшавии васлгар** |
| **Замыкатель** | - **Пайвасттар** (ба маънои давак дар сўзанҳои кешбофии комадор ва найчагӣ. Чангаки сўзанро мекушояду маҳкам мекунад) |
| **Занавесь** | - **Парда** |
| **Занавесь ажурная** | - **Пардаи тўр** |
| **Занавесочная ткань** | - **Матои пардавор** |
| **Занашиваться, заноситься** | - **Кўҳнашавӣ** |
| **Занос щёчек** | - **Каҷии паҳлўҳо** (дар теғадастгири дастгоҳи мокудор барои равон намудани ҳаракати моку) |
| **Зантрел** | - **Зантрел** (навъи нахи полинозӣ, ки дар ИМА истеҳсол мекунанд) |
| **Зануление** | - **Ба замин пайвастан** |
| **Запаздывание** | - **Таъхир, дер мондан** |

| | |
|---|---|
| Запаковать | - Борбандӣ кардан, печонда бастан |
| Запаривание, запарка | - Буғдиҳӣ |
| Запас | - Захира |
| Запас производственный | - Захираи истеҳсолӣ (ашёи гардиши дар корхона мавҷуд буда, вале ба истеҳсолот ворид нашуда) |
| Запас прочности | - Захираи мустаҳкамӣ |
| Запасная | - Захиравӣ |
| Запасная бобина | - Калобаи захиравӣ |
| Запасные части | - Қисмҳои захиравӣ |
| Запах | - 1. Бӯй;<br>2. Бари доман |
| Запах широкий | - Домани васеъ |
| Запашная одежда | - Либоси печондагир (пораи газвор, ки ба бадан печонида мешавад, масалан, сорӣ) |
| Запирать | - Қуфл кардан, маҳкам кардан |
| Записка докладная | - Арзнома, хабарнома, ҳисоботнома |
| Записка объяснительная | - Эзоҳнома, баённома |
| Записка служебная | - Хидматнома |
| Запись | - Навишт, сабт |
| Заплата, заплатка | - Дарбеҳ, пина, поргӣ, ямоқ |
| Заплатать | - Поргӣ кардан, ямоқ кардан |
| Заплести, заплетать | - Печонида бофтан, печбофӣ |
| Запонка | - Тугмаи ороишӣ |
| Запорная собачка | - Дандонаки манъгар |

| | | |
|---|---|---|
| **Запошиватель** | - | **Олати дарзи қат** |
| **Заправка** | - | **Таъмин, ҷойгирсозӣ** |
| **Заправка безламельная** | - | **Таъмини (ҷойгирсозии) беовеза** |
| **Заправка машины** | - | **Таъмини мошин** (бо хомашё) |
| **Заправка нити** | - | **Гузаронидани ресмон, ресмонгузаронӣ** |
| **Заправка с фланками** | - | **Таъмин (ҷойгирсозӣ) бо истифодаи милаҳо** (дар мошини жаккардӣ) |
| **Заправка ткани** | - | **Ҷойгирсозии матоъ** (ба мошин) |
| **Заправка ткацкого станка** | - | **Таъмингардонии дастгоҳи бофандагӣ** |
| **Заправочная** | - | **Барои ҷойгирсозӣ, таъмин** |
| **Заправочная ширина ткани** | - | **Бари ҷойгирсозии матоъ** (дар дастгоҳ) |
| **Заправочное натяжение нити** | - | **Тарангии ибтидоии ресмон** |
| **Заправочные условия ткани** | - | **Шароити ҷойгирсозии матоъ** (таҳлили хусусиятҳои истеҳсоли он дар дастгоҳи бофандагӣ) |
| **Заправочный расчет ткани** | - | **Ҳисоби ҷойгирсозии матоъ** (ҷараёни муайян кардани нишондиҳандаҳои асосии сохти матоъ ва ҷузъҳои ивазшави дастгоҳи бофандагии барои бофти он интихобгашта) |
| **Заправочный рисунок ткани** | - | **Расми ҷойгирсозии матоъ** (нақшае, ки расми боҳампечӣ, тартиби гузаронидани ресмонҳои тор дар теғаю гулабандҳо, тартиби бодкушоиҳо ва расми буришҳои матоъро дарбар мегирад. Он пурра ва ихтисоргашта шуда метавонад ) |

| | | |
|---|---|---|
| **Запрессованный крючок** | - | **Чангаки пўшида, маҳкамшуда** |
| **Запрессовка** | - | **Зич кардан** (амали фишордиҳӣ) |
| **Запроектировать** | - | **Лоиҳа кашидан, тарҳ рехтан** |
| **Запуск** | - | **Бакорандозӣ** |
| **Запуск сырья** | - | **Бакорандозии хомашё** (оғози коркарди он) |
| **Запылённость** | - | **Чанголудӣ, серчангӣ** |
| **Заработка нити** | - | **Воридсозии ресмон** (ба таркиби матоъ) |
| **Заработок** | - | **Моҳона, музд, даромад** |
| **Заработок ежемесячный** | - | **Музди ҳармоҳа** |
| **Заработок сдельный** | - | **Музди корбаъй** |
| **Заработок средний** | - | **Музди миёна** |
| **Заработок повременный** | - | **Музди вақтбаъй** |
| **Заработок фактический** | - | **Музди воқеӣ, ҳақиқӣ** |
| **Зарисовка раскладки** | - | **Нақшаи ҷобаҷогузорӣ** |
| **Зарплата** | - | **Маош, музди кор, дастмузд** |
| **Зарплата аккордная** | - | **Маоши паймонӣ** (барои тамоми ҳаҷми кор тибқи шартнома яклухт пардохта мешавад) |
| **Зарплата дополнительная** | - | **Маоши иловагӣ** (пардохтҳои тибқи қонунҳои меҳнатӣ барои вақти ғайрикорӣ муқаррар гашта: ба ноболиғону ҳомиладорон барои рўзи кории ихтисоршуда, ба беморону занҳои дар рухсати ҳомилагӣ қарордошта ва ҳ.) |
| **Зарплата минимальная** | - | **Маоши ҳадди ақкал** |

| | | |
|---|---|---|
| Зарплата основная | - | Маоши асосӣ (вобаста ба миқдори кори иҷрокарда ё вақти дар кор будан ҳисоб карда мешавад ва пардохти вақти бекористиҳои нақшавиро низ дарбар мегирад) |
| Зарплата повременная | - | Маоши вақтбаъй (коргар музди меҳнатро вобаста ба давомнокии вақти кор карданаш мегирад) |
| Зарплата повременно-премиальная | - | Маоши вақтбаъйи мукофотдор |
| Зарплата сдельная | - | Маоши корбаъй (коргар музди меҳнатро вобаста ба миқдори кори иҷрокарда мегирад) |
| Зарплата сдельно-премиальная | - | Маоши корбаъйи мукофотдор |
| Зарубка | - | Чуқурнишона |
| Заряд | - | Заряд (миқдори қувваи электр дар ягон ҷисм) |
| Зарядка магазина шпуль | - | Пурсозии мағозаи найчаҳо (дар дастгоҳи бофандагии мокудор) |
| Зарядчик магазина шпуль | - | Таъмингари мағозаи найчаҳо |
| Заряженная шпуля | - | Найчаи ивазшуда |
| Заседание | - | Ҷаласа, маҷлис |
| Заскальный проход | - | Гузаргоҳи паси дастгоҳ |
| Заслонка | - | Сарпӯш |
| Засорённость | - | Ифлосӣ, хокрӯбадорӣ |
| Застегнуть пуговицу, застёгивать ся | - | Тугмаро гузаронидан |
| Застёжка | - | Бандак (тугма, сагаки тасма, камарча, занҷирак) |
| Застёжка молнии | - | Занҷирак |

| | | |
|---|---|---|
| Застрачивать, застрочить | - | Дӯхтани канораи қатшуда |
| Заступ | - | Шурӯъ (дар дастгоҳи бофандагӣ лаҳзаи бавуҷудоии боди нав) |
| Засучивать | - | Бегиреҳ пайвастан |
| Затармаживать | - | Манъ кардан |
| Затаск утка | - | Кашоладарории пуд (нуқси матои дар дастгоҳи мокудор бофташуда дар намуди ресмони иловагии ба матоъ воридгашта. Дар канораи матоъ, ки бо худкори найчаивазгар ҳамҳудуд аст, бинобар иллат дар кори қайчиҳои олатҳои огоҳсоз ё ҳошиядастгир ба вуҷуд меояд) |
| Затачать, затачивание | - | Дусӯзана дӯхтан |
| Затвор | - | Ғалақа |
| Заткать | - | Нақш бофтан |
| Затоваривание | - | Ғун кардани мол |
| Затормаживание | - | Манъ кардан, нигоҳ доштан |
| Затупление | - | Кундшавӣ |
| Затраты | - | Хароҷот, масриф |
| Затраты времени | - | Вақти сарфшуда |
| Затраты денежные | - | Хароҷоти пулӣ |
| Затраты материальные | - | Хароҷоти моддӣ |
| Затраты обработки | - | Хароҷоти коркард |
| Затраты переменные | - | Хароҷоти тағйирёбанда |
| Затраты постоянные | - | Хароҷоти доимӣ |
| Затраты труда | - | Хароҷоти меҳнат |

| | | |
|---|---|---|
| Затухание колебаний | - | Хомўшшавии лаппишҳо |
| Затяжка | - | Таранг кашидан, сахт кардан |
| Затягивание узла | - | Кашида сахт кардани гиреҳ |
| Заузить | - | Танг кардан |
| Заулюченность | - | Хомнахдорӣ |
| Заусенец | - | Дағар-буғур (дар сатҳи ҷисм) |
| Заутюживание края | - | Канораро дарзмол кардан |
| Заутюжить | - | Дарзмол кардан (ҳарду нўги дарз ба як тараф қат карда мешаванд) |
| Захват | - | 1. Доштан, гирифтан;<br>2. Ҷузъи доштагир |
| Захват волокон | - | Дошта гирифтани нахҳо |
| Захлёстывание нити | - | Ба чизе печидани ресмон |
| Заход | - | 1. Даромад (аз ҷумла миқдори сутунчаҳои ҳалқагӣ дар як бозгашти боҳампечии кешбофӣ)<br>2. Гузашта рафтан (аз атрофи ягон чиз) |
| Зацепление | - | Ба ҳам пайвастан |
| Зачесать, зачёсывать | - | Шона задан |
| Зачёсанный | - | Шоназада |
| Зашивание, зашить | - | Ямоқ дўхтан |
| Зашнуровать | - | Бандак гузарондан |
| Заштопать | - | Ямоқ кардан, поргӣ кардан |
| Заштриховать | - | Рах-рах кашидан, рахпўш кардан |
| Защёлка | - | Ғалақа, забонак |

| | | |
|---|---|---|
| **Защип** | - | **Чимдӣ** (нуқси равандҳои азнавпечӣ ва тортанӣ. Коргари хизматрасон яке аз печакҳои калоба ё наварди тортаниро канда, нӯги ресмони ғалтаки воридшударо ба он мебандад) |
| **Защипывание** | - | **Канда баровардан** (масалан, аз таркиби пасмондаҳои ресмон наххоро канда мебароранд) |
| **Защита** | - | **Ҳимоя** |
| **Защитный цвет** | - | **Ранги хокӣ, сабзтоб** |
| **Заявка** | - | **Дархост** |
| **Заявление** | - | **Ариза, изҳорот** |
| **Заячий мех** | - | **Мӯинаи харгӯш** |
| **Звёздочка** | - | **Ситорача** (чархи таҳвилгари занҷирӣ) |
| **Звено** | - | **Аъзо** |
| **Звукопоглощающий** | - | **Садогир** |
| **Здание** | - | **Бино** |
| **Зев** | - | **Бод** (дар дастгоҳи бофандагӣ фазои байни ресмонҳои тор, ки аз он ресмони пуд гузаронида мешавад) |
| **Зев асимметричный** | - | **Боди номутаносиб** |
| **Зев верхний** | - | **Боди боло** |
| **Зев нижний** | - | **Боди поён** |
| **Зев закрытый** | - | **Боди пӯшида** |
| **Зев открытый** | - | **Боди кушода** |
| **Зев полуоткрытый** | - | **Боди нимкушода** |

| | | |
|---|---|---|
| **Зев чистый** | - | **Боди тоза** |
| **Зев нечистый** | - | **Боди нотоза** |
| **Зев симметричный** | - | **Боди мутаносиб** |
| **Зев смешанный** | - | **Боди омехта** |
| **Зев центральный** | - | **Боди марказӣ** |
| **Зевообразование** | - | **Бодкушоӣ** |
| **Зевообразовательный механизм** | - | **Механизми бодкушо** |
| **Зеиновое волокно** | - | **Нахи зеинӣ** (аз сафедаҳои растанигӣ гирифта мешавад) |
| **Зёрна крахмала** | - | **Заррачаҳои крахмал** |
| **Зернистость поверхности** | - | **Сердонагии сатҳ** |
| **Зефирин** | - | **Зефирин** (матои пахтагин барои куртаҳои мардона, ки аз ресмонҳои тофтаи сафедшуда ба воситаи боҳампечии суф бофта мешавад. Қад-қади ресмонҳои тор рахҳои борики сафеду ранга дорад, ки аз ҳисоби танибандҳо ба вуҷуд меоянд. Шабеҳи шифон аст. Аз ресмонҳои шонареси 14,3 текс дар тор ва 11,8 текс дар пуд бофта мешавад. Пуршавии матоъ бо ресмонҳои тору пуд - 58 ва 45%, зичии сатҳияш 95г/м$^2$. Газвори мустаҳками камёзиш (то 4%) |
| **Зигзагообразная** | - | **Каҷу килеб, шикаста** |
| **Зигзагообразная саржа** | - | **Ласи каҷу килеб** |
| **Зигзагообразные переплетения** | - | **Боҳампечиҳои каҷу килеб** (гурӯҳи боҳампечиҳои кешбофӣ аз синфи боҳампечиҳои мураккаб, ки барои ҳосилшавии онҳо иҷрои амалиётҳои иловагӣ (геҷонидани ҳалқа, дар ҳалқа ҷойгир кардани ду ресмон ва ғ.) талаб карда мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| Зимние ткани | - | Матоъҳои зимистонӣ (аз онҳо либоси гарм медӯзанд. Масалан, матоъҳои пахтагини байка, бумазея, фланел, ки сатҳи шоназада доранд) |
| Златоткань | - | Матои зарбоф |
| Змеевик | - | Найчаи морпеч |
| Змеевик глухого пара | - | Найчаи морпеч барои буғи истифодашуда |
| Знак | - | Аломат, нишона |
| Знак перекрытия | - | Аломати пӯшида (дар боҳампечӣ ба ресмони тор ё пуд дахл допитани пӯшидаро ифода мекунад) |
| Знак сдвига перекрытий | - | Аломати гечиши пӯшидаҳо (дар боҳампечӣ, он мусбат ё манфӣ шуда метавонад) |
| Значение | - | 1. Моҳият, аҳамият;<br>2. Қимат |
| Значение оптимальное | - | Қимати муносиб |
| Значение отрицательное | - | Қимати манфӣ |
| Значение повышенное | - | Қимати баландшуда |
| Значение показателя | - | Қимати нишондиҳанда |
| Значение пониженное | - | Қимати пасттар |
| Значение приемлемое | - | Қимати қобили қабул |
| Зола | - | Хокистар |
| Золить | - | Ишқор додан |
| Золотошвейка | - | Чевари зардӯз |
| Зольник | - | Хокистардон |
| Зона | - | Мавзеъ , доира |
| Зона видимости | - | Доираи биниш, дидашав |

| | | |
|---|---|---|
| Зона досягаемая | - | Мавзеи дастрас |
| Зона обслуживания | - | 1. Мавзеи хизматрасонӣ;<br>2. Миқдори дастгоҳҳои идорашав (яз тарафи як нафар) |
| Зона обзора | - | Доираи назар |
| Зона рабочая | - | Мавзеи корӣ |
| Зона ремонта | - | Мавзеи таъмир |
| Зона ремизки смежная | - | Мавзеи ҳамҳудуди гулабанд (дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо ҳангоми бофтани дубара ё себара ҷой дорад. Дар ин қисми гулабанд ресмонҳои тори ба матоъҳои гуногун дахлдошта гузаронида мешаванд. Ҳошиябандҳои марказии дастгоҳ дар ҳудуди ҳамин қисм ҷойгир мешаванд) |
| Зона средняя | - | Мавзеи мобайнӣ |
| Зонтичная ткань | - | Газвори чатрбоб |
| Зрелость волокна | - | Пухтагии нах |
| Зрелый | - | Пухта |
| Зрельник | - | Олати пухтарасонӣ |
| Зуб | - | Дандонаи теға |
| Зуб берда | - | Дандонаи теға (1. як лавҳаи он; 2. фазои байни ду лавҳа, ки аз он ресмони тор гузаронида мешавад) |
| Зуб гарнитуры | - | Дандонаи зевар (дар устувонаи асосии мошини ғоздеҳ) |
| Зуб колеса (шестерни) | - | Дандонаи чарх |
| Зубья | - | Дандонаҳо |

| | | |
|---|---|---|
| **Зубринка** | - | **Нӯг** (охири чангаки сӯзани чангакии кешбофӣ, ки дар аснои пӯшидани чангак ба комаи тири сӯзан ворид мешавад) |
| **Зубчатая** | - | **Дандонагӣ, дандонадор** |
| **Зубчатая передача** | - | **Таҳвили дандонагӣ** |
| **Зубчатая рейка** | - | **Зеҳи дандонадор** |
| **Зубчатое колесо** | - | **Чархи дандонадор, дандоначарх** |
| **Зубчатый сектор** | - | **Нимчархи дандонадор** |
| **Зубчик** | - | **Дандонача** |

# И

| | | |
|---|---|---|
| **Игла** | - | **Сӯзан** |
| **Игла движковая** | - | **Сӯзани давакдор** (сӯзани кешбофӣ, ки аз ду ҷузъ иборат аст ва ин ҷузъҳо аз механизмҳои мустақил ҳаракат мегиранд. Сӯзанҳои комадор ва найчагӣ давакдор мебошанд) |
| **Игла двухголовочная** | - | **Сӯзани қӯшсарак** (барои истеҳсоли кешбофти дуостарӣ истифода мешавад) |
| **Игла контрольная** | - | **Сӯзани назоратӣ** |
| **Игла крючковая** | - | **Сӯзани чангакӣ** (сӯзани кешбофие, ки нӯги чангаки он дар аснои пӯшидашавӣ ба тири сӯзан омада мерасад) |
| **Игла крючковая сдвоенная** | - | **Сӯзани чангакии дучанда қӯшшуда** (барои истеҳсоли кешбофти дуостарӣ хизмат мекунад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Игла-крючок** | - | **Чангаксӯзан** (ба воситаи он кешбофти дуостарӣ истеҳсол мекунанд) |
| **Игла пазовая** | - | **Сӯзани комадор** (як намуд сӯзани давакдор, ҷузъи мошини кешбофӣ. Ҳангоми кушодашавии сӯзан даваки он вориди кома мегардад) |
| **Игла-петлитель** | - | **Сӯзани ҳалқагар** (дар истеҳсолоти кешбофти дуостарӣ истифода мешавад) |
| **Игла плоская** | - | **Сӯзани ҳамвор** |
| **Игла с заострённой головкой** | - | **Сӯзани нӯгтез** (ба воситаи он кешбофти дуостарӣ истеҳсол мекунанд) |
| **Игла согнутая** | - | **Сӯзани қатшуда** |
| **Игла стёгальная** | - | **Сӯзани лагандазанӣ** |
| **Игла считывающая** | - | **Сӯзани кортхон** (дар кареткаи гулабандбардор ва мошини жаккардӣ. Дар корт мавчуд будани сурохиро пайхас намуда, дар ин бора ) |
| **Игла трубчатая** | - | **Сӯзани найчагӣ** (як намуд сӯзани давакдор, ҷузъи мошини кешбофӣ. Тири дарунхолӣ дорад. Барои кушодашавии сӯзан даваки он дар дохили мила мегечад) |
| **Игла швейная** | - | **Сӯзани дӯзандагӣ** |
| **Игла ушковая** | - | **Сӯзани гӯшакдор** (дар мошини кешбофӣ ҷузъи ресмонбар, ки бо ресмон сӯзани ҳалқапарторо таъмин мекунад. Ресмон аз гӯшак, яъне сӯрохии он гузаронида шудааст. Барои ҳар сӯзани ҳалқапарто як сӯзани гӯшакдор муқаррар мегардад. Сӯзанҳои гӯшакдоре, ки ресмонҳои як наварди кешбофиро идора мекунанд, дар як шонача васл мегарданд) |

| | | |
|---|---|---|
| Иглы шляпочная | - | **Сӯзани сарпӯшак** (дар мошини ғоздиҳӣ) |
| Игла штопальная | - | **Сӯзани ямоқзанӣ** |
| Игла язычковая | - | **Сӯзани забонакдор** (сӯзани кешбофие, ки дар аснои пӯшидашавӣ забонаки он давр зада, бо чангаки сӯзан нӯг ба нӯг васл мешавад) |
| **Игловодитель** | - | **Сӯзанбарак** |
| **Иглодержатель** | - | **Сӯзандон, сӯзанмонак** |
| **Иглопробивной нетканый материал** | - | Масолеҳи нобофтаи сӯзанзада (намуди маснуоти нобофта, ки дар натиҷаи чигил намудани наххои катон ва ба воситаи сӯзани дандонадор бахия задани онҳо ҳосил мешавад. Технологияи мазкур дурнамои хуб дорад, ҳосилнокии таҷҳизоти истифодашав аз 5 м/дақ бештар аст. Чунин масолеҳро ба сифати қолин, кампал, ҳамчун моҳут ва ғ. истифода мебаранд) |
| **Иголка** | - | **Сӯзанча** |
| **Игольная** | - | **Сӯзандор, сӯзанпӯш** |
| Игольная дуга | - | **Камони сӯзанӣ** (ё камони ҳалқа. Дар кешбофт қисми ресмон, ки тегаҳои ҳалқаро бо ҳам мепайвандад)) |
| Игольное ушко | - | **Сӯрохи сӯзан** |
| Игольный замок | - | **Қулфи сӯзанбар** (дар мошини кешбофӣ ҷузъе, ки ба сӯзанҳо бо тартиби муқарраршуда ҳаракат мебахшад) |
| Игольный цилиндр | - | **Устувонаи сӯзанпӯш** |
| **Игольник** | - | **Сӯзанмонак** |

**Игольница** - **Сӯзандон** (ҷузъи мошини кешбофӣ, ки дар комаҳои он сӯзанҳо ҳаракат мекунанд ё худ ҳамроҳи сӯзанҳо ҳаракат мекунад. Ҳамвор ё муддавар буда метавонад)

**Игольчатая** - **Сӯзандор, сӯзанпӯш**

**Игольчатая лента** - **Тасмаи сӯзанпӯш**

**Игольчатый прибор** - **Олати сӯзанпӯш**

**Игра навоя** - **Алвонҷхӯрии наварди бофандагӣ**

**Идентичный** - **Айнан, комилан монанд, баробар**

**Избыточный** - **Барзиёдӣ, иловагӣ**

**Изветшалый** - **Фарсуда, фартут, шалақ, кӯҳнашуда**

**Извещение** - **Огоҳинома, хабарнома**

**Извив** - **Печиш**

**Извитость** - **Печтобдорӣ**

**Извитые нити** - **Ресмонҳои печтоб** (як намуди ресмонҳои мураккаб (калонҳаҷм). Онҳоро бештар ба тарзи чиндор намудан ҳосил мекунанд: ресмони синтетикиро дар ҳуҷрагӣ махсус бо зичии баланд ҷойгир намуда, дар ҳамин ҳолат ба коркарди гармо дучор мекунанд (ресмони гофрон). Ба тарзи дигар ресмони синтетикиро аз теғи лавҳаи пӯлодин мегузаронанд ва масолеҳ дучори деформатсияи мураккаб мегардад. Дар натиҷа ресмонҳои алоҳидаи бетақсими таркиби он шакли морпечро соҳиб мешаванд (ресмони рилон). Ресмони печтобро бо роҳи кешбофӣ низ ҳосил кардан мумкин аст. Дар мошини *кешбофӣ ресмонҳои чандтораи* чандирияташон аз ҳарорат во-

бастаро ба газвор табдил медиҳанд. Баъди коркарди гармо газворро мекушоянд: ресмонҳои озодшуда соҳиби печтобҳои устувор мебошанд)

| | | |
|---|---|---|
| **Изгиб** | - | **Қатшавӣ, қат кардан** |
| **Изготовитель** | - | **Истеҳсолгар** |
| **Изготовление** | - | **Тайёр кардан, истеҳсол** |
| **Изделие** | - | **Маҳсулот, маснуот** |
| **Изделие валяльно-войлочное** | - | **Маснуоти намадин** |
| **Изделие выпускаемое** | - | **Маснуоти истеҳсолшав** |
| **Изделие вязаное** | - | **Маснуоти ҳалқабаста** |
| **Изделие галантерейное** | - | **Маснуоти чарчинворӣ, атторӣ** (тасма, тугма, дастпӯшак ва ғ.) |
| **Изделие массового спроса** | - | **Маснуоти серталаб** |
| **Изделие меховое** | - | **Маснуоти мӯина** |
| **Изделие кручёное** | - | **Маснуоти тофта** (ресмони дӯзандагӣ, таноб, банд, чилбур ва ғ.) |
| **Изделие лоскутное** | | **Маснуоти қуроқӣ** (аз латтапора дӯхташуда) |
| **Изделие ниточное** | - | **Маснуоти ресмонӣ** (маҷмӯи ресмонҳои барои гулдӯзӣ ва кешбофии дастӣ таъингашта) |
| **Изделие плетёное** | - | **Маснуоти тӯрбоф** |
| **Изделие полурегулярное** | - | **Маснуоти ниммунтазам** (дар кешбофӣ ҳаммаънои ё як либосвор) |
| **Изделие регулярное** | - | **Маснуоти мунтазам** (1. сохти бонизом дорад; 2. дар кешбофӣ ҳаммаънои маснуоти донагӣ) |

| | | |
|---|---|---|
| Изделие текстильное | - | Маснуоти нассоҷӣ (ресмон, газвор, қолин ва ғ.) |
| Изделие тканое | - | Газвори бофта, матоъ |
| Изделие трикотажное | - | Маснуоти кешбофта |
| Изделие штучное | - | Маснуоти донаҳисоб (рӯймол, қолин ва ғ.) |
| Издержки | - | Хароҷот, сарф |
| Издержки производства | - | Хароҷоти истеҳсол |
| Излишки шлихты | - | Пасмондаи ширеш |
| Излом | - | Шикастан |
| Излучение | - | Нурафканӣ |
| Измазать | - | Молидан |
| Измельчение | - | Майда-майда кардан, пора-пора кардан |
| Изменение, изменить | - | Тағйир додан, дигаргун кардан |
| Изменение необратимое | - | Тағйироти бебозгашт |
| Изменение обратимое | - | Тағйироти бозгардон |
| Изменчивый | - | Тағйирёб, бадалёб |
| Изменчивость | - | Тағйирпазирӣ, нодоимӣ |
| Измерение | - | Чен кардан, андозагирӣ |
| Измерение фигуры | - | Андозагирии қомат |
| Измеритель | - | Андозагир |
| Измерительный прибор | - | Асбоби андозагирӣ (барои чен кардан) |
| Измерить | - | Андоза гирифтан, чен кардан |
| Измочить | - | Тар кардан |

| | | |
|---|---|---|
| **Измятый** | - | **Ғиҷимгашта** |
| **Изнанка** | - | **Остар, таг, пушт, чаппа** |
| **Изнаночная** | - | **Остарӣ, аз таг** |
| **Изнаночная петля** | - | **Ҳалқаи остар** |
| **Изнаночная сторона** | - | **Тарафи остар** |
| **Изнаночное переплетение** | - | **Боҳампечии остарӣ** (як намуд боҳампечии кундалангҳалқагӣ барои ҳосил кардани кешбофти дучанда) |
| **Изнашиваемость** | - | **Фарсоишпазирӣ** (қобилият) |
| **Изнашивание, износ** | - | **Фарсоиш, фарсудашавӣ, кӯҳнашавӣ** (1. тағйирёбии андозаҳои геометрии ҷисм дар асной истифодабарӣ; 2. бо мурури вақт пастшавии арзиши истеъмолии захираи асосӣ) |
| **Износостойкость, износоустойчивость** | - | **Фарсоишнопазирӣ** (қобилият) |
| **Изношенность одежды** | - | **Фарсудагии (кӯҳнагии) либос** |
| **Изобарный процесс** | - | **Раванди доимфишор** |
| **Изображение** | - | **Тасвир, расм** |
| **Изобретатель** | - | **Ихтироъгар** |
| **Изобретение** | - | **Ихтироъ** |
| **Изогнутый конец нити** | - | **Нӯги қатшудаи ресмон** |
| **Изолирование** | - | **Ҷудо кардан** |
| **Изоляционный материал** | - | **Масолеҳи ҳимоягар** |
| **Изоляция** | - | **Ҳимоя** (аз барқ, ҳарорат, бемори ва ҳ.) |
| **Изорвать** | - | **Дарондан** |

| | | |
|---|---|---|
| Изотермический процесс | - | Раванди доимҳарорат |
| Изохорический процесс | - | Раванди доимҳаҷм |
| Израсходовать | - | Харҷ (сарф) кардан |
| Изреженный | - | Сирак, зичияш паст |
| Изучение | - | Омӯзиш, тадқиқ, таҳқиқ |
| Изыскание | - | Кофтуков, ҷустуҷӯ |
| Изысканная ткань | - | Матои нозук, латиф |
| Изъян | - | Нуқсон, айб, камбудӣ, иллат |
| Изъятие | - | Гирифтан, аз истеъмол баровардан |
| Имитация креповой ткани | - | Тақлиди матои ҷилвон |
| Имитировать | - | Тақлид намудан |
| Импорт товаров | - | Воридоти молҳо |
| Импрегнирование ткани | - | Обногирсозии матоъ (аз лотинӣ ба маънои «пур кардан». Нам кардани матоъ дар маҳлулҳо ё нимширешҳои махсус бо мақсади ба даст овардани хосиятҳои муайян – ғиҷимнашавӣ, тарнашавӣ ва ҳ.) |
| Импульс | - | Майли ҳаракат (аз лотинӣ ба маънои «тела додан». ) |
| Имущество | - | Дорой, сарват, молу мулк |
| Инвентаризация | - | Баҳисобгирии ҷиҳоз (маҷмӯи асбобу анҷоми муассиса, хоҷагӣ) |
| Инвентарный номер | - | Рақами ҷиҳозӣ |
| Инвентарь | - | Ҷиҳоз (маҷмӯи асбобу анҷоми муассиса, хоҷагӣ) |
| Инвестор | - | Сармоягузор |

| | | |
|---|---|---|
| **Инвестиция** | - | **Маблағгузорӣ, сармоягузорӣ** |
| **Индекс** | - | **Нишондиҳанда, рӯйхат** |
| **Индивидуальная** | - | **Шахсӣ, фардӣ, алоҳида** |
| **Индивидуальная сдельная оплата труда** | - | **Пардохти корбаъйи фардии музди меҳнат** (низоми пардохти ҳаққи кори коргарони асосӣ: ресандаҳо, тобдеҳҳо, печишгарон, бофандаҳо ва ғ.) |
| **Индивидуальное производство** | - | **Истеҳсолоти шахсӣ** |
| **Индивидуальный пошив** | - | **Дӯхти шахсӣ** |
| **Индивидуальный рабочее место** | - | **Ҷои кори фардӣ** |
| **Индивидуальный ремонт** | - | **Таъмири алоҳида** |
| **Индиго** | - | **Нил** (ранги синтетикии кабуди баланд, ки қаблан аз растанӣ гирифта мешуд) |
| **Индикатор** | - | **Инъикосгар** (аз лотинӣ ба маънои «нишондиҳанда». Василте, ки рафти раванд ё ҳолати чизи тадқиқшав, тавсифҳои сифатию миқдории онро инъикос мекунад) |
| **Индустрия** | - | **Саноат** (аз лотинӣ ба маънои «фаъолият») |
| **Инертность** | - | **Ташаббуснопазирӣ** |
| **Инженер** | - | **Муҳандис** |
| **Инженер главный** | - | **Сармуҳандис** |
| **Инженерно-технические работники** | - | **Кормандони муҳандисӣ-техники** |
| **Инкубаторий** | - | **Муассисаи зиндагардонӣ** (манзили махсусгашта барои зиндагардонии тухми кирмак) |

| | | |
|---|---|---|
| **Инерция** | - | **Инерсия** (аз лотинӣ ба маънои «беҳаракатӣ, бефаъолиятӣ». Қобилияти нигоҳдории ҳолати пештараи ҷисм) |
| **Инспектор** | - | **Нозир** |
| **Инспекция** | - | 1. **Назорат** (аз лотинӣ ба маънои «назорат, мушоҳида». Низоми назорати дурустии фаъолияти шахсҳо ё муассисаҳои тобеъ);<br>2. **Нозирот** (хадамот) |
| **Инструктаж** | - | **Дастурдиҳӣ** |
| **Инструктор производственного обучения** | - | **Дастурдеҳи таълими истеҳсолӣ** |
| **Инструкция** | - | **Дастур** |
| **Инструмент** | - | **Асбоб, олат** |
| **Интарзийное переплетение** | - | **Боҳампечии интарзӣ** (истифодаи он имкон медиҳад, дар кешбофт қисмҳои алоҳида аз ресмонҳои рангашон гуногун бофта шаванд) |
| **Интенсивность** | - | **Шиддатнокӣ** |
| **Интенсивность дискретизации** | - | **Шиддатнокии ҷудосозӣ (порасозӣ)** |
| **Интенсивность поля сил трения** | - | **Шиддатнокии майдони қувваҳои соишдеҳ** |
| **Интенсивность шлихтования** | - | **Шиддатнокии ширешдиҳӣ** |
| **Интенсивная** | - | **Шиддатнок, пуршиддат, бошиддат** |
| **Интенсивная обработка** | - | **Коркарди пуршиддат** |
| **Интенсивное использование оборудования** | - | **Истифодаи шиддатноки таҷҳизот** (нишондиҳандае, ки ҳосилнокии истифодабарии таҷҳизотро инъикос мекунад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Интервал** | - | **Фосила, муддат** |
| **Интервал времени** | - | **Фосилаи (муддати) вақт** |
| **Интервал значений** | - | **Фосилаи қиматҳо** |
| **Интерлок** | - | **Интерлок** (ё мошини дуластикӣ. Намуди таҷҳизоти кешбофии дорои ду сӯзандон. Дар он сӯзанҳое, ки ба сӯзандонҳои болою поён тааллуқ доранд, дар муқобили якдигар ҷойгир шудаанд) |
| **Интерлочная машина** | - | **Мошини интерлокӣ** |
| **Интерлочное переплетение** | - | **Боҳампечии интерлокӣ** (ё дуластик. Боҳампечии кешбофии кундалангии ҳосилавӣ, ки дар натиҷаи ҳамҷояшавии ду намуд ластик ҳосил мешавад. Дар он сутунчаҳои ҳалқагии як ластик дар байни сутунчаҳои ҳалқагии ластики дигар ҷойгир мешаванд. Ба воситаи мошини дорои ду сӯзандон ба вуҷуд меояд) |
| **Интерьер комнаты** | - | **Намуди дохили хона** |
| **Инфляция** | - | **Беқурбшавии пул** |
| **Инфраструктура** | - | **Зертаркиб** (қисмҳои ташаккулгари сохти умумии хоҷагидорӣ) |
| **Информация** | - | **Ахборот, маълумот** |
| **Ион** | - | **Ион** (атом ё гурӯҳи атомҳои барқнок) |
| **Ионизатор нитей** | - | **Олати иондорсози ресмонҳо** (бо роҳи нурафкании сахт ресмонҳоро дар асноҳи тортании безаряд мегардонад) |
| **Ионизация воздуха** | - | **Иондоршавии ҳаво** |
| **Ирис** | - | **Савсан** (ресмони дутораи ҳарранга барои гулдӯзӣ ва кешбофии дастӣ таъингашта, ки сайқалоб хӯрдааст) |

| | | |
|---|---|---|
| **Искажение** | - | **Вайрон (таҳриф, ғалат) кардан** |
| **Искажение рисунка** | - | **Вайронии нақш, каҷшавии он** |
| **Искомое значение** | - | **Бузургии матлуб, кофташав** |
| **Искра** | - | **Шарора** |
| **Искусственная замша** | - | **Ҷири сунъӣ** (дар натиҷаи бо ширеши резинӣ тар намудани матои патдор ҳосил мешавад. Ба тарзи дигар аввал ба сатҳи матоъ ширеш молида, сипас ба он наххои пахтагин мерезанд) |
| **Искусственные волокна** | - | **Нахҳои сунъӣ** (дар заводи кимиёӣ аз полимери табиӣ ташаккул ёфтааст: нахҳои атсетатӣ, триатсетатӣ, вискоза, мису-аммиакдор, зеин, казеин. Бори нахуст нахи сунъиро соли 1891 аз маҳлули нитроселлюлоза ҳосил кардаанд. Раванди технологии истеҳсоли нахҳои сунъӣ аз марҳилаҳои зерин иборат аст: тайёр кардани маҳлул ё гудохтаи полимер; ташаккули нах; пардози нах) |
| **Искусственный шелк** | - | **Абрешими сунъӣ** |
| **Испарение** | - | **Буғшавӣ, бухоршавӣ** |
| **Испарительная способность** | - | **Қобилияти хушкгардонӣ** |
| **Испачкать** | - | **Ифлос кардан** |
| **Исподнее бельё** | - | **Либоси таг** |
| **Исподний** | - | **Остар, таг, чаппа, пушт** |
| **Исподники** | - | **Эзори мардона** |
| **Исподница** | - | **Куртаи таг, юбкаи таг** (занона) |
| **Исполнитель** | - | **Иҷрогар, коргар** |
| **Исполнительный механизм** | - | **Механизми иҷрогар** |

| | | |
|---|---|---|
| Исполосовать | - | Рах-рахбурӣ |
| Использование | - | Истифодабарӣ |
| Использование оборудования | - | Истифодаи таҷҳизот |
| Использование оборудования интенсивное | - | Истифодаи шиддатноки таҷҳизот (нишондиҳандае, ки ҳосилнокии истифодабарии таҷҳизотро инъикос мекунад) |
| Использование оборудования экстенсивное | - | Истифодаи бешиддати таҷҳизот (нишондиҳандае, ки вақти истифодабарии таҷҳизотро бе назардошти ҳаҷми истеҳсол инъикос мекунад) |
| Использование сырья | - | Истифодаи хомашё |
| Испытание | - | Санҷиш, озмоиш |
| Испытание на изгиб | - | Санҷиши қатшавӣ |
| Испытание на усталость | - | Санҷиши мондашавӣ |
| Испытуемый образец | - | Намунаи санҷидашав |
| Исследование | - | Тадқиқ, таҳқиқ |
| Исследователь | - | Тадқиқотчӣ, таҳқиқгар |
| Исстрачиваться | - | Сарфшавӣ, харҷ шудан |
| Иссушить | - | Хушк кардан |
| Истереть | - | Соидан |
| Истёртый | - | Хӯрдашуда |
| Истинная | - | Ҳ ақиқӣ |
| Истинная длина шерсти | - | Дарозии ҳақиқии пашм (дар ҳолати аз печтобҳо озодшуда чен карда мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| Истинный приклей | - | Ширешнокии ҳақиқӣ (нишондиҳандаи технологие, ки афзоиши вазни ресмонҳоро дар натиҷаи раванди ширешдиҳӣ бо назардошти тағйирёбии намнокии онҳо ифода мекунад) |
| Истирание | - | Соишхӯрӣ, хӯрдашавӣ |
| Истирающее воздействие | - | Таъсири соишдеҳ |
| Источник | - | Манбаъ, сарчашма |
| Истощение | - | Камшавӣ |
| Истрёпанный | - | 1. Фарсудашуда; 2. Титшуда |
| Исходная | - | Ибтидоӣ, аввала |
| Исходные данные | - | Рақамҳои ибтидоӣ |
| Исходные нити | - | Ресмонҳои ибтидоӣ (масалан, абрешими хом) |
| Исходящий | - | Содира, бароянда |
| Исчезновение | - | Нестшавӣ, гумшавӣ, ғайб задан, нопадид шудан |
| Исчисление | - | Ҳисоб кардан |
| Итог | - | Маҷмӯа, ҷамъбаст, хулоса |
| Итого | - | Ҷамъан, ҳамагӣ |

# К

| | | |
|---|---|---|
| Кабель | - | Сими чандтор (як ё якчанд ноқили ҳимояшуда, ки дар дохили қабати умумии ҳавонагузар ҷойгир шудаанд) |

| | | |
|---|---|---|
| **Кабинет** | - | **Утоқ, хонаи кор** (ҳуҷраи махсусгардонидашуда) |
| **Каёмка** | - | **Нақши канора** |
| **Казеиновое волокно** | - | **Нахи казеинӣ** (аз лотинӣ ба маънои «панир». Аз сафедаи шир истеҳсол мешавад) |
| **Казинет** | - | **Казинет** (матои пахтагин, пашмин ё таркибаш омехтаи якранг, боҳампечиаш лас. Аз он барои амалдорони хурд либоси расмӣ медӯхтанд) |
| **Кайма** | - | **Нақши канора** |
| **Каландр** | | **Мошини сайқалдеҳ** (аз фаронсавӣ ба маънои «ялаққосӣ кардан». Мошини пардоздиҳии иборат аз маҷмӯи навардҳои фишордеҳ (аз 2 то 20) |
| **Каландрирование** | - | **Сайқалдиҳӣ** (раванди аз байни якчанд ҷуфти навардҳо дар зери фишор гузаронидани матоъ, коғаз, резина ё дигар масолеҳ. Дар натиҷа масолеҳ зич, суфта, ялаққосӣ мегардад. Бо ин роҳ бо мақсади ҳосил кардани расми барҷаста нақшкӯбии масолеҳро низ иҷро мекунанд. Дар ин сурат сатҳи яке аз навардҳои ҷуфт нақши барҷаста дорад) |
| **Календарный фонд времени** | - | **Захираи тақвимии вақт** |
| **Калибр** | - | **Қолиб** (андоза, шакл ё сифати чизе) |
| **Калон** | - | **Калон** (ресмони чандтораи омехта, ки дар натиҷаи ҳамроҳ тофтани ресмони калонҳаҷми триатсетатӣ ва ресмони полиэфирӣ ҳосил шудааст) |
| **Калорифер** | - | **Ҳавотафсон** (асбоб барои гарм кардани ҳавои дохили манзил) |

| | | |
|---|---|---|
| Калька | - | Шафофа (коғази баландсифати шафоф ё матои тунуки пахтагин, ки барои баланд шудани шафофият дар маҳлулҳои равған, қатрон ё мум тар карда шудааст. Барои нусхабардории нақшаю расмҳо истифода мешавад) |
| Калькуляция | - | Муҳосибаи харҷ (аз лотинӣ ба маънои «ҳисоб кардан». Ҳисоб намудани арзиши воҳиди маҳсулот ё кори иҷрошуда) |
| Кальсоны | - | Эзори таг |
| Камбий | - | Камбий (пардаи пӯсти пояи растанӣ, ки аз даруни он пӯстлох пайдо мешавад) |
| Камвольная | - | Камволӣ (аз олмонӣ ба маънои «пашми шоназада». Ресмон ё матои пашмини сифаташ баланд) |
| Камвольная пряжа | - | Ресмони камволӣ |
| Камвольная ткань | - | Матои камволӣ |
| Камвольное прядение | - | Ресидани камволӣ (дар истеҳсолоти пашмресӣ тарзи ресидани шонавиро баъзан чунин меноманд) |
| Камера | - | Ҳуҷрача (хона ё ҷои махсусгардонидашуда, аз он ҷумла чун қисми даруниии мошин ё асбоб) |
| Камера вентиляционная | - | Ҳуҷрачаи ивази ҳаво |
| Камера воздушная | - | Ҳуҷрачаи ҳавогард |
| Камера нагревательная | - | Ҳуҷрачаи ҳавотафсон |
| Камера обеспыливания | - | Ҳуҷрачаи чангбарор |
| Камера отстойная | - | Ҳуҷрачаи таҳшингардонӣ |
| Камера пыльная | - | Ҳуҷрачаи чангшин |

| | | |
|---|---|---|
| Камера смесовая | - | Ҳуҷрачаи омехтан |
| Камера сушильная | - | Ҳуҷрачаи хушкгардон |
| Камера увлажнительная | - | Ҳуҷрачаи намибахш |
| Камера угарная | - | Ҳуҷрачаи партовҳо |
| Камера фильтровальная | - | Ҳуҷрачаи полоиш |
| Камерная | - | Ҳуҷрачагӣ |
| Камерная сушка | - | Хушкгардонии ҳуҷрачагӣ (ба воситаи ҳавои гарм) |
| Камерная прядильная машина | - | Мошини ресандагии ҳуҷрачагӣ |
| Камерная шлихтовальная машина | - | Мошини ширеҷдиҳии ҳуҷрачагӣ |
| Камерное прядение | - | Ресиши ҳуҷрачагӣ (яке аз тарзҳои ресиши бедук. Маҳсулоти ба мошини ресандагӣ воридшуда аввал ба нахҳои алоҳида тақсим мешавад, сипас нахҳо дар шакли пилтаи ғоза ҷамъ шуда, тофта мешаванд ва баъдан ресмони ҳосилшуда ба калоба мепечад. Амалиётҳои ташаккули пилтаи ғоза ва тобдиҳии он дар дар дохили ҳуҷрача мегузаранд) |
| Камзол | - | Камзӯл (либоси ба бадан часпидаи мардона, дарозияш то зону) |
| Камка | - | Кимхо (матои калоннақши бо гулҳо орододашуда, одатан абрешимини якранга. Бо истифода аз мошини жаккардӣ ё бо роҳи бофти нақшини дастӣ ҳосил мекарданд. Заминаи он хира ва нақшаш ҷилодор буд. Аз ин рӯ замина ва нақш ба воситаи боҳампечиҳои гуногун бофта мешуданд, масалан бо боҳампечиҳои атласу суф. Аз ҳисоби инъикоси гуногуни рӯшноӣ аз |

сатҳи заминаю нақш ба мисли парча ба мавҷзанӣ медаромад. Дамасту брокад – номҳои дигари ҳамин матоъ мебошанд)

Камлот - **Камлот** (аз лотинӣ ба маънои «уштур». Матои нахуст пашмин ва баъдан пахтагин низ барои либоси болопӯши мардонаю занона. Навъҳои қимати онро аз пашми уштур ё бузи ангор бо омехта кардани абрешим мебофтанд. Ин ба сатҳи матооъ ковокию мулоимӣ мебахшид. Намунаҳои арзони камлотро аз пахта истеҳсол мекарданд. Ба сифати тор ресмонҳои дуқабатаи сиёҳ коркард мешуд)

Кампания - **Маърака** (коре, ки дар давраи муайян барои иҷрои ягон вазифаи ҷамъиятӣ-сиёсӣ ё истеҳсолӣ ташкил карда мешавад)

Канавка - **Кома**

Канавка винтовая - **Комаи печакдор**

Канал транспортирующий - **Қубури (найчаи) интиқол**

Канат - **Таноб, чилбур**

Канатник - **Танобдеҳ** (растании лифӣ ва нахе, ки аз пояи он мегиранд)

Канаус - **Шоҳӣ** (матои аз абрешими хом бофташудаи зичу тунук. Ресмонҳо пеш аз бофт тофта нашуда, аз амалиёти сафедгардонӣ намегузаштанд. Одатан матоъ соҳиби нақши абр буд, вале намунаҳои якранги он низ маъмул буданд)

Канва - **Тӯр** (матои сӯрохидори пахтагин, баъзан зағирин аз ресмонҳои тофта. Аз амалиёти сайқалобдиҳии пуршиддат гузашта, дар намуди сафедшуда ё якранг истеҳсол мешавад. Ба воситаи боҳампечии суф

ва ё печтобхӯрии ресмонҳо бофта мешавад. Барои гулдузӣ ва ё ҳамчун қабати дохилии либос истифода мешавад)

| | | |
|---|---|---|
| **Канвовая** | - | **Катакдор, катакӣ, катакчагӣ** |
| **Канвовая бумага** | - | **Варақаи катакдор** (дар истеҳсолоти матоъҳои калоннақш истифода мешавад. Он ба воситаи хатҳои ғафс ба катакҳои калони квадратӣ тақсим шудааст. Дар навбати худ катакҳои калон ба воситаи хатҳои борик ба катакчаҳои хурд тақсим шудаанд. Катакчаҳо шакли квадрат ё росткунҷаро дошта метавонанд) |
| **Канвовый заправочный рисунок ткани** | - | **Расми катакии ҷойгирсозии матоъ** (нақшае, ки дар он ресмонҳои тору пудро бо қаторҳои амудию уфуқии катакчаҳо ифода менамоянд) |
| **Кандидат** | - | **Номзад** |
| **Канифас** | - | **Канифас** (матои пахтагини сабуку зич, ки нақши рахдори муқарнас дорад. Намунаҳои и гуногун дошта метавонад. Аз навъҳои алоҳидаи он бодбонҳо тайёр мекарданд. Базин ва базин-роял низ ба гурӯҳи матоъҳои канифас дохиланд. Бинобар мустаҳкамии баланд фақирон онро матои беҳтарин мешумурданд) |
| **Кант** | - | **Мағзӣ** (1. ҳошия; 2. масофа аз дарзи пайвастӣ то қати ҷузъи боло ҳангоми иҷро кардани дарзи дохилӣ) |
| **Кантовать** | - | **Мағзӣ часпонидан** |
| **Капиллярность** | - | **Ковокӣ** (аз лотинӣ ба маънои «мӯйшакл». Капилляр - найчаи сӯрохияшон бисёр борик. Хосияти дар дохили ҷисм ба боло ё поён ҳаракат кардани моеъ) |

| | | |
|---|---|---|
| **Капиталовложения** | - | **Сармоягузорӣ, маблағгузорӣ,** |
| **Капитал** | - | **Сармоя** |
| **Капитальный ремонт** | - | **Таъмири мукаммал** (аз лотинӣ ба маънои «асосӣ») |
| **Капок** | - | **Копук** (аз ибораи мардуми малай ба маънои «нах». Аз меваи пахтаи тропикии дарахтӣ гиифта мешавад. Барои пур кардани кӯрпа, болишт ва ғ. ва ҳамчун масолеҳи садо ва гармонигаҳдор истифода меба-ранд) |
| **Капор** | - | **Кулоҳ** (навъи телпаки гарми зано-на ва кӯдакона) |
| **Капролактам** | - | **Капролактам** (пайвастагии орга-никии нитрогендор, моддаи сахти кристаллӣ. Барои истеҳсоли нахи капрон истифода мешавад) |
| **Капрон** | - | Капрон (номи наху ресмони синте-тикие, ки аз поликапролактам дар Руссия истеҳсол мекунанд. Ба гурӯҳи наххои полиамидӣ дохил мешавад) |
| **Капроновая нить** | - | **Ресмони капронӣ** |
| **Капюшон** | - | **Кулоҳи пайвандӣ** (аз фаронсавӣ ба маънои «кулоҳ». Кӯлоҳи ялашав, ки ба гиребони либоси болопӯш пайваст гаштааст) |
| **Каразея** | - | **Каразея** (матои пашмини зичиаш пасту бофташ дағал. Асосан барои дӯхти либоси арзони ҳарбиён ис-тифода мешуд) |
| **Каракуль** | - | **Қароқулӣ** (зоти гӯсфанд) |
| **Кара-пачах** | - | **Қара-пачақ** (пиллаҳои сиёҳрангу доғдор) |

| | | |
|---|---|---|
| **Карабинчик** | - | **Васлгар** (ба воситаи он дар мошини жаккардӣ як таноби чангак бо якчанд танобҳои гулабар пайваст мегардад) |
| **Карасная машина** | - | **Мошини нишемагӣ** (мошини тобдеҳи ошёнагӣ дар назар аст, ки ду нишема дорад. Ғалтаки воридотӣ дар дуки даврзананда нишастааст. Ҳангоми аз он кушода шудан ресмон соҳиби тоби иловаги мегардад) |
| **Карбоксиметилцеллюлоза** | | **Карбокисметилселлюлоза** |
| **Карбонизация** | - | Карбондоргардонӣ (бо ангидриди карбон сер намудани ягон маҳлул. Коркарди пашми холис ё омехта бо маҳлулҳои тезобҳои маъданӣ бо мақсади берун намудани омехтаҳои растанигӣ) |
| **Карбоцепные волокна** | - | **Нахҳои карбозанҷирӣ** (занҷири асосии полимери таркиби чунин нахро танҳо атомҳои карбон ташкил мекунанд. Нитрон, винол, хлорин, полипропилен, полиэтилен, фторлон намунаи чунин нахҳоянд) |
| **Карда** | - | **Карда** (аз лотинӣ ба маънои «мушхор». Сатҳи сӯзанпӯш барои ғоздиҳии нахҳо) |
| **Кардная** | - | **Кардавӣ, бо роҳи ғоздиҳӣ** |
| **Кардная лента** | - | **Пилтаи кардавӣ** (ғозшуда) |
| **Кардная пряжа** | - | **Ресмони кардавӣ** (ғафсӣ ва сифаташ миёна) |
| **Кардная система прядения** | - | **Низоми кардавии ресидан** |
| **Кардное прядение** | - | **Ресидани кардавӣ** (тарзи ресидан бе истифода аз амалиёти ғоздиҳӣ дар шона. Бо ин сабаб ресмон аз нахҳои дарозиашон гуногун ҳосил мешавад. Маҳсулоти тайёршуда аз рӯи зичии хаттӣ, дараҷаи тофтагӣ ва мустаҳкамӣ номунтазам аст) |

| | | |
|---|---|---|
| Кардолента | - | *Тасмаи кардавӣ (тасмаи чармин ё* аз матои резиндори бисёрқабата, ки ба он сӯзанҳои пӯлодин ба таври мохил васл шудаанд. Дар мошинҳои истеҳсолоти ресандагӣ барои рӯйкаш намудани сатҳи ҷузъҳои шоназан истифода мешавад. Вақтҳои охир бо тасмаи дандонадор иваз шуда истодааст) |
| Кардочесание | - | Ғоздиҳии кардавӣ |
| Кардочёсальная машина | - | Мошини ғоздеҳи кардавӣ |
| *Карета* | - | *Ароба* |
| Каретка | - | 1. Аробача (олати ҷойивазгар дар мошин, асбоб);<br>2. Каретка (як намуд механизми бодкушо) |
| Каретка ровничная | - | Аробачаи пиликпечӣ |
| Кареточный зевообразовательный механизм | - | Механизми бодкушои кареткавӣ |
| Каркас | - | Тана, қолиб |
| Каркасная нить | - | Ресмони қолибдор (ба маънои ресмони тирдор) |
| Кармазин | - | Кармазин (аз ибораи форсии *«қирмизӣ, аз қирмиз». Моҳути ту*нуки сифаташ баланд аз пашми беҳтарин. Матоъ ранги сурхи баланд дошт) |
| Карман | - | Киса, ҷайб |
| Карман боковой | - | Кисаи паҳлӯ |
| Карман верхний | - | Кисаи боло |
| Карман внутренный | - | Кисаи даруна |
| Карман в рамку | - | Кисаи дулаба |

Карман в листочку - **Кисаи яклаба**

Карман накладной - **Кисаи часпонда**

Карман прорезной - **Кисаи аз дарун дӯхташуда**

Карта - **Корт** (1. тартиби бардоштану фаровардани гулабандҳо, ҷузъи расми ба дастгоҳи бофандагӣ воридсозии матоъ; 2. як ҷузъи картони бофандагӣ, ки барои як (баъзан ду) пудгузаронӣ бод ташкил мекунад; 3. ҳуҷҷате, ки дар он мушаххасоти технологии раванд оварда шудаанд)

Карта технологическая - **Корти технологии раванд** (ҳуҷҷате, ки дар он мушаххасоти технологии раванд оварда шудаанд)

Карта швов - **Корти дарзҳо**

Картон - Картон (навори коғазин, чӯбин ё аз дигар масолеҳ, ки бо тартиби муайян сӯрох карда мешавад ё сурохиҳояшро пур мекунанд ва он дар дастгоҳҳои бофандагӣ истифода мешавад. Он дар механизмҳои расм ва олати ивази ранги пуд вомехӯрад )

Картонасекальная машина - **Мошини кортшикофӣ**

Карточка регистрационная - **Корти сабт**

Картофельный крахмал - **Оҳари картошка**

Картуз - **Кулоҳ**

Касательная линия - **Хати расанда**

Кассейная доска - **Тахтаи тақсимгар** (дар мошини жаккардӣ)

| | | |
|---|---|---|
| **Кастор** | - | **Кастор** (аз юнонӣ ба маънои «қундуз». Моҳути тунуки рангҳояш гуногун. Дар асри 19 навъҳои беҳтарини онро дар Фаронса, Белгия ва Ҳоланд дар натиҷаи ба пашм илова намудани тибити буз ё қундуз мебофтанд. Барои дӯхтани либоси боло, кӯлох, дастпӯшак ва ҷуробҳо истифода мешуд. Қобили қайд аст, ки танҳо сатҳи остари матоъро шона мезаданд) |
| **Каталог** | - | **Рӯйхат, феҳраст** |
| **Катанки** | - | **Мӯзаи намадин, чоруқ** |
| **Категория** | - | **Дараҷа, гурӯҳ** |
| **Категория работы** | - | **Гурӯҳи кор** |
| **Категория сложности** | - | **Дараҷаи мураккабӣ** |
| **Катионный краситель** | - | **Рангубори катионӣ** (гурӯҳи рангубори асосӣ, намакҳои асосҳои аммоний. Рангҳои гуногуни нисбати рушной ва намӣ устувор ба вуҷуд меоранд. Барои ранг кардани наххои полиакрилонитрилӣ истифода мешаванд) |
| **Каточек** | - | **Ғилдирак** |
| **Катушка** | - | **Ғалтак** (калобаи гирдадор, дар он печиши ҳамраҳ сурат мегирад) |
| **Катушка-лежень** | - | **Ғалтаки рафақӣ** (ғалтаки беҳаракат, ки аз он ресмон ба самти тирӣ кушода мешавад) |
| **Катушка опережающая** | - | **Ғалтаки пешгузар** |
| **Катушка-«пионер»** | - | **Ғалтаки «пионер»** (ғалтаки даврзани абрешимпечӣ, ки аз он ресмон ба самти амудь кушода мешавад) |
| **Катушка полная** | - | **Ғалтаки пур** |

**Катушка пустая** - **Ғалтаки холӣ**

**Катушка секционная** - **Ғалтаки қисмӣ** (дар мошини тортании қисм-қисм ҳосил мешавад. Ба он як қисми ресмонҳои тор нечонида мешаванд)

**Катышки** - **Лӯндачаҳо** (дар сатҳи баъзе матоъҳо бинобар соишхӯрӣ ба вуҷуд меоянд)

**Каустик** - **Каустик** (ишқори тез)

**Каучук** - **Каучук** (аз англисӣ ба маънои «ашки дарахт»)

**Кафтан** - **Хафтон** (камзӯли мардонаю занонаи қадимӣ. Либоси остиндори дарози миёнбанддошта)

**Кацавейка** - **Камзӯлчаи лабакидор** (аз ибораи русии «куцый» - «кӯтоҳ». Куртаи занонаи лабакидор, остиндарозу гиребонаш лабгардон)

**Качалка** - **Алвонҷбахш**

**Качательное движение** - **Ҳаракати алвонҷхӯрӣ**

**Качать** - **Алвонҷ додан**

**Качающееся скало** - **Наварди равонгари алвонҷхӯр** (ҷузъи дастгоҳи бофандагӣ)

**Качение** - **Алвонҷ хӯрдан**

**Качественная** - **Сифатӣ, босифат**

**Качественная продукция** - **Маҳсулоти босифат**

**Качественные критерии** - **Маҳакҳои сифат**

**Качественный показатель** - **Нишондиҳандаи сифатӣ** (сифат ва самаранокии истеҳсолот ё ҷараёни дигарро инъикос мекунанд: ҳосилнокии меҳнат, боздоди захира, пастшавии арзиши аслӣ ва диг.)

**Качественный признак** - **Аломати сифатӣ**

| | | |
|---|---|---|
| **Качество** | - | **Сифат** |
| **Качка поводка** | - | **Алвонҷхӯрии кашак** |
| **Кашемир** | - | **Кашемир** (аз номи иёлоти Кашмир дар Ҳиндустон. Матои якранг ё нақшбастаи сабуки пахтагин, аз пашми холис ё пашми омехта, боҳампечиаш лас. Барои тайёр кардани рӯймолҳои шӯҳратдори шол истифода мешуд. Замоне масолеҳи зебанда барои либоси занонаю мардона ба шумор мерафт) |
| **Кашмилон** | - | **Кашмилон** (наху ресмони синтетикиии истеҳсоли Ҷопон. Аз полиакрилонитрил мегиранд. Мо онро нитрон меномем) |
| **Кашне** | - | **Кашне** (аз фаронсавӣ ба маънои «пинҳон кардан». Руймоли гарданнеч ё шарф) |
| **Квадрат** | - | **Квадрат** (чоркунҷаи баробарпаҳлӯ) |
| **Квадрант весовой** | - | **Квадранти вазнӣ** (асбобе, ки барои чен кардани вазни наххою ресмонҳои овехта истифода мешавад) |
| **Квалификация** | - | **Дараҷаи ихтисос (тахассус)** (омодагии корманд ба фаъолияти касбӣ дар самти иҷро намудани корҳои сатҳи мураккабиашон муайян дар доираи касб, ихтисос, тахассус) |
| **Квалифицированный** | - | **Соҳибихтисос, корозмуда** |
| **Кевлар** | - | **Кевлар** (нахи синтетикие, ки бар ивази пӯлод хизмат карда метавонад. Аз он жилетҳои тирнагузарон тайёр мекунанд. Дар истеҳсолоти ҷӯроббофӣ низ барои устувор намудани пошнаю нӯги ҷӯроб истифода мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Кенаф** | - | **Канаб** (растании яксолаи лифӣ ва нахе, ки аз пояи он мегиранд. Аз чунин нах ресмонеро мегиранд, ки барои бофтани матоъҳои борбанд, истеҳсоли маснуоти тофта аз қабили танобу чилбур ва банд истифода мешавад) |
| **Кендырь** | - | **Кандир** (растании бисёрсолаи лифӣ ва нахе, ки аз пояи он мегиранд) |
| **Кератин** | - | **Кератин** (аз юнонӣ ба маънои «шох». Сафедаҳое, ки дар мӯй, шох, пашм, пар, нохун ва баъзе дигар узвҳои ҳайвонот мавҷуд аст) |
| **Кетгут** | - | **Кетгут** (ресмони якка, ки аз рӯдаи ҳайвон ё аз абрешим тайёр шуда, дар ҷарроҳи истифода мешавад) |
| **Кеттельная машина** | - | **Мошини ҳошиябанд** (аз олмонӣ ба маънои «пайвастани ҳалқаҳо». Таҷҳизот барои пайваст намудани ҳалқаҳои кушодаи каноравӣ дар кешбофт. Кӯке, ки барои ин истифода мешавад, аз рӯи сохт ва хосиятҳо ба худи маснуот монанд аст) |
| **Кивер** | - | **Кисер** (телпаки пешаш баланди ҳарбӣ) |
| **Кизячная шерсть, клюнкер** | - | **Тапакпашм** (пашме, ки бо наҷосат ифлос шудааст) |
| **Кило** | - | **Кило** (аз фаронсавӣ ба маънои «ҳазор», масалан, килограмм, километр) |
| **Кимоно** | - | **Кимоно** (либоси мардона ё занонаи ҷопониён дар намуди хилъате, ки остинҳои хеле васеъ дорад) |
| **Киндяк** | - | **Қадак** (матои пахтагини номаш тоҷикӣ, ки истеҳсоли он ҳанӯз дар асри 14 оғоз ёфтааст. Асосан барои остар истифода мешуд. Ба тарзи нақшбандии дастӣ бо гулҳои хурдтарин оро дода мешуд) |

| | | |
|---|---|---|
| **Кинематика** | - | **Кинематика** (аз юнонӣ ба маънои «пурқувват». Соҳаи механика, ки ҳаракати ҷисмҳоро бе назардошти таъсири қувваҳо меомӯзад) |
| **Кинематическая схема машины** | - | **Нақшаи баҳаракатоварии мошин** |
| **Кипа хлопка** | - | **Тойи пахта** |
| **Кипение** | - | **Ҷӯшидан** |
| **Киперное переплетение** | - | **Боҳампечии киперӣ** (номи дигари боҳампечии суф) |
| **Кипоразбиватель** | - | **Тойкушо** |
| **Кипоразборщик** | - | **Тақсимгари той** |
| **Кипоразрыхлитель автоматический** | - | **Худтитгари той** |
| **Кипятить, кипячение** | - | **Ҷӯшонидан** |
| **Кирза** | - | **Кирза** (1. чарми сунъӣ; 2. матои зичу мустаҳками пахтагин, ки аз ресмони борики тофта истеҳсол мешавад. Чунин матоъ баъди ба сатҳи он молидани моддаи ғишосоз ба сифати масолеҳи бар ивази чарм хизмат мекунад. Аз он тасмаҳои таҳвилии резиндор низ тайёр мекунанд; 3. Моҳути техникӣ, ки дар саноати полиграфӣ онро ба сатҳи устувонаҳои таҷҳизоти чопгарӣ мекашанд) |
| **Кисея** | - | **Хоса** (матои номаш тоҷикии пахтагин, хеле тунуку сабук, боҳампечиаш суф. Якранг, нақшин ё гулдӯзишуда истеҳсол карда мешуд. Аз рӯи сифатҳои техникию бадеӣ шабеҳи матои муслин аст) |
| **Кислота** | - | **Тезоб** |
| **Кислотный краситель** | - | **Рангубори тезобӣ** |

**Кислотоустойчивость** - **Тезоббардорӣ, тезобпазирӣ**

**Китайка** - **Матои чинӣ** (1. матои якрангаи а - решимини боҳампечиаш суф, ки ҳанӯз аз асри 16 ба Аврупо ворид мешуд; 2. матои пахтагини кабуд, баъзан сурх, ки бенақш истеҳсол мекарданд, аз ҷумла берун аз марзи Чин. Хусусан дар деҳот барои дӯхти либоси мардонаю занона хеле маъмул буд)

**Клавиша** - **Тугмачаи фанарӣ**

**Кладовщик** - **Анборчӣ, мудири анбор**

**Клапан** - **1. Сарпӯш, қапқоқ;**

**2. Ҷуммак**

**Клапан дроссельный** - **Қапқоқи дроссел** (олати тағйирдеҳи фишори буғ, газ ё моеъ бо роҳи тағйир додани фазои ҳаракат)

**Клапан иглы** - **Қапқоқи сӯзан** (ҳаммаънои забонак дар сӯзани забонакдори кешбофӣ)

**Клапан кармана** - **Сарпӯши киса**

**Клапан предохранительный** - **Қапқоқи пешгир**

**Клапан спусковой** - **Сарпӯшаки сардеҳ**

**Класс** - **1. Синф;**

**2. Дараҷа**

**Класс трикотажной машины** - **Синфи мошини кешбофӣ** (бо миқдори сӯзанҳои дар воҳиди дарозии сӯзандон ҷойгиршуда ифода мешавад. Бештар масофаи 1 дюймро (2,54 см) қабул мекунанд. Мошинҳои синфашон баланд газворҳои бориктарро мебофанд. Асосан синфҳои мошинҳои кешбофӣ аз 3 то 36 аст)

| | | |
|---|---|---|
| ıассировка | - | **Синфбандӣ, ба синфҳо ҷудо кардан** (баҳодиҳии пашми яклухттарош бе пора кардани он) |
| **Классификация нитей** | - | **Таснифи ресмонҳо** |
| **Классифицировать** | - | **Тасниф кардан, синфбандӣ** |
| **Клеевар** | - | **Ширешпаз** |
| **Клееварка** | - | **Ширешпазхона** |
| **Клеевая** | - | **Ширешӣ, ширешдор** |
| **Клеевая ванна** | - | **Зарф барои шириш** (ҷузъи мошини ширешдиҳӣ) |
| **Клеевая кромка** | - | **Ҳошияи ширешӣ** |
| **Клеёная основа** | - | **Ширешхӯрда, ширешӣ** |
| **Клеёная основа** | - | **Тори ширешхӯрда** |
| **Клеёные концы** | - | **Нӯгҳои ширешхӯрда** (пасмонда дар намуди дастаи ресмонҳои тори аз ширешдиҳӣ гузашта, ки дарозии баробар доранд) |
| **Клеённый нетканый материал** | - | **Масолеҳи нобофтаи ширешӣ** (дар онҳо пайвастшавии нахҳо ба воситаи моддаҳои часпанда (ширешҳо) амалӣ мегардад. Асоси чунин масолеҳро бештар қабати нахӣ, яъне катон, ташкил медиҳад. Чандин тарзи часпонидани нахҳо истифода мешаванд. Бештар катонро бо моддаи часпандаи моеъ – латекси синтетикӣ тар мекунонанд. Чунин маснуотро барои мағзии либос, ҳамчун масолеҳи қабати дохилии либос, чун масолеҳи гармию садонигаҳдор дар саноати автомобилсозӣ ва бо дигар мақсадҳо истифода мебаранд) |

| | | |
|---|---|---|
| **Клеёнка** | - | **Газвори обногир** (матоъ аз наххои кимиёӣ, баъзан пахтагин ё зағирин, ки сатҳи он бо пардаи обнагузарони синтетикӣ (масалан, бо поливинилхлорид) ё аз равғани растанӣ пӯшида шудааст. Барои эҳтиёҷоти маишӣ таъин гаштааст) |
| **Клеильный аппарат** | - | **Аппарати ширешдиҳӣ** |
| **Клеить** | - | **Ширешдиҳӣ, часпондан** |
| **Клей** | - | **Ширеш, елим** |
|     **Клей животный** | - | **Шириши ҳайвонӣ** (аз рагу пой) |
|     **Клей костный** | - | **Шириши устухонӣ** |
| **Клейкая лента** | - | **Тасмаи часпак** |
| **Клейкость шлихты** | - | **Часпакии ширеш** |
| **Клеймо** | - | **Тамға** |
| **Клемма** | - | **Пайвандак** (исканҷа барои пайваст намудани ноқилҳо дар асбобу мошинҳои барқӣ) |
| **Клетка** | - | **1. Катак;**<br>**2. Ҳуҷайра** |
| **Клетчатая ткань** | - | **Матои катакдор** |
| **Клёпаный** | - | **Парчиншуда** |
| **Клетчатый** | - | **Катакӣ** |
| **Клёш** | - | **Васеъдоман, васеъпоча** (тарзи хоси чокбурии шим ё юбка бо васеъшавӣ ба поён) |
| **Клеящий материал** | - | **Масолеҳи ширешпазӣ** |
| **Климатические условия** | - | **Шароити иқлимӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| **Клин** | - | **1. Фона;** |
| | | **2. Тирез** (ҷузъи либос дар намуди пораи секунҷа ё чоркунҷаи матоъ) |
| **Клиновидный ремень** | - | **Тасмаи фонашакл** (аз рӯи буриши кундалангӣ) |
| **Клиноременная передача** | - | **Таҳвили фонатасмагӣ** |
| **Клинья замочные** | - | **Фонаҳои қулфӣ** (ҷузъҳои кории қулфи мошини кешбофӣ) |
| **Клише** | - | **Клише** (лавҳаи чубин ё металлӣ, ки дар вай акси расм гузаронида шудааст. Дар таҷҳизоти накшбандӣ ва саноати полиграфӣ истифода мешавад) |
| **Клок** | - | **Қабза, даста, пора** |
|     **Клок (шерсть подстрига)** | - | **Қабза** (пашми кӯтоҳнахи такроран тарошидашуда) |
|     **Клок шерсти** | - | **Қабзаи пашм** |
| **Клоке** | - | **Клоке** (матои абрешимин ё пашмин ва ё аз ресмонҳои кимиёӣ, ки сатҳи ба худ хоси ноҳамвор дорад. Онро якунимқабата бо истифода аз мошини жаккардӣ мебофанд. Ноҳамвории сатҳ аз сабаби мавҷуд будани ду маҷмӯъ ресмонҳои тор пайдо мешавад. Ресмонҳои тори қабати боло пухтатоб буда, бо тарангии паст бофта мешаванд. Ресмонҳои тори поёнӣ дар ҳолати тарангшуда дар боҳампечӣ иштирок мекунанд. Баъзан дар матоъҳои пахтагин ба самари клоке тақлид мекунанд ва барои ин аз мошини сайқалдеҳи мувофиқ истифода мебаранд) |
| **Клочок** | - | **Қитъа, порача** |
| **Клубок нити** | - | **Кулӯлаи ресмон, тӯбча** |

| | | |
|---|---|---|
| Клубочный автомат | - | Худкори кулӯлапечӣ |
| Клювик | - | Нӯл, минқор |
| Клюнкер, кизячная шерсть | - | Тапакпашм (пашме, ки бо наҷосат ифлос шудааст) |
| Ключ | - | Калид |
| Кнопка | - | 1. Тугмача;<br>2. Тугмаи қарсак (дар либос ба ивази тугма) |
| Кнопочная | - | Тугмачагӣ, тугмачадор |
| Кнопочный пускатель | - | Бакордарори тугмачагӣ |
| Кнопочное устройство | - | Олати тугмачагӣ |
| Коверкот | - | Коверкот (матои зичи пашмин ё аз пашми омехта, ки аз ду намуд ресмонҳои тофта истеҳсол мекунанд. Боҳампечиаш лас, бинобар ин раҳҳои диагоналӣ дорад. Асосан барои дӯхтани палтоҳои мардона истифода мешавад) |
| Ковёр | - | Қолин |
| Ковёр бархатный | - | Қолини бахмалӣ |
| Ковёр вышитый | - | Қолини гулдӯзишуда |
| Ковёр вязанный | - | Қолини кешбофта |
| Ковёр напольный | - | Қолини фарш |
| Ковёр настенный | - | Қолини девор, овезон |
| Ковёр основоворсовый | - | Қолини паташ аз тор |
| Ковёр петельчатый | - | Қолини ҳалқадор |
| Ковёр с разрезным ворсом | - | Қолини паташ бурида |
| Ковёр уточноворсовый | - | Қолини паташ аз пуд |

Коврик - Қолинча, гилемчаи пешидарӣ

Ковровщик - Қолинбоф

Ковроткацкий станок - Дастгоҳи қолинбофӣ

Код - Рамз

Кожа - Чарм, пӯст

Кожанный - Чармин

Кожевенный завод - Заводи чармгарӣ

Кожеед - Пӯстхур, чармхӯр (ҳашароти заррасони пилла)

Кожица с волокном и пухом - Пӯстчаи наху тибитдор (нуқси пахта)

Кожура - Пӯстлоқ, пӯчоқ

Кожух - Ҷилд, қуттӣ

Козий пух - Тибити буз

Козырёк - Лапар (қисми кулоҳ)

Кокетка - Ҷилва (қисми аз дарзи кундаланг болои баъзе либос, масалан куртаи занона)

Кокилье - Пар-пар (ҷузъи ороишӣ дар намуди пар-пар ва чин-чин, ки ба либос амудӣ пайваст мешавад)

Кокон - Пилла

Кокон гибридная - Пиллаи дурага

Кокон двойник - Қушпилла

Кокон дефектный - Пиллаи нуқсдор

Кокон дырявый - Пиллаи сӯрох

Кокон живой - Пиллаи зинда

| | | |
|---|---|---|
| Кокон заморенный | - | Пиллаи беҷон |
| Кокон зернистый | - | Пиллаи бо доначаҳо пўшида |
| Кокон зрелый | - | Пиллаи пўхта |
| Кокон незрелый | - | Хомпилла |
| Кокон нормальный | - | Пиллаи муқарарӣ |
| Кокон овальный | - | Пиллаи байзавӣ |
| Кокон остроконечный | - | Пиллаи нўгтез |
| Кокон повреждённый | - | Пиллаи осебдида |
| Кокон пятнистый | - | Пиллаи доғдор |
| *Кокон толстостенный* | - | *Пиллаи пўстғафс* |
| Кокон шарообразный | - | Пиллаи саққошакл |
| Коконная | - | Аз пилла |
| Коконная нить | - | Ресмони пилла, абрешим (аз ду тори бетақсими часпида иборат аст) |
| Коконная оболочка | - | Пардаи пилла |
| Коконный брак | - | Пиллаҳои сақатшуда |
| Коконный неразмот | - | Пиллаи ресмоннадеҳ |
| Коконный сдир | - | Пўсти пилла, лаши пилла |
| Коконник | - | Макони пиллапечӣ (дастаи растаниҳои хушк ё панҷарае, ки дар асной печонидани пилла барои кирмакҳо ба сифати такягоҳ хизмат мекунад) |
| Коконозапарщик | - | Пиллапаз |
| Кокономотальная машина | - | Мошини абрешимпечӣ |
| Кокономотальщик | - | Пиллакаш, абрешимтоб |

**Кокономотание** - **Абрешимтобӣ** (аз пилла ҷудо карда гирифтан ва галтакпеч кардани ресмони абрешимин)

**Коконорезальный агрегат** - **Агрегат пиллабурӣ** (пиллаи паст-сифатро бурида, абрешимро аз зо-чакирмак ҷудо мекунад)

**Коконосушилка** - **Пиллахушкгардон** (мошин ё олат)

**Коконохранилище** - **Анбори пила, пиллахона**

**Кокосовое волокно** - **Нахи норҷилӣ** (аз меваи дарахти нахл гирифта мешавад)

**Колебание** - **Лаппиш хӯрдан**

**Колебания гармонические** - **Лаппишхӯрии ҳамоҳанг**

**Колебательное движение** - **Ҳаракати лаппишхӯр**

**Коленкор** - **Коленкор** (матои пахтагини боҳампечиаш суф аз ресмонҳои то-ру пуди нисбатан ғафс. Дар раван-ди пардоз сафед карда мешуд ва оҳардор мегардид. Матоъро дар намуди сафед ё ранга истеҳсол ме-карданд, оҳар ба сатҳи он ҷило ме-бахшид. Ҳангоми истифодаи дуру дароз аз ҷойҳои қатшудаи матоъ оҳар мерехт. Аз чунин матоъ бистарпӯшҳою либоси таг медӯх-танд ва аз он бо роҳи нақшбандӣ чит тайёр мекарданд)

**Колено** - **Зону**

**Коленчатый вал** - **Наварди зонудор**

**Колер** - **Тобиши ранг**

**Колесо** - **Чарх**

**Колесо ведомое** - **Чархи ҳаракатгир**

**Колесо ведущее** - **Чархи ҳаракатдеҳ (пешбар)**

| | | |
|---|---|---|
| Колесо наносящее-сбрасывающее | - | Чархи кашоладеҳу партоянда |
| Колесо кулирное | - | Чархи қаттардон |
| Колечко | - | Ҳалқача |
| Количественная | - | Миқдорӣ |
| Количественная мера | - | Ченаки миқдорӣ |
| Количественный показатель | - | Нишондиҳандаи миқдорӣ (ҳаҷми истеҳсол ё бузургии арзишро инъикос мекунанд) |
| Количество | - | Миқдор |
| Колки | - | Дандонаҳо |
| Колковый барабан | - | Устувонаи дандонадор |
| Коллаж | - | Коллаж (аз фаронсавӣ ба маънои «часпонидан». Тарзи иҷроиш дар санъати тасвирӣ. Ба ҳам часпонидани ду масолеҳе, ки аз якдигар бо ранг ё суфтагӣ фарқ мекунанд) |
| Коллега | - | Ҳамкор, ҳампеша |
| Коллектив | - | Ҳамкорон (маҷмӯи шахсоне, ки кор ё манфиати умумӣ доранд) |
| Коллективная сдельная оплата труда | - | Пардохти корбаъйи гурӯҳии музди меҳнат (низоми пардохти ҳаққи кори коргарони ба ҳайати дастаи корӣ шомилбуда) |
| Коллекционер | - | Маҷмӯагар (аз лотинӣ ба маънои «ҷамъ кардан». Бонизом ғун кардани чизҳое, ки аҳамияти илмӣ, бадеӣ ё таърихӣ доранд) |
| Коллекция | - | Маҷмӯа (аз лотинӣ ба маънои «ҷамъ кардан». Бонизом ғун кардани чизҳое, ки аҳамияти илмӣ, бадеӣ ё таърихӣ доранд) |

| | | |
|---|---|---|
| Колодка | - | Каф, пошна |
| Колодочный тормоз | - | Манъгари кафдор |
| Колонна | - | Сутун |
| Колорист | - | Рангшинос |
| Колорит | - | Обуранг, тобиш |
| Колорит меланжевых тканей | - | Обуранги матоъҳои ҳарранганах |
| Колосник | - | Ҳавоза |
| Колосниковая решётка | - | Панҷараи ҳавозагӣ |
| Колпак | - | Калапӯш, қалпоқ |
| Колпачок | - | Даҳанак, сарпӯшак |
| Колышек | - | Чӯбмех |
| Кольцевая | - | Ҳалқагӣ, ҳалқашакл, доирашакл, мудаввар, ҳалқадор |
| Кольцевая планка | - | Зеҳи ҳалқадор (ҷузъи мошини ресандагии ҳалқагӣ, ки дар он ҳалқаҳои якчанд дук васл шудаанд) |
| Кольцевая крутильная машина | - | Мошини тобдеҳи ҳалқагӣ |
| Кольцевая прядильная машина | - | Мошини ресандагии ҳалқагӣ, мошини ҳалқарес |
| Кольцевое веретено | - | Дуки ҳалқагӣ (барои мошини ҳалқарес) |
| Кольцевое прядение | | Ресиши ҳалқагӣ (барои ба ресмон табдил ёфтан пилики ғоза дар атрофи тири худ қад-қади ҳалқа тоб мехӯрад. Алоқаи пилик бо ҳалка ба воситаи давандаки даврзан таъмин мегардад) |
| Кольцевой маршрут | - | Хати роҳи ҳалқагӣ (тарзи кори бисёрдастгоҳӣ) |
| Кольцо | - | Ҳалқа |

| | | |
|---|---|---|
| Кольцо баллоноограничителя | - | **Ҳалқаи маҳдудгари байзанокӣ** |
| Кольцо прядильное | - | **Ҳалқаи ресандагӣ** |
| **Комбинат** | - | **Истеҳсолоти омехта** (корхонаи аз истеҳсолотҳои гуногунҷинс иборат буда) |
| **Комбинация** | - | 1. **Мувофиқат** (пайвасти бонизоми чизҳо)<br>2. **Куртаи таг** |
| **Комбинезон** | - | **Либоси яклухт** (костюме, ки аз либоси китфпӯш ва миёнпӯши ба ҳам пайваст иборат аст. Баъзан ба он кӯлоҳ низ илова мешавад) |
| **Комбинирование производства** | - | **Омехтани истеҳсолот** (дар як корхона сарҷамъ намудани истеҳсолотҳои гуногунҷинси ба ҳам вобаста, масалан истеҳсолотҳои ресандагӣ ва бофандагӣ) |
| **Комбинированная** | - | **Омехта, гуногунтаркиб** |
| Комбинированная нить | - | **Ресмони омехта** |
| Комбинированная ткань | - | **Матои гуногунтаркиб** |
| Комбинированный метод обслуживания | - | **Тарзи омехтаи хизматрасонӣ** (масалан, ҳамбастии тарзҳои хатироҳӣ ва назоравии хизматрасонӣ дар фаъолияти бофанда) |
| Комбинированная перевязка слоёв | - | **Пайвасти омехтаи қабатҳо** |
| Комбинированная сушка | - | **Хушкгардонӣ бо усули омехта** |
| Комбинированные жгутики | - | **Бандиначаҳои омехта** (нуқси нахи пахта) |
| Комбинированные переплетения | - | **Боҳампечиҳои омехта** (1. зерсинфи махсуси боҳампечиҳои бофандагӣ аз синфи боҳампечиҳои хурднақш, ки дар сатҳи матоъ нақши андоза- |

аш начандон калон ва шаклан номураккаб ҳосил мекунанд. Онҳо дар натиҷаи бо ҳам омехтани боҳампечиҳои содда ё ҳосилавӣ ба вуҷуд меоянд; 2. Синфи боҳампечиҳои кешбофӣ, ки ба он боҳампечиҳои фушурданӣ ва жаккардӣ дохил мешаванд. Дар онҳо қатори ҳалқагӣ на танҳо худи ҳалқаҳо, балки ҷузъҳои дигари ҳалқабандӣ (партофт, кашоланӯг) - ро низ дарбар мегирад)

| | | |
|---|---|---|
| **Комбинированные текстурированные нити** | - | **Ресмонҳои омехтаи мураккаб** (дар натиҷаи тобдиҳии ресмонҳои табиаташон гуногун ҳосил мешаванд: комэлан, акон, такон, трикон, волнит ва ғ.) |
| **Комиссия** | - | **Гурӯҳи ваколатдор** (аз лотинӣ ба маънои «супориш». Гурӯҳи шахсоне, ки ваколатдори иҷрои ягон супориш шудаанд) |
| **Комитет** | - | **Ташкилот** (мақоми бомаслиҳат, ки ба ягон |
| **Коммерция** | - | **Тиҷорат** |
| **Комок** | - | **Лӯндача** |
| **Компактный** | - | **Зич, ҷафс** |
| **Компания** | - | **Ҷамоат, гурӯҳ, тӯда** |
| **Компенсатор** | - | **Ҷубронгар** (аз лотинӣ ба маънои «баробарвазн кардан») |
| **Компенсация натяжения** | - | **Ҷуброни тарангӣ** |
| **Комплексная нить** | - | **Ресмони чандтора** |
| **Комплект** | - | **Даста, маҷмӯъ** |
| **Комплект белья** | - | 1. **Маҷмӯи бистарпӯшҳо** (аз лотинӣ ба маънои «пурра»);<br>2. **Маҷмӯи либоси таг** |

| | | |
|---|---|---|
| **Комплект станков** | - | **Дастаи дастгоҳҳо** (гурўҳи дастгоҳҳое, ки ба як ёвари усто вобаста шудаанд) |
| **Комплектность** | - | **Пуррагӣ, мукаммалӣ, таркиби пурра** |
| **Комплектность машины** | - | **Таркиби пурраи мошин** |
| **Комплектовать** | - | **Пурра кардан** |
| **Комплекция** | - | **Ҷусса** |
| **Композиция рисунка** | - | **Ҳамбастагии расм** (аз лотинӣ ба маънои «иншо, таҳия») |
| **Компонент** | - | **Ташкилдиҳанда, ташкилдеҳ** |
| **Компонентный настил** | - | **Густурда аз ташкилдиҳанда** (дар асрои омехтани наххо) |
| **Компоненты шлихты** | - | **Ташкилдеҳони ширеш, моддаҳои таркиби он** |
| **Компрессор** | - | **Фишургар** (аз лотинӣ ба маънои «фишурдан». Таҷҳизот барои фишурдани ҳаво, газ ё буғ) |
| **Компрессорный цех** | - | **Шўъбаи ҳавофишурӣ** (барои бо ҳавои фишурда таъмин намудани таҷҳизоти ҳавокор хизмат мекунад) |
| **Комэлан** | - | **Комэлан** (ресмони калонҳаҷми омехта, ки аз ду ресмони табиаташон гуногун ҳосил шудааст. Масалан, ресмони атсетатиро бо монокапрони шаклаш мураккаб, ё ресмонҳои чандтораи капрониро бо лавсанӣ ҳамроҳ тоб медиҳанд. Дар натиҷаи гирифтани тоби махсус ва коркарди ҳароратӣ ресмон калонҳаҷм мегардад. Комэлан сатҳи патнок дошта, соҳиби ҷилои милт-милтдор мебошад. Устувории он ба соиш нисбат ба ресмонҳои муқаррарӣ 2-5 маротиба баланд аст, қобилияти гарминигаҳдории |

хуб дорад. Аломати заряди наххои атсетатию капронӣ мухталифанд, бинобар ин комэлан хеле кам барқнок мешавад. Аз он газворхои кешбофта барои куртаю чемперхо ва матоъхои либосвор тайёр мекунанд)

**Конечный выключатель** - **Манъгари каноравӣ**

**Конвейер** - **Тахвилгар** (олати интиқол, ки пайваста ё ботавақкуф харакат мекунад)

**Конвейерная** - **Тахвилӣ, барои интиқол**

**Конвейерная лента** - **Тасмаи тахвилӣ**

**Конвейёрный поток** - **Хати муттасили тахвилӣ** (бо хати тахвилгар мучаххаз мегарданд)

**Конденсат** - **Ғализбуғ** (аз лотинӣ ба маънои «ғализшуда». Масолехи моеъ, ки ҳангоми ғализшавии буғ ба вучуд меояд)

**Конденсатор** - **Ғализгар** (аз лотинӣ ба маънои «ғализшуда». Мачмӯи иборат аз ду ё бештар ноқилхо, ки ба воситаи диэлектрик аз хам чудо шудаанд. Он қобилияти ғун намудани зарядхои барқро дорад)

**Конденсер, конденсор** - **Нахтахвилгар** (тачхизот барои тоза кардани нах ва интиқолдихи он ба воситаи фавраи хаво)

**Кондиционная** - **Мувофиқ** (тибқи меъёр)

**Кондиционная влажность** - **Намнокии мувофиқ** (тибқи меъёр)

**Кондиционная линейная плотность нити** - **Зичии хаттии мувофиқи ресмон** (ба шароити мухит, ки дар стандартхо муқаррар гаштаанд, мувофиқат мекунад)

**Кондиционная масса** - **Вазни мувофиқ** (онро масолех хангоми намнокии кондитсионӣ доштан сохиб мешавад)

| | | |
|---|---|---|
| Кондиционирование воздуха | - | **Мувофиқсозии ҳаво** (ҷавобгӯ намудани ҳарорату рутубати он ба талаботи меъёрҳо, стандарт) |
| Кондиция | - | **Мувофиқа** (аз лотинӣ ба маънои «шарт, ҳолат». Меъёр, стандарт, сифат, ки ба он тибқи шароити шартномавӣ ин ё он мол бояд ҷавобгӯ бошад) |
| Конечный выключатель | - | **Манъгари каноравӣ** |
| Конец | - | **Охир, нӯг** |
| Конец запрядаемый | - | |
| Конец нити | - | **Нӯги ресмон** |
| Коническая | - | **Махрут ӣ** |
| Коническая бобина | - | **Калобаи махрутӣ** |
| Коническая втулка | - | **Губчаки махрутӣ** |
| Коническая передача | - | **Таҳвили махрутӣ** |
| Конический патрон | - | **Найчаи махрутӣ** |
| Конкретный | - | **Муайян, аниқ** |
| Конкуренция | - | **Рақобат** (аз лотинӣ ба маънои «дучоршавӣ») |
| Конкурс | - | **Озмун** |
| Конопля | - | **Бангдона** (растании лифӣ, ки аз пояи он нах мегиранд) |
| Конский волос | - | **Мӯи асп** |
| Консоль | - | **Рафақ** (ҷисме, ки як нӯги он сахт маҳкам буда, нӯги дигараш озод аст) |
| Константа | - | **Доимӣ** (бузургии бетағйир) |
| Конструирование одежды | - | **Тарҳрезии либос** (тасвири шакли либос бо назардошти андозаҳои воқеии он) |

| | | |
|---|---|---|
| Конструктор | - | Тарҳсоз, лоиҳакаш |
| Конструкторская | - | Тарҳӣ |
| Конструкторская документация | - | Ҳуҷҷатгузории тарҳӣ (лоиҳавӣ) |
| Конструкторская подготовка производства | - | Омодагардонии тарҳии (лоиҳавии) истеҳсолот (тарҳрезии маҳсулоти нав ва мукаммалсозии маҳсулоти истеҳсолшаванда, таҳияи ҳуҷҷатгузории техникӣ барои онҳо, бо фармоиши хадамоти технологӣ мутобиқгардонии ҳуҷҷатҳои техникии дарамал ба шароити корхона) |
| Конструкторский отдел | - | Шӯъбаи тарҳрезӣ (лоиҳакашӣ) |
| Конструкция | - | Сохт, тарҳ |
| Консультация | - | Машварат, маслиҳат додан |
| Контакт | - | Алоқа, расиш, пайваст |
| Контактный диаметр | - | Диаметри алоқавӣ, диаметри расиш |
| Контейнер | - | Контейнер (аз лотинӣ ба маънои «ҷойгир кардан». Зарфи стандартӣ, одатан дар шакли қуттӣ, барои интиқоли бор) |
| Контингент работников | - | Миқдори (ҳайати) кормандон |
| Контора | - | Идора |
| Контракт | - | Шарнома, аҳднома (ҳуҷҷати хаттӣ, ки дар он ӯҳдадориҳои тарафайн қайд мегардад) |
| Контраст | - | Зиддияти возеҳ |
| Контркулачок | - | Аксулмуштак |
| Контролёр | - | Нозир |

| | | |
|---|---|---|
| Контролёр уточный | - | Нозири пуд |
| Контролируемые волокна | - | Наххои назоратшав |
| Контроль | - | Назорат |
| Контроль визуальный | - | Назорати чашмӣ (муоинавӣ) |
| Контроль качества | - | Назорати сифат |
| Контроль операционный | - | Назорати амалиётӣ |
| Контроль статистический | - | Назорати оморӣ |
| Контроль технологического процесса | - | Назорати раванди технологӣ |
| Контроль трёхступеньчатый | - | Назорати сезинагӣ |
| Контрольная | - | Назоратӣ, нозир |
| Контрольная вилочка | - | Сешохаи нозир |
| Контрольная операция | - | Амалиёти назоратӣ (дар аснои он мувофиқати ашё ба ину он талабот санҷида мешаванд) |
| Контрольно-учётный цех | - | Шӯъбаи назорату баҳисобгирӣ (дар он равандҳои ниҳоии истеҳсолот ба иҷро мерасанд) |
| Контрольно-чистительный прибор | - | Олати нозиру тозагар (ҷузъи кории дуки азнавпеч) |
| Контрольный прибор | - | Олати нозир |
| Контрольный пункт | - | Мавзеи назоратӣ |
| Контур узора | - | Сарҳади нақш |
| Конус | - | 1. Махрут (ҷисми геометрӣ);<br>2. Найчаи махрутӣ (асоси калобае, ки чунин шаклро дорад) |
| Конус намотки | - | Махрутии печиш (дар ғалтак) |

| | | |
|---|---|---|
| **Конфекцион** | - | **Конфексион** (аз лотинӣ ба маънои «тайёр кардан». 1. Курта ё либоси тагпӯши тайёр; 2. Мағоза ё шӯъбаи он барои савдои маснуоти номбаршуда) |
| **Конфекционная карта** | - | **Корти конфексионӣ** (ҳуҷҷати технологии истеҳсолоти дӯзандагӣ, ки дар он намунаҳо ва тавсифи масолеҳи барои дӯхтани либоси муайян интихобгашта оварда мешаванд) |
| **Конфекционная промышленность** | - | **Саноати конфексионӣ** (соҳае, ки барои дар ҳаҷми зиёд истеҳсол намудани куртаҳо ва либоси тагпӯши тайёр махсус гардонида шудааст) |
| Конфекционер | - | Либосшинос |
| **Конфекционирование материалов для одежды** | - | **Интихоби масолеҳи либосвор** (аз ҷумла газвор, ресмони дӯзандагӣ, масолеҳи қабати дохилӣ, тугма ва ҳ.) |
| **Конфигурация** | - | **Шакл, суроб** |
| **Конфуззор** | - | **Ҳавобар** (олати найчашакл барои равон намудани фавраи ҳаво. Дар дастгоҳи бофандагии ҳавокор ба воситаи он фавраи ҳаво ресмони пудро мегузаронад. Дар мошини ресандагии ҳуҷрачагӣ нахҳои ҷудошуда аз дохили он гузашта, вориди ҳуҷрача мешаванд) |
| **Концевая** | - | **Охирин, канорaвӣ** |
| **Концевая секция (часть) машины** | - | **Қисмати охирини мошин** |
| **Концевой выключатель** | - | **Манъгари канорaвӣ** |
| **Концентрат** | - | **Моддаи ғализ** |
| **Концентрация** | - | **1. Ғуншавӣ;**<br>**2. Ғилзат** |

| | | |
|---|---|---|
| Концентрация производства | - | **Ғуншавии истеҳсолот** (дар як корхона муттаҳидшавии якчанд истеҳсолоти якҷинса) |
| Концентрация шлихты | - | **Дараҷаи ғилзати ширеш** |
| **Концентрированный раствор** | - | **Маҳлули ғализ, бой** |
| **Концепция** | - | |
| **Концервальная машина** | - | **Мошини нўгкан** (таҷҳизоте, ки аз пасмондаҳои ресмон наххоро канда мегирад. Ба сифати ҷузъҳои кории он як ё ду устувонаи аррагӣ хизмат мекунанд. Сатҳи устувона мурватшакл бо дандонаҳои тез пўшида шудааст) |
| **Концерн** | - | **Иттиҳодия** (аз якчанд муассисаҳои тиҷоратию саноатии тобеи як роҳбарият иборат аст) |
| **Концы** | - | **Нўгҳо** |
| Концы нитей | - | **Нўтҳои ресмонҳо** (пасмондаи равандҳои ширешдиҳӣ, торгузаронӣ, гиреҳбандӣ ё бофт дар намуди дастаи ресмонҳои тори дарозиашон баробар) |
| Концы мягкие | - | **Нўгҳои мулоим, бешириш** |
| Концы клеённые | - | **Нўгҳои ширешхўрда** |
| Концы отшлихтованные | - | **Нўгҳои ширешхўрда** |
| **Кооператив** | - | **Муассисаи ҳамакор** (аз лотинӣ ба маънои «ҳамкорӣ». Иттиҳодияи гурўҳи шахсон бо мақсади якҷоя истеҳсол намудан ва фурўхтани маҳсулот, харидан ва истеъмол кардани молҳо ё хизматрасониҳо ва ғ.) |
| **Кооперация производства** | - | **Ҳамкории истеҳсолӣ** (алоқамандии байни корхонаҳое, ки дар марҳалаҳои гуногуни истеҳсолот ширкат меварзанд) |

| | | |
|---|---|---|
| **Координаты** | - | **Ҷойнишонҳо** (аз лотинӣ ба маънои «ҳамнизом». Бузургиҳое, ки мавқеи нуқта ё ҷисмро дар ҳамворӣ ё фазо муайян мекунанд) |
| **Координация** | - | **Мутобиқгардонӣ** |
| **Копировальный шов** | - | **Барои нусхагирӣ** |
| **Копировальный стежок** | - | **Кӯки нусхагирӣ** (намуди кӯки остарии тарангнашуда. Барои гузаронидани хатҳои чокбурӣ ба сатҳи абраи ҷузъҳои якхелаи либос (агар аз матои тунук истифода баранд) хизмат мекунад. Онро бо ресмони дуқабата иҷро мекунанд. Матоъро қат намуда, дуқабата мегардонанд ва қабатҳоро ба ҳам бо кӯкҳои дарози тарангшнашуда пайваст мекунанд. Кӯкҳо дар сатҳи матоъ бояд бо баландии 1 см ҳалқашакл иҷро шаванд. Баъдан қабатҳо аз ҳам дур карда мешаванд ва дар байни онҳо кӯкҳо таранг мегарданд. Дар ҳамин ҳолат кӯкҳоро мебуранд) |
| **Копировальный шов** | - | **Дарзи нусхагирӣ** |
| **Копировщик** | - | **Нусхагир, нусхабардор** |
| **Копия** | - | **Нусха** (аз лотинӣ ба маънои «маҷмӯъ, сершуморӣ») |
| **Копс** | - | **Найчаи металлӣ** (барои галтакпечонӣ) |
| **Кора** | - | ***Пӯст*, *пӯстлоқ*, *қишр*** (ҷамъи қабатҳои берунаи пояи растании лифӣ) |
| **Корд** | - | **Корд** (аз фаронсавӣ ба маънои «таноб, банд». 1. Ресмони тофтаи мустаҳкам; 2. Матои пашмини боҳампечияш махсус, ки дар сатҳаш раҳҳои арзии барашон 3-8 мм дорад. Он, вобаста ба зичӣ, ба- |

рои дўхтани курта, костюм ва палто хизмат мекунад. Барои руйпўш намудани нишастгоҳҳои дохили автомобилҳо аз намунаҳои ғафси чунин матоъ истифода мебаранд)

| | | |
|---|---|---|
| **Кордная нить** | - | **Ресмони корд** (масолеҳи техникӣ дар шакли ресмони филаментии ғафсу мустаҳкам) |
| **Коренная основа** | - | **Тори решагӣ** (1. яке аз се маҷмўъ ресмонҳои тор, ки ба воситаи онҳо бахмали худбур бофта мешавад. Онро тори заминавӣ низ меноманд; 2. яке аз ду маҷмўи ресмонҳои тор, ки дар бофти матои пике иштирок мекунанд. Ба воситаи он дар матоъ нақши даганда ба вуҷуд меояд, аз ин сабаб онро тори лагандавӣ низ меноманд. Маҷмўи дуюм тори абра ном дорад) |
| **Корень** | - | **Реша** |
| **Коричневый цвет** | - | **Қаҳваранг** |
| **Корковый слой** | - | **Қабати қишр** (дар пашм) |
| **Коробиться** | - | **Тоб партофтан, каҷ шудан** |
| **Коробка** | - | **Қуттӣ** |
| **Коробка боевая** | - | **Қуттии зарбазанӣ** (дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо. Дар дохили он механизми зарбазан ҷойгир шудааст) |
| **Коробка скоростей** | - | **Қуттии суръатҳо** (олати танзимгар) |
| **Коробочка хлопка** | - | **Ғўзаи пахта, кўрак** |
| **Коромысло** | - | **Шоҳин** (фашанги дукитфа) |
| **Короткая** | - | **Кўтоҳ** |
| **Короткий поводок** | - | **Кашаки кўтоҳ** |

| | | |
|---|---|---|
| **Короткое перекрытие** | - | **Пӯшидаи кӯтоҳ** (дар боҳампечӣ) |
| **Коротковолокнистый хлопок** | - | **Пахтаи кӯтоҳнах** |
| **Коротковорсистый** | - | **Кӯтоҳпат** |
| **Короткополый** | - | **Кӯтоҳдоман** |
| **Корпус** | - | **Ҷусса, тана, бадана** |
| **Корпус прибора** | - | **Танаи сбоб** |
| **Корректировка** | - | **Таҳрир** |
| **Корректор** | - | **Таҳриргар** |
| **Корреляция** | - | **Алоқамандӣ, марбутӣ** |
| **Корреспонденция** | - | **Муросилот** |
| **Коррозия** | - | **Зангзанӣ** (аз лотинӣ ба маънои «хӯрдашавӣ». Вайроншавии металл бо сабаби таъсири мутақобилаи кимиёӣ ё электрокимиёӣ бо муҳит) |
| **Корсаж** | - | 1. **Никурта** (қисми куртаи занона, ки баданро аз гардан то миён фаро мегирад);<br>2. **Юбкабанд** |
| **Корсет** | - | **Тангбанд** (аз фаронсавӣ ба маънои «бадан». Миёнбанди махсуси занона, ки ба воситаи он бо мақсади хушнамо кардани қадду қомат қисми поёнии қафаси сина, миён ва шикамро таранг мебанданд) |
| **Корыто** | - | **Тағора** |
| **Косая нить** | - | **Ресмони уреб** (ба самти ресмонҳои тор ва пуди матоъ рост намеояд. Мафҳум дар шаклбурии либос истифода мешавад) |
| **Косвенная** | - | **Ғайримустақим** |

| | | |
|---|---|---|
| Косвенная сдельная оплата труда | - | Пардохти корбаъйи ғайримустақими музди меҳнат (низоми пардохти ҳаққи кори коргарони ёрирасон: ёварони усто, калобагузорҳо, ширешпазон, боркашҳо ва ғ. Дар такя ба миқдори кори коргарони асосӣ пардохт мегардад) |
| Косвенный метод | - | Усули ғайримустақим |
| Косица | - | Дастаи мӯй (дар пашми гуногунҷинс қабзаи нах, қисми таркибии пашми яклухттарош) |
| Косматый | - | Пахмоқ, сермӯй, серпашм |
| Костра | - | Ӯзак (қисмҳои чӯбини пояи растании лифӣ (зағир, бангдона ва ғ.), ки ҳангоми нахгирӣ партов гардонида мешаванд. 65-70 % пояро ташкил мекунанд) |
| Костюм | - | 1. Сару либос (ҷамъи кулли ҷузъҳои либоси инсон);<br>2. Костюм (1. нимтанаи болопӯши мардона; 2. ҷамъи камзӯл ва юбкаи занона);<br>3. Костюм (ансамбли воҳид, ки ҷузъҳои таркибии он дар мувофиқа бо ягон аломати умумӣ (ранг, пардоз ва ғ.) сарҷамъ гаштаанд) |
| Костюмная ткань | - | Матои костюмбоб |
| Косынка | - | Уребча, рӯймоли секунҷа |
| Костный клей | - | Ширеши устухонӣ |
| Котёл | - | Дег |
| Котонная машина | - | Мошини котонӣ (таҷҳизоти кешбофии ҳамворбоф барои истеҳсоли ҷуробҳо. Сӯзанҳои чангакӣ дорад) |
| Котонизационная способность | - | Қобилияти нахдиҳӣ (имконияти аз нахи техникии растании лифӣ гирифтани нахҳои бетақсим) |

| | | |
|---|---|---|
| Кофта, кофточка | - | Кофта (куртаи нимтанаи занона) |
| Кошма | - | Намад |
| Коэффициент | - | Зариб (бузургие, ки ягон хосиятро миқдоран муайян мекунад) |
| Коэффициент вариации | - | Зариби тағйирёбӣ (дарачаи аз қимати миёна майл кардани қиматҳои дар натичаи озмоиш ҳосилшуда. Хатои нисбии андозагириро ифода мекунад) |
| Коэффициент жёсткости | - | Зариби мазбутӣ |
| Коэффициент загруженности | - | Зариби бо кор бандшавӣ |
| Коэффициент заполнения ткани | - | Зариби пуршавии матоъ (бо ресмонҳо, бе назардошти қатшавии онҳо дар натичаи боҳампечӣ) |
| Коэффициент зрелости | - | Зариби пухтагӣ |
| Коэффициент наполнения ткани | - | Зариби пуршавии матоъ (бо ресмонҳо, бо назардошти қатшавии онҳо дар натичаи боҳампечӣ) |
| Коэффициент полезного времени | - | Зариби вақти фоиданок |
| Коэффициент оборачиваемости | - | Зариби вақти гардишшазирӣ |
| Коэффициент полезного действия | - | Коэффитсиенти амали фоиданок |
| Коэффициент прочности | - | Зариби мустаҳкамӣ |
| Коэффициент трения | - | Зариби соиш |
| Коэффициент работающего оборудования | - | Зариби таҷҳизоти фаъол |
| Коэффициент районный | - | Зариби ноҳиявӣ (нишондиҳандаи афзоиши ҳаққи хизмат вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии корхона. Шароити табиӣ-иқлимии корро ба назар мегирад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Коэффициент связности ткани** | - | **Зариби алоқадории матоъ** (вобаста ба он намуди дастгоҳи бофандагиро интихоб мекунанд) |
| **Коэффициент смятия** | - | **Зариби пачақӣ** |
| **Коэффициент съёма** | - | **Зариби ҷудосозӣ ё масолеҳгирӣ** (нишондиҳандаи технологии раванди ғоздиҳӣ. Ҳиссаи наххои аз устувонаи асосии шоназан ба сатҳи устувонаи масолеҳгир гузарандаро ифода мекунад) |
| **Коэффициент тарифный** | - | **Зариби маблағӣ** (барои ҳар як дараҷаи маблағӣ қимати худро дорад. Чанд маротиба калонтар будани ҳаққи кори дараҷаи мазкурро нисбат ба ҳаққи кори дараҷаи якум ҳифода мекунад) |
| **Край** | - | **Канора** |
| **Краксы** | - | **Лӯнданахҳо** (нуқси ресмон, ки бинобар дар атрофи нахи дарози марказӣ печтоб хӯрдани наххо ба вуҷуд меояд) |
| **Кран** | - | **Ҷуммак** |
| **Крапины** | - | **Холҳо, доғҳо** (нуқси матоъ) |
| **Краска** | - | **Ранг** |
| **Красивый внешний вид** | - | **Намуди зоҳирии хушрӯ, зебо, болатофат** |
| **Красильная** | - | **Барои рангубордиҳӣ** |
| **Красильная барка** | - | **Тағораи рангубордиҳӣ** |
| **Красильная машина** | - | **Мошини рангубордиҳӣ** |
| **Красильный аппарат** | - | **Аппарати рангубордиҳӣ** |
| **Красильный цех** | - | **Шӯъбаи рангубордиҳӣ** (қисми истеҳсолоти пардоздиҳӣ) |

**Красильщик** - **Рангрез, рангзан**

**Краситель** - **Рангубор, моддаи рангбахш**

**Краситель активный** - **Рангубори фаъол** (ранги баланди нисбати рутубат устувор, ки асосан барои ранг кардани маснуоти аз наххои табиӣ истеҳсолшуда истифода мегардад)

**Краситель анилиновый** - **Рангубори нилдор**

**Краситель дисперсный** - **Рангубори парешоншав** (иборат аз заррачаҳои хурд)

**Краситель катионный** - **Рангубори катионӣ**

(гурӯҳи рангубори асосӣ, намакҳои асосҳои аммоний. Рангҳои гуногуни нисбати рушноӣ ва намӣ устувор ба вуҷуд меоранд. Барои ранг кардани наххои полиакрилонитрилӣ истифода мешаванд)

**Краситель кислотный** - **Рангубори тезобӣ**

**Краситель кубовый** - **Рангубори нилранг** (дар об ҳал намешавад. Барои ранг кардани наххои селлюлозадор аз он васеъ истифода мебаранд. Ранги дилхоҳ ба истисноии сурхи баланд дошта метавонад)

**Краситель прямой** - **Рангубори мустақим**

**Краситель сернистый** - **Рангубори кибритдор**

**Краситель хромовый** - **Рангубори хромдор**

**Краска** - **Ранг, рангубор**

**Крахмал** - **Оҳар** (моддаи сафед, карбогидрати таркиби растаниҳо. Асоси муҳимтарин ғизоҳоро ташкил мекунад, аз ҷумла орди гандум, картошка, ҷуворимакка, биринҷро. Дар саноати нассоҷӣ аз оҳар барои ширещдиҳии ресмонҳои тор ширеш

| | | |
|---|---|---|
| | | тайёр мекунанд, дар асnoи пардоз бо маҳлули он ресмонҳою матоъҳоро оҳар медиханд) |
| **Крахмаление ткани** | - | **Оҳардиҳии матоъ** |
| **Крашение** | - | **Ранг кардан** |
| **Крашение в мотках** | - | **Дар ғалтакҳои ҳалқагӣ ранг кардан** |
| **Крашение в навоях** | - | **Рангубордиҳӣ дар наварди бофандагӣ** |
| **Крашение гладкое** | - | **Якранг кардан** |
| **Крашение жгутом** | - | **Бандинавор ранг кардан** |
| **Крашение на бобинах** | - | **Рангубордиҳӣ дар калобаҳо** |
| **Крашение полотном** | - | **Рангубордиҳии газвори кушода (бо бар пурра)** |
| **Крашение на шпулях** | - | **Дар найчаҳо ранг кардан** |
| **Крашенный** | - | **Рангшуда** |
| **Кредит** | - | **Қарз** |
| **Кремовый цвет** | - | **Қаймоқранг** |
| **Креп** | - | 1. **Пухтатобӣ** (аз фаронсавӣ ба маънои «ноҳамвор, мавҷдор». Тоби баланди ресмон (беш аз 1500 печиш дар 1 м. Ресмони абрешимини пухтатобро аз 2-7 ресмони якка бо тоби 2200-3200 ва ресмони сунъии пухтатобро аз 1-2 ресмони якка бо тоби 1500-2500 печиш дар 1 м ҳосил мекунанд. Ресмони пухтатоб сахту чандир буда, сатҳи муқарнас дорад. Аз чунин ресмон матоъҳои ҷилвон мебофанд);<br>2. **Ҷилва** (намуди самар. 1. Намуди боҳампечии матоъ, ки бо ёрии он матоъҳои ҷилвонро тақлид месо- |

занд; 2. Гурӯҳи матоъҳои асосан абрешимин, ки аз ресмонҳои пухтатоб ё ба воситаи боҳампечии ҷилвон бофта мешаванд)

**Крепдешин** - **Крепдешин** (ба маънои «ҷилвон аз Чин». Матои нимҷилваи абрешимин ё аз ресмонҳои кимиёии боҳампечияш суф, ки хеле маъмул аст. Пуди онро ресмонҳои пухтатоб (2,3 тексх3 ё 2,3 тексх4 ё 2,3 тексх5) ташкил мекунанд. Ба сифати тор аз ресмонҳои зичии хаттияшон 2,3 текс х3 ё 2,3 тексх4, ки тоби муқаррарӣ доранд, истифода мебаранд. Дар асnои бофт ресмонҳои пуди самти тобхӯрияшон чапу ростро банавбат бо таносуби 2:2 мегузаронанд. Аз ин сабаб сатҳи матоъ дар палмосидан муқарнаси регӣ ба назар расида, ҷилои форам дорад. Зичии сатҳии матоъ 55-70 г/м$^2$.

**Крепжоржет** - **Крепжоржет** (матои тунуку нимшаффофи тозаҷилва аз ресмонҳои тору пуди зичии хаттияшон 2,3 тексх4. Зичии сатҳии матоъ 65-70 г/м$^2$. Бо ресмонҳои тор бештар иур шудааст (56% дар муқобили 30 %). Чандир буда, сатҳи тираи муқарнас дорад)

**Крепить** - **Сахт кардан, маҳкам кардан**

**Крепкий** - **Маҳкам, сахт, пухта**

**Крепкость** - **Маҳкамӣ, сахтӣ, пухтагӣ**

**Крепление** - **Пайванд, пайвастан, васл намудан**

**Крепление ниточное** - **Пайвасти ресмонӣ**

**Крепление клеевое** - **Пайвасти ширешӣ**

**Крепмарокен** - **Крепмарокен** (матои марокен, ки аз ресмонҳои пухтатоб бофта шудааст)

| | | |
|---|---|---|
| Креповая | - | **1. Баланд, пухта** (дараҷаи тоби ресмон);<br>**2. Ҷилвон** (1. Намуди боҳамнечии матоъ; 2. Намуди матои абрешимин) |
| **Креповая крутка** | - | **Тоби пухта (баланд), сахттоб** (беш аз 1500 печиш дар 1 м) |
| **Креповое переплетение** | - | **Боҳампечии ҷилвон** |
| **Креповые ткани** | - | **Матоъҳои ҷилвон** (матоъҳои аз абрешими табиӣ ё ресмонҳои кимиёӣ бофташуда, ки аз ресмонҳои пухтатоб иборат аст ё ба воситаи боҳампечии ҷилвон ҳосил шудааст. Қобилияти чиндор шудан ва ғиҷим нагаштан бартарии чунин матоъ мебошад. Ҳангоми аз ресмонҳои пухтатоб бофтани он одатан дар пуд ресмонҳои самти тофтагиашон чапу ростро бо пайдарпаии муайян мегузаронанд. Агар ресмонҳои пухтатоб ҳам ба сифати тор ва ҳам ба сифати пуд хизмат кунанд, матои тозаҷилва ба вуҷуд меояд (крепшифон, крепжоржет ва ғ.). Дар матои нимҷилва (крепдешин, крепсатин, файдешин ва диг.) ресмонҳои пухтатоб танҳо ба як самт (бештар ба сифати пуд) равона мешавад. Тофтагии зиёди ресмонҳо матоъро хеле чандир намуда, ба он шишти баланд мебахшад. Самти гуногуни тофтагии ресмонҳо сатҳи матоъро ба таври хос ноҳамвор мегардонад, сатҳ бо барҷастагиҳои нуқтагии хеле хурд пур мешавад ва дар масолеҳ самари сояпарто ба вуҷуд меояд. Матоъҳои ҷилвон таркиби дигар низ дошта метавонанд: пахтагин, пашмин, пашмини ғайрихолис, аз ресмонҳои сунъию синтетикӣ. Дар ин сурат самари ҷилваро асосан бо истифода аз боҳампечии мувофиқ ба даст меоранд) |

| | | |
|---|---|---|
| **Креповый эффект** | - | **Самари ҷилва** (дар баъзе матоъҳо) |
| **Крепость волокна** | - | **Мустаҳкамии нах** |
| **Крепрашель** | - | **Крепрашел** (ба номи актрисаи ролҳои фоҷиавии дар асри 19 шӯҳратманд (Фаронса). Намунаи матои ҷилвон, ки дар натиҷаи бофтани ресмонҳои пухтатоб ба сифати тор ва ресмонҳои тофтагиашон паст дар пуд бофта мешуд. Қаҳваранги сабзтоб) |
| **Крепсатин** | - | **Крепсатин** (матои нимҷилва, ки ба мисли крепдешин бофта мешавад, танҳо ба ҷои суф боҳампечии атласро истифода мебаранд. Ба сифати тор абрешими табиии 2,3 тексх2 (ё х3) ва ба сифати пуд ресмони пухтатоби табиии 2,3 тексх4 (ё х5) истифода мешаванд. Пуршавии матоъ бо ресмонҳои тор (69%) дар муқоиса бо ресмонҳои пуд беш аз ду маротиба маротиба зиёдтар аст. Боҳампечии атлас имкон медиҳад, ки ресмонҳои тор дар матоъ зич ҷойгир шуда, сатҳи абраи онро пӯшонанд ва ба ин сатҳ ҷилои дилписанд бахшанд. Ресмонҳои пуди пухтатоб асосан дар тарафи остар ҷойгир мешаванд, аз ҳамин сабаб сатҳи остари матоъ муқарнаси регнусха мебошад. Ҳолатҳое вомехӯранд, ки сатҳи ҷилвони матоъро, ки дар асл остар мебошад, ба сифати тарафи абра истифода мебаранд) |
| **Крепфай** | - | **Крепфай** (матои ҷилвон, ки нисбатан зичу ғафс аст. Зичии сатҳии он 123 г/м². Ба воситаи боҳампечии хурднақш бофта мешавад. Ресмонҳои тори решагӣ (абрешими хоми 2,33 текс) ва зичсоз (сахттоби 2,33 тексх4) дорад, дар пуд ресмонҳои пухтатоби 2,33 тексх4. Сатҳи абраи матоъ аз ресмонҳои |

тор ва пуди пухтатоб ташаккул ёфта, тираю муқарнас мебошад. Ресмонҳои тори решагӣ, ки пухтатоб нестанд, дар сатҳи остар ҷой гирифта, онро ҳамвор, суфта ва то дараҷае ҷилодор мегардонанд)

**Крепшифон** - **Крепшифон** (матои сабуктарин тозаҷилва буда, зичии сатҳияш 35 г/м$^2$ мебошад. Масолеҳи куртавор ва ороиши боҳампечияш суф. Тунуку шаффоф аст. Аз абрешими хоми зичии хаттияш 2,3 тексх2 бофта мешавад. Дараҷаи бо ресмонҳо пуршавии матоъ ҳамаги ба 30 % (тор) ва 35 % (пуд) баробар аст. Сатҳи тираи муқарнас дорад,.)

**Крестовая намотка** - **Печиши ҷилликӣ**

**Крестовина** - **Фашанги ҷилликӣ**

**Крестомотальная машина** - **Мошини ҷилликипечӣ**

**Кретон** - **Кретон** (ба номи шаҳре дар Фаронса. Матои пахтагини боҳампечиаш суф аз ресмонҳои қаблан рангшуда, ки нақши геометрӣ аз қабили раҳҳою катакҳо дошт. Баъзан бар замми ин масолеҳ нақшбандӣ мегашт. Бинобар зичии баланд барои рӯйпӯш кардани мебел, ҳамчун парда ва чодир истифода мешуд)

**Кривая линия** - **Хати каҷ**

**Кривизна** - **Каҷӣ**

**Криволинейное движение** - **Ҳаракати каҷхатта**

**Кривошип** - **Каҷгардана**

**Кривошипный механизм** - **Механизми дорои каҷгардана**

**Кризис** - **Бӯҳрон**

| | | |
|---|---|---|
| **Кримплен** | - | **Кримплен** (1. (ресмони калонҳаҷми (мураккаб) ёзишаш паст, ки бо усули «тобдиҳии сохта» аз наххои синтетикии полиэфир истеҳсол мешавад; 2. Матои чандиру мулоим аз ресмонҳои синтетикӣ. Ғиҷим намешавад ва ба осонӣ шуста мегардад. Замоне хеле шӯҳратманд буд) |
| **Кринкл** | - | **Матои чиндор** (ба мисли матои крэш. Одатан чинҳои матоъро дар аснои пардоз ба самти тор мефишуранд то онҳо айён гарданд) |
| **Кринолин** | - | **Кринолин** (юбкаи васеи зангӯламонанд, ки бо қасқонҳои симини борик таҷҳизонида шудааст) |
| **Критерий** | - | **Маҳак** (аломате, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, тавсиф ё таснифи чизе ба иҷро мерасад) |
| **Критерии качества** | - | **Маҳакҳои сифат** |
| **Критерии оценки** | - | **Маҳакҳои баҳодиҳӣ** |
| **Критическая** | - | **Ҳудудӣ, хатарнок, қатъӣ** |
| **Критическая крутка** | - | **Тоби қатъӣ** (қимати тофтагие, ки мустаҳкамии баландтарини ресмонро таъмин мегардонад) |
| **Критическая температура** | - | **Ҳарорати ҳудудӣ** |
| **Кроенный** | - | **Шаклбурӣ шуда** |
| **Кроильный стол** | - | **Мизи шаклбурӣ** |
| **Кроить** | - | **Шаклбурӣ** |
| **Крой** | - | **Масолеҳи шаклбурида** |
| **Кройка** | - | **Шаклбурӣ** |
| **Кроличий пух** | - | **Тибити заргӯш** |
| **Кромка** | - | **Ҳошия** |

| | | |
|---|---|---|
| Кромка брошюровочная | - | **Ҳошияи шерозабаста** (дар баъзе дастгоҳҳои бофандагии найзагии ҳавокор иҷро карда мешавад) |
| Кромка закладная | - | **Ҳошияи қат-қат** (дар дастгоҳи бофандагии бемоку бо роҳи қат намуда, ба боди пасоянд дохил кардани нӯги ресмони пуд ба вуҷуд меоранд) |
| Кромка клеевая | - | **Ҳошияи ширешӣ** |
| Кромка обрезная | - | **Ҳошияи бурида партовшав** (дар дастгоҳи бофандагии ҳавокору обкор ба вуҷуд меояд) |
| Кромка перевивочная | - | **Ҳошияи печтобӣ** (дар дастгоҳи бофандагии фаврагӣ иҷро карда мешавад) |
| Кромка ткани | - | **Ҳошияи матоъ** |
| **Кромкообразование** | - | **Ҳошиябандӣ** (дар дастгоҳи бофандагӣ) |
| **Кромкообразователь, кромкообразующий прибор** | - | **Олати ҳошиябанд** |
| **Кромкорасправитель** | - | **Ҳамворгари ҳошия** |
| **Кромочная** | - | **Ҳошиявӣ** |
| Кромочная нить основы | - | **Ресмони тори ҳошиявӣ** |
| Кромочное переплетение | - | **Боҳампечии ҳошиявӣ** |
| **Крона** | - | **Паррадон** (қисми паррак (олати ресмонпеч), ки дар он нӯгҳои даруниии парраҳо ҷамъ шудаанд) |
| **Кропать** | - | **Хомдӯзӣ кардан** |
| **Кронштейн** | - | **Танба, такягоҳ** |
| **Кроше** | - | **Кроше** (ресмони чор ё шашторaи дукарата тобдодаи ҳарранга барои тӯрбофию кешбофии дастӣ. Тоби |

| | | |
|---|---|---|
| | | нхустини пухта ва тоби дуюмкаратаи суст дорад. Одатан сафеди тира) |
| **Круг** | - | **1. Доира;**<br>**2. Давра** |
| **Круглое сечение** | - | **Буриши муддавар** |
| **Круглоткацкий станок** | - | **Дастгоҳи муддавари бофандагӣ** |
| **Круглотрикотажная машина** | - | **Мошини муддавари кешбофӣ** |
| **Круглочулочный автомат** | - | **Худкори муддавари ҷуроббофӣ** |
| **Круглый бак** | - | **Чалаки муддавар** |
| **Круговая** | - | **Даврӣ** |
| **Круговая диаграмма** | - | **Таносубрасми даврӣ** (нақшае, ки дар он лаҳзаҳои оғозу анҷоми марҳалаҳои гуногуни амалиёт тасвир гаштааст) |
| **Круговое движение** | - | **Ҳаракати мудаввар, давргардӣ** |
| **Кругооборот оборотных средств** | - | **Давргардии маблағҳои гардон** (мол – пул - мол) |
| **Кружевница** | - | **Ҳошиябоф, тӯрбоф** |
| **Кружево** | - | **Ҳошиятӯр** (онро бо роҳи дӯхтан, кешбофӣ ё печбофӣ ҳосил мекунанд. Бо он ҷузъҳои либос, парда, рӯймолча ва ғ. оро дода мешавад) |
| **Кружевное полотно** | - | **Газвори тӯр** (газвори нақшини сӯрохдор. Аз ҳисоби тағйир додани зичии ҷойгиршавии ресмон соҳиби нақш мегардад. Аз он куртаҳои бошукӯҳ медӯзанд. Ҳамчун масолеҳи ороишӣ низ истифода мешавад) |
| **Кружок** | - | **Доирача, тангача** (рамзе, ки дар расми ҷойгирсозии матоъ пӯшидаи торро ифода менамояд) |

**Крупная строчка** - **Хати дарозкўк**

**Крупноузорчатая** - **Калоннақш**

**Крупноузорчатая ткань** - **Матои калоннақш** (бо ёрии мошини жаккардӣ бофта мешавад ва аз ин сабаб онро матои жаккардӣ низ меноманд)

**Крупноузорчатые переплетения** - **Боҳампечиҳои калоннақш** (гурўҳи боҳампечиҳое, ки синфи алоҳидаро ташкил мекунанд, боҳампечиҳои жаккардӣ. Аз онҳо ҳангоми бофти матоъҳои калоинақш истифода мебаранд. Бозгашти онҳо миқдори хеле зиёди ресмонҳои тору пудро дарбар мегирад: ин нишондиҳанда баъзан якчанд ҳазорро ташкил мекунад)

**Крутая** - **Сахт, баланд, фароз**

**Крутая присучка** - **Тофтапайванди баланд** (нуқси пилта, ки дар натиҷаи аз дараҷаи зарурӣ сахттар тофта пайвастани нўгҳои пилтаи кандашуда ба вуҷуд меояд)

**Крутая саржа** - **Ласи фароз** (боҳампечии ҳосилавӣ, ки ба он қимати калони кунҷи моилии раҳҳо нисбати тири уфуқӣ хос аст. Онро боҳампечии диагоналӣ низ меноманд)

**Крутильная** - **Тобдеҳ**

**Крутильная машина** - **Мошини тобдеҳ** (таҷҳизот барои истеҳсоли ресмони тофта, таноб ва ғ. бо роҳи якҷоя тоб додани якчанд ресмон)

**Крутильная машина для двойного кручения** - **Мошини тобдеҳи тобаш дукарарата** (дар аснои як гардиши олати тобдеҳи он ба ресмон ду тоб бахшида мешавад)

**Крутильная машина кольцевая** - **Мошини тобдеҳи ҳалқагӣ**

| | | |
|---|---|---|
| **Крутильная машина одно-процессная** | - | **Мошини тобдеҳи якраванда** (он кори мошинҳои таъиноташон гуногунро иҷро мекунад, аз ҷумла тоби қаблии ташкилдеҳҳо, ҳамраҳсозии онхо ва тоби ниҳой) |
| **Крутильная машина этажная** | - | **Мошини тобдеҳи ошёнагӣ** (ду нишема дорад. Ғалтаки воридотӣ дар дуки даврзананда нишастааст. Ҳангоми аз он кушода шудан ресмон соҳиби тоби иловаги мегардад) |
| **Крутильное веретено** | - | **Дуки тобдеҳ** |
| **Крутильное производство** | - | **Истеҳсолоти тобдиҳӣ** |
| **Крутильный цех** | - | **Шӯъбаи тобдиҳӣ** (қисми истеҳсолоти ресандагӣ, ки ресмонҳои тофта мебарорад) |
| **Крутильщица** | - | **Тофтагар** |
| **Крутить** | - | **Тоб додан** |
| **Крутка** | - | **1. Тоб додан, тофтан;** |
| | | **2. Дараҷаи тобхӯрӣ** |
| **Крутка вторичная** | - | **Тоби дуюмкарата** (тобе, ки ба ресмони чандтора ё ресмони тофта дода мешавад. Ресмонҳои таркиби он тоби аввала доштa метавонанд) |
| **Крутка креповая** | - | **Тоби пухта (баланд, сахт)** |
| **Крутка критическая** | - | **Тоби қатъӣ** (қимати тофтагие, ки мустаҳкамии баландтарини ресмонро таъмин мегардонад) |
| **Крутка ложная** | - | **Тоби сохта** |
| **Крутка максимальная** | - | **Тоби баландтарин** |
| **Крутка окончательная** | - | **Тоби ниҳой** |
| **Крутка оптимальная** | - | **Тоби муносиб** |
| **Крутка остаточная** | - | **Тоби бозмонда** |

| | | |
|---|---|---|
| **Крутка фактическая** | - | **Тоби воқеӣ** |
| **Крутка фасонная** | - | **Тоби муқарнас** |
| **Круткомер** | - | **Тобсанҷ** |
| **Кручение** | - | **Тобдиҳӣ, тофтан** |
| **Кручение двойное** | - | **Тоби дукарарата** (дар аснои як гардиши олати тобдеҳ ба ресмон ду тоб бахшида мешавад) |
| **Кручение двухстадийное** | - | **Тоби дузинагӣ** |
| **Кручение однозонное** | - | **Тоби якмавзеӣ** (масалан, дар мошини ресандагии ҳуҷрачагӣ) |
| **Кручёная** | - | **Тофта, тобдода** |
| **Кручёная нить (пряжа)** | - | **Ресмони тофта** (аз ду ё бештар ташкилдиҳанда иборат аст) |
| **Кручёная ровница** | - | **Пилики тофта** |
| **Кручёные изделия** | - | **Маснуоти тофта,** (маҳсулоте, ки дар натиҷаи тофтани ресмонҳо, тасмаҳои борики коғаз ва ғ. ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла ресмони дӯзандагӣ, канаб, таноб, банд, чилбур. Ресмони тобдодашудае, ки коркарди нассоҷии он идома меёбад (агар барои истеҳсоли газворҳои бофтаю нобофта, тӯр ва ғ. пешбинӣ шуда бошад), маснуоти тофта ҳисоб намешаванд) |
| **Кручёный шнур** | - | **Таноби тофта** |
| **Крыльчатый нитеводитель** | - | **Ресмонбари қанотшакл** |
| **Крышка** | - | **Сарпӯш, қапқоқ** |
| **Крэш** | - | **Матои чиндор** (ба мисли матои кринкл. Одатан чинҳои матоъро дар аснои пардоз ба самти тор мефишуранд то онҳо айён гарданд) |

| | | |
|---|---|---|
| Крюк | - | Чангак |
| Крючковая игла | - | Сӯзани чангакӣ (сӯзани кешбофие, ки нӯги чангаки он дар аснои пӯшидашавӣ ба тири сӯзан омада мерасад) |
| Крючок | - | Чангак |
| Крючок вязальный | - | Чангаки кешбофӣ (ҳалқабандӣ) |
| Крючок запрессованный | - | Чангаки пӯшида, маҳкамшуда |
| Крючок иглы | - | Чангаки сӯзан |
| Крючок проборный | - | Чангаки торгузаронӣ |
| Кубовый краситель | - | Рангубори нилранг (дар об ҳал намешавад. Барои ранг кардани нахҳои селлюлозадор аз он васеъ истифода мебаранд. Ранги дилхоҳ ба истиснои сурхи баланд дошта метавонад) |
| Кудель | - | Поға |
| Кукловыколачивание | - | Кӯфтабарории зочакирмак |
| Куколка | - | 1. Зочакирмак;<br>2. Лӯхтакчапеч (печиши 8-монанди ресмон) |
| Кукурузный крахмал | - | Оҳари ҷуворимакка |
| Кулачковая | - | Муштакӣ |
| Кулачковая муфта | - | Васлгари муштакӣ |
| Кулачковая передача | - | Таҳвили муштакӣ |
| Кулачковый вал | - | Наварди муштакҳо |
| Кулачковый зевообразовательный механизм | - | Механизми бодкушои муштакӣ |
| Кулачок | - | Муштак |

| | | |
|---|---|---|
| **Кулирование** | - | **Қатгардонӣ** (дар кешбофӣ ёке аз зинаҳои халқабандӣ, амалиёти дар сӯзан хам шудани ресмон бо мақсади ташкили ҳалқаи нав) |
| **Кулирная** | - | **Барои қат кардан** |
| **Кулирная платина** | - | **Лавҳачаи қатгардон** |
| **Кулирное колесо** | - | **Чархи қатгардон** (ҷузъи мошини кешбофӣ, ки дар он лавҳаҳои қатгардон васл шудаанд) |
| **Кулирный трикотаж** | - | **Кешбофти кундалангӣ** (ниг. Поперечновязаный трикотаж) |
| **Кулиса** | - | **Кулиса** (фашанги гӯшакдор) |
| **Кулиска** | - | **Бандҷо** (ҷузъи либос дар шакли тасмаи матоъ, ки барои гузарондани камарбанд аз тарафи остар дӯхта мешавад) |
| **Кулич** | - | **Гирда** (намуди ғалтак) |
| **Культура хлопка** | - | **Парвариши пахта** |
| **Кумач** | - | **Матои алвон** (номи арабӣ. Матои пахтагини рангаш сурхи баҳампечиаш суф. Аз он деҳотиён куртаҳои занонаю мардона медӯхтанд) |
| **Купальник** | - | **Либоси оббозӣ** |
| **Купальный халат** | - | **Хилъати оббозӣ** |
| **Купон** | - | **Як либосвор** (дар кешбофӣ онро маснуоти ниммунтазам низ меноманд) |
| **Курак** | - | **Кӯрак** (ғӯзаи кушода нашудаи пахта) |
| **Куракоуборочная машина** | - | **Мошини кӯракчин** |
| **Куралон** | - | **Куралон** (нахи поливинилспиртии истеҳсоли Ҷопон. Дар асл ҳамон винол) |

| | | |
|---|---|---|
| **Курсы кройки и шитья** | - | **Таҳсилоти шаклбурӣ ва дӯхт** |
| **Куртель** | - | Куртел (наху ресмони синтетикиии истеҳсоли Инглистон. Аз полиакрилонитрил мегиранд. Мо онро нитрон меномем) |
| **Куртка** | - | **Куртка** (палтои сабук) |
| **Кусковая шерсть** | - | **Пашми пора-пора** (пораҳои алоҳидаи ифлоснашудаи пашми яклухттарош, ки то 100-150 г вазн доранд) |
| **Кусок** | - | **Порча, пора** |
| Кусок основы | - | **Порчаи тор** |
| **Кусок ткани** | - | **Порчаи матоъ** (дарозии он барои ҳар матоъ қимати гуногун дорад. Он дар мувофиқа бо муассисаи фармоянда муқаррар карда мешавад) |
| Кусочек | - | **Порчаи хурд** |
| Куст | - | **Бутта, бех** |
| Кустарное производство | - | **Истеҳсолоти косибӣ** |
| **Кустарь** | - | **Косиб** |
| **Кутикула** | - | **Пӯсти поя** қабати берунаи пояи растанӣ) |
| **Куфтомотальная машина** | - | **Мошини абрешимпечӣ** |
| Кюлот | - | **Кюлот** (шалвори кӯтоҳи дарбориёни фаронсавӣ, то асри 19 дар истифода буд) |

# Л

| | | |
|---|---|---|
| **Лабаз** | - | **Заминзарф** (барои нигаҳдории масолеҳ дар шароити муайян) |
| Лабаз **расходный** | - | **Заминзарфи хароҷотӣ** |
| **Лаборант** | - | **Озмоишгар** |
| **Лаборатория** | - | **Озмоишгоҳ** |
| **Лавровый шёлкопряд** | - | **Абрешимреси ғорхӯр, кирмаки дарахти ғор** (онро абрешимреси Ассамӣ ва муга низ меноманд. Соле панҷ маротиба пилла медиҳад. Дар Ҳиндустон ва Ассам пахн шудааст) |
| **Лавсан** | - | **Лавсан** (мухтасаршудаи номи муассисаи русии «Лаборатория высокомолекулярных соединений Академии наук». Номи нахи синтетикии полиэфир, ки аз гудохтаи полиэтилентерифталат дар Руссия истеҳсол мекунанд) |
| **Лайка** | - | **Маҳинчарм** |
| **Лайкра** | - | **Лайкра** (навъи нахи синтетики полиуретанӣ, ки дар ИМА истеҳсол карда мешавад. Ихтирооти ширкати «Дюпон». Аз он ҷуробҳои шинам мебофанд. Ба таркиби маснуоти муқаррарӣ то 22 % ворид карда ) |
| **Лаке** | - | **Лаке** (1. амалиёти махсуси пардози матоъ бо мақсади ҷилодору суфта гардонидани сатҳи он; 2. матои суфтаи яллаққосӣ барои тайёр кардани боронӣ, сумка ва ғ.) |
| **Ланон** | - | **Ланон** (номи нахи синтетикии полиэфир, ки аз гудохтаи полиэтилентерифталат дар Олмон истеҳсол мекунанд) |

| | | |
|---|---|---|
| Лакмус | - | **Лакмус** (коғази бунафштоб, ки дар тезоб сурх ва дар ишқор кабуд мешавад) |
| Лама | - | **Лама** (ҳайвони боркаш аз ҷинси шутурҳо, ки пашми он дар саноати нассоҷӣ истифода мешавад) |
| Ламе | - | **Ламе** (матои боҳампечияш атлас аз абрешими табиӣ ё ресмонҳои сунъӣ. Он дар солҳои 30-ми асри 20 хеле маъмул буд. Як сатҳи матоъ ҷилодор буда, сатҳи дигараш самари ҷилваро дошт. Имрӯзҳо ин матоъ аз ҳисоби дар таркиби он мавҷуд будани ресмонҳои металлӣ ҷилодору мавҷзан бофта мешавад) |
| Ламель | - | **Овеза** (лавҳаи чашмакдор, ҷузъи кории механизми назорати ресмонҳои тор дар дастгоҳи бофандагӣ. Он аз ҳисоби тарангии ресмони аз чашмак гузаронидашуда муаллақ меистад) |
| Ламель закрытый | - | **Овезаи пӯшида** |
| Ламель открытый | - | **Овезаи кушода** |
| Ламельная | - | **Барои овезаҳо** (дар дастгоҳи бофандагӣ) |
| Ламельная рейка | - | **Зеҳи овезагузаронӣ** |
| Ламельный прибор | - | **Олати овезаҳо** |
| Лампа индикаторная | - | **Чароғаки нишондеҳ** |
| Лампас | - | **Лампас** (рахи рангини паҳлуй қадқади шими ҳарбиён) |
| Ланолин | - | **Ланолин** (аз лотинӣ ба маънои «пашми равғандор». Муме, ки дар натиҷаи шустани пашми гӯсфандон ҷудо мешавад) |

**Лансированное переплетение** - **Боҳампечии гулдӯзинусха** (аз фаронсавӣ ба маънои «партофт». Боҳампечие, ки ба воситаи он дар матои бофташав нақши тақлиди гулдӯзӣ пайдо мешавад. Броше намунаи чунин матоъ аст)

**Лапка** - **Панҷак**

**Ластик** - **Ластик** (аз англисӣ ба маънои «мустаҳкам». 1. Матои пахтагини боҳампечияш атлас. Сатҳи абраи онро қариб ба пуррагӣ ресмонҳои тор мепӯшанд. Газвори сабук, абрешиммонанд ва ҷилодор аст. Дар асной пардоз намкаш гардонида мешавад ва ба он сайқалоби мулоимгардон мемоланд. Асосан якранг, баъзан нақшбаста истеҳсол шуда, барои куртаҳою остари либос истифода мешавад; 2. Боҳампечии кешбофии кундалангӣ, ки ба синфи боҳампечиҳои содда дохил аст. Дучанда буда, маснуоти дурӯя ба вуҷуд меорад. Дар он сутунчаҳои ҳалқагии абраю остар бонавбат аз рӯи таносуби мухталиф (1:1, 2:2, 1:2 ва ғ.) ҷойгир шудаанд)

**Ластичная машина** - **Мошини ластикӣ** (намуди таҷҳизоти кешбофии дорои ду сӯзандон. Дар он сӯзанҳое, ки ба сӯзандонҳои болою поён тааллуқ доранд, дар муқобили якдигар ҷойгир нашуда, қадре ғеҷидаанд)

**Ластичный трикотаж** - **Кешбофти ластикӣ** (маснуоти кешбофишудаи дучандаю дурӯя дар назар аст. Яъне дар ҳарду сатҳи он ҳалқаҳои абраю остар бо тартиби муайян вомехӯранд))

**Ластовица** - **Қулфак** (пораи матоъ дар бағали либос, ки барои озод будани ҳаракат хизмат мекунад. Ҷузъи мазкур дар шакли росткунҷа ё ромб иҷро мешавад)

| | | |
|---|---|---|
| **Латаный** | - | **Ямоқшуда, поргишуда** |
| **Латать** | - | **Ямоқ кардан, поргӣ шуда** |
| **Лацкан** | - | **Поёни гиребон** (қисми хамгаштаи доман, кунҷҳои лабгардони палто, жакет, пиҷак) |
| **Левабл** | - | **Левабл** (аз фаронсавӣ ба маънои «шусташав». Ин тавр матоъҳоеро меноманд, ки аз коркарди махсуси «шӯю–пӯш» гузаштаанд. Новобаста ба намуди наххои истифодашуда, матоъ мулоим буда, қобилияти хуб шуста шуданро дорад) |
| **Левантин** | - | **Леватин** (ба номи шаҳри қадимаи Левант дар Шарқ. Матои абрешимин, ки танҳо якранг истеҳсол мешуд, ҳарчанд рангҳои гуногун дошта метавонист) |
| **Левая крутка** | - | Чаппатоб (дар ресмон) |
| **Лёгкая одежда** | - | **Либоси сабук** |
| **Ледерин** | - | **Ледерин** (аз олмонӣ ба маънои «чарм, пӯст». Матои пахтагин, ки як сатҳи он бо ғишои (қабати) чандир пӯшида шудааст. Ғишо дар натиҷаи молидани моддаи махсус (дар асоси нитроселлюлоза) пайдо мешавад. Матоъ пеш аз пардози ниҳоӣ намуди дурушт, сафедшуда ё рангшуда дорад. Бештар барои истеҳсоли ледерин аз карбос истифода мебаранд. Сатҳи матоъ хоси ҷилодор аст он расми возеҳи нақшкӯбӣ дорад. Дар саноати полиграфӣ аз ледерин ҳамчун масолеҳи муқовасозӣ истифода мебаранд) |
| **Лезвие** | - | **Теғ** |
| **Лекало** | - | **Қолиб** |

| | | |
|---|---|---|
| **Лекальщик** | - | **Қолибсоз** |
| **Лён** | - | **Зағир** (растании лифӣ ва нахе, ки аз пояи он мегиранд) |
| **Лён-беленец** | - | **Зағир сафеднах** (бо роҳи коркарди хушк аз пояи растанӣ гирифта мешавад) |
| **Лён горный** | - | **Зағири лалмӣ** |
| **Лён–долгунец** | - | **Зағири дарозпоя** |
| **Лён –межеумок** | - | **Зағири миёнақад** |
| **Лён–кудряш** | - | **Зағири сершоха, кӯтоҳпоя** |
| **Лён мятый** | - | **Зағири ғиҷимшуда** |
| **Лён трёпанный** | - | **Зағири наддофишуда** |
| **Лента** | - | 1. **Пилта** (маҳсулоти нимтайёри истеҳсолоти ресандагӣ);<br>2. **Тасма** (1. газвори камбар; 2. дастаи иборат аз қисми ресмонҳои тор) |
| **Лента гребенная** | - | **Пилтаи шоназада** |
| **Лента кардная** | - | **Пилтаи кардавӣ** (ғозшуда) |
| **Лента тканая** | - | **Тасмаи бофта** |
| **Лента чёсальная** | - | **Пилтаи ғоза** |
| **Лентоткацкий станок** | - | **Дастгоҳи тасмабофӣ** |
| **Лентоукладчик** | - | **Ҷобаҷогари пилта** |
| **Ленточка** | - | **Пилтача** (дар мошини ҳаворес маслеҳе, ки пас аз пора-порагардонии пилта аз нав дар натиҷаи пайвастгардии наххо ба вуҷуд меояд) |
| **Ленточная** | - | 1. **Пилтабарор;**<br>2. **Тасмашакл, тасмагӣ, тасмадор, барои тасма** |

| | | |
|---|---|---|
| Ленточная машина | - | **Мошини пилтабарор** |
| Ленточная намотка | - | **Печиши тасмагӣ** (нуқси раванди азнавпечӣ) |
| Ленточная сновальная машина | - | **Мошини танандаи тасмагӣ** |
| Ленточное бердо | - | **Теғаи тасма, теғаи таъмингар** (дар мошин барои тортании тасмагӣ) |
| Ленточное снование | - | **Тортании тасмагӣ** |
| Ленточный конвейер | - | **Таҳвилгари тасмагӣ** |
| Ленточный транспортёр | - | **Таҳвилгари тасмагӣ** |
| Ленточный тормоз | - | **Манъгари тасмагӣ** |
| Ленточный цех | - | **Шӯъбаи пилтабарорӣ** (дар таркиби истеҳсолоти ресандагӣ ташкил мешавад) |
| Ленточница | - | **Пилтарес** |
| Лепесток | - | **Гулбарг** (узви растанӣ) |
| Летние ткани | - | **Матоъҳои тобистона** (аз онҳо либоси тунук медӯзанд. Аз қабили матоъҳои пахтагини батист, волта, вуал, майя, маркизет) |
| Летучка | - | **Нахи паррон** |
| Ливрея | - | **Хизматҷома** (либоси хизматгорҳо) |
| Либит | - | **Либит** (ҳалқабандинаи дарозии давраш 4-5 м, ки аз 25-30 ресмони абрешимин иборат аст. Барои рангубордиҳӣ ба таври абрбандӣ истифода мешавад) |
| Ликвидация обрыва нити | - | **Ислоҳи каниши ресмон** (бастани гиреҳ ва бакордарории мошин) |
| Лимит времени | - | **Ҳадди вақт** (меъёри ҳудудии чизе) |

| | | |
|---|---|---|
| **Линейная** | - | **Хаттӣ** |
| **Линейная плотность кондиционная** | - | **Зичии хаттии мувофиқ** |
| **Линейная плотность нити, пряжи** | - | **Зичии хаттии ресмон** (вазни 1 км-и он, воҳидаш текс ё г/км ) |
| **Линейная плотность номинальная** | - | **Зичии хаттии исмӣ** |
| **Линейная плотность нормированная** | - | **Зичии хаттии меъёрӣ** |
| **Линейная плотность ткани** | - | **Зичии хаттии матоъ** (вазни 1 м) |
| **Линейная скорость** | - | **Суръати хаттӣ** (воҳидаш м / дақ) |
| **Линейный заправочный рисунок** | - | **Расми хаттии ҷойгирсозӣ** (нақшае, ки дар он ресмонҳои тору пудро бо хатҳои рости амудию уфуқӣ ифода менамоянд) |
| **Линза** | - | **Линза** (шишаи шаффофи оптикӣ, ки ҷисмро калон ё хурд карда нишон медиҳад) |
| **Линия** | - | **Хат** |
| **Линия автоматическая** | - | **Хати худкор** (раванде, ки бетаваққуф амал менамояд) |
| **Линия вертикальная** | - | **Хати амудӣ** |
| **Линия винтовая** | - | **Хати печон, рахапеч** |
| **Линия горизонтальная** | - | **Хати уфуқӣ** |
| **Линия захвата волокон** | - | **Хати дошта гирифтани нахҳо** |
| **Линия касательная** | - | **Хати расанда** |
| **Линия кривая** | - | **Хати каҷ** |
| **Линия прямая** | - | **Хати рост** |
| **Линия поточная** | - | **Хати муттасил** |

| | | |
|---|---|---|
| Линия стойки | - | Хати такягоҳ |
| Линия уступа | - | Хати гузашт (масофа аз ибтидои дарзи даруни то канори гиребон ё нимдоман) |
| Линт | - | Линт (нахи кӯтоҳи пахта) |
| Линтер | - | Линтер (мошин барои аз сатҳи чигит канда гирифтани линт) |
| Линтерование | - | Линтгирӣ (яке аз равандҳои коркарди ибтидоии пахта) |
| Линтоочиститель | - | Тозагари линт |
| Линька | - | Тулак кардан (1. ивазшавии пӯсти кирмак; 2. ивазшавии пашми ҳайвонот) |
| Линючая материя | - | Газвори рангпар |
| Линять | - | 1. Партофтани пӯст ё мӯй;<br>2. Берангшавӣ |
| Лист | - | Барг |
| Лиственные волокна | - | Нахҳои баргӣ (аз барги растаниҳо гирифта мешаванд. Сизал, манила, зағири дар Зеландияи нав сабзанда нахҳои баргиянд) |
| Листочка | - | Лабак (дар либос ҷузъи киса, ки даҳанаи онро оро медиҳад. Ба воситаи нӯгхои паҳлӯӣ васл мегардад) |
| Литература | - | Адабиёт |
| Литр | - | Литр (воҳиди ҳаҷм ва ғунҷоиш) |
| Лиф | - | Лиф (қисми либоси китфпӯш аз миён боло) |
| Лифчик | - | Синабанд |
| Лица | - | Гула (дар мошини жаккардӣ) |
| Лицевая | - | Абра |

| | | |
|---|---|---|
| Лицевая основ а | - | **Тори абра** (маҷмўи ресмонҳои торе, ки дар ташаккули қабати болои матои чандқабата иштирок мекунанд) |
| Лицевая петля | - | **Ҳалқаи абра** |
| Лицевая сторона | - | **Тарафи абра** |
| Лицевая ткань | - | **Матои абра** (дар либос) |
| **Лицевать** | - | **Чаппадўзӣ** |
| **Лицензия** | - | **Ҷавоз** (аз лотинӣ ба маънои «ҳуқуқ, иҷозат». Иҷозатномаи махсуси давлатӣ барои истеҳсолу фурўши маҳсулот ва хизматрасонӣ) |
| **Лицы** | - | **Гулаҳо** (аз онҳо дар дастгоҳи бо мошини жаккардӣ таҷҳизонидашуда ресмонҳои тор гузаронида мешаванд) |
| **Личинка** | - | **Кирмак** (яке аз марҳалаҳои инкишофи кирмаки пилла) |
| **Лоден** | - | **Лоден** (матои пашмини моҳутнусха, аммо тунуктару мулоимтар) |
| **Ложная крутка** | - | **Тоби сохта** (дар масолеҳи тофта ҳарду самти тоб вомехўранд) |
| **Ложнорепсовая ткнь** | - | **Матои репси сохта** (матои боҳампечияш суф, ки дар тақлиди репс раххои бофта дорад, масалан поплин ва тофта. Барои пайдо шудани раххо матоъро аз ресмонҳои тор ва пуди ғафсияшон ба таври возеҳ фарқдошта мебофанд ё ресмонҳои тору пуди зичии хаттияшон баробар дар матоъ бо зичии гуногун ҷойгир карда мешаванд) |
| **Локоть** | - | **Оринҷ** |
| **Ломаная саржа** | - | **Ласи шикаста** |
| **Ломать, ломаться** | - | **Шикастан** |

| | | |
|---|---|---|
| **Ломкий** | - | **Мўрт, зудшикан** |
| **Ломкость** | - | **Мўртӣ, зудшиканӣ** |
| **Лопастный** | - | **Парракдор** |
| **Лопасть батана** | - | **Пояи теғадастгир** |
| **Лопнуть по шву** | - | **Аз чок даридан** |
| **Лоск** | - | **Тобиш, ҷило, сайқал** |
| **Лоскут** | - | **Латтапора** |
| **Лоскут весовой** | - | **Латтапораи вазнӣ** (пасмондаҳои газвор, ки андозаҳои хурд дошта, аз рӯи вазнашон ба қайд гирифта мешаванд) |
| **Лоскут мерный** | - | **Латтапораи андозагӣ** (пасмондаҳои газвор, ки аз рӯи дарозиашон ба қайд гирифта мешаванд) |
| **Лоскутное изделие** | - | **Маснуоти қуроқӣ** (аз латтапора дӯхташуда) |
| **Лотковый стеллаж** | - | **Рафи бисёрқабатаи новадор** |
| **Лоток** | - | **Нова** |
| **Лоток направляющий** | - | **Новаи самтбахш** |
| **Лоток щелевой** | - | **Новаи тарқишӣ** |
| **Лощение** | - | **Суфта кардан, ялаққосӣ намудан, ҷило бахшидан** |
| **Лощёная** | - | **Суфташуда, пардозшуда, ҷилодода** |
| **Лощёная отделка** | - | **Пардози ҷилобахш** |
| **Луб** | - | **Лиф** (ҷамъи қабатҳои берунаи пояи растании лифӣ) |
| **Лубяное** | - | **Лифӣ** |

Лубяное волокно - **Нахи лифӣ** (аз поя, барг ё меваи растанӣ гирифта мешавад, мисли зағир, ҷут)

Лубяное растение - **Растании лифӣ**

Луковица - **Бех** (нӯги решаи пашм)

Лунка гонка - **Чуқурчаи кӯбак**

Лупа - **Пурбин**

Луч - **Нур**

Лучепреломление - **Нуршиканӣ**

Лучистый - **Нурдор**

Льгота - **Имтиёз**

Льномялка - **Мошин барои ғиҷими зағирпоя**

Льнопрядение - **Зағирресӣ**

Льносолома - **Коҳи зағирпоя**

Льнотреста - **Зағирпояи хесида**

Льняная **Зағирин**

Льняная пряжа **Ресмони зағирин** (он бо усулҳои хушк ва тар ресида мешавад. Ба тарзи хушк аз наххои дарозу кӯтоҳ ва пасмондаҳои амалиёти ғоздиҳӣ ресмони ғафс (33-666 текс) истеҳсол мекунанд. Бо усули тар (пилик пеш аз ресидан тар карда мешавад) аз наххои дароз ва пасмондаҳои ғоздиҳӣ ресмонҳои бориктар (24-200 текс) мересанд)

Льняное полотно - **Газвори зағирин** (сатҳи он суфта буда, соҳиби ҷилои хира мебошад. Он зуд ифлос намешавад, ресмонҳояш кам мерезанд. Бинобар қобилияти баланди намкашӣ дош-тан, либоси зағирин ба мубодилаи

табиии ҳаво байни бадану муҳит монеъ намешавад. Пўшидани чунин либос дар мавсими тобистон ва махсусан дар шароити тропикӣ мувофиқи матлаб аст)

**Льняное производство** - **Истеҳсолоти зағирбофӣ**

**Льняное семя** - **Чигити зағир**

Люкс - Люкс (воҳиди ченаки рўшной)

Люрекс - Люрекс (ё алюнит. Варақаи тасмагии бараш 1-2 мм, ки бо ширешҳои рангашон гуногун пўшида шудааст. Бо мақсади ороишӣ ба таркиби матоъ ворид карда мешавад. Бештар дар бофти матоъҳои абрешимини барои либоси бегоҳипўш таъингашта истифода мешавад. Аммо ҷои онро имрўз пластилекс, ки мустаҳкамтару қадре чандир аст, гирифта истодааст)

Люстрин - Люстрин (матои сатҳаш ҷилодори пашмин ё аз пашми омехта бо илова намудани пахта. Ҷилоро матоъ дар аснои пардоздиҳӣ соҳиб мешуд. Навъҳои беҳтарини он барои либоси занона, намунаҳои нисбатан дағал – барои либоси болопўши мардона истифода мешуданд. Люстрин хусусан дар байнҳои асри 20 маъмул буд)

Люфт - Роғ (андозаи тарқиши байни сатҳҳои расандаи механизм)

**Люфт осевой** - **Роғ и тирӣ**

**Лямка** - **Тасмаи сарикитфӣ**

# М

| | | |
|---|---|---|
| Магазин | - | Магоза (захирагоҳ, ҷузъи мошини худкор барои ҷойгир кардани захираи ғалтакҳои воридотӣ) |
| Магазин запасных початков | - | **Мағозаи сутаҳои захиравӣ** (дар дастгоҳи бофандагии мокудор) |
| Магазин револьверный | - | **Магозаи даврзан, муддавар** (аз англисӣ ба маънои «даврзанӣ») |
| Магазин револьверный | - | **Мағозаи даврзан, муддавар** (аз англисӣ ба маънои «даврзанӣ») |
| Магазин шпуль | - | **Магозаи найчаҳо** |
| Магнитный пускатель | - | **Бакордарори оҳанрабодор** |
| Магнул | - | **Магнул** (матои абрешимин, ки тасвири аждаҳоро дорад. Дар Чин истеҳсол мекунанд) |
| Мадаполам | - | **Мадаполам** (ба номи собиқаи шаҳри Нарсапур дар Ҳиндустон. Матои пахтагини боҳампечияш суф барои бистарпӯшҳо ва либоси таг, якрангаи ҷилодор, ҳангоми иалмосидан қадре дағал аст. Бо муслин ва карбос ҳамсохт буда, танҳо бо хусусияти пардоз (оҳардиҳӣ) фарқ мекунад: мадаполам аз пардози дурушт гузашта, дағалтар мебошад. Дар натиҷаи сафедгардонӣ, сӣқалобдиҳии шадид ва ялаққосӣ намудани карбоси дурушт ҳосил мешавад) |
| Мадрас | - | **Мадрас** (ба номи ш. Мадрас дар Ҳиндустон. Матои нақшини пахтагин) |
| Мажорный вал | - | **Наварди асосӣ** |

**Маисовый крахмал** - **Оҳари ҷуворимакка**

**Майка** - **Куртаи таг** (либоси тунуки кешбофтаи беостину бегиребон)

**Майя** - **Майя** (матои пахтагини читмонанд, вале сабуктару зичияш пасттар. Пуршавии матоъ бо ресмонҳои тор 47 %, бо ресмонҳои пуд – 36%. Аз ресмонҳои шонареси 15,3 текс дар тор ва 11,8 текс дар пуд бофта мешавад. Зичии сатҳияш 78 г/м$^2$. Ба гурӯҳи матоъҳои куртавори тобистона дохил аст)

**Макет** - **Амсила**

**Макинтош** - **Макинтош** (ба номи муҳандиси шотландӣ, ихтироъкори матоъ. Газвори обногир, ки дар таркибаш резина дорад ва бorони аз он тайёршуда)

**Мако** - **Мако** (навъи пахтаи мисрӣ)

**Макраме** - **Макраме** (печбофии дастӣ аз ҳисоби гиреҳбандиҳо. Ба чунин тарз камарбанд, борхалта ва ғ. тайёр мекунанд)

**Максимальная, максимум** - **Максималӣ** (аз лотинӣ ба маънои «калонтарин». Қимати ҳудуди боло)

**Максимальная скорость** - **Суръати баландтарин**

**Маливатт** - **Маливатт** (технологияи маъмули олмони мувофиқ ба технологияи «Арахне», ки барои истеҳсоли масолеҳи нобофтаи катондӯхта (ватин) истифода мешавад)

**Малимо** - **Малимо** (технологияи маъмули истеҳсоли масолеҳи нобофтаи бахиязада. Дар таҷҳизоти махсус катони нахӣ ба воситаи як ё якчанд ресмон бахиядор мегардад ва ба газвор табдил меёбад)

| | | |
|---|---|---|
| Малиновый цвет | - | Ранги сурхи сиёҳтоб |
| Малогабаритный нитепрокладчик | - | Ресмонгузарони хурдҷусса |
| Малоклеенная основа | - | Тори кам ширешнокшуда |
| Маломерка | - | Хурдандоза |
| Маломощный | - | Камиқтидор |
| Малоношенная одежда | - | Либоси кампӯшида, қариб нав |
| Малопроизводительность | - | Пастҳосилӣ, каммаҳсулӣ |
| Малорастяжимая текстурированная нить | - | Ресмони мураккаби камёз (аз нахҳои синтетики гармочандир ҳосил карда мешавад. Ду намуд мешавад: мэрон (аз нахи полиамид), мэлан (аз нахи полиэфир). Ҳаҷми калон дорад, патдору мулоим аст. Дар муқоиса бо ресмонҳои чандир (эластик) ёзишнокиаш пасттар аст. Барои ба ресмони мураккаб ёзишнокии паст бахшидан ресмони ёзишаш баландро 30 дақиқа дар автоклав дар ҳарорати 115°C аз коркарди махсус мегузаронанд. Сипас ресмонро ба найчаи сӯрохидор мулоим мепечонанд. Чунин ресмон барои истеҳсоли либоси болопӯши кешбофта, матоъҳои ороишӣ ва ғ. истифода мешавад) |
| Малосминаемая отделка | - | Пардози камғиҷимсоз |
| Малоупругий, малоэластичный | - | Чандирияш паст |
| Малоценный | - | Камбаҳо, арзон |
| Малочисленный | - | Камшумор |
| Малочувствительный | - | Камэҳсос |
| Маль-маль | | Малмал (намуна аз гурӯҳи матоъҳои пахтагин барои бистарпӯшҳою либоси таг, зергурӯҳи карбосҳо. Газвори сафедшудаи боҳампечияш суф. Аз |

ресмонҳои шонареси 15,4 текс (тор) ва 11,8 текс (пуд) бофта мешавад. Зичии сатҳияш 75-85 г/м²)

Мальтийский крест - **Чиллики малтағӣ** (чархи чордандона, ки ба воситаи сӯрохии дандоно ҳаракатро таҳвил мекунад)

Манекен - **Одамак** (аз фаронсавӣ ба маънои «одам». Ҷуссаи чӯбин ё пластмассавӣ ба шакли андоми инсон барои пӯшонида дидани либос ё намоиш он )

Манекенщик, манекенщица - **Либоснамоишгар** (шахсе, ки либосро ба тани худ пушида, нишон медиҳад)

Манер прокидки утка - **Нақши пудгузаронӣ** (шумораи камтарини ресмонҳои пуди рангашон гуноғун, ки тартиби онҳо дар матоъ такрор мешавад)

Манер снования - **Нақши тортанӣ** (шумораи камтарини ресмонҳои тори рангашон гуногун, ки тартиби онҳо дар матоъ такрор мешавад. Тартиби мазкур дар асйои тортанӣ таъмин карда мешавад)

Манерная - **Ородода, нақшдор, ранга** (аз фаронсавӣ ба маънои «серороиш, пурнақшу нигор»)

Манерное снование - **Тортании нақшин, ранга**

Манжета - 1. **Нӯгостин** (сари остини курта, ки дӯхта пайваст шудааст ё тугмабанд мегардад);

2. **Ҷузъи зичсоз** (дар мошинҳо)

Манила - **Манила** (ба номи шаҳри Манила дар ҷазираҳои Филиппин. Нахи лифиест, ки аз баргҳои растании тропикии абака мегиранд. Барои бофтани арғамчинҳои киштии бодбондор, чилбуру танобҳо истифода мешавад)

| | | |
|---|---|---|
| **Манильская пенька** | - | **Бангдонанахи манилавӣ** (ё манила) |
| **Манометр** | - | **Манометр** (асбоб барои чен кардани фишори буғ) |
| **Мантилья** | - | **Мантиля** (китфпӯшаки занона, одатан тӯрбоф) |
| **Мантия** | - | **Мантия** (навъи либоси васеъю дароз) |
| **Манто** | - | **Манто** (палтои фарохи остинвасеи занона, одатан аз мӯина) |
| **Мануфактура** | - | **Мануфактура** (аз лотинӣ ба маънои «истеҳсолоти дастӣ.<br>1. Корхонаи истеҳсолӣ, ки дар асоси меҳнати дастӣ фаъолият менамуд;<br>2. Ба маънои маснуоти саноати нассоҷӣ) |
| **Марена** | - | **Рӯян** (растание, ки аз решаи он рангҳои гулобӣ ва сурхи сиёҳтоб ҳосил мекарданд) |
| **Маренго** | - | **Ашҳаб** (ба номи деҳаи Маренго дар шимоли Италиё. Матои пашмини ҳарранганах. Ресмонҳояш аз омехтаи нахҳои гуногунранг (сиёҳ ва сафед) ҳосил шудаанд. Матоъ хокистарранги сиёҳтоб буд) |
| **Марка машины** | - | **Тамғаи мошин** |
| **Маркетинг** | - | **Бозоршиносӣ** (аз англисӣ ба маънои «бозор, фурӯш») |
| **Маркизет** | - | **Маркизет** (аз фаронсавӣ ба маънои «барои маркизаҳо». Матои тунук ва сабуку шафофи пахтагин ё абрешимин, боҳампечияш суф. Аз ресмонҳои ниҳоят борики тофта истеҳсол мешавад. Маркизети пахтагинро аз ресмонҳои 5,9 тексх2 мебофанд. Ҳангоми палмосидани матоъ каме дағали ҳис мешавад. Зи- |

чии сатҳияш 70-75 г/м². Пуршавии матоъ бо ресмонҳои тор 44 %, бо ресмонҳои пуд – 35%. Онро асосан дар намуди нақшбаста ва танҳо баъзан сафедшуда ё якранг ба фурӯш мебароранд. Дар аснои пардоз намкаш гардонида мешавад ва аз ин рӯ ҷило пайдо карда абрешиммонанд мегардад. Ба гурӯҳи матоъҳои куртавори тобистона дохил аст. Барои либоси занона пешбинӣ шудааст)

**Маркая одежда** - **Либоси зуд чиркиншав**

**Маркировка кусков ткани** - **Тамғагузории (нишонагузории) порчаҳои матоъ**

**Марля** - Дока (аз фаронсавӣ ба маънои «хоса». Матои пахтагини сабук, шафоф ва ковоки намкаш, ки ресмонҳои он бо зичии паст ҷойгир шудаанд. Боҳампечияш суф. Дар намуди сафедшуда, баъзан дурушт истеҳсол мешавад. Онро ҳамчун масолеҳи чароҳатбандӣ, барои дуқабата намудан харитаҳо, дарзмол кардани либос ва ғ. истифода мебаранд)

**Марокен** - **Марокен** (ба номи ш. Марокаш дар Африқо. Навъи матои зичи аз ресмонҳои сунъӣ бофташуда)

**Марселин** - **Марселин** (ба номи ш. Марсел дар Фаронса. Матои пашмини зич, вале тунуки якранг. Дар асри 19 хеле маъмул буд)

**Маршрут** - **Хати роҳ**

**Маршрут двусторонний** - **Хати роҳи дутарафа** (агар дастгоҳҳои як бофанда дуқатора ҷойгир бошанд)

**Маршрут кольцевой** - **Хати роҳи ҳалқагӣ**

**Маршрут маятниковый** - **Хати роҳи раққосакӣ** (самти хати роҳи интихобшударо риоя намуда,

дар сурати зарурат бофанда қадре ба ақиб низ меравад)

| | | |
|---|---|---|
| **Маршрут поперечный** | - | **Хати роҳи кундаланг** (бофанда дар байни дастгоҳҳо ба самти амудии пештахтаҳо ҳаракат мекунад) |
| **Маршрут продольный** | - | **Хати роҳи арзӣ** (бофанда асосан қад-қади пештахтаҳои дастгоҳҳо ва навардҳои бофандагӣ ҳаракат мекунад) |
| **Маршрут обслуживания** | - | **Хати роҳи хизматрасонӣ** (роҳи ҳаракати коргари бисёрдастгоҳ) |
| **Маршрутный метод обслуживания** | - | **Тарзи хатироҳии хизматрасонӣ** (бофанда дар мавзеи кории худ мувофиқи нақшаи каблан муқарраршуда ҳаракат мекунад ва ба дастгоҳҳо бонавбат хизмати пешгирӣ ё таъҷилӣ мерасонад) |
| **Маслёнка** | - | **Зарфи равғанмолӣ** |
| **Масло веретённое** | - | **Равғани дукмолӣ** |
| **Масло машинное** | - | **Равғани мошин** |
| **Масляная ванна** | - | **Тағораи равғанмолӣ** |
| **Масляное пятно** | - | **Доғи равғанин** |
| **Масляный демпфер** | - | **Зарбакуши равғанӣ** (олати рафъи ларзиш) |
| **Масляный пульверизатор** | - | **Равғанпошак** |
| **Масса** | - | **1. Масса, вазн;**<br>**2. Тӯда** |
| **Масса брутто** | - | **Вазни ғайрихолис** (аз итолиёвӣ ба маънои «дағал». Массаи мол бо борбанди он) |
| **Масса волокнистая** | - | **Тӯдаи наххо** |

| | | |
|---|---|---|
| Масса нетто | - | **Вазни холис** |
| Масса намотки | - | **Вазни печиш** (дар ғалтак) |
| Масса пряжи | - | **Вазни ресмон** |
| **Массивность** | - | **1. Калонҷуссагӣ;**<br>**2. Вазнинӣ** |
| **Массовая** | - | **Оммавӣ, серадад** |
| Массовая запрядка пряжи | - | |
| Массовое потребление | - | **Истеъмоли оммавӣ** |
| Массовое производство | - | **Истеҳсолоти бисёрҳаҷм, серадад** (намуди истехсолот, ки ҳамон як маҳсулотро сершумор мебарорад. Корхонахои нассоҷӣ мисол шуда метавонанд) |
| Массовый спрос | - | **Серталабӣ** |
| **Массодлина** | - | **Дарозии вазнӣ** (он миқдори нахҳои чунин дарозӣ доштаро ба назар гирифта, бо роҳи баркашидани нахҳои дарозиашон баробар муайян карда мешавад) |
| Массодлина модальная | - | **Дарозии вазнии сершумор** (дарозие, ки онро миқдори бештарини нахҳои тӯда соҳибанд) |
| Массодлина средняя | - | **Дарозии вазнии миёна** |
| Массодлина штапельная | - | **Дарозии вазнии буришӣ** (дарозии миёнаи нахҳои дарозтарини даста) |
| **Мастер** | - | **Усто, ҳунарманд** |
| Мастер цеха | - | **Устои шӯъба** (сарвари зинаи поёнии он) |
| **Мастерица** | - | **Зани моҳир** |
| **Мастерская** | - | **Устохона** |
| **Мастерски** | - | **Моҳирона, ҳунармандона** |
| **Мастерство** | - | **Маҳорат** |

| | | |
|---|---|---|
| Матлассе | - | Матлассе (матои калоннақши абрешимин ё аз ресмонҳои сунъӣ, ки бо истифода аз мошини жаккардӣ бофта мешавад. Аз рӯи тарзи истеҳсол ва намуди зоҳирӣ матои клокеро, ки сатҳи ба худ хоси ноҳамвор дорад, мемонад. Нақши он ба кӯкзаниҳо дар ватин монанд аст) |
| **Материал** | - | **Масолеҳ, мавод, ашё** |
| **Материал волокнистый** | - | **Масолеҳи нахӣ** |
| **Материал вспомогательный** | - | **Масолеҳи ёрирасон** |
| **Материал текстильный** | - | **Масолеҳи нассоҷӣ** |
| **Материаловед** | - | **Масолеҳшинос, маводшинос** |
| **Материаловед ение** | - | **Масолеҳшиносӣ, маводшиносӣ** |
| **Материалоёмкая продукция** | - | **Маснуоти масолеҳталаб** |
| **Материалоёмкость** | - | **Масолеҳталабӣ** |
| **Материальная** | - | **Моддӣ, ҷиҳозӣ** |
| **Материальные затраты** | - | **Хароҷоти моддӣ** |
| **Материальный бухгалтер** | - | **Муҳосиби ҷиҳоз** |
| **Материальный склад** | - | **Анбори ҷиҳоз (ашё)** |
| **Материя бумажная (хлопчатая, хлопчатобумажная)** | - | **Матои пахтагин** |
| **Матерчатый** | - | **Газворӣ, аз матоъ** |
| **Матовый оттенок** | - | **Тобиши беҷило, хира, ношаффоф** |
| **Матроска** | - | **Куртаи маллоҳӣ** |
| **Мах ремизки** | - | **Дарозии роҳи гулабанд** |
| **Маховик** | - | **Чархи гардона** |
| **Махровая ткань** | - | **Матои ҳалқадор** (матои пахтагин ё зағирин, ки як ё ҳарду сатҳи онро ҳалқаҳо пӯшонидаанд. Устувории |

ҳалкаҳо дар муқоиса бо пат пасттар буда, хобиши онҳо ба сатҳи матоъ бештар аст. Зичии ҷойгиршавии ресмонҳо дар матои ҳалқадор нисбат ба матои патдор камтар аст. Аз сабаби мулоим будан ва қобилияти ба осонӣ ҷаббидани намиро доштан, чунин матоъро дар сачоқҳо, хилъатҳои оббозӣ, гилемчаҳои пешидарӣ ва ғ. истифода мешаванд)

| | | |
|---|---|---|
| **Машина** | - | **Мошин** |
| **Машина барабанная** | - | **Мошини устувонагӣ** |
| **Машина безбарабанная** | - | **Мошини беустувона** |
| **Машина безверетённая** | - | **Мошини бедук** |
| **Машина бобинажная** | - | **Мошини калобабарор** |
| **Машина бобинажно-перемоточная** | - | **Мошини калобапеч** |
| **Машина браковочная** | - | **Мошин сақатгар** |
| **Браковочно–мерильная машина** | - | **Мошини сақатгару андозагир** |
| **Браковочно-учетная машина** | - | **Мошини сақатгару бақайдгир** |
| **Машина веретённая** | - | **Мошини дукдор** |
| **Машина ворсовальная** | - | **Мошини патбарор** (ба сатҳи матоъ бо роҳи шоназанӣ нахҳои алоҳидаро бароварда, онро патнок мегардонад) |
| **Машина вышивальная** | - | **Мошини гулдӯзӣ** |
| **Машина вязальная** | - | **Мошин кешбофӣ** |
| **Машина вязально-прошивная** | - | **Мошини кешбофу бахиязан** (барои истеҳсоли масолеҳи нобофтаи катондӯхта (ватин) истифода мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Машина головная** | - | **Мошини якум** |
| **Машина гребнечёсальная** | | **Мошини шоназан** |
| **Машина двухбарабанная** | - | **Мошини дуустувона** |
| **Машина двухвальная** | - | **Мошини дунаворд** |
| **Машина двухпереходная** | - | **Мошини дугузариша** (ашё дар ду таҷҳизоти таъиноти якхела дошта пайдарпай коркард мешавад) |
| **Машина двухпольная** | - | **Мошини думайдона** |
| **Машина двухсторонная** | - | **Мошини дутарафа** |
| **Машина жаккардовая** | - | **Мошини жаккардӣ** (намуди механизми гулабандбардор барои бофтани матоъҳои калоннақш. Он дар болои дастгоҳи бофандагӣ васл карда мешавад) |
| **Машина закройная** | - | **Мошини шаклбурӣ** |
| **Машина камерная** | - | **Мошини ҳуҷрачагӣ** |
| **Машина кардочёсальная** | - | **Мошини ғоздеҳи кардавӣ** |
| **Машина картонасекальная** | - | **Мошини кортшикофӣ** |
| **Машина кеттельная** | - | **Мошини ҳошиябанд** (таҷҳизот барои пайваст намудани ҳалқаҳои кушодаи каноравӣ дар маснуоти кешбофта. Кӯке, ки барои ин истифода мешавад, аз рӯи сохт ва хосиятҳо ба худи маснуот монандӣ дорад) |
| **Машина кокономотальная** | - | **Мошини абрешимпечӣ** |
| **Машина кольцепрядильная** | - | **Мошини ресандагии ҳалқагӣ, мошини ҳалқарес** |
| **Машина концервальная** | - | **Мошини нӯткан** (таҷҳизоте, ки аз пасмондаҳои ресмон наххоро канда мегирад. Ба сифати ҷузъҳои кории он як ё ду устувонаи аррагӣ хизмат мекунанд. Сатҳи устувона мурватшакл бо дандонаҳои тез пӯшида шудааст) |

| | | |
|---|---|---|
| Машина котонная | - | Мошин котонӣ (таҷҳизоти кешбофии ҳамворбоф барои истеҳсоли ҷуробҳо. Сӯзанҳои чангакӣ дорад) |
| Машина красильная | - | Мошини рангубордиҳӣ |
| Машина крестомотальная | - | Мошини чилликипечӣ |
| Машина круглотрикотажная | - | Мошини кешбофии муддавар |
| Машина крутильная | - | Мошини тобдеҳ (таҷҳизот барои истеҳсоли ресмони тофта, таноб ва ғ. бо роҳи якҷоя тоб додани якчанд ресмон) |
| Машина куфтомотальная | - | Мошини абрешимпечӣ |
| Машина ленточная | - | Мошини пилтабарор |
| Машина модульная | - | Мошини чандқисмата |
| Машина моечная | - | Мошини шуянда |
| Машина мотальная | - | Мошини азнавпечӣ |
| Машина мяльная | - | Мошин ғиҷимгар (дар коркарди ибтидоии наххҳои лифӣ истифода мешавад) |
| Машина накатная | - | Мошини лӯлапечӣ |
| Машина намёточная | - | Мошини хомдӯзӣ (таҷҳизот барои васли муваққатии ҷузъҳои либос) |
| Машина намоточная | - | Мошини печонидан |
| Машина ножная | - | Мошини поякӣ |
| Машина обезрепеивающая | - | Мошини мушхоркан (дар коркарди ибтидоии пашм истифода мешавад) |
| Машина обмёточная | - | Мошини ҳошиядӯз |
| Машина однопереходная | - | Мошини якгузариша (дар таҷҳизоти чунин таъинот дошта ашё танхо як бор коркард мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| Машина односторонная | - | Мошини яктарафа |
| Машина перегонная | - | Мошини кўчониш (дастаи рес-монҳоро аз як ғалтак ба дигараш мекўчонад) |
| Машина перегонно-эмульсирующая | - | Мошини кўчонишу нимширешдиҳӣ |
| Машина передвижная | - | Мошини сайёр |
| Машина печатная | - | Мошини нақшбанд, гулзан |
| Машина прядильная | - | Мошини ресандагӣ |
| Машина прядильно-крутильная | - | Мошини ресидану тобдиҳӣ |
| Машина разрывная | - | Мошини кананда, динамометр |
| Машина растрясочная | - | Мошини афшонгар, такондеҳ |
| Машина резально-штапелирующая | - | Мошини нахбур (бандинаи рес-монҳои кимиёиро пора-пора бурида, ба нахҳои дарозиашон баробар табдил медиҳад) |
| Машина ровничная | - | Мошини пиликрес |
| Машина ручная | - | Мошини дастӣ |
| Машина смесовая | - | Мошини омехтанӣ |
| Машина сновальная | - | Мошини тананда |
| Машина сортировочная | - | Мошини сараву сақатгар |
| Машина специальная | - | Мошини махсус |
| Машина стационарная | - | Мошини гайрисайёр |
| Машина стачивающая | - | Мошини дўзандагӣ |
| Машина стригальная | - | Мошини тарошидан |
| Машина сукновальная | - | Мошини моҳутмол |

| | | |
|---|---|---|
| Машина ткацкая | - | Мошини бофт |
| Машина трёпальная | - | Мошини наддофӣ |
| Машина тростильная | - | Мошини ҳамраҳсоз |
| Машина трясильная | - | Мошини такондеҳ |
| Машина узловязальная | - | Мошини гиреҳбандӣ (торбандӣ) |
| Машина универсальная | - | Мошини ҳамакора (қобилияти васеъ дошта) |
| Машина фанговая | | Мошини фанг (аз олмонӣ ба маънои «қапида гирифтан». Мошини кешбофии дорои ду сӯзандон, ки нисбати ҳам таҳти кунҷи рост ҷойгиранд. Ба воситаи он газворҳои дурӯя ё ҷузъҳои алоҳидаи либосро мебофанд. Сӯзанҳояш забонакдоранд) |
| Машина чёсальная | - | Мошини ғоздеҳ |
| Машина ширильная | - | Мошини васеъбаргардонӣ |
| Машина шлихтовальная | - | Мошини ширещдиҳӣ |
| Машина щипальная | - | Мошини кандагир (аз таркиби пасмондаҳои ресмон нахҳоро канда мебарорад) |
| Машина эмульсирующая | - | Мошини нимширещдиҳӣ |
| Машинка заводная | - | Олати ресмонгузаронӣ (дар моку) |
| Машиностроение | - | Мошинсозӣ |
| Маятник | - | Раққосак |
| Маятниковый маршрут | - | Хати роҳи раққосакӣ (тарзи кори бисёрдастгоҳӣ: самти хати роҳи интихобшудаиро риоя намуда, дар сурати зарурат бофанда қадре ба ақиб низ меравад) |
| Мебельная ткань | - | Матои рӯйкаши мебел |

| | | |
|---|---|---|
| **Мебельно-декоративные ткани** | - | **Матоъҳои рӯйкашу ороишӣ** (барои парда, лифофа, пойандоз, рӯйҷо, дастархон, дастпоккун ва барои рӯйкаши мебел ё девор таъин гаштаанд) |
| **Медицинская вата** | - | **Пахтаи тиббӣ** |
| **Медноаммиачное волокно** | - | **Нахи мису-аммиакӣ** (намуди нахи сунъии селлюлозадор. Онро бо тарзи нам дар об ё дар маҳлул ташаккул медиҳанд. Нахи буридашударо барои истеҳсоли қолину моҳут истифода мебаранд. Ресмонҳои мису аммиакдор хомашё барои бофти матоъҳои сабук ва дар истеҳсолоти кешбофӣ мебошанд. Азбаски ин масолеҳ он қадар мустаҳкам нест, бо таъиноти техникӣ надорад. Дар муқоиса бо вискоза истеҳсоли он қиматтар аст. Истеҳсоли НМА аз соли 1896 ба роҳ монда шудааст) |
| **Медный бак** | - | **Чалаки мисин** |
| **Междустрочие** | - | **Байни сатрҳо** (дар расми катакии ҷойгирсозии матоъ он аз пайдапаии катакҳо иборат буда, як ресмонро ифода мекунад) |
| **Межигольный просвет** | - | **Тарқиши байни сӯзанҳо** |
| **Межремонтный** | - | **Байнитаъмирӣ** |
| **Межремонтный период** | - | **Давраи байнитаъмирӣ** (давомнокии кори таҷҳизот дар фосилаи байни ду таъмири навбатӣ) |
| **Межремонтный цикл** | - | **Даври байнитаъмирӣ** (фосилаи вақти байни ду таъмири мукаммали таҷҳизот) |
| **Меланжевая** | - | **Ҳарранганах** |
| **Меланжевая пряжа** | - | **Ресмони ҳарранганах** |

| | | |
|---|---|---|
| **Меланжевая ткань** | - | **Матои ҳарранганах** (матое, ки аз ресмонҳои ҳарранганахи якка ё тофта мебофанд. Он аз матои рангшуда ё аз ресмонҳои гуногунранг бофташуда бо самари рангии махсуси худ фарқ мекунад. Дар асnои пардоз матои ҳарранганахро сафед намекунанд, дар акси ҳол ранги наххо вайрон мешавад. Пардозро асосан коркарди механикӣ (тарошидан, шоназанӣ ва ғ.) ва сайқалобдиҳӣ ташкил мекунанд. Аз матоъҳои пахтагини ҳарранганах инҳо маъмуланд: шевиот, трикои костюмбоб, диагонал, коверкот, моҳут) |
| **Меланжирование** | - | **Ҳаррангагардонӣ** (омехтани нахҳои гуногунранг) |
| **Мелкая** | - | **Майда, хурд** |
| **Мелкая складка** | - | **Чин-чини майда** |
| **Мелкая строчка** | | **Хати кӯтоҳкӯк** |
| **Мелкий ремонт** | - | **Таъмири хурд (андак)** |
| **Мелкий узор** | - | **Нақши хурд, майданақш** |
| **Мелкоузорчатые переплетения** | - | **Боҳампечиҳои хурднақш** (синфи махсуси боҳампечиҳои бофандагӣ, ки дар сатҳи матоъ нақши андозаащ начандон калон ва шаклан номураккаб ҳосил мекунанд. Боҳампечиҳои хурднақш дар натиҷаи тағйир додани боҳампечиҳои содда ё омехтани онҳо ба вуҷуд меоянд. Синфи мазкур аз ду зерсинф иборат аст: боҳампечиҳои ҳосилавӣ ва омехта) |
| **Мембрана** | - | **Парда** |
| **Менеджер** | - | **Менеҷер** (аз англисӣ ба маънои «роҳбарӣ кардан». Мутахассиси идора кардан) |

| | | |
|---|---|---|
| **Менеджмент** | - | **Идора кардан, мудирият, ташкил намудан** (идора намудани истеҳсолот) |
| **Мера** | - | **1. Андоза, ченак;**<br>**2. Чора** |
| **Мера качественная** | - | **Ченаки сифатӣ** |
| **Мера количественная** | - | **Ченаки миқдорӣ** |
| **Мера предупреждения** | - | **Чораи пешгирӣ** |
| **Мераклон** | - | **Мераклон** (навъи нахи полипропиленӣ, ки дар Ҷопон истеҳсол мешавад) |
| **Мережка** | - | **Тӯрдузӣ** |
| **Мериль** | - | **Мерил** (нахи вискозии истеҳсоли Фаронса) |
| **Мерильно-меточное устройство** | - | **Олати андозагиру нишонагузор** |
| **Мерильный валик** | - | **Наварди андозагир** |
| **Меринос** | - | **Маҳинпашм** (матои пашмини боҳампечияш лас, бештар якранг. Дар асри 19 аз пашми гӯсфанди меринос истеҳсол мешуд ва барои дӯхтани куртаҳои занона, либоси болопӯш ва шолҳои туркию ҳиндӣ истифода мешуд) |
| **Мериносовая овца** | - | **Гӯсфанди маҳинпашм** |
| **Мерка, мерить** | - | **Андозагирӣ, чен кардан** |
| **Мерлушковая шуба** | - | **Пӯстини барра** |
| **Мерный лоскут** | - | **Латтапораи андозагӣ** (пасмондаҳои газвор, ки аз рӯи дарозиашон ба қайд гирифта мешаванд) |
| **Мерсеризация** | - | **Ишқордиҳӣ** (ба номи ихтироъкори англис Ҷ. Мерсер (асри 19). 1. Яке аз зинаҳо дар асной истеҳсоли вискоза: селлюлоза дар маҳлули |

баландғилзати обии ишқори натр дар ҳарорати 20—60 °С коркард мегардад, то ба селлюлозаи ишқорӣ мубаддал гардад. Раванд дар аппаратҳои тарзи корашон даврӣ ё бетаваққуф гузаронида мешавад.

2. Коркарди матоъҳои пахтагин (ва умуман таркибашон аз селлюлоза) дар маҳлули баландғилзати йоднок дар ҳарорати 15-18 °С бо мақсади ҷилодор гардонидан, баланд намудани мустаҳкамӣ ва қобилияти рангшавии онҳо. Раванд дар таҷҳизоти махсусгардонидашуда мегузарад. Матоъҳо дар намуди дурушт, пас аз ҷӯшонидан ё баъд аз сафедгардонӣ аз амалиёти намкашгардонӣ мегузаранд)

Мерцание - Милт-милт кардан

Мёртвое положение - Мавқеи ниҳой, каноравӣ

Местный порок - Нуқси мавзей

Место - Ҷой, макон, мавзеъ

Место вакантное - Ҷои холӣ, вазифаи банднашуда

Место прядильное - Ҷои ресандагӣ (як қисми мустақили мошини ресандагӣ)

Место рабочее - Ҷои корӣ (масоҳате, ки дар ҳудуди он як ё якчанд коргар фаъолият мекунанд)

Место узкое - 1. Ҷои борик;

2. Ҷои суст (ҳалталаб)

Металлическая нить - Ресмони металлӣ

Металлическая сетка - Тӯри металлӣ

Металлические волокна - Нахҳои металлӣ (нахҳои кимиёии ғайриорганикӣ)

| | | |
|---|---|---|
| **Метанить** | - | **Ресмони металлӣ** |
| **Метка** | - | **Нишона** |
| **Метод** | - | **Усул, тарз, восита** |
| **Метод анализа** | - | **Тарзи таҳлил** |
| **Метод аналитический** | - | **Тарзи таҳлилӣ** |
| **Метод графический** | - | **Тарзи нақшавӣ** |
| **Метод испытания** | - | **Тарзи санҷиш** |
| **Метод исследования** | - | **Тарзи тадқиқ** |
| **Метод косвенный** | - | **Усули ғайримустақим** |
| **Метод негативный** | - | **Тарзи вобаста** |
| **Метод обслуживания** | - | **Тарзи хизматрасонӣ** (ҳангоми кори бисёрдастгоҳӣ) |
| **Метод обслуживания вызывной** | - | **Тарзи даъватии хизматрасонӣ** (усули кори баъзе коргарон, аз қабили ёварони усто ва ислоҳгарони канишҳои гурӯҳӣ. Ба назди дастгоҳи аз кор монда бо даъвати амалиётгарон (ресандаҳо, бофандаҳо ва ғ.) ё чароғакҳои хабардеҳ ҳозир мешаванд) |
| **Метод обслуживания комбинированный** | - | **Тарзи омехтаи хизматрасонӣ** (масалан, ҳамбастии тарзҳои хатироҳӣ ва назоравии хизматрасонӣ дар фаъолияти бофанда) |
| **Метод обслуживания маршрутный** | - | **Тарзи хатироҳии хизматрасонӣ** (бофанда дар мавзеи кории худ мувофиқи нақшаи каблан муқарраршуда ҳаракат мекунад ва ба дастгоҳҳо бонавбат хизмати пешгирӣ ё таъҷилӣ мерасонад) |
| **Метод обслуживания регламентированный** | - | **Тарзи нақшагии хизматрасонӣ** (усули кори таъмиргарон, тозагарон, равғанмолон. Корашон хусу- |

сияти пештирӣ карданро дорад ва онҳо ба назди ҳар дастгоҳ мутобиқи нақшаи пешакӣ тасдиқшуда ҳозир мешаванд)

Метод обслуживания сторожевой - **Тарзи назоравии хизматрасонӣ** (бофанда аз мавқеи қулайтарин дастгоҳҳоро назорат карда меистад ва ҳангоми аз кор мондани дастгоҳе ба самти он равон мешаввад)

Метод сплошной закраски - **Тарзи яклухт ранг кардан** (роҳи соддатарини сохтани қолиби матои калоннақш)

Меточное устройство - **Олати нишонагузор**

Метровый отрезок - **Порчаи якметра**

Мех натуральный - **Мӯинаи табиӣ** (аз ҳайвоноти гуногун гирифта мешавад)

Мех искусственный - **Мӯинаи сунъӣ** (маснуоти нассоҷӣ, ки тақлид ба мӯинаи табиист. Азбаски хосиятҳои гарминигаҳдории хуб ва дар шароити истеҳсолӣ арзиши нисбатан паст дорад, барои дӯхтани либос, кӯлоҳ ва пардози сару либос мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад. Он ҳамчун масолеҳи қабати дохилии либос ва барои рӯйпӯшкинии мебел низ таъин гаштааст. Истеҳсоли мӯинаҳои сунъии бофтаю кешбофтаи дарозпат васеъ паҳн шудааст. Онҳо мӯинаи табиии қиматбаҳои вашақ, енот, муши обиӣ, маймун ва рӯбаҳро тақлид мекунанд. Матоъҳои паташон суфта аз рӯи хосиятҳои истеъмолӣ бомуваффақият мӯинаи асп, гӯсола ва нерпаро иваз карда метавонанд. Мӯинаи табиӣ аз асос (заминаи масолеҳ) ва қабати пат иборат аст. Он бофта, кешбофта, бахиязада, ширешнок шуда метавонад)

Механизация - **Механиконидан** (истифода бурдан аз механизмҳои махсус барои иҷрои амалиётҳои кории алоҳида)

| | | |
|---|---|---|
| **Механизм** | - | **Механизм** (аз юнонӣ ба маънои «олат, мошин». Олат барои ҳаракат бахшидан ё табдил додани ҳаракат) |
| **Механизм включения** | - | **Механизми бакордарорӣ** |
| **Механизм вспомогательный** | - | **Механизми ёрирасон** |
| **Механизм дополнительный** | - | **Механизми иловагӣ** |
| **Механизм основной** | - | **Механизми асосӣ** |
| **Механизм откидного берда** | - | **Механизми теғаи хамшав** |
| **Механизм оттяжной** | | **Механизми кашидабар** (олати мошини кешбофӣ барои аз назди сӯзандонҳо дур намудани кешбофти тайёршуда) |
| **Механизм петлеобразующий** | | **Механизми ҳалқабанд** (олати асосии мошини кешбофӣ. Ба таркиби он сӯзандонҳо бо сӯзанҳояшон, лавҳачаҳо, пресс (барои сӯзанҳои чангакӣ), ресмонбарон ва дигар ҷузъҳо дохил мешаванд) |
| **Механизм подъёма** | - | **Механизми болобар** (яке аз ду механизми бодкушои асосии кареткаи гулабандбардор ва мошини жаккардӣ, ки барои бодкушоӣ хизмат мекунанд. Вазифаи он аз призмаю корт ва сӯзанҳои кортхон иборат аст) |
| **Механизм пуска и останова** | - | **Механизми бакордарору манъгар** |
| **Механизм рисунка** | - | **Механизми расм** (яке аз ду механизми асосии кареткаи гулабандбардор ва мошини жаккардӣ, ки барои бодкушоӣ хизмат мекунанд. Ин механизм аз призмаю корт ва сӯзанҳои кортхон иборат аст) |
| **Механизм самоостанова** | - | **Механизми худбозист** |
| **Механизм смены початков** | - | **Механизми ивази сӯтаҳо** |

| | | |
|---|---|---|
| **Механизм смены цвета** | - | **Механизми ивази ранг** (дар дастгоҳи бофандагӣ ҳангоми истифодаи ресмонҳои пуди ҳарранга истифода мешавад) |
| **Механик** | - | **Механик** (мутахассиси маълумотдор, ки масъули таъмири таҷҳизот мебошад) |
| **Механик главный** | - | **Сармеханик** |
| **Механическая мастерская** | - | **Устохонаи таъмир** |
| **Механические свойства** | - | **Хосиятҳои механикӣ** (муносибат ба таъсири қувваҳои беруна) |
| **Механический ткацкий станок** | - | **Дастгоҳи бофандагии механикӣ** (дар он ивази найчаи пуд дастӣ иҷро мешавад) |
| **Меховая шуба** | - | **Пӯстини мӯина** |
| **Меховые изделия** | - | **Маснуоти мӯина** |
| **Меховщик** | - | **Пӯстиндӯз** |
| **Мешалка** | - | **Омезишгар** |
| **Мешковая ткань** | - | **Матои халтавор** |
| **Мешковина** | - | 1. **Халта** (қисми даруни киса);<br>2. **Матои халтавор** (матои дағали мустаҳкам, ки аз ресмонҳои ғафс ба воситаи боҳампечии суф бофта мешавад. Ресмонҳои онро аз наххои дурушти лифӣ (ҷут, канаб, таноб-деҳ, зағири кӯтоҳ ва пасмондаҳо) истеҳсол мекунанд. Матоъ барои тайёр кардани халтаҳо ва ҳамчун масолеҳи борпечонӣ истифода мешавад) |
| **Мешок без шва** | - | **Халтаи бебахия** (аз матои дарунхолӣ тайёр мешавад) |
| **Мёртвое положение** | - | **Мавқеи ниҳоӣ (каноравӣ)** |

| | | |
|---|---|---|
| Микрометр | - | **Микрометр** (асбоб барои чен кардани андозаҳои хеле хурд) |
| Микропрокладчик | - | **Пудгузаронак** |
| Микроскоп | - | **Микроскоп** (асоби оптикии линзадор барои ҳосил намудани тасвири калоншудаи ҷисмҳо) |
| Микрочелнок | - | **Мокуча** (ҷузъи кории мошини бофандагии бисёрбод. Дарозии ресмони дар он мавҷудбуда ба як пудгузаронӣ мувофиқат мекунад) |
| **Нити комплексная** | - | **Ресмони чандтора** (аз ду ё зиёда ресмонҳои бетақсими бо ҳам тобхӯрда ё часпондашуда иборатанд, масалан абрешими пилла. Дар таркиби ресмони чандтораи кимиёӣ то 30 ё бештар ресмонҳои таркибӣ буда метавонад) |
| Нити кордные | - | **Ресмонҳои корд** (аз фаронсавӣ ба маънои «таноб, банд». Ресмонҳои тофтаи хеле мустаҳкам, пахтагин ё аз наххои кимиёӣ. Таъиноти гуногун доранд: барои истеҳсоли таноби корд, дар саноатҳои резинабарорию автомобилсозӣ ва ҳ.) |
| Нити коренные | - | **Ресмонҳои решагӣ, заминавӣ** (дар матоъҳои патдор ва пике ин гуна ресмонҳои тор маҷмӯи махсусро ташкил медиҳанд. Ба воситаи он асоси матоъ бофта мешавад) |
| **Нити крашеные** | - | **Ресмонҳои рангшуда** |
| Нити креповые | - | Ресмонҳои пухтатоб, баландтоб (дар 1 м беш аз 1500 печиш доранд) |
| Нити кромочные | - | **Ресмонҳои ҳошиявӣ** |
| **Нити кручёные** | - | **Ресмонҳои тофта** (бо роҳи якҷоя карда тоб додани ду ё зиёда ресмонҳои бетақсим ҳосил мешаванд) |
| Нити меланжевые | - | **Ресмонҳои ҳарранганах** (аз фаронсавӣ ба маънои «омехта». Аз наххои гуногунранг ресидашуда) |
| Нити натуральные | - | **Ресмонҳои табиӣ** (пахтагин, абрешимин, пашмин, зағирин ва диг.) |
| Нити неоднородные | - | **Ресмонҳои гуногунтаркиб** (масалан, нимпашмин) |
| Нити одиночные | - | **Ресмонҳои якка** (онҳоро ресмонҳои содда низ меноманд) |
| Нити основные | - | **Ресмонҳои тор** |

| | | |
|---|---|---|
| Нити однородные | - | **Ресмонҳои якхела** (масалан, пахтагин) |
| Нити первичные | - | **Ресмонҳои аввала** (баъзе намуд ресмонҳои нассоҷӣ аз қабили: ресмонҳои аз наххо ресидашуда, ресмонҳои чандтора, ки аз дастаи (ду ва бештар) ресмонҳои бетақсим ҳосил шудаанд ва ресмонҳои нассоҷии бурида (дар натиҷаи тофтани тасмаҳои борик ба вуҷуд омадаанд) |
| Нити перевивочные | - | **Ресмонҳои печтобхӯр** (барои ҳосил кардани боҳампечии ҳамном ва дар дастгоҳи бофандагии ҳавокор барои ҳошиябандии печтобдор истифода мешаванд) |
| Нити петлистые | - | **Ресмонҳои ҳалқадор** (як намуди ресмонҳои мураккаб (калонҳаҷм), ки сатҳашонро ҳалқаҳо пӯшонидаанд. Онҳоро чунин истеҳсол мекунанд: ресмони синтетикии чандтора дар аснои аз гулӯгоҳи олати махсус гузаштан дучори фавраи ҳавои фишурда мегардад. Ресмон ба печтобхӯрӣ медарояд ва қад-қади он ҳалқаҳо ба вуҷуд меоянд. Аэрон ва таслан намунаҳои ресмонҳои ҳалқадоранд) |
| Нити платировочные | - | **Ресмонҳои лавҳагӣ** (дар кешбофти якранг (бенақш) ба воситаи онҳо ҳалқаҳои абра ҳосил мешаванд) |
| Нити позолоченные | - | **Ресмонҳои зарандуд** |
| Нити покровные | - | **Ресмонҳои рӯйпӯш** (ҳаммаънои ресмонҳои абра дар кешбофте, ки ба воситаи боҳампечии лавҳачагӣ ҳосил шудааст) |
| Нити пологие | - | **Ресмонҳои камтоб, пасттоб** (дар 1 м то 150 печиш доранд) |
| Нити прижимные | - | **Ресмонҳои фушурдеҳ** (барои пайвастани қабатҳо дар баъзе матоъҳои чандқабата хизмат мекунанд) |

| | | |
|---|---|---|
| **Нити простые** | - | **Ресмонҳои содда** (онҳо танҳо як ташкилдиҳанда доранд, яъне ресмонҳои якка мебошанд) |
| **Нити профилированные** | - | **Ресмонҳои мураккабшакл** (як намуди ресмонҳои кимиёии мураккаб (калонҳаҷм). Дар асnои истеҳсоли онҳо сӯрохиҳои филйера бояд муқарнас (ба намуди секунҷа, ромб ва ҳ.) бошанд. Дар ин сурат ресмони ташаккулёфта соҳиби буриши кундалангии суробаш гуноғун шуда метавонад ё дохили он ковок ба вуҷуд меояд. Ҳаҷми калон, тобиши тира, қобилияти намнокшавии баланд дорад, ҳарчанд қобилияти ёзишаш муқаррарист. Бо чунин усул ресмонҳоеро низ ҳосил кардан мумкин аст, ки аз рӯн шакл ба ресмонҳои табиӣ монананд) |
| **Нити раскрученные** | - | **Ресмонҳои тобкушода** |
| **Нити серебряные** | - | **Ресмонҳои нуқрагин** |
| **Нити синтетические** | - | **Ресмонҳои синтетикӣ** (бо роҳи кимиёӣ аз полимерҳои синтезшуда гирифта мешаванд). |
| **Нити соединительные** | - | **Ресмонҳои пайвастгар** |
| **Нити стекляные** | - | **Ресмонҳои шишагин** |
| **Нити строщённые** | - | **Ресмонҳои қабатдоршуда** |
| **Нити суровые** | - | **Ресмонҳои дурушт** (бепардоз) |
| **Нити текстильные** | - | **Ресмонҳои нассоҷӣ** (ҷисмҳои қаишу мустаҳками хеле дароз, ки мустақим ё баъди коркарди ибтидоӣ барои истеҳсоли маснуоти нассоҷӣ (матоъ, газворҳои кешбофтаю нобофта ва ғ.) истифода мешаванд. Ресмонҳои нассоҷии ибтидоӣ, аввала ва дубораро фарқ бояд кард. Вобаста ба таркиб ресмонҳои нассоҷӣ якҷинсаю ғайриякҷинса мешаванд. Ресмонҳои |

ғайриякҷинсаро аз омехтаи нахҳои гуногун (масалан, пахтаю пашм) ё бо роҳи тобдиҳии ресмонҳои таркибашон гуногун ҳосил мекунанд, масалан, ресмони чандтораи атсетатию вискозӣ. Ресмонҳое, ки дар натиҷаи тобдиҳии ресмони ресида бо ресмони чандтора ҳосил мешавад, ресмони омехта ном дорад. Ғайр аз ин, бисёрхелии ресмонҳои нассоҷӣ бо роҳи коркарди иловагӣ (партсӯзӣ, ранг кардан, сафедгадонӣ ва ғ.) ба даст меоянд. Ресмонҳои нассоҷӣ соҳаҳои дигари истифода низ доранд: дар истеҳсоли мӯинаҳои сунъӣ, газворҳои дуқабата, ресмонҳои дӯзандагӣ, канабҳо ва ҳ.)

**Нити текстурированные** - **Ресмонҳои мураккаб** (ресмонҳои калонҳаҷме, ки аз ресмонҳои сунъию (атсетатӣ ва триатсетатӣ) синтетикӣ (полиамидӣ ва полиэфирӣ) ва ё нахи буридашуда истеҳсол мешаванд ва аз ресмонҳои муқаррарӣ бо хаҷми хоси калон, печдории баланд, сохти ковок ва баъзан ёзишнокии баланд фарқ мекунанд. Истеҳсоли онҳо бо мақсади васеъ намудани соҳаҳои истифодаи ресмонҳои синтетикӣ амалӣ мегардад..Вобаста ба тарзи истеҳсол РТ намудҳои гуногун доранд: ёзишаш баланд, ёзанда, наёзанда (камёзанда), печтоб, ҳалқадор, мураккабшакл, дорои ду ташкилдиҳанда (омехта), тирдор, калонҳаҷм. Дар истеҳсолоти бофандагӣ асосан ресмонҳои ёзандаю наёзандаро истифода мебаранд. Ресмони мураккаб дар муқоиса бо ресмонҳои чандтора чандин бартарӣ дорад: ҳангоми вазни баробар доштан ҳаҷмашон калонтар аст, сохти мулоиму патдор ва ҷилои паст дорад, соҳиби қобилияти баланди намнокшавӣ ва ҳавогузаронӣ аст, сатҳи матои бофташавро бештар пур мекунанд)

| | | |
|---|---|---|
| **Нити ткацкие** | - | **Ресмонҳои бофандагӣ** |
| **Нити тонкие** | - | **Ресмонҳои борик** |
| **Нити толстые** | - | **Ресмонҳои ғафс** |
| **Нити трикотажные** | - | **Ресмонҳои кешбофӣ** |
| **Нити трощённые** | - | **Ресмонҳои қабатдор** |
| **Нити узелковые** | - | **Ресмонҳои гиреҳпӯшида** (як намуди ресмонҳои мураккаб (калонҳаҷм), ки сатҳашонро гиреҳҳо пӯшонидаанд) |
| **Нити усилительные** | - | **Ресмонҳои пурқувватсоз** |
| **Нити уточные** | - | **Ресмонҳои пуд** |
| **Нити фасонные** | - | **Ресмонҳои муқарнас** (ресмони чандтори тобаш мураккаб, ки дар натиҷаи якҷоя тоб додани се намуд ресмонҳо (тирӣ, печанда ва мустаҳкамсоз) ҳосил шудааст. Дарозии ресмони печанда нисбат ба тирӣ 1,2-3 маротиба бештар аст, бинобар ин дар сатҳи ресмони чандтора ғафсиҳо, ҳалқаҳо, гиреҳҳо ва ғ. пайдо мешаванд. Эпонж ва спирал ба ҷумлаи ресмонҳои муқарнас дохиланд) |
| **Нити фоновые** | - | **Ресмонҳои асосӣ** (он ресмонҳои тор, ки дар ташаккули заминаи газвор иштирок мекунанд) |
| **Нити футерные** | - | **Ресмонҳои бӯтабанд** (дар баъзе кешбофтҳо ресмонҳои иловагие, ки худ ҳалқа напартофта, бо ҳалқаҳои ресмонҳои дигар ҷо-ҷо пайваст мешаванд. Дар тарафи остари маснуот хатҳои канда-канда, яъне густурдаҳо, ташкил мекунанд) |
| **Нити химические** | - | **Ресмонҳои кимиёӣ** (сунъӣ ва синтетикӣ шуда метавонанд) |
| **Нити швейные** | - | **Ресмонҳои дӯзандагӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Нити шёлка-сырца | - | **Ресмонҳои абрешими хом** (чандтора мебошанд, дар натиҷаи ҳамраҳ сохтани якчанд ресмони пиллагин ҳосил мешаванд) |
| Нити штапельные | - | **Ресмонҳои аз наххои бурида реси-дашуда** |
| Нити элементарные | - | **Ресмонҳои бетақсим** (ресмонҳои якка, ки ба самти арзӣ бе вайроншавӣ тақсим намешаванд. Дар чунин масолеҳ нахи яккаи хеле дароз мебошад. Он барои дар истеҳсоли газворҳои нассоҷӣ бевосита истифода бурдан ношоям аст (ба истисноӣ ресмонҳои монокапронӣ ва металлӣ). Хомашё барои истеҳсоли ресмонҳои чандтора мебошад) |
| **Нитка** | - | **Ресмон** |
| **Ниточка** | - | **Ресмони борик ё кӯтоҳ** |
| **Ниточная фабрика** | - | **Истеҳсолоти ресмонбарорӣ** |
| **Ниточные изделия** | - | **Маснуоти ресмонӣ** (маҷмӯи ресмонҳои барои гулдӯзӣ ва кешбофии дастӣ таъингашта) |
| **Нитрон** | - | **Нитрон** (наху ресмони синтетикие, ки аз полиакрилонитрил дар Руссия истеҳсол мешаванд) |
| **Нить** | - | **Ресмон** |
| Нить ровничная | - | **Ресмони пиликӣ** |
| **Нитяное галево** | - | **Гулаи ресмонӣ** |
| **Новая** | - | **Нав** |
| Новая продукция | - | **Маҳсулот нав** (истеҳсоли он пешбинӣ гаштааст ё чанде пеш оғоз шудааст) |
| **Новинка** | - | **Маснуоти нав, фарқдор** |

| | | |
|---|---|---|
| Новомодная одежда | - | Либоси навдӯхти замонзеб |
| Нож | - | 1. Корд;<br>2. Теғ |
| Нож дисковый | - | Корди гирд |
| Нож отбойный | - | Корди задагир |
| Нож очистительный | - | Корди тозагар |
| Ножевая | - | Теғдор |
| Ножевая рама | - | Чорчӯбаи теғдор (ҷузъи корпи каретки гулабандбардор ва мошини жаккардӣ) |
| Ножевой барабан | - | Устувонаи теғдор |
| Ножка пуговицы | - | Пояи тугма, гӯшаки тугма |
| Ножная машина | - | Мошини поякӣ |
| Ножницы | - | Қайчӣ |
| Ножницы предупредителя | - | Қайчии олати огоҳсоз |
| Ножницы шпаруточные | - | Қайчии олати ҳошиядастгир (дар дастгоҳи бофандагии мокудор барои буридани нӯги ресмони пуд дар аснои ивази найчаи моку хизмат мекунад. Ба матоъ ворид шудани ресмонҳои иловагиро пешгири мекунад) |
| Номенклатура должностей | - | Феҳрасти мансабҳо |
| Номекс | - | Номекс (наху ресмони синтетикие, ки аз полиамидҳои ароматӣ дар ИМА истеҳсол мекунанд. Ба гурӯҳи наххои полиамидӣ дохил мешавад) |
| Номер | - | Рақам |
| Номер берда | - | Рақами теға (шумораи дандонаҳои он дар фосилаи 10 см) |

| | | |
|---|---|---|
| **Номер нити** | - | **Рақами ресмон** (нисбати дарозии он бар вазнаш, м/г) |
| **Номер табельный** | - | **Рақами рӯйхатӣ** |
| **Номер узловязателя** | - | **Рақами гиреҳбанд** (мушаххасоти олати номбаршуда, ки бо ғафсии ресмони дар коркард буда алоқаманд аст) |
| **Номинальная линейная плотность нити** | - | **Зичии хаттии исмии ресмон** (ғафсии пешбинигаштаи он) |
| **Номинальный** | - | **Исмӣ** (нишондодӣ, пешбинигашта, муқарраргашта, талабшуда) |
| **Норма** | - | **Меъёр** (ченаки муқарраргашта, ки ба қимати миёнаи чизе мувофиқат мекунад) |
| **Норма амортизации** | - | **Меъёри истеҳлок** (андозаи солонаи маблағҳои истеҳлокӣ, фоиз аз арзиши умумии захираи асосӣ) |
| **Норма времени** | - | **Меъёри вақт** (муддати вақте, ки барои иҷрои ягон кор ё амалиёт муқаррар гаштааст) |
| **Норма выработки** | - | **Меъёри истеҳсол** (миқдори маҳсулот, ки дар воҳиди вақт бояд истеҳсол шавад) |
| **Норма выработки ткача** | - | **Меъёри маҳсулотбарории бофанда** |
| **Норма обслуживания** | - | **Меъёри хизматрасонӣ (миқдори мошинҳо ё дукҳо, ки аз тарафи як коргар идора мешаванд)** |
| **Норма производительности** | - | **Меъёри ҳосилнокӣ** (барои таҷҳизот) |
| **Нормализация** | - | **Мӯътадил сохтан** (ба меъёрҳо мувофиқ гардонидан) |
| **Нормальная влажность** | - | **Намнокии мӯътадил** |
| **Норматив** | - | **Меъёр** |

Норматив численности - Меъёри теъдод

Нормативная - Меъёрӣ

Нормативная влажность - Рутубати (намнокии) меъёрӣ

Нормативная засорённость - Хокрӯбадории меъёрӣ

Нормативная численность - Теъдоди меъёрӣ

Нормирование труда - Бамеъёргирии меҳнат

Нормированная влажность - Намнокии меъёрӣ

Нормируемое время - Вақти меъёрпазир

Носик початка - Нӯги сӯта (қисми болои танаи сӯта, ки махрутист)

Носик рапиры - Нӯги найза

Носка - Пӯшида гаштан

Носки - Ҷуроб, пайпоқ

Ноский - Бадоштӣ, истифодашав

Носкость - Бадоштӣ

Носовой платок - Рӯймолчаи кисагӣ

Нулевое положение - Мавқеи ибтидоӣ (ё ниҳоӣ)

Нумерация - Рақамгузорӣ

# О

Обвивание, обвивка - Ба чизе печида гирифтан

Обвалакивать - Печонда гирифтан, фаро гирифтан, пӯшида шудан

Обвод - Аз гирди чизе гузаронда бурдан

Обвязать - Бастан

Обдувка станка - Шамолдиҳии дастгоҳ (бо мақсади тоза кардан)

Обезвоживание - Беоб кардан

Обезволашивание - Бепашм кардан

Обезжиривание - Беравған кардан

Обезрепеивание - Бемушхоргардонӣ, мушхорканӣ

Обезрепеивающая машина - Мошини мушхоркан (дар коркарди ибтидоии пашм истифода мешавад)

Обеспечение - Таъминот

Обеспыливание - Бечанг кардан

Обесцвечивание - Берангшавӣ

Обечайка - Сатҳи устувона

Обёртывание - Печондан

Обвивание - Печонда гирифтан

Обвязать - Бастан

Обивка - Рӯйкаш кардан, рӯйпӯш кардан

Обиться - Кӯҳна шудан, фарсуда шудан

Облагораживание - Холисгардонӣ, бой кардан

Облегающая одежда - Либоси шинам, часпон (ба бадан часпида)

Обливание - Рехтан

Облинять - Паридани ранг

Обматывать - Печондан

| | | |
|---|---|---|
| Обмахивание машины | - | Рӯфтани мошин (бо мақсади аз чанг тоза намудан) |
| Обмашка | - | 1. Рӯфтан;<br>2. Шамол додан |
| Обмерить | - | Андозагирӣ |
| Обметать, обмётывать | - | Ҳошиядӯзӣ |
| Обмёточная машина | - | Мошини ҳошиядӯз |
| Обмётывание | - | Ҳошиядӯзӣ |
| Обмотать, обмотка | - | Печа |
| Обмундирование | - | Либоси расмӣ |
| Обнаружение | - | Зоҳиршавӣ, ёфтан |
| Обновить | - | Нав кардан |
| Обносить | - | Пӯшида кӯҳна кардан |
| Обобщение, обобщить | - | Ҷамъбаст кардан |
| Обогащение | - | Бой кардан |
| Обод | - | Чанбарак |
| Обозначение | - | Ифода |
| Обозначение буквенное | - | Ифодаи ҳарфӣ |
| Обозначение цифровое | - | Ифодаи рақамӣ |
| Обойма | - | Чанбарак |
| Оболочка кокона | - | Пӯсти пилла (қабати ресмондори он) |
| Обор | - | Пашми чидагирифта (аз дум, ронҳо, пешона ва рӯи ҳайвон тарошида мешавад) |
| Оборачиваемость оборотных средств | - | Гардишпазирии маблағҳои гардон (давомнокии як давргардии пурраи онҳо) |

| | | |
|---|---|---|
| **Оборванный** | - | **Кандашуда** |
| **Оборваться** | - | **Канда шудан** |
| **Оборка** | - | **Чин-чин** (дар либос тасмаи кундаланг ё уреб, ки қатҳо дорад) |
| **Оборот** | - | **Гардиш, даврзанӣ** |
| **Оборотная** | - | **Даврзан, гардон** |
| **Оборотная машина** | - | **Мошини даврзан** (таҷҳизот барои истеҳсоли кешбофти дуостарӣ) |
| **Оборотные средства** | - | **Маблағҳои гардон** (арзиши пулии захираҳои гардони истеҳсолӣ ва захираҳои гардиши корхона) |
| **Оборотные фонды** | - | **Захираҳои гардон** (ашёе, ки барои истеҳсоли маҳсулот сарф мешавад, аз ҷумла хомашё, масолеҳи ёрирасон, сӯзишворӣ, барқ, лифофа ва ҳ.) |
| **Оборотный трикотаж** | - | **Кешбофти гардон** (онро кешбофти дуостарӣ низ меноманд) |
| **Оборудование** | - | **Таҷҳизот** |
| **Оборудование вспомогательное** | - | **Таҷҳизоти ёрирасон** |
| **Оборчатый подол** | - | **Домани чин-чин** |
| **Обоснование** | - | **Асоснок кардан** |
| **Обоюдный** | - | **Дутарафа, дуҷониба** |
| **Обрабатывать, обработка** | - | **1. Коркард;**<br>**2. Мураттабсозӣ** |
| **Обработка антикорозийная** | - | **Коркарди зангназанӣ** |
| **Обработка влажно-тепловая** | - | **Коркарди намноку гармо** |

| | | |
|---|---|---|
| Обработка основы | - | Мураттабсозии тор (дар дастгоҳи бофандагӣ) |
| Обработка основы при шлихтовании | - | Коркарди тор ҳангоми ширешдиҳӣ |
| Обработка поузловая | - | Коркарди ҷузъ ба ҷузъ |
| Обработка хлопка | - | Коркарди пахта |
| Образец | - | Намуна |
| Образец опытный | - | Намунаи санҷишӣ |
| Образец ткани | - | Намунаи матоъ |
| Образование | - | 1. Ташкил кардан, таъсис додан, ба вуҷуд овардан;<br>2. Таҳсил, маориф;<br>3. Маълумот |
| Образование высшее профессиональное | - | Маълумоти олии касбӣ |
| Образование соответст-вующее | - | Маълумоти мувофиқ |
| Образование зева | - | Ташкили бод, бодкушой |
| Обратимая | - | Бозгардон, барқароршав |
| Обратимая растяжимость | - | Ёзишнокии бозгардон |
| Обратимое изменение | - | Тағйироти бозгардон |
| Обратная | - | Баръакс, чаппа |
| Обратная проборка в ре-мизки | - | Торгузаронии баръакс дар гулабандҳо |
| Обратное движение | - | Ҳаракати баръакс |
| Обратный ход | - | Равиши баръакс, гашти чаппа |
| Обраты | - | Пасмондаи шоям, коркардшав |

| | | |
|---|---|---|
| **Обращение** | - | **Гардиш, муомилот** |
| **Обрезание нити** | - | **Буридани ресмон** |
| **Обрезиненный вал** | - | **Наварди резинпўш** |
| **Обрезка** | - | **Пораи бурида** |
| **Обрезковый** | - | **Қуроқӣ** |
| **Обрезная кромка** | - | **Ҳошияи бурида партовшав** (дар дастгоҳи бофандагии фавваргӣ, яъне ҳавокору обкор ба вуҷуд меояд) |
| **Обрыв нити** | - | **Каниши (кандашавии) ресмон** |
| **Обрывность** | - | **Канишпазирӣ** (қобилият) |
| **Обрывность основы в ткачестве** | - | **Канишпазирии тор ҳангоми бофт** |
| **Обрывность пряжи** | - | **Канишпазирии ресмон** |
| **Обслуживание** | - | **Хизматрасонӣ** |
| **Обслуживание бытовое** | - | **Хизматрасонии маишӣ** |
| **Обслуживание машины** | - | **Хизматрасонӣ ба мошин** (таъмини кори он, идора кардани он) |
| **Обслуживания маршрутное** | | **Хизматрасонии хатироҳӣ** (тарзи кори коргарони бисёрдастгоҳ) |
| **Обслуживание многостаночное** | - | **Хизматрасонии бисёрдастгоҳӣ** |
| **Обслуживающая** | - | **Хидматӣ, хизматрасон** |
| **Обслуживающая операция** | - | **Амалиёти хидматӣ** (он ба таъмини шароити зарурӣ дар ҷои кор равона шудааст: таъмиру нигоҳубини таҷҳизот, рўбучин ва ҳ.) |
| **Обслуживающий персонал** | - | **Ҳайати хизматрасон** |
| **Обстрачивание** | - | **Кўк зада шудан, хати кўкро то охир бурдан** |

| | | |
|---|---|---|
| Обтачивать | - | Пайвастани ҷузъи барилова (бо дарзи даруни) |
| Обтачка | - | Ҷузъи барилова (барои коркарди буришҳои либос хизмат мекунад) |
| Обтачной шов | - | Дарзи бариловадўзӣ |
| Обтягивать, обтяжка | - | Печонида гирифтан |
| Обузить брюки | - | Танг кардани шим |
| Обучение | - | Омўзиш, таълим |
| Обхват бёдер | - | Даври рон |
| Обхват груди | - | Даври сина |
| Обхват колена | - | Даври зону |
| Обхват плеча | - | Даври китф |
| Обхват талии | - | Даври миён |
| Обхват шеи | - | Даври гардан |
| Обчистить | - | Тоза кардан |
| Обшивка | - | Рўйкаш, рўйбаст |
| Обшить | - | Либос дўхтан |
| Обшлаг рукава | - | Нўги остин, саростин |
| Общая вытяжка | - | Кашиши умумӣ |
| Общий | - | Умумӣ, ҷамъбастӣ, кулл |
| Объединение | - | Иттиҳодия |
| Объект | - | Чиз, мавзўъ (аз лотинӣ ба маънои «ҷисм». 1. Ҷисм ё ҳодисае, ки ба он фаъолият равона шудааст; 2. Муассиса, корхона ё ғ., ки ба сифати мавзеи ягон намуд фаъолият хизмат мекунад) |
| Объём | - | Ҳаҷм |

| | | |
|---|---|---|
| **Объём намотки** | - | **Ҳаҷми ресмони печида** (дар ғалтак) |
| **Объёмная плотность** | - | **Зичии ҳаҷмӣ** |
| **Объяр** | - | **Ҷилодеҳ** (дар қадим номи умумии матоъҳои абрешимини сатҳашон ялаққосӣ) |
| **Обычный** | - | **Муқаррарӣ** |
| **Обязанности** | - | **Вазифаҳо, ӯҳдадориҳо** |
| **Обязательство** | - | **Вазифадорӣ, ӯҳдадорӣ** |
| **Овальная форма** | - | **Шакли байзавӣ, тухмшакл** |
| **Оверлок** | - | **Мошини ҳошиядӯзӣ** (аз англисӣ ба маънои «канораро бастан») |
| **Овечья шерсть** | - | **Пашми гӯсфанд** |
| **Овчинная стрига** | - | **Пашми гӯсфандтарош** (аз ҳайвони маҳвгашта гирифта мешавад) |
| **Огибать** | - | **Хамида гузаштан** |
| **Огнестойкость, огнеупорность** | - | **Оташтобоварӣ, оташбардорӣ** |
| **Огнеупорная отделка** | - | **Пардози оташбардорсозӣ** (ба таркиби матоъ дохил кардани намакҳои маъдании гуногун (аммоний, тезоби фосфат ва ғ.). Намакҳои мазкур қобилияти хомӯш кардани оташро дошта, дар миқдори муайян ҳамроҳ бо апррети оҳар ё мумҳои синтетикӣ ба матоъ гузаронида мешаванд. Аз чунин амалиёт матоъҳои пахтагину зағирини таъинаташон махсус (барои пардаҳои театрӣи, баъзе намуд либоси корӣ пешбинигашта) мегузаранд) |
| **Оголение** | - | **Бараҳнашавӣ** |
| **Ограждение** | - | **Тавора** |
| **Ограничение** | - | **Маҳдудсозӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Одеваться, одеться | - | Либос пӯшидан |
| Одежда | - | Либос, пӯшок (он се намуд мешавад: печондагир (пораи газвор, ки ба бадан печонида мешавад, масалан, сорӣ), рӯйкаш (аз сар пӯшида мешавад, масалан, жемпер, футболка) ва пешкушод (дар пеш буриш дорад, масалан, хилъат) |
| Одежда бытовая | - | Либоси маишӣ, хонагӣ |
| Одежда верхняя | - | Либоси болопӯш |
| Одежда домашняя | - | Либоси хонагӣ |
| Одежда выходная | - | Либоси ҷойравӣ |
| Одежда на заказ | - | Либоси фармоишӣ |
| Одежда запашная | - | Либоси печондагир (пораи газвор, ки ба бадан печонида мешавад, масалан, сорӣ) |
| Одежда лёгкая | - | Либоси сабук |
| Одежда малоношенная | - | Либоси кампӯшида, қариб нав |
| Одежда маркая | - | Либоси зуд чиркиншав |
| Одежда модная | - | Либоси замонзеб |
| Одежда накладная | - | Либоси рӯйкаш (аз сар пӯшида мешавад, ба мисли жемпер, футболка) |
| Одежда нарядная | - | Либоси ороста, бошукӯҳ |
| Одежда национальная | - | Либоси миллӣ |
| Одежда нескладная | - | Либоси номарбут, ночаспон |
| Одежда несовременная | - | Либоси номуосир |
| Одежда неудобная | - | Либоси нобоб, ноқулай |
| Одежда нижняя | - | Либоси таг, тагпӯш |

Одежда новая - Либоси нав, навдӯхт

Одежда новомодная - Либоси навдӯхти замонзеб

Одежда облегающая - Либоси шинам, часпон (ба бадан зич часпида)

Одежда повседневная - Либоси ҳамарӯза

Одежда поясная - Либоси миёнпӯш (шим, юбка, шалвор)

Одежда праздничная - Либоси идона

Одежда приталенная - Либоси миёнчасп

Одежда рабочая - Либоси корӣ

Одежда распашная - Либоси пешкушод (намуди либоси китфӣ, ки пешаш буриш дорад)

Одежда рваная - Либоси канда, дарида

Одежда специальная - Либоси махсус, таъингардида

Одежда старая - Либоси кӯҳна, фарсуда

Одежда торжественная - Либоси тантанавӣ

Одежда траурная - Либоси мотамӣ

Одежда утеплённая - Либоси гарм

Одёжная вешалка - Либосовез

Одёжная ткань - Матои либосвор

Одетый - Либоспӯшида

Одеяло - Кампал, кӯрпа

Одеяло байковое - Кампали патдор

Одеяло стёганое - Кӯрпаи лагандашуда

Одеяльце - Кӯрпача

| | | |
|---|---|---|
| **Одинарный** | - | **1. Яккарата;**<br>**2. Нимбар, камбар** |
| **Одинарная материя** | - | **Газвори камбар** |
| **Одинарный трикотаж** | - | **Кешбофти яккарата** (ё якрӯ. Он тарафҳои абраю остар дорад. Масалан, боҳампечии ҳамвора. Ба воситаи мошини дорои як сӯзандон бофта мешавад) |
| **Одиночная нить** | - | **Ресмони якка** |
| **Одиночный виток** | - | **Печаки якка, як печак** |
| **Однобарабанная машина** | - | **Мошини якустувона** |
| **Однобокий** | - | **Яктарафа, якҷониба** |
| **Однобортный** | - | **Якдомана** |
| **Одновальная жаккардовая машина** | - | **Мошини якнаварди жаккардӣ** (як призма, яъне як қарта, доштани онро ифода мекунад) |
| **Одноволновой баллон** | - | **Байзанокии якмавҷ** |
| **Одновременно** | - | **Яквақта** |
| **Одногребёночные переплетения** | - | **Боҳампечиҳои якшоначагӣ** (барои ҳосил кардани чунин боҳампечиҳои кешбофии торҳалқагӣ як шоначаи сӯзанҳои гӯшакдор дошта кофист. Занҷира, трико, атлас намудҳои чунин боҳампечиҳоянд) (барои ҳосил кардани чунин боҳампечии кешбофии торҳалқагӣ як шоначаи сӯзанҳои гӯшакдор кофист. Занҷира, трико, атлас намудҳои чунин боҳампечиянд) |
| **Однозонное кручение** | - | **Тоби якмавзеӣ** (масалан, дар мошини ресандагии ҳуҷрачагӣ) |
| **Однократный** | - | **Яккарата** |
| **Однокруточная нить** | - | **Ресмони яктоб** (аз ресмонҳои монанд ё мухталиф бо роҳи якҷоя намудани чандинкарата, аммо тоб якмарҳилавӣ ҳосил шудааст) |

| | | |
|---|---|---|
| **Однониточная пряжа** | - | **Ресмони яктор** |
| **Однообразие** | - | **Якшаклӣ, якхелӣ** |
| **Одноосный** | - | **Яктира, якмеҳвара** |
| **Однопереходная машина** | - | **Мошини якгузариша** (дар таҷҳизоти чунин таъинот дошта ашё танҳо як бор коркард мешавад) |
| **Однопетельный узел** | - | **Гиреҳи якҳалқагӣ** (онро гиреҳи бофандагӣ низ меноманд) |
| **Одноплечий рычаг** | - | **Фашанги яккитфа** |
| **Одноподъёмная каретка** | - | **Кареткаи якгардиша** (сикли пурраи кори каретка дар давоми як гардиши наварди асосии дастгоҳ ба иҷро мерасад) |
| **Однополотная ткань** | - | **Матои яккабата** |
| ***Однопольный прибор*** | - | ***Олати якмайдона*** |
| **Однопроцессная крутильная машина** | - | **Мошини тобдеҳи якраванда** (он кори мошинҳои таъиноташон гуногунро иҷро мекунад, аз ҷумла тоби қаблии ташкилдиҳандаҳо, ҳамраҳсозии онҳо ва тоби ниҳоӣ) |
| **Одноразовый** | - | **Яккарата** |
| **Однораппортный кулочок** | - | **Муштаки якбозгашт** (дар давоми як гардиши пурраи он як бозгашти матоъ бофта мешавад) |
| **Однородная нить** | - | **Ресмони якхела** (аз як намуд нах истеҳсол мешавад, масалан ресмони пахтагин ё пашмин) |
| **Однорядная стойка** | - | **Тиргаки якнишемадор** (дар он ғалтакҳо дар як қатори уфуқӣ ҷойгир мешаванд) |
| **Однослойный** | - | **Яккабата** |

| | | |
|---|---|---|
| **Односторонние протяжки** | - | **Кашоланўгҳои яктарафа** (ҳарду нўги ресмони ҳалқапартофта ба як тараф равонанд) |
| **Однострига** | - | **Пашми яккатарош** (наххои дурушт ва нимдурушт, ки дар истеҳсолоти қолинбофӣ истифода мешаванд) |
| **Одноступенчатый** | - | **Якзина** |
| **Однотипный** | - | **Ҳамгун, ҳамнавъ, якхела** |
| **Однотонный** | - | **Якранг, яктобиш** |
| **Однофонтурная машина** | - | **Мошини дорои як сўзандон** (дар як даври кории он танҳо як қатори ҳалқагӣ ҳосил мешавад) |
| **Одноцветные нити** | - | **Ресмонҳои якранг** |
| **Одноцилиндровый** | - | **Якустувона** |
| **Одночастная проборка** | - | **Канабгузаронии яққисма** (дар мошини жаккардӣ) |
| **Одонок** | - | **Пасмонда пилла** (партови истеҳсолоти абрешим |
| **Оживление грены** | - | **Зиндагардонии тухмӣ** (яке аз марҳилаҳои кирмакпарварӣ) |
| **Окаймить, окаймление** | - | **Ҳошия дўхтан** |
| **Окантовка, окантовывание** | - | **Мағзидўзӣ** (коркарди буриши ҷузъи либос бо ёрии тасма ё пораи борики матоъ бо мақсади пардоз ё пешгирӣ намудани фурўрезӣ) |
| **Окат рукава** | - | **Даври остин** |
| **Оклад** | - | **Моҳона, музди меҳнат** |
| **Оклад должностной** | - | **Музди меҳнати мақомӣ** |
| **Окрайка** | - | **Канора** |
| **Окраска, окрашивание** | - | **Ранг кардан** |

| | | |
|---|---|---|
| **Округлить** | - | **Мудаввар намудан** |
| **Окружная скорость** | - | **Суръати даврзанӣ** (воҳидаш гардиш / дақ) |
| **Окукливание** | - | **Зочашавии кирмак** |
| **Окэлан** | - | **Окэлан** (ресмони чандтораи омехта, ки дар натиҷаи ҳамроҳ тофтани ресмони калонҳаҷми атсетатӣ ва ресмони монокапронӣ ҳосил шудааст) |
| **Опаливание нити** | - | **Партсӯзии ресмон** |
| **Оперативное время** | - | **Вақти амалиётӣ** (дар давоми он бевосита ҳамон амалиёте иҷро мешавад, ки барои он ҷои кории мазкур пешбинӣ шудааст) |
| **Оператор** | - | **Амалиётгар** (аз лотинӣ ба маънои «дарамал». Мутахассисе, ки таҷҳизоти истеҳсолиро идора мекунад, ба он хизмат мерасонад) |
| **Оператор ленточной машины** | - | **Амалиётгари мошини пилтабарор** |
| **Операционный контроль** | - | **Назорати амалиётӣ** |
| **Операция** | - | **Амалиёт** (он дар як ҷои кор дастӣ ё бо мошин ба иҷро мерасад) |
| **Операция вспомогательная** | - | **Амалиёти ёрирасон** |
| **Операция контрольная** | - | **Амалиёти назоратӣ** (дар аснои он мувофиқати ашё ба ину он талабот санҷида мешаванд) |
| **Операция обслуживающая** | - | **Амалиёти хидматӣ** (он ба таъмини шароити зарурӣ дар ҷои кор равона шудааст: таъмиру нигоҳубини таҷҳизот, рӯбучин ва ҳ.) |
| **Операция рабочая** | - | **Амалиёти корӣ** |
| **Операция технологическая** | - | **Амалиёти технологӣ** (дар натиҷаи он шакл ё хосиятҳои ашё дигар мешаванд) |

| | | |
|---|---|---|
| Операция транспортная | - | Амалиёти таҳвилӣ (интиқолӣ) |
| Опережающая катушка | - | Ғалтаки пешгузар |
| Оплодотворение | - | Бордоршавӣ |
| Опираться | - | Такя кардан |
| Описание | - | Тавсиф, тасвир |
| Опись | - | Рӯйхат |
| Оплата | - | Пардохт |
| Оплата труда | - | Пардохти музди меҳнат |
| Оплата труда аккордная | - | Пардохти паймонии музди меҳнат |
| Оплата труда индивидуальная сдельная | - | Пардохти корбаъйи фардии музди меҳнат (низоми пардохти ҳаққи кори коргарони асосӣ: ресандаҳо, тобдеҳҳо, печишгарон, бофандаҳо ва ғ.) |
| Оплата труда коллективная сдельная | - | Пардохти корбаъйи гурӯҳии музди меҳнат (низоми пардохти ҳаққи кори коргарони ба ҳайати дастаи корӣ шомилбуда) |
| Оплата труда косвенная сдельная | - | Пардохти корбаъйи ғайримустақими музди меҳнат (низоми пардохти ҳаққи кори коргарони ёрирасон: ёварони усто, калобагузорҳо, шпрешпазон, боркашҳо ва ғ. Дар такя ба миқдори кори коргарони асосӣ пардохт мегардад) |
| Оплата труда повременная | - | Пардохти вақтбаъйи музди меҳнат (коргар музди меҳнатро вобаста ба давомнокии вақти кор карданаш мегирад) |
| Оплата труда повременно-премиальная | - | Пардохти вақтбаъйи мукофотдори музди меҳнат |
| Оплата труда простая повременная | - | Пардохти соддавақтбаъйи музди меҳнат (бемукофот) |

| | | |
|---|---|---|
| **Оплата труда прямая сдельная** | - | **Пардохти корбаъйи мустақими музди меҳнат** (бемукофот) |
| **Оплата труда сдельная** | - | **Пардохти корбаъй музди меҳнат** (коргар музди меҳнатро вобаста ба миқдори кори иҷрокарда мегирад) |
| **Оплата труда сдельно-премиальная** | - | **Пардохти корбаъйи мукофотдори музди меҳнат** |
| **Оплата труда сдельно-прогрессивная** | - | **Пардохти корбаъйи афзояндаи музди меҳнат** (дар ин низом ҳаққи хизмат барои воҳиди маҳсулоти аз меъёр боло истеҳсолшуда баландтар муқаррар мегардад) |
| **Опора валика** | - | **Такягоҳи навард** |
| **Опорная поверхность** | - | **Сатҳи такягоҳ** |
| **Определение** | - | **1. Муайян кардан;**<br>**2. Тавсиф** |
| **Определённое значение** | - | **Қимати муайян** |
| **Опрыскивание** | - | **Чошидан** |
| **Оптимальная** | - | **Муносиб** (аз лотинӣ ба маънои «беҳтарин») |
| **Оптимальная вязкость** | - | **Часпакии муносиб** |
| **Оптимальная скорость** | - | **Суръати муносиб** |
| **Оптимальная ставка** | - | Миқдори муносиби ресмонҳо (дар асиои тортанӣ, ба маънои на кам на зиёд) |
| **Оптимальное значение** | - | **Қимати муносиб** |
| **Оптимальное строение ткани** | - | **Сохти муносиби матоъ** |
| **Оптимальный способ** | - | **Тарзи (усули) муносиб** |

| | | |
|---|---|---|
| **Оптимизация** | - | **Муносибгардонӣ** (кофта ёфтани вараианти беҳтарин) |
| **Опушка** | - | **1. Канора, сарҳад**<br>2. **Лабакӣ** (фаровези мӯинагӣ дар либос) |
| **Опушка ткани** | - | **Сарҳади матоъ** (дар дастгоҳи бофандагӣ канори матоъ, ки ба он ресмони нави пуд оварда часпонида мешавад) |
| **Опушкоискатель** | - | **Олати сарҳадҷӯ** |
| **Опущенность семян** | - | **Дараҷаи нахпӯш будани чигитҳо** |
| **Опущенная ремизка** | - | **Гулабанди поёнрафта** |
| **Опыт** | - | **Таҷриба** |
| **Опытная** | - | **1. Таҷрибавӣ, санҷишӣ;**<br>**2. Таҷрибадор, ботаҷриба** |
| **Опытная переработка** | - | **Коркарди санҷишӣ, таҷрибавӣ** |
| **Опытный образец** | - | **Намунаи санҷишӣ** |
| **Опытный мастер** | - | **Устои таҷрибадор** |
| **Орган** | - | **1. Аъзо, ҷузъ, олат, узв;**<br>**2. Мақом** |
| **Орган петлеобразующий** | - | **Ҷузъи ҳалқабанд, ҳалқасоз** (ягон олати кории мошини кешбофӣ аз қабили сӯзанҳо, лавҳачаҳо, фушургарон, ресмонбарон ва ғ.) |
| **Орган рабочий** | - | **Ҷузъи корӣ** (он ба ашёи коркардшав бавосита ё бевосита таъсир мерасонад) |
| **Орган управления** | - | **Мақоми идорасозӣ** |
| **Органди** | - | **Органдӣ** (матои хеле тунук, басе шафоф ва нисбатан дурушти пахтагин. Баъзан аз ресмонҳои кимиёӣ низ бофта мешавад. Таърихи қадима дошта, нахуст дар Ҳин- |

| | | |
|---|---|---|
| | | дустони Шарқӣ истеҳсол шудааст. Намуди якрангшуда ё нақшбаста дошта, хусусан дар солҳои 30-ми асри 20 маъмул буд. Имрӯзҳо аз он либоси бегоҳирӯзии занона (куртаҳои нимтанаю камзӯлҳо), ки аз болои синабанд пӯшида мешаванд, медӯзанд) |
| **Организатор** | - | **Ташкилотчӣ** |
| **Организация** | - | **1. Ташкил кардан, таъсис додан;**<br>**2. Ташкилот, муассиса** |
| **Организация производства** | - | **Ташкили меҳнат** |
| **Организация рабочих мест** | - | **Ташкили ҷойҳои корӣ** |
| **Организация труда научная** | - | **Ташкили илмии меҳнат** |
| **Органические волокна** | - | **Нахҳои органикӣ** (кулли нахҳои табиию кимиёӣ ба истиснои асбестӣ, шишагин ва металлӣ) |
| **Орешек** | - | **Ҷавзак** (пасмондаи равандҳои титсозию наддофӣ ва ғоздиҳии пахта) |
| **Орешек трёпальный** | - | **Ҷавзаки наддофӣ** (он то 30 % нахи ресидашав дорад. Он аз нахи ибтидоӣ 1-2 мм кӯтоҳ буда, иллатҳо (пӯстчаи наху тибитдор, бандиначаю чигилча) ва хокрӯба дорад) |
| **Орешек чёсальный** | - | **Ҷавзаки ғоздиҳӣ** (дар таркиби он то 12 % нахи ресидашав мавҷуд аст) |
| **Оригинальный** | - | **Аслӣ, нодир, бесобиқа, бемисл** (аз лотинӣ ба маънои «аввалин, нахустин») |
| **Ориентированная** | - | **Самтгирифта** |
| **Ориентированные волокна** | - | **Нахҳои самтгирифта** |

| | | |
|---|---|---|
| **Ориентированный поток** | - | **Фавраи самтгирифта** |
| **Ориентировать** | - | **Самт додан, самтбахшидан** |
| **Ориентировочно** | - | **Тахминан, тақрибан** |
| **Ориентировочный размер** | - | **Андозаи тахминӣ, тақрибӣ** |
| **Орлон** | - | **Орлон** (наху ресмони синтетикие, ки аз полиакрилонитрил дар ИМА истеҳсол мешавад. Мо онро нитрон меномем) |
| **Орнамент** | - | **Нақш, нақшу нигор** (аз лотинӣ ба маънои «ороиш». Нақше, ки аз ҷузъҳои бонизом такроршав иборат аст) |
| **Орнаментация ткани** | - | **Нақшу нигор кардани матоъ** |
| **Орошение** | - | **Обдиҳӣ, обёрӣ** |
| **Осадительная ванна** | - | |
| **Осадок** | - | **Такшин** |
| **Осаждение** | - | **Такшиншавӣ** |
| **Осанка** | - | **Қомат** |
| **Осанка перегибистая** | - | **Қомати қафо қатшуда** |
| **Осветительная сеть** | - | **Шабакаи рӯшноидеҳ** |
| **Освещение** | - | **Рӯшноидиҳӣ** |
| **Освоение** | - | **Аз худ кардан, омӯхтан** |
| **Освоение метода работы** | - | **Омӯхтани роҳи кор** |
| **Освоение новой продукции** | - | **Омӯхтани истеҳсоли моли нав** |
| **Осевая** | - | **Тирӣ, ба самти тири ҷисм** |
| **Осевое движение** | - | **Ҳаракати тирӣ** |
| **Осевое наматывание** | - | **Печиши тирӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Осевое сматывание | - | Кушодашавии тирӣ |
| Осевой сдвиг | - | Ғеҷиши тирӣ |
| Осевой чиститель | - | Тозагари тирӣ |
| Ослабление крепления | - | Сустшавии пайванд |
| Осмотр | - | Муоина, азназаргузаронӣ |
| Осмотр визуальный | - | Муоинаи назарӣ |
| Осмотр профилактический | - | Муоинаи пешгир |
| Осмотр технический | - | Муоинаи техникӣ |
| Осмотр ткани | - | Муоинаи матоъ |
| Оснастка | - | 1. Ҷиҳозонӣ<br>2. Ҷиҳоз (асбобу анҷом) |
| Оснастка технологическая | - | Ҷиҳози технологӣ |
| Оснащение | - | Таҷҳизонидан |
| Основа | - | 1. Тор (1. дар матоъ ресмоне, ки ба самти қадӣ равон аст; 2. ресмони чандтора, ки дар натиҷаи ҳамроҳ намудани 2-3 дона абрешими табиӣ ё ресмонҳои сунъӣ ва ба рост тоб додан то 250-550 печиш дар 1 м ҳосил шудааст. Тоби аввалаи ресмонҳои таркиби он (300-600 печиш дар 1 м) чаппа мебошад. Тор бо ресмони гренадин сохти якхела дошта, танҳо бо дараҷаи тобҳои аввалаю дуюмкарата фарқ мекунад);<br>2. Асос;<br>3. Замина |
| Основа верхняя | - | Тори боло (маҷмӯи ресмонҳои торе, ки ба воситаи онҳо ташаккули қабати болои матои чандқабата иҷро мешавад) |
| Основа ворсовая | - | Тори патдеҳ |

| | | |
|---|---|---|
| **Основа грунтовая** | - | **Тори заминагӣ** (боҳампечии он бо пуд заминаи матои патдорро ташкил мекунад. Ҳаммаънои тори решагӣ) |
| **Основа коренная** | - | **Тори решагӣ** (1. яке аз се маҷмӯъ ресмонҳои тор, ки ба воситаи онҳо бахмали худбур бофта мешавад. Онро тори заминавӣ низ меноманд; 2. яке аз ду маҷмӯи ресмонҳои тор, ки дар бофти матои пике иштирок мекунанд. Ба воситаи он дар матоъ нақши даганда ба вуҷуд меояд, аз ин сабаб онро тори лагандавӣ низ меноманд. Маҷмӯи дуюм тори абра ном дорад) |
| **Основа крашенная** | - | **Тори рангшуда** |
| **Основа кручёная** | - | **Тори тофта** (ҳар ресмони он аз ду ё бештар ташкилдиҳанда иборат аст) |
| **Основа лицевая** | - | **Тори абра** (маҷмӯи ресмонҳои торе, ки дар ташаккули қабати абраи матои чандқабата иштирок мекунанд) |
| **Основа многоцветная** | - | **Тори ҳарранга** |
| **Основа навитая, намотанная** | - | **Тори печонида** |
| **Основа наработанная** | - | **Тори тайёршуда, ҳосилгашта** |
| **Основа настилочная** | - | **Тори густурданӣ** (яке аз се маҷмӯъ ресмонҳои тор, ки ба воситаи онҳо бахмали худбур бофта мешавад. Дар аснои бофт аз болои он милаҳо ва аз поёнаш ресмонҳои пуд гузаронид мешаванд) |
| **Основа нижняя** | - | **Тори поён** (маҷмӯи ресмонҳои торе, ки ба воситаи онҳо ташаккули қабати поёни матои чандқабата иҷро мешавад) |
| **Основа отшлихтованная** | - | **Тори ширешхӯрда** |
| **Основа перевивочная** | - | **Тори печтобгар** |
| **Основа перевязочная** | - | **Тори пайвастгар** (дар аснои бофти матои чандқабата барои пайвасти қабатҳо хизмат мекунад) |

| | | |
|---|---|---|
| Основа петельная (петлеобразующая) | - | Тори ҳалқадеҳ (якҷоя бо тори заминавӣ дар бофти матои ҳалқапӯш иштирок мекунанд) |
| Основа подкладочная | - | Тори остар (маҷмӯи ресмонҳои торе, ки ба воситаи онҳо ташаккули қабати остари матои чандқабата иҷро мешавад) |
| Основа суровая | - | Тори дурушт (бепардоз) |
| Основа ткани | - | Заминаи матоъ |
| Основание | - | Асос, поя |
| Основательно | - | Асоснок, мукаммал, ҷиддӣ |
| Основная | - | 1. Асосӣ;<br>2. Аз тор (ресмони матоъ) |
| Основная загрузка | - | Боргирии асосӣ (миқдори масолеҳи дар сатҳи корӣ, яъне дар болои устувонаи асосии мошини ғоздиҳӣ мавҷудбударо ифода мекунад) |
| Основная зарплата | - | Маоши асосӣ (вобаста ба миқдори кори иҷрокарда ё вақти дар кор будан ҳисоб карда мешавад ва пардохти вақти бекористиҳои нақшавиро низ дарбар мегирад) |
| Основная нить | - | Ресмони тор |
| Основная саржа | - | Ласи торӣ (намуди боҳампечии лас, ки асосан бо ресмонҳои тор пӯшида шудани сатҳи абраи матоъро таъмин мекунад, масалан лас 4/1) |
| Основная ткань | - | Матои асосӣ (масолеҳи сатхи абраи либос) |
| Основное время | - | Вақти асосӣ (дар давоми он тағйироти миқдорию сифатии ашёи меҳнат ба иҷро мерасад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Основное перекрытие** | - | **Пўшидаи торӣ** (дар тарафи абраи матоъ ҷое, ки ресмони тор дар болои ресмони пуд ҷойгир шудааст. Вобаста ба шумораи ресмонҳои пуди дар поён хобида қимати пўшида ба як, ду, се ва ҳ. баробар шуда метавонад) |
| **Основные производственные фонды** | - | **Захираҳои истеҳсолии асосӣ** (васоити меҳнат, ки муддати зиёди вақт дар шароити истеҳсолот қарор дошта, шакли табиии худро нигаҳ медоранд ва арзиши онҳо ба арзиши маснуоти истеҳсолшуда тадриҷан гузаронида мешавад. Масалан, таҷҳизот, биноҳо, иншоот) |
| **Основные рабочие** | - | **Коргарони асосӣ** (дар ҷараёни истеҳсолот бевосита машғуланд: ресандаҳо, бофандаҳо, тортанҳо, ширешдеҳон ва ҳ.) |
| **Основный бархат** | - | **Бахмали торӣ** (паташ аз ресмонҳои тор) |
| **Основный ворс** | - | **Пати торӣ** |
| **Основный регулятор** | - | **Танзимгари тор** (механизми дастгоҳи бофандагӣ) |
| **Основный репс** | - | **Репси торӣ** (намуди боҳампечии репс, ки пўшидаҳои он ба самти ресмонҳои тор пурқувват гаштаанд) |
| **Основный тормоз** | - | **Манъгари тор** (механизми дастгоҳи бофандагӣ) |
| **Основоворсовая ткань** | - | **Матои паташ аз тор** (бахмал, торбахмали дарозпат, баъзе намуди қолинҳо ва ҳ.) |
| **Основоворсовое переплетение** | - | **Боҳампечии патдеҳи торӣ** |
| **Основовышивная ткань** | - | **Матои гулдўзинусхаи торӣ** (матое, ки дар сатҳаш аз ҳисоби маҷмўи ресмонҳои тори махсус нақши бофтаи тақлиди гулдўзӣ дорад) |
| **Основовязанный трикотаж** | - | **Кешбофти торҳалқагӣ** (дар он қатори кундаланги ҳалқаҳо на аз як ресмон, балки аз гурўҳи ресмонҳои тор ба вуҷуд меоянд. Одатан ҳар ресмони тор дар як қатори кундаланг танҳо як |

ҳалқа ташкил мекунад. Барои мисол, боҳампечиҳои кешбофии занҷира, трико ва атлас чунин маснуот ба вуҷуд меоранд)

**Основонаблюдатель** - **Нозири тор** (механизми дастгоҳи бофандагӣ)

**Особенность** - **Хусусият, чиҳати махсус**

**Особо плотная ткань** - **Матои хеле зич**

**Особо плотная ткань** - **Матои хеле зич**

**Особо прочная ткань** - **Матои хеле мустаҳкам**

**Останов машины** - **Азкормонии мошин, манъ кардани он**

**Остаток** - **Пасмонда, бозмонда, бақия, боқимонда**

**Остаток пряжи** - **Пасмондаи ресмон**

**Остаток шлихты в ткани** - **Пасмондаи ширеш дар матоъ**

**Остаточная** - **Бозмонда**

**Остаточная загрузка** - **Боргирии бозмонда** (миқдори масолеҳи дар сатҳи поёни устувонаи асосии мошини ғоздиҳӣ мавҷудбударо ифода мекунад)

**Остаточная стоимость оборудования** - **Арзиши бозмондаи таҷҳизот** (арзиши таҷҳизот бо хориҷ намудани истеҳлок)

**Остаточный приклей** - **Ширешнокии бозмонда** (дар таркиби матои бофта)

**Остов** - **Ҷусса**

**Остов машины** - **Ҷуссаи мошин**

**Остов петли** - **Ҷуссаи ҳалқа** (ба кешбофт дахл дорад. Он аз теғаҳои ҳалқа ва камони сӯзанӣ, ки ба воситаи он теғаҳо васл мешаванд, иборат аст)

**Остывание шлихты** - **Хунукшавии ширеш**

**Ость** - Нахи шӯк (яке аз хелҳои пашм)

**Ось** - **Тир, меҳвар**

**Ось гибкий** - **Меҳвари қаиш**

**Ось мотовила** - **Меҳвари паррак**

**Ось навоя** - **Тири наварди бофандагӣ**

**Ось подбатанный** - **Тири зери теғадасттир**

**Осыпаемость ткани** - **Қобилияти рехташавии матоъ**

**Осыпание ткани** - **Рехташавии (фурӯрезии) матоъ**

**Отбеливание, отбелка ткани** - **Сафедгардонии** матоъ

**Отбеливатель** - **Моддаи сафедибахш**

**Отбельный цех** - Шӯъбаи **сафедгардонӣ** (дар таркиби истеҳсолоти пардоздиҳӣ ташкил шуда, газвор ё ресмонҳои сафедшуда меба-рорад)

Отбельщик - Сафедгар

Отбойная - Задагир

**Отбойная платина** - Лавҳачаи задагир

**Отбойный валик** - **Наварди задагир** (ҷузъи кории ҷини навардӣ)

Отбор нитей - Ҷудо карда гирифтани ресмонҳо

Отборный сорт - Навъи сара, яккачин

Отбраковать - Сараву сақат кардан

Отварка ткани - Ҷӯшонидани матоъ, обҷӯши он (ҷӯшонидани матоъҳои пахтагин ва зағирин дар маҳлули ишқорҳо дар ша-роити фишори атмосферӣ ё баландтар бо мақсади озод кардан аз омезишҳо ва омода намудани онҳо ба равандҳои сафедгардонӣ, ранг кардан ва нақшбандӣ)

| | | |
|---|---|---|
| **Отвешивание** | - | **Баркашидан** |
| **Отвод** | - | **Бурдан, дуртар бурдан** |
| **Отвод волокон** | - | **Бурдани наххо** |
| **Отвод ткани** | - | **Бурдани матоъ** (аз мавқеи кории дастгоҳи бофандагӣ) |
| **Отводящий цилиндр** | - | **Устувонаи баранда** (аз мавзеи корӣ берун мебарад) |
| **Отворот** | - | Лабгардон |
| **Оттиб** | - | Ҷои қат |
| **Отгладить** | - | Дарзмол карда шудан |
| **Отгул** | - | **Рухсатӣ** |
| **Отдел** | - | **Шӯъба** |
| **Отдел закройный** | - | **Шӯъбаи шаклбурӣ** |
| **Отдел контрольно-учётный** | - | **Шӯъбаи назорату баҳисобгирӣ** |
| **Отдел мотальный** | - | **Шӯъбаи азнавпечӣ** |
| **Отдел плановый** | - | **Шӯъбаи банақшагирӣ, тарҳрезӣ** |
| **Отдел приготовительный** | - | **Шӯъбаи омодасозӣ** |
| **Отдел производственный** | - | **Шӯъбаи истеҳсолӣ** |
| **Отдел сбыта** | - | **Шӯъбаи фурӯши маҳсулот** |
| **Отдел снабжения** | - | **Шӯъбаи таъмин** (бо масолеҳ,хомашё) |
| **Отдел сновальный** | - | **Шӯъбаи тортанӣ** |
| **Отдел товаробраковочный** | - | **Шӯъбаи молсақатгарӣ** |
| **Отдел сортировочно-трёпальный** | - | **Шӯъбаи навъомезишу наддофӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Отдел табельный | - | Шўъбаи ҳозирғоиб |
| Отдел технического контроля | - | Шўъбаи назорати техникӣ |
| Отдел товаробраковочный | - | Шўъбаи молсақатгарӣ |
| Отдел труда и заработной платы | - | Шўъбаи меҳнат ва музд |
| Отдел угарный | - | Шуъбаи партовҳо |
| Отдел функциональный | - | Шўъбаи хизматрасон (ғайриистеҳсолӣ, аз қабили шўъбаҳои муҳосиба, меҳнат ва музд, ҳозирғоиб, назорати техникӣ ва ғ). |
| Отдел шлихтовальный | - | Шўъбаи ширешдиҳӣ |
| Отделать | - | Пардоз додан |
| Отделить | - | Ҷудо кардан |
| Отделение волокна | - | Нахҷудошавӣ |
| Отделка | - | Пардоз |
| Отделка безусадочная | - | Пардози шиштнпазирӣ (яке аз равандҳои пардози ниҳоии газворҳои нассоҷӣ) |
| Отделка водонепроницаемая | - | Пардози обногузарсозӣ (пўшонидани сатҳи матои барои либоси боронӣ пешбинигашта бо ғишои резинӣ ё аз мум. Минбаъд масолеҳ ҳаворо низ намегузаронад) |
| Отделка водоупорная | - | Пардози обногирсозӣ (коркарди матои пахтагин ё зағирини барои палто ё либоси боронӣ пешбинигашта бо моддаҳои махсус аз қабили собунҳои арзиздор ё моддаҳои силиконӣ. Пас аз ин масолеҳ тар намешавад ва қобилияти обнагузарониро низ гум намекунад) |
| Отделка гладкая | - | Пардози якранг |

| | | |
|---|---|---|
| **Отделка жёсткая** | - | **Пардози дурушт** (матоъ, масалан, мадаполам, аз амалиёти оҳардиҳӣ гузашта, дағал мешавад) |
| **Отделка заключительная** | - | **Пардози ниҳоӣ** (маҷмўи амалиётҳои охирини пардоз бо мақсади холисгардонии газвор (ё наху ресмон). Он намуд ва сифати маҳсулотро беҳтар намуда, муқовимати онро ба таъсироти гуногуни истифодабарӣ (шустан, социхўрӣ ва ҳ.) баланд мегардонанд. Маҷмўи амалиётҳои пардози ниҳоиро сохт ва таъиноти маҳсулотмуайян месозанд) |
| **Отделка лощёная** | - | **Пардози ҷилобахш** |
| **Отделка малосминаемая** | - | **Пардози камғиҷимсоз** |
| **Отделка муслиновая** | - | **Пардози муслиннусха** (мулоим, нарм, беоҳар) |
| **Отделка мягкая** | - | **Пардози нарм** (матоъ аз амалиёти оҳардиҳӣ намегузарад, бинобар ин мулоим мебошад, масалан, муслин) |
| **Отделка противогнилостная** | - | **Пардози зидди тосидан** (дар маҳлули намакҳо тар намудани баъзе матоъҳои бодбонбоб, чодирбоб ва ғ.) |
| **Отделка противоусадочная** | - | **Пардози шиштнопазирӣ** (коркарди матоъ дар таҷҳизоти васеъбарсозӣ). Матои таршударо ба сатҳи моҳути чандири таранггашта пахш мекунанд. Баъди аз таранги озод намудани моҳут матоъ ҳамроҳи он мешинад ва қобилияти шишти минбаъдаро аз даст медиҳад) |
| **Отделка ткани** | - | **Пардози матоъ** (дар маънои васеъ – равандҳои сафедгардонӣ, ранг кардан, нақшбандӣ ва пардози ниҳоӣ (амалиётҳои охирин бо мақсади холисгардонӣ). Бо маънои маҳдуд пардози матоъ гуфта, танҳо пардози ниҳоии онро дар назар доранд) |

**Отделка эластичная** - Пардози **нимчандирбахшӣ** (коркарди махсуси газворҳои таъиноташон варзишӣ. Дар натиҷа маснуот то 80 % чандир мегардад)

**Отделочная фабрика** - **Истеҳсолоти пардоздиҳӣ**

**Отжим** - **Афшурдан, фушурдан**

**Отжимной аппарат** - **Олати афшурдан**

**Отжимной вал** - **Наварди афшурдан**

Отзыв - 1. Хулосанома;
2. Бозхонд

Отказ - **Рад кардан**

**Откидное бердо** - **Теғаи хамшав**

**Откидное дно** - **Таги бозшав**

**Отклассировка** - **Пашми бесинф** (пашми яклухттароши пастсифату ифлос)

**Отклеить** - **Ҷудо карда гирифтан, канда гирифтан**

**Отклонение** - **Майл кардан**

**Отключить** - **Хомӯш кардан, қатъ кардан**

**Открытая** - Кушода

**Открытая петля** - **Ҳалқаи кушода** (дар боҳампечии кешбофӣ агар нӯгҳои ресмон баъди ташкили ҳалқаи мазкур ҳамдигарро набурида, ҳалқапартоиҳои минбаъдаи худро иҷро кунанд)

***Открытое галево*** - ***Гулаи кушода** (гӯшакҳояш сарбаст нестанд)*

**Открытый зев** - **Боди кушода** (пас аз як гардиши наварди асосии дастгоҳи бофандагӣ ба мавқеи мобайнӣ на ҳамаи ресмонҳои тор бармегарданд. Он ресмонҳое, ки мутобиқи расми боҳампечӣ ҳангоми

| | | |
|---|---|---|
| | | пудгузаронии дигар мавқеашонро тағйир намедиҳанд, дар мавқеи боло ё поён меистанд). |
| **Отладка** | - | **Таъмир кардан** |
| **Отлёт воротника** | - | **Парраи гиребон** (қисми гиребон, ки берун аз хати такягоҳ ҷойгир шудааст) |
| **Отлётный срез** | - | **Чоки пара** (канораи васлнашави гиребон, чин-чин ва ғ.) |
| **Отлив** | - | 1. Тобиш, ҷило;<br>2. Рехта кам кардан |
| **Отличие** | - | **Фарқ доштан, тафриқа, тафовут** |
| **Отличительная особенность** | - | **Хусусияти фарқдор** |
| **Отложной воротник** | - | **Гиребони лабгардон** |
| **Отматывание нити** | - | **Кушода партофтани ресмон** |
| **Отмеривающий механизм** | - | **Механизми андозагир** (дар баъзе намуд дастгоҳҳои бофандагии бемоку истифода мешавад) |
| **Отмена** | - | **Бекор кардан** |
| **Отметка** | - | **Аломат гузоштан, нишона кардан** |
| **Отмотать** | - | **Кушода гирифтани дарозии муайян** |
| **Отмочка** | - | **Тар кардан, ба об хобондан** |
| **Относительно** | - | **Нисбатан, нисбат ба ягон чиз ё ягон кас** |
|     **Относительная влажность воздуха** | - | **Намнокии нисбии ҳаво** |
|     **Относительное движение** | - | **Ҳаракати нисбӣ** |
|     **Относительное разрывное удлинение** | - | **Ёзиши нисбии каниш** |
| **Отогнуть** | - | **Хам кардан, қат кардан, барзадан** |
| **Оторвать** | - | **Кандан, канда гирифтан** |
| **Оторочка** | - | **Лабакӣ, ҳошия** |
| **Отпаривание** | - | **Буғдиҳӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Отплести | - | 1. Кушода гирифтан;<br>2. Бофта шудан |
| Отпороться | - | Канда шудан |
| Отпуск | - | 1. Рухсатӣ;<br>2. Сардиҳӣ, озодгардонӣ |
| Отпуск декретный | - | Рухсатии ҳомилагӣ |
| Отпуск дополнительный | - | 1. Рухсатии иловагӣ;<br>2. Сардиҳии барилова |
| Отпуск основы | - | Сардиҳии тор (аз наварди бофандагӣ) |
| Отпуск очередной | - | Рухсатии навбатӣ |
| Отпуск по учёбе | - | Рухсатӣ барои таълим |
| Отработанный воздух | - | Ҳавои истифодашуда |
| Отрасль промышленности | - | Соҳаи саноат |
| Отрез ткани | - | Як либосвор матоъ |
| Отрезная кромка | - | Ҳошияи бурида партовшав |
| Отрезок | - | Пора, порча, тикка, қисмат, қитъа, ҳисса |
| Отрезок метровый | - | Порчаи якметра |
| Отрезок пряжи | - | Порчаи ресмон |
| Отрицательная | - | Манфӣ |
| Отрицательное воздейст-вие | - | Таъсири манфӣ (зарароварр) |
| Отрицательное значение | - | Қимати манфӣ |
| Отрицательный момент | - | Тарафи (ҷиҳати) манфӣ |
| Отросток акромиальный | - | Шохчаи акромиалӣ (ҷои дарзи пайва-стшавии остин бо китф) |

Отрыв - Каниш, кандашавӣ, канда гирифтан

Отрыв основы - Каниши гурӯҳии тор

Отрывщица - Ислоҳгари канишҳои гурӯҳӣ

Отсасывающая труба - Найчаи ҳавокаш

Отслойка - Қабати кушода

Отсоединить - Ҷудо кардан, кушода гирифтан

Отсортировать - Сақат карда гирифтан (навъҳои пастро ҷудо кардан)

Отсохнуть - Хушк шудан

Отставание - Дер мондан, ақибмонӣ

Отсталый початок - Сӯтаи ақибмонда (печишаш кам, дар мошини ресандагӣ ҳангоми бисёр канда шудани ресмони ба он печанда ба вуҷуд меояд)

Отстегнуть пуговицу - Кушодани тугма

Отстранение - Барканорӣ, бартараф кардан

Отстрочить - Канорадӯзӣ (гузаронидани хати кӯк қад-қади канораҳо ё дарзҳо)

Отсутствие - Набудан, надоштан, иштирок накардан

Отсчёт - Ҳисоб карда баромадан

Оттенок - Тобиши ранг, ҷило

Оттягивание, оттяжка - Кашола кардан, кашиш

Оттяжка - Кашидан (дар кешбофӣ яке аз зинаҳои ҳалқабандӣ, амалиёти кашида таранг намудани ҳалқаҳо. Пас аз он ҳалқабандии нав оғоз мешавад)

Оттяжной - Кашоласоз, кашидабар

| | | |
|---|---|---|
| Оттяжной блок | - | Ғалтаки кашоласоз |
| Оттяжной механизм | | Механизми кашидабар (олати мошини кешбофӣ барои аз назди сӯзандонҳо дур намудани кешбофти тайёршуда) |
| Отутюжить | - | Дарзмол кардани ниҳой (барои маҳсулоти тайёр) |
| Отходы | - | 1. Пасмонда;<br>2. Пасравӣ |
| Подача | - | Фиристодан, сар додан, қадре ғеҷидан |
| Подача основы | - | Фиристодани тор (сардиҳии он аз наварди бофандагӣ) |
| Подача суппорта | - | Ғеҷиши таъмингар |
| Подающая собачка | - | Дандонаки сардеҳ |
| Подбатанный вал | - | Наварди зери теғадастгир |
| Подбор | - | Чида (интихоб карда) гирифтан |
| Подбор сырья | - | Интихоб карда гирифтани хомашё (аз рӯи намудҳо, хелҳо) |
| Подбор хлопка | - | Чида гирифтани пахта (аз замин) |
| Подбор смесей волокон | - | Интихоби наххо барои омезиш |
| Подборт | - | Зердоман (ҷузъи қисми пеши либос, ки барои коркарди канораҳои доман зарур аст) |
| Подбортный | - | Зердоманӣ |
| Подвес, подвеска | - | Овеза |
| Подвижная | - | Мутаҳаррик, ҳаракатнок |
| Подвижная каретка | - | Кареткаи мутаҳаррик |
| Подвижный подсос | - | Ҳавокаши мутаҳаррик |
| Подвинтить | - | Боз каме тофтан |

| | | |
|---|---|---|
| **Подворотник** | - | **Зергиребон** |
| **Подвязка, подвязывание** | - | **Баста пайвастан** |
| **Подвязь** | - | **Банди овеза** |
| **Подгиб, подогнуть** | - | **Ба дарун қат кардан** (масалан, дар нӯги остин) |
| **Подгонка** | - | **Мувофиқ овардан** |
| **Подготовительная** | - | **Барои омодагардонӣ (тайёрӣ)** |
| **Подготовительная операция** | - | **Амалиёти омодагардонӣ** |
| **Подготовительно-заключительное время** | | **Вақти омодасозию хотимавӣ** |
| **Подготовка** | - | **Омода гардонидан, тайёр шудан** |
| **Подготовка производства конструкторская** | - | **Омодагардонии тарҳии истеҳсолот** (тарҳрезии маҳсулоти нав ва мукаммалсозии маҳсулоти истеҳсолшаванда, таҳияи ҳуҷҷатгузории техникӣи барои онҳо, бо фармоиши хадамоти технологӣ мутобиқгардонии ҳуҷҷатҳои техникии дарамал ба шароити корхона) |
| **Подготовка производства технологическая** | - | **Омодагардонии технологии истеҳсолот** (тарҳрезии тарзҳои дуруст ва русщноки истеҳсол ё мукаммалсозии маҳсулот бо назардошти истифодаи пурсамари таҷҳизот ва масоҳатҳои истеҳсолӣ) |
| **Подготовка производственная** | - | **Омодагардонии истеҳсолӣ** (дар асосии технологияи тарҳрезигашта истеҳсол кардани намунаҳои санҷиши намудҳои нави маҳсулот барои ташили истеҳсоли серадади онҳо, тайёр кардани ҷиҳози технологӣ ва васоити механиконидани равандҳои технологӣ) |
| **Поджимать** | - | **Пахш кардан** |
| **Подзатыльник бруса** | - | **Ақиби чӯби чортарош** |

| | | |
|---|---|---|
| **Подзор** | - | **Лаби даруни киса** (ҷузъи аз газвори асосӣ тайёршуда, ки халтаи кисаро ниҳон мекунад) |
| **Подкладка ткани** | - | **Остари матоъ** |
| **Подкладочная** | - | **Барои остар** |
| Подкладочная основа | - | Тори остар |
| Подкладочная сторона | - | Тарафи остар, сатҳи остар |
| Подкладочная ткань | - | Матои остар (дар либос) |
| **Подкоротить** | - | **Андак кӯтоҳ кардан** |
| **Подкроить** | - | **Ислоҳи шаклбурӣ** |
| **Подкручивание, подкурутка** | - | **Қадре тофтан** |
| **Подметать, подмётывать** | - | **Аз таг кӯк задан** |
| **Подметь** | - | **Фаршчин, хокрӯба** (пасмондаҳои истеҳсолоти ресандагию бофандагӣ, ки дар натиҷаи рӯфтани фарш ҷамъоварӣ мешаванд) |
| **Подмешать** | - | **Омехтан, омезиш** |
| **Подмётка** | - | **Ҷузъи остарӣ** |
| **Поднавойная шестерня** | - | **Чархи зери наварди бофандагӣ** |
| **Поднырки** | - | **Сарнишебиҳо** (нуқси матоъ дар намуди ресмонҳои пуди овезон, ки боҳампечӣ нашудаанд) |
| **Поднятая ремизка** | - | **Гулабанди бардошташуда** |
| **Подогнуть подол** | - | **Қат кардани доман** |
| **Подогрев** | - | **Гарм кардан** |
| **Пододеяльник** | - | **Ҷилди курпа, рӯйкаши курпа** |
| **Подол** | - | **Доман** |

| | | |
|---|---|---|
| **Подплётина** | - | **Пайвандак** (нуқси матоъ дар намуди вайроншавии расми боҳампечӣ дар баъзе мавзеъҳо. Ҳангоми дар як вақт канда шудани гурӯҳи ресмонҳои тор ва бетартиб пайваст шудани онҳо бо ресмонҳои пуд ба вуҷуд меояд. Дар чунин мавзеъҳо одатан сӯрохӣ ё зичии пасти ҷойгиршавии ресмонҳо ба назар мерасад) |
| **Подпороть** | - | **Аз дарун кандашавии дарз** |
| **Подразделение** | - | **1. Тақсимбандӣ** (ба гурӯҳҳо ҷудо кардан); **2. Қисмат, бахш** |
| **Подразделение структурное** | - | **Бахши таркибӣ** |
| **Подрез** | - | **Ҷои кӯтоҳ карда шавада** |
| **Подрезать** | - | **Бурида кӯтоҳ кардан** |
| **Подскальный рычаг** | - | **Фашанги наварддастгир** |
| **Подскок** | - | **Ҷаҳиш** |
| **Подсобный рабочий** | - | **Коргари ёвар, дастгир** |
| **Подсос** | - | **Ҳавокаш** |
| **Подстриг** | - | **Пашми дуюмтарош** (кӯтоҳнахи такроран тарошида) |
| **Подстригать, подстричь** | - | **Қадре тарошидан, бо қайчӣ кӯтоҳ кардан** |
| **Подстрочить** | - | **Дӯхти сар ба сар** |
| **Подсчёт** | - | **Шумориш** |
| **Подтачать** | - | **Аз таг дӯхтан** |
| **Подутюжить** | - | **Андак дарзмол кардан** |
| **Подушка** | - | **Болишт** |

| | | |
|---|---|---|
| Подчинение | - | Тобеъият |
| Подшивной | - | Дӯхташав, часпондашав |
| Подшивочный материал | - | Масолеҳи дӯхташав, часпондашав |
| Подшипник | - | Подшипник (такягоҳи навард) |
| Подъём | - | Болоравӣ, бардоштан |
| Подъём навоя | - | Бардоштани наварди бофандагӣ |
| Подъёмная | - | Болобар |
| Подъёмная планка | - | Зеҳи болобар |
| Подъёмный шнур | - | Таноби болобар |
| Подъёмность машины | - | Гардишнокии мошин (давомнокии сикли пурраи кори мошини жаккардӣ ё кареткаи гулабардор, ки бо миқдори гардишҳои наварди асосии дастгоҳи бофандагӣ ифода меёбад) |
| Подъёмный рычаг | - | Фашанги болобар |
| Пожарный рукав | - | Остини (рӯдаи) сӯхторхомӯшкунӣ |
| Пожароопасное волокно | - | Нахи оташангез |
| Позитивный регулятор | - | Танзимгари нaвобаста |
| Позиция | - | Мавқеъ, мавзеъ, ҷой |
| Позумент | - | Тасмаи зарбоф (номи олмонии тасма ё шерозаи бофташуда, ки дар таркибаш ресмонҳои тиллоӣ ё нуқрагӣ дорад) |
| Поиск | - | Ҷустуҷӯ |
| Показатель | - | Нишондиҳанда, мушаххасот |
| Показатель качества нити | - | Нишондиҳандаи сифати ресмон (нисбати сарбории хоси каниши он бар коэффитсиенти вариатсия) |

| | | |
|---|---|---|
| Показатель качественный | - | Нишондиҳандаи сифатӣ (сифат ва самаранокии истеҳсолот ё ҷараёни дигарро инъикос мекунанд: ҳосилнокии меҳнат, боздоди захира, пастшавии арзиши аслӣ ва диг.) |
| Показатель количественный | - | Нишондиҳандаи миқдорӣ (ҳаҷми истеҳсол ё бузургии арзишро инъикос мекунанд) |
| Показатель материалоёмкости | - | Нишондиҳандаи масолеҳталабӣ |
| Показатель натуральный | - | Нишондиҳандаи табиӣ (миқдори ягон чизро бо донаҳо, метрҳо, граммҳо ва ғ. ифода мекунанд) |
| Показатель расчётный | - | Нишондиҳандаи ҳисобӣ |
| Показатель стоимостной | - | Нишондиҳандаи арзишӣ (миқдори ягон чизро бо назардошти арзишашон ифода мекунанд) |
| Показатель технологический | - | Нишондиҳандаи технологӣ |
| Показатель трудоёмкости | - | Нишондиҳандаи меҳнатталабӣ |
| Показатель эргономический | - | Нишондиҳандаи меҳнатшиносӣ (шароити корро ифода мекунад) |
| Покрасить | - | Ранг кардан |
| Покров | - | Рӯйпӯш, парда, қабат |
| Покров волосяной | - | Қабати мӯйдор (дар сатҳи пӯсти ҳайвонот) |
| Покров ворсовый | - | Қабати пат (дар сатҳи матоъ) |
| Покровная | - | Рӯйпӯш, рӯйпӯшдор |
| Покровная нить | - | Ресмони рӯйпӯш (ҳаммаъноӣ ресмони абра дар кешбофте, ки ба воситаи боҳампечии лавҳачагӣ ҳосил шудааст) |

| | | |
|---|---|---|
| Покровные переплетения | - | Боҳампечиҳои рӯйпӯшдор (гурӯҳи боҳампечии нақшин, ки ба воситаи ду ё се ресмони мухталифи якҷоя ба сӯзан додашаванда ҳосил мешавад Ин ресмонҳо аз ҳамдигар бо ягон аломат фарқ мекунанд. Чунин боҳампечиро лавҳачагӣ низ меноманд) |
| Покрой | - | Тарзи шаклбурӣ |
| Покрывало | - | 1. Парда, чодар (ба сар партофта мешавад);<br>2. Рӯиҷо |
| Покрытие | - | Фарш |
| Покрыть | - | Пӯшондан, рӯпӯш кардан |
| Пол оборота | - | Нимдавр |
| Пола | - | Бар, доман |
| Полая | - | Дарунхолӣ, ковок |
| Полая ткань | - | Матои дарунхолӣ (дуқабата буда, қабатҳои он байни худ танҳо дар канораҳо пайваст шудаанд. Чунин ғазвор барои тайёр кардани остинҳои (рӯдаҳои) сӯхторхомушкунӣ, халтаҳои бахиянадошта, моҳутҳои техникии хушкгардон ва ғ. таъин гардидаанд) |
| Полое веретено | - | Дуки дарунхолӣ |
| Поле сил трения | | Майдони қувваҳои соишдеҳ |
| Полезная | - | 1. Фоидабахш, судманд, муфид;<br>2. Даркорӣ, лозима |
| Полезные свойства | - | Хосиятҳои муфид |
| Полезный фонд времени | - | Захираи муфиди вақт |
| Ползун, ползушка | - | Ҷузъи хазон |

| | | |
|---|---|---|
| **Полиакрилонитрильные волокна** | - | **Нахҳои полиакрилонитрилӣ** (нахҳои синтетикие, ки аз махлулҳои пайвастагии калонмолекулаи полиакрилонитрил ё сополимери акрилонитрил истеҳсол карда мешаванд. Аз рӯи хосиятҳои механикӣ ба пашм хеле наздиканд. Қариб ба пуррагӣ дар намуди нахҳои буридашуда истеҳсол шуда,соҳаи васеи истифодабарӣ доранд. Нисбати таъсири тезобҳою ишқорҳои дараҷаи ғилзаташон миёна устуворанд. Моддаҳои ҳалгар, ки барои тозагардонию шустани либос истифода мешаванд, мустаҳкамии чунин нахро паст намекунанд. Чунин нах бори нахуст соли 1954 ҳосил карда шуда, имрӯзҳо дар давлатҳои зиёд бо номҳои мухталиф истеҳсол мешаванд: дар Руссия – нитрон, дар ИМА - акрилан ва орлон, дар Инглистон – куртел, дар Ҷопон – кашмилон ва беслон, дар Олмон – дралон ва волпрюла) |
| Полиамидные волокна | - | **Нахҳои полиамидӣ** (нахҳои синтетикие, ки аз гудохтаҳо ё маҳлулҳои полиамидҳо (асосан поликапроамид ва полигексаметиленадипинамид) ташаккул меёбад. Аз охирҳои солҳои 60-ми асри 20 оғоз намуда, аз полиамидҳои ароматӣ нахҳое мегиранд, ки нисбати ҳарорат устувории баланд нишон медиҳанд (то 350—600°С). Нахҳои ПАМ мустаҳкаманд, нисбати соишу таъсири зарбаҳо хеле устуворанд ва бо қисми зиёди рангубори мавҷуда ранг мешаванд. Дар тезобҳои маъдании ғилзатнок, фенол, хлороформ ва ғ. ҳал мешаванд. Қобилияти намкашии онҳо паст аст, бинобар ин барқнокшавии баланд доранд. Дар намуди нахҳои буридашуда ё ресмонҳои бефосила истеҳсол мешаванд. Ресмонҳои мураккаби аз чунин нахҳо тайёршуда |

истифодаи васеъ доранд. Наххои ПАМ барои истеҳсоли молҳои ниёзи мардум, чархҳо, тўрҳои моҳигирӣ, канабҳо ва ҳ. истифода мешаванд. Чунин нах бори нахуст соли 1940 дар ИМА истеҳсол шуда, имрўзҳо дар давлатҳои зиёд бо номҳои мухталиф тайёр карда мешавад. Дар асоси поликапроамид дар Руссия наху ресмони капрон, дар ИМА нейлон-6, дар Олмон перлон ва дедерон, дар Ҷопон амилан, дар Чехия силон истеҳсол мекунанд. Дар навбати худ, аз полигексаметиленадиииинамид русҳо нах ва ресмони анид, амрикоиҳо нейлон-6,6, олмониҳо родиа-нейлон, ҷопониҳо ниплон мабароранд)

**Поливиниловое волокно, поливинилспиртовые волокна** - **Наххои поливинилспиртӣ** (наххои синтетикӣ, ки аз маҳлулҳои спирти поливинил ташаккул мeёбанд. Вобаста ба технологияи истеҳсолот хосиятҳои механикии гуногун дошта метавонанд. Чун қоида, онҳо хеле мустаҳкам буда, нисбати соиш ва қат кардан устуворанд. Навъҳои алоҳидаи онҳо дар байни кулли наххои синтетикӣ қобилияти баландтарини намкаширо доранд. Ба таъсири рўшноӣ, микроорганизмҳо, арақи бадан, тезобҳою ишқорҳо ва оксидгарҳои ғилзаташон миёна, маҳсулоти нафтӣ ва баъзе моддаҳои ҳалгар хеле устуворанд. Наххои штапелии ПВС дар намуди тоза ё омехта (бо наххои табиӣ) дар тамоми соҳаҳои истеҳсолоти нассоҷӣ қобили истифодабарӣ мебошанд. Ресмонҳои техникии аз чунин нах тайёршуда барои тирдор намудани резинаҳою пластикҳо, дар истеҳсоли танобҳо, ҷиҳозоти моҳидорӣ ва ғ.истифода мешаванд. Наххои ПВС бо номҳои мухталиф истеҳсол мешаванд: винол (дар Руссия), винилон ва куралон (дар

Ҷопон), виналон (дар Кореяи Шимолӣ) ва ғ.)

**Поливинилхлоридные волокна** - **Наххои поливинилхлорид** (наххои синтетикӣ, ки аз маҳлулҳои поливинилхлорид (ПВХ), қатрони перхлорвинил ё сополимери винилхлорид ташаккул меёбанд. Устувории баланди кимиёӣ дошта, гармӣ ва барқро хеле бад мегузаронанд, намесӯзанд ва ба таъсири микроорганизмҳо устувор мебошанд. Агар нахи ПВХ коркарди махсуси ҳароратиро нагузашта бошад, соҳиби шишти баланд аст (дар оби чӯшон то 55 %). Аз наххои ПВХ матоъҳои аланганогир, либоси махсус, газворҳои нобофта, масолеҳи гарминигаҳдор, ки дар ҳарорати паст истифода мешавад, тайёр мекунанд. Хосияти ғуншавии зарядҳоро ба эътибор гирифта, аз чунин наххо бистарпӯшҳо ва либоси тагпӯши таъинoташон тиббӣ медӯзанд. Барои истеҳсоли молҳои ниёзи мардум низ масолеҳи мазкур васеъ истифода мешавад. Дар намуди наххои буридашуда ва ресмонҳои бефосила наххои ПВХ дар бисёре аз давлатҳо истехсол мешаванд: хлорин (дар Руссия), делвон, саран ва винйон (дар ИМА), ровил (дар Фаронса), тевирон ва энвилон (дар Ҷопон) ва ғ. Дар байни наххои синтетикӣ маҳз нахи ПВХ бори аввал истеҳсол шудааст - соли 1932 дар Олмон)

**Поликонденсация** - **Поликонденсатсия** (реаксияи кимиёӣ, яке аз тарзҳои синтези полимерҳо. Таркиби кимиёии пайвастагии калонмолекула, ки дар натиҷа ҳосил мешавад, аз таркиби мономери истифодашуда фарқ мекунад. Гурӯҳҳои функсионалии мономерҳои гуногун бо ҳам пайваст мешаванд ва дар асонои реаксия моддаҳои иловагӣ ҷудо мешаванд)

| | | |
|---|---|---|
| Поликот | - | Поликот (навъи нахи полинозӣ, ки дар Ҷопон истеҳсол мекунанд) |
| Полимер | - | **Полимер, пайвастагии кимиёии калонмолекула** (асоси масолеҳи нассоҷӣ) |
| Полимеризация | - | **Полимеризатсия** (реаксияи кимиёӣ, яке аз тарзҳои синтези полимерҳо. Таркиби пайвастагии калонмолекулаи ҳосилшуда аз таркиби мономери истифода гашта фарқ намекунад. Дар натиҷаи чунин реаксия моддаҳои иловагӣ ҷудо намешаванд) |
| Полинозные волокна | - | **Нахҳои полинозӣ** (навъҳои нахи вискозӣ, ки аз рӯи хосиятҳо ба пахта монананд. Мустаҳкамии баланд доранд. Тарафи манфии онҳо зудшиканӣ мебошад. Барои истеҳсоли маҳсулоти гуногун бар ивази пахтаи маҳиннах истифода мешаванд. Дар ҳаҷми зиёд нахҳои полинозӣ дар Ҷопон таҳти номҳои тиолан ва поликот истеҳсол мешаванд. Истеҳсоли чунин масолеҳ дар ИМА ва Инглистон мувофиқан бо номҳои зантрел ва винтсел вомехӯрад) |
| Полиолефиновые волокна | - | **Нахҳои полиолефинӣ** (нахҳои синтетикӣ, полипропилен ва полиэтилен) |
| Полипропиленовые волокна | - | **Нахҳои полипропиленӣ** (нахи синтетикие, ки онҳоро аз гудохтаи полипропилен ташаккул медиҳанд. Аз рӯи чандирият ва устуворӣ нисбати қатсозиҳо он аз нахҳои полиамидӣ пурқувваттаранд, аммо нисбати соиш устувориашон пасттар мебошад. Хосиятҳои хуби гарминигаҳдорӣ, устувории баланд ба таъсири тезобҳо, ишқорҳо ва ҳалгарҳои маъданӣ доранд. Дар муқобили ҳарорат ва рӯшноӣ он қадар устувор нестанд. Нахи филаментии полинозӣ ва яккатори он барои |

тайёр кардани канабҳоюю тӯрҳои ғарқношав, масолеҳи рӯйпӯшу полоиданӣ истифода мешаванд. Аз наххҳои буридашудаи полинозӣ қолину, кампалҳо, матоъҳо барои либоси болопӯш, газворҳои кешбофта ва масолеҳи полоиданӣ истеҳсол мекунанд. Дар саноати қолинбофӣ аз ресмони мураккаби полинозӣ васеъ истифода мебаранд. Наххҳои мазкур таҳти номҳои гуногун ба фурӯш бароварда мешаванд: полипропилен (Руссия), велон ва геркулон (ИМА), вестлен (Олмон), алстрон ё улстрен (Инглистон), найден (Ҷопон), мераклон (Италиё) ва ғ. )

**Полированный** - **Сайқалдода, суфта**

**Полиуретановые нити** - **Наххҳои полиуретанӣ** (ресмонҳои резинии синтетикӣ, ки аз маҳлулҳо ва гудохтаҳои полиуретанҳо ташаккул меёбад. Аз рӯи хосиятҳои механикӣ аз ҳамаи дигар наххҳои табиию кимиёӣ куллан фарқ дошта, ба резинҳои чандир монанданд. Онҳо ёзишнокии баланд ва қобилияти дар муддати кӯтоҳтарини вақт барқарор намудани дарозиашонро доранд. Дар ҳарорати 120°С, хусусан дар ҳолати ёзида, наххи ПУ мустаҳкамияшро хеле гум мекунад. Бинобар ин тоза ва ранг кардани чунин наххҳоро дар ҳарорати то 90°С иҷро мекунанд. Рӯшноӣ наххҳои ПУ-ро зард мекунонад, ҳарчанд ба мустаҳкамии онҳо чандон таъсир намерасонад. Наххҳои мазкур дар намуди ноомехта ё бо наххҳои табиию кимиёӣ омехташуда истифода мешаванд. Барои аз таъсири рӯшноӣ ҳимоя намудани ресмони ПУ онро тирдор истеҳсол мекунанд, яъне бо наххҳои дигар мепечонанд. Дар истеҳсолоти ресандагӣ бо мехтаҳое кор мекунанд, ки аз 5—20%

нахи ПУ ва 80—95% наххои наёзанда иборатанд. Аз чунин ресмон газворҳо барои куртаю либоси варзишӣ, боронихо ва ғ. тайёр мекунанд. Наххои ПУ бо номҳои гуногун ба фурӯш бароварда мешаванд: лайкра, вайрин (ИМА), эспа, неолан (Ҷопон), спантсел (Инглистон), ворин (Итолиё) ва ҳ.)

**Полиэстер** - **Полиэстер** (намуди нахи полиэфирӣ, ки хеле мустаҳкам буда, дар ҳолати гармшуда шакли устуворро соҳиб мешавад. Аз ҳамин сабаб дар юбкаи аз полиэстер тайёршуда чинҳо (самари чин-чин) хуб нигаҳ дошта мешаванд. Масолеҳро дар ҳарорати то 40°С шустан мумкин аст. Агар ҳарорат баландтар гардад, дар масолеҳ чинҳои ғичимшудае ба вуҷуд меоянд, ки ислоҳ карданашон хеле душвор аст)

**Полиэтилен** - **Полиэтилен** (нахи синтетикии полиолефинӣ)

**Полиэфирные волокна** - **Наххои полиэфирӣ** (наххои синтетикие, ки аз гудохтаи полиэтилентерефталат ташаккул меёбанд. Гармоустуворияшон дар муқоиса бо қисми бештари наххои табиию кимиёӣ баландтар аст. Ба мушкилӣ аланга мегиранд, баъди дур кардани манбаи оташ аланга хомӯш мешавад. Дар фенолҳою тезобҳои баландғилзати сулфат ва нитрат ҳал гашта, ҳангоми дар маҳлули ишқорӣ ҷӯшонидан пурра вайрон мегарданд. Ба таъсири атсетон, ҳалгарҳо, микроорганизмҳо, митта, мағор ва гамбуски қолинӣ устуворанд. Дар муқоиса ба наххои полиамидӣ устувории онҳо нисбати соишхӯрӣ ва қатшавии бисёркарата пасттар аст, вале дар муқобили зарба мустаҳкамии баландтарро доранд. Ҳангоми ёзиш мус-

таҳкамияшон нисбати дигар нахҳои кимиёӣ баланд аст. Камбудиҳои нахҳои ПЭ (мушкил будани ранг кардан ба тарзҳои анъанавӣ, барқнокшавии баланд, ба патнокшавӣ майл доштан, дурушт будани маснуоти аз онҳо тайёршуда) бо роҳи тағйир додани таркиби полимери нахдеҳ аз байн меравaнд. Нахи техникии ПЭ барои тайёр кардани тасмаи таҳвил, канабу чилбурҳо, бодбон, тӯри моҳидорӣ, масолеҳи полоиданӣ ва муҳофизавӣ (аз барқ), канаби дохили чархҳо ва ғ. истифода мешавад. Дар тиб аз нахи ПЭ ба сифати рагҳои хунгузарони синтетикӣ ва ресмонҳои ҷарроҳӣ истифода мебаранд. Ресмони нассоҷии ПЭ дар истеҳсоли газворҳои кешбофта, матоъҳои тофта, ҷилвон ва ғ. ба кор меравад. Бо усули «тобдиҳии сохта» аз нахҳои ПЭ ресмонҳои калонҳаҷми (мураккаби) кримплен ва мэлан мересанд. Нахҳои буридашударо бо пашм, пахта ё зағир омехта, матоъҳои таъиноташ гуногун мебофанд. Дар намуди тоза ё омехта онҳоро барои истеҳсоли мӯинаи сунъӣ ва қолинҳо истифода мебаранд. Хоситҳои муҳимтарини намади аз нахи ПЭ ҳосилшуда дар муқоиса бо намади табиӣ беҳтаранд. Чунин нах бори нахуст соли 1954 истеҳсол шудааст. Нахҳои мазкур таҳти номҳои гуногун ба фурӯш меравaнд: лавсан (Руссия), ланон (Олмон), терилен (Инглистон), дакрон (ИМА), тетерон (Ҷопон), элана (Лаҳистон), тергал (Фаронса), тесил (Чехия) ва ғ.)

| | | |
|---|---|---|
| Полка | - | **Раф** |
| Полное снование | - | **Тортании мукаммал** |
| Полнота | - | **1. Фарбеҳӣ;** |
| | | **2. Пуррагӣ;** |

Полнота смешивания - Пуррагии омезиш

Полный - Пурра

Полный заправочный рисунок ткани - Расми мукаммали ҷойгирсозии матоъ (нақшае, ки расми боҳампечӣ, тартиби гузаронидани ресмонҳои тор дар теғаю гулабандҳо, тартиби бодкушоиҳо ва расми буришҳои матоъродарбар мегирад)

Полный зев - Боди пурра (барои ташкили он ресмонҳои тор аз мавқеи мобайн ба ҳарду тараф (болою поён) ҳаракат мекунанд)

Полный прибой - Оварда часпонидани пурра (ҳангоми бофтани матои ҳалқадор ду-се ресмони пуд, ки қаблан дуртар аз сарҳади матоъ ҷойгир шуда буданд, якҷоя оварда часпонида мешаванд)

Пологая крутка - Тоби паст (то 150 печиш дар 1 м)

Положение - 1. Мавқеъ;
2. Ҳолат, вазъият;
3. Низомнома, дастур

Положение заступа - Ҳолати шурӯъ (ҳолати дар мавқеи мобайнӣ ҷой гирифтани тамоми ресмонҳои тор ё гурӯҳи онҳо)

Положение рабочее - Мавқеи корӣ, ҳолати корӣ

Положение ремизки - Мавқеи гулабанд

Положительная - Мусбат

Положительное воздействие - Таъсири мусбат (фоидаовар)

Положительное значение - Қимати мусбат

Положительный момент - Тарафи (ҷиҳати) мусбат

Поломка - Шикастан, вайрон шудан

| | | |
|---|---|---|
| Полосатая ткань | - | Матои рахдор |
| Полотенце | - | Сачоқ |
| Полотнище | - | Пораи матоъ, қитъаи он |
| Полотно | - | 1. Газвор (он бофта, кешбофта ва нобофта буда метавонад. Газвори бофтаро матоъ меноманд); 2. Қабат |
| Полотно настила | - | Қабати густурда |
| Полотно тканое | - | Газвори бофта, матоъ |
| Полотнопрошивной нетканый материал | - | Масолеҳи нобофтаи газвордӯхта (яке аз намудҳои маснуоти нобофта, ки дар асоси технологияи маъмули «Малипол» истеҳсол мешавад. Газворҳои нобофтаи бо технологияи «Малимо» ҳосилшуда, яъне бахиязадаро ба воситаи ресмони патдеҳ азнав бахия мезананд. Ин сохт ва хосиятҳои масолеҳро беҳтар мегардонад. Агар масолеҳ барои палто ё юбка пешбинӣ шавад, бахиязаниро бо ресмони пашмин иҷро мекунанд) |
| Полотняное переплетение | - | Боҳампечии суф (соддатарин намуди боҳампечии бофандагӣ, ки матои сатҳаш якҷинса (бенақш) ба вуҷуд меорад. Ба воситаи он матоъҳои батист, брезент, бумазея, дока, крепдешин, маркизет, моҳут, поплин, тофта, фланел, чит, шифон ва ғ. бофта мешаванд) |
| Полочка | - | Доман (қисми пеши либоси буришдори дароз (то зону ё поёнтар) |
| Полубархат | - | Нимбахмал (намунаи бахмали паташ аз пуд) |
| Полугрубая шерсть | - | Пашми нимдағал |
| Полузанос | - | Нимберунравӣ (барзиёд сар додани матоъ ба самти маркази яке аз доманҳо барои тугмагузаронӣ) |

| | | |
|---|---|---|
| Полуклёш | - | **Почаи нимвасеъ** |
| Полукольцо | - | **Нимҳалқа, ҳалқаи саркуш** |
| Полукреповые ткани | - | **Матоъҳои нимчилва** (крепдешин, крепсатин, файдешин ва ғ. Дар онҳо ресмонҳои пухтатоб танҳо ба як самт равонаанд. Бештар ресмонҳои пуд пухтатоб буда, ресмонҳои тор тоби муқаррарӣ доранд. Ресмонҳои пухтатоби самти тобашон гуногун дар матоъ бо тартиби муайян (одатан бо таносуби 2:2) ҷойгир мешаванд) |
| Полуобхват груди | - | **Нимдаври сина** |
| Полуось | - | **Нимтир** |
| Полуоткрытый зев | - | **Боди нимкушода** (пас аз як гардиши наварди асосии дастгоҳи бофандагӣ ба мавқеи мобайнӣ на ҳамаи ресмонҳои тор бармегарданд. Он ресмонҳое, ки мутобиқи расми боҳампечӣ ҳангоми пудгузаронии дигар мавқеашонро тағйир намедиҳанд, ба мавқеи мобайнӣ каме наздик омада меистанд ва сипас барои пудгузаронии минбаъда боз ба мавқеи пешина мераванд). |
| Полупальто | - | **Нимпалто** |
| Полуприлегающий силуэт | - | **Тарҳи нимчаспидаи либос** |
| Полурегулярное изделие | - | **Маснуоти ниммунтазам** (дар кешбофӣ ҳаммаънои ё як либосвор) |
| Полурепс | - | **Нимрепс** (намуна аз зерсинфи боҳампечиҳои ҳосилавӣ, ки дар натиҷаи пурқувват гардонидан, яъне дароз намудани танҳо яке аз пӯшидаҳои яккаи боҳампечии суф ҳосил шудааст) |
| Полутонкая шерсть | - | **Пашми ниммаҳин** |

| | | |
|---|---|---|
| Полутонкорунная шерсть | - | Пашми яклухттароши ниммаҳин |
| Полуторослойная ткань | - | Матои якунимқабата (ду хел мешавад: остараш аз тор ва остараш аз пуд. Чунин намуд матоъро аз се маҷмӯъ ресмонҳо мебофанд) |
| Полуторослойные переплетения | - | Боҳампечиҳои якунимқабата (намунаҳо аз синфи боҳампечиҳои бофандагии мураккаб. Барои ҳосил кардани онҳо се маҷмӯъ ресмон зарур аст: ду маҷмӯъ тор, як маҷмӯъ пуд ё баръакс. Ба воситаи чунин боҳампечӣ матои якунимқабата, матои патдор, пикеи содда ва диг. бофта мешаванд) |
| Полуфабрикаты | - | Маҳсулоти нимтайёр (ашёҳои меҳнат, ки як ё якчанд равандро гузаштанд, вале коркарди онҳо бояд идома ёбад) |
| Получение нити | - | Истеҳсоли ресмон |
| Полученная | - | Гирифта, ҳосилшуда |
| Полученная паковка | - | Ғалтаки ҳосилшуда |
| Полученная ткань | - | Матои ҳосилшуда |
| Полушерстяной | - | Нимпашмин |
| Полушёлковый | - | Нимабрешимин |
| Полушубок | - | Кӯтоҳпӯстин |
| Полый | - | Дарунхолӣ |
| Помесная шерсть | - | Пашми омехта |
| Помесь | - | Омехта, омехтагӣ |
| Пометка | - | Тамға, нишона, аломат |
| Помеха | - | Монеа, садд, халал (аз он ҷумла иллати раванди торгузаронӣ: аз ягон дандонаи теға ресмони барзиёдӣ ё кам гузаронида шудааст) |

| | | |
|---|---|---|
| Помешать | - | 1. Омехтан, омезиш; 2. Халал расондан, монеа шудан |
| Помещение | - | Манзил, хона |
| Помощник мастера | - | Ёвари усто (коргаре, ки бо нигоҳубину таъмири таҷҳизот машғул аст) |
| Помощь | - | Ёрӣ, кӯмак |
| Помпон | - | Кулоҳи пупакдор |
| Помять | - | Ғиҷим кардан |
| Понижение скорости | - | Пастшавии суръат |
| Пониженное значение | - | Қимати пасттар, пастшуда |
| Поощрение | - | Ҳавасманд кардан |
| Поперёк ткани | - | Ба самти кундалангии матоъ |
| Поперечная | - | Кундаланг |
| Поперечная связь | - | Алоқаи кундаланг |
| Поперечно-соединённое переплетение | - | Боҳампечии кундалангвасл (як намуд боҳампечии нақшин, ки ба воситаи он кешбофти раҳҳои кундаланг дошта истеҳсол мешавад. Раҳҳои пайдарҳам омада аз ҳамдигар бо ранг, ғафсӣ, сохти ҳалқаҳо ё дигар аломат фарқ мекунанд) |
| Поперечное сечение | - | Буриши кундалангӣ |
| Поперечный маршрут | - | Хати роҳи кундаланг (тарзи кори бисёрдастгоҳӣ: бофанда дар байни дастгоҳҳо ба самти амудии пештахтаҳо ҳаракат мекунад) |
| Поперечный срез (разрез) ткани | - | Буриши кундалангии матоъ |

| | | |
|---|---|---|
| **Поперечновязаный трикотаж** | - | **Кешбофти кундалангҳалқагӣ** (дар он ҳар як қатори уфуқии ҳалқаҳо дар натиҷаи пайдарпай қатшавии ҳамон як ресмон ҳосил мешавад. Чунин маснуотро кулирӣ низ меноманд. Барои мисол, истифодаи боҳампечиҳои кешбофии ҳамвора ва ластик чунин маснуотро ба вуҷуд меорад) |
| **Поплин** | - | **Поплин** (аз фаронсавӣ ба маънои «барои поп (рӯҳонии католикҳо)». Матои боҳампечияш суф аз ресмонҳои тори борик ва пуди қадре ғафсттар. Аз ҳамин сабаб раххои кундаланг дорад ва ба қатори матоъҳои репси сохта дохил мешавад. Одатан аз пахтаю наххои кимиёӣ, баъзан аз абрешими табиӣ дар тор ва ресмонҳои пашмини шонарес дар пуд бофта мешавад. Зичии ҷойгиршавии ресмонҳои тор дар муқоиса бо ресмонҳои пуд 1,5-2 маротиба калонтар аст. Матоъ дар намуди сафедшуда, якранг ва нақшбаста истеҳсол мешавад. Ба матои тофта монанд буда, қадре вазнинтар аст. Аз он асосан куртаҳои мардонаи баҳорию тирамоҳӣ медӯзанд) |
| **Поправка основы** | - | **Мураттабсозии тор** (дар дастгоҳи бофандагӣ) |
| **Поры** | - | **Ковокиҳо, холигиҳо** |
| **Порвать** | - | **Даронданаn** |
| **Пористость** | - | **Ковокӣ, холигӣ, сохти ковок доштан** |
| **Порода шелкопряда** | - | **Зоти кирмаки пилла** |
| **Порожная шпуля** | - | **Найчаи холӣ** |
| **Порок** | - | **Нуқс, иллат** |
|     **Порок балластный** | - | **Нуқси сарборӣ (вазнбахш)** |
|     **Порок намотки бобины** | - | **Нуқсҳои печиши калоба** |

| | | |
|---|---|---|
| Порок снования | - | Нуқсҳои раванди тортанӣ |
| Портновский узел | - | Гиреҳи дӯзандагӣ (онро гиреҳи дуҳалқагӣ низ меноманд) |
| Портной | - | Дузанда, чевар, хайёт |
| Портьерная ткань | - | Матои пардавор |
| Порция | - | Як ҳисса |
| Порция волокнистого материала | - | Як ҳиссаи масолеҳи наҳӣ |
| Порча материала | - | Вайроншавии масолеҳ |
| Порядковый номер нити в ткани | - | Рақами тартибии ресмон дар матоъ |
| Порядок | - | Тартиб, низом |
| Порядок фазы строения ткани | - | Тартиби марҳалаи сохти матоъ |
| Посадка | - | Шинондан |
| Посевные семена | - | Чигити киштшав |
| Последовательно | - | Пайдарпай, паиҳам, бонавбат, муттасил |
| Последовательное вязание | - | Ҳалқабандии пайдарпай (яке аз тарзҳои ҳалқапартой дар мошини дорои ду сӯзандон: ҳалқахои ду қатор дар як вақт бонавбат иҷро мешаванд) |
| Последовательный бой | - | Зарбазании бонавбат, (дар дастгоҳи бофандагӣ) |
| Посменно | - | Тариқи баст (навбати кор) |
| Посредством | - | Ба воситаи |
| Поставщик | - | Таъмингар |
| Постельное бельё | - | Бистарпӯш |
| Постепенно | - | Тадриҷан |

| | | |
|---|---|---|
| Постоянная | - | Доимӣ, бетағйир |
| Постоянная скорость | - | Суръати доимӣ |
| Постоянное движение | - | Ҳаракати доимӣ (бетавақкуф) |
| Постоянные затраты | - | Хароҷоти доимӣ |
| Постоянный ток | - | Ҷараёни доимӣ |
| Постоянство | - | Доимият |
| Построение | - | Сохтан, барпо кардан, бунёд ниҳодан |
| Поступательное движение | - | Ҳаракати пешрав |
| Потайная застёжка | - | Занҷираки ниҳон (масалан, дар шим) |
| Потенциал | - | Иқтидор (аз юнонӣ ба маънои «қудрат, тавоной») |
| Потенциальная энергия | - | Энергияи иқтидорӣ |
| Потери | - | Талафот |
| Потери времени | - | Талафоти вақт |
| Потери сырья | - | Талафоти хомашё |
| Потовые желези | - | Ғадудҳои арақбарор |
| Поток | - | 1. Сел, селоб, ҷараён;<br>2. Анбӯҳ, миқдори бисёр<br>3. Хати муттасил (шакли ташкили истеҳсолот) |
| Поток волокнистый | - | Сели нахӣ |
| Поток волокон дискретный | - | Сели нахҳои ҷудогона |

Поток неконвейёрный - Хати муттасили бетаҳвил (доду гирифти ашёи меҳнат дар байни ҷойҳои кории дохили хат дастӣ ё арробаҳо ба иҷро мерасад)

Поток конвейёрный - Хати муттасили таҳвилӣ (бо таҳвилгар муҷаҳҳаз мегарданд)

Поток производственный - Истеҳсолоти муттасил

Поточная - Муттасил

Поточная линия - Хати муттасил

Поточное производство - Истеҳсолоти муттасил (ба он ҳаракати бетавaққуф ва мусалсали ашёи мехнат аз як амалиёт ба дигараш ба самти равиши ҷараёни технологӣ хос аст)

Потребитель - Истеъмолгар

Потребительская - Истеъмолӣ

Потребительские свойства - Хосиятҳои истеъмолӣ

Потребительский спрос - Талаботи истеъмолӣ

Потребительское назначение - Таъиноти истеъмолӣ

Потребление сырья - Истеъмоли хомашё

Поузловая обработка - Коркарди ҷузъ ба ҷузъ

Початкодержатель - Сӯтадастгир

Початок - Сӯта

Початок бугристый - Сӯтаи ноҳамвор

Початок прядильный - Сӯтаи ресида

Початок растрёпанный - Сӯтаи титшуда

Починка - Ямоқ кардан, поргӣ кардан, таъмир

| | | |
|---|---|---|
| Почка растения | - | Муғчаи растанӣ |
| Пошив | - | Дӯхтан |
| Поярковая шерсть | - | Пашми барра (аз барраҳои 4-7 моҳа гирифта шуда, дар истеҳсолоти намадмолӣ истифода мешавад) |
| Пояс | - | Миёнбанд, камарбанд |
| Поясная одежда | - | Либоси миёнпӯш (шим, юбка, шалвор) |
| Правая крутка | - | Тобхӯрии рост (дар ресмон) |
| Правило | - | Қоида, расм |
| Правильный | - | Дуруст |
| Правильная рогожка | - | Рогожкаи дуруст (намунаи боҳампечии рогожка, ки дар натиҷаи ба дараҷаи баробар пурқувват гардонидан, яъне дароз намудани ҳарду пӯшидаи яккаи боҳампечии суф ҳосил мешавад) |
| Правильный атлас | - | Атласи дуруст (боҳампечии номбурда, ки ба он қимати доимии ғеҷиши пӯшидаҳо хос аст) |
| Праздничная | - | Барои ид |
| Праздничная одежда | - | Либоси идона |
| Праздничные дни | - | Рӯзҳои ид |
| Практика | - | Таҷриба, амалия (аз юнонӣ ба маънои «фаъол, дарамал») |
| Практическое применение | - | Истифодаи амалӣ, дар амалия |
| Прачечная | - | Муасиссаи либосшуӣ |
| Превращение | - | Табдилёбӣ |
| Предварительный расчёт | - | Ҳисоби пешакӣ, аввалин, қаблӣ, муқаддамотӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Предел прочности | - | Ҳудуди мустаҳкамӣ |
| Предельная плотность | - | Зичии ҳудудӣ (ниҳоӣ) |
| Предложение | - | Пешниҳод |
| Предмет | - | 1. Ҷисм;<br>2. Ашё;<br>3. Мавзӯъ, мазмун, матлаб, мақсуд, моя |
| Предмет исследования | - | Матлаби тадқиқот |
| Предмет труда | - | Ашёи меҳнат, ашёи кор |
| Предохранитель | - | Пешгир, муҳофиз |
| Предохранительный клапан | - | Қапқоқи пешгир |
| Предохранительный механизм | - | Механизми пешгир |
| Предпринимательство | - | Соҳибкорӣ |
| Предприятие | - | Корхона, муассиса |
| Предпрочёс | - | Ашёи шоназании пешакиро гузашта |
| Предупредитель | - | Огоҳсоз, пешгир |
| Предупреждение | - | Огоҳӣ, огоҳонидан, пешгирӣ |
| Прейскурант | - | Нархнома |
| Премиальный фонд | - | Хазинаи мукофотӣ |
| Премия | - | Мукофот |
| Преобразователь прочёса | - | Табдилгари масолеҳи шоназада |
| Преобразовать | - | Табдилдиҳӣ |
| Преодоление сопротивления | - | Бартарафсозии муқовимат |
| Препарат | - | Намунаи санҷишӣ |

| | | |
|---|---|---|
| **Прерывная** | - | **Фосиладор, ботаваққуф** |
| Прерывная проборка в ремизки | - | **Торгузаронии фосиладор дар гулабандҳо** (намуди торгузаронии гурӯҳӣ, ки ҳангоми он аввал дар ҳамаи гулабандҳои як гурӯҳ торгузаронӣ намуда, сипас ба гулабандҳои гурӯҳи дигар мегузаранд) |
| Прерывное снование | - | **Тортании таваққуфдор** |
| Пресс | - | **Фушургар** (1. таҷҳизот барои фушурда зич намудани ягон масолеҳ; 2. ҷузъи кории мошини кешбофӣ, ки чангаки сӯзанро қат карда, нӯги онро ба комаи тири сӯзан ворид месозад ва бо ин чангак пӯшида мешавад) |
| Прессование | - | **Пахшгардонӣ** (1. фушурдани ягон чиз; 2. дар кешбофӣ яке аз зинаҳои халқабандӣ, амалиёти пахш намуда, ба тири сӯзан расонидани нӯги чангаки он, яъне пӯшидшавии чангаки ресмондор) |
| Прессование хлопка | - | **Фушурдани пахта** |
| Прессовые переплетения | - | **Боҳампечиҳои фушурданӣ** (боҳампечиҳои кешбофии омехта аз синфи боҳампечиҳои нақшин. Дар қатори ҳалқагии онҳо на танҳо худи ҳалқаҳо, балки ҷузъҳои дигари ҳалқабандӣ (партофт, кашоланӯг) низ вомехӯранд. Фанг ва нимфанг ба ҳамин зерсинф тааллуқ доранд) |
| Прибавка | - | **Илова намудан, изофа кардан** |
| Прибой | - | **Оварда часпонидан** (қад-қади ресмонҳои тор ба сӯи сарҳади матоъ бурдани пуд дар асnои бофтан. Яке аз амалиётҳои асосӣ дар дастгоҳи бофандагӣ. Он бештар ба воситаи теға дар тамоми бари кории дастгоҳ иҷро мешавад. Дар баъзе дастгоҳҳо ин амалиёт дар қисмҳои алоҳидаи бари матоъ бонавбат ба иҷро мерасад) |

Прибой групповой - **Оварда часпонидани гурӯҳӣ** (ё пурра. Барои бофтани матои ҳалқадор истифода мешавад)

Прибой двойной - **Оварда часпонидани дукарата** (дар баъзе намуд дастгоҳҳои қолинбофӣ вомехӯрад)

Прибой неполный - **Оварда часпонидани нопурра** (то сарҳади матоъ наоварда, дуртар аз он ҷойгир кардани ресмони пуд. Барои бофтани матои ҳалқадор зарур аст)

Прибой полный - **Оварда часпонидани пурра** (ҳангоми бофтани матои ҳалқадор ду-се ресмони пуд, ки қаблан дуртар аз сарҳади матоъ ҷойгир шуда буданд, якҷоя оварда часпонида мешаванд)

Прибой утка - **Оварда часпонидани пуд**

Прибойная полоска - **Фосилаи оварда часпонидан** (масофае, ки ба он пуд баъд аз оварда часпонидани он ба ақиб бармегардад)

Прибор - Асбоб, олат

Прибор вытяжной - **Олати кашиш**

Прибор измерительный - **Асбоби андозагирӣ (барои чен кардан)**

Прибор ламельный - **Олати овезаҳо**

Прибор контрольно-очистительный - **Олати нозиру тозагар**

Прибор натяжной - **Олати тарангибахш**

Прибор отделительный - **Олати ҷудосоз**

Прибор разрывной - **Асбоби кандан**

Прибор ремизный - **Олати гулабандҳо**

Прибор ткацкий - **Олати бофт** (маҷмӯи овезаҳо, гулабандҳо ва теғa барои бофти матои муайян)

| | | |
|---|---|---|
| Прибыль | - | Фоида (фарқи байни нарх ва арзиши аслии мол) |
| Прибыль балансовая | - | Фоидаи тавозунӣ |
| Прибыль валовая | - | Фоидаи умумӣ (кӯтара) |
| Привитый полимер | - | Полимерии пайвандӣ |
| Привлекательный узор | - | Нақши дилчасп, дилнишин, форам, гуворо |
| Привод | - | Механизми бакордарорӣ |
| Приводной ремень | - | Тасмаи ҳаракатдеҳ |
| Привязка, привязывание | - | Бастан, гиреҳбандӣ кардан |
| Пригодность, пригожесть | - | Короям, шоям, муфид |
| Приготовительный отдел | - | Шӯъбаи омодасозӣ (дар таркиби истеҳсолоти гуногун вомехӯрад. Дар истеҳсолоти бофандагӣ чунин шӯъба бо мақсади барои бофт омодасозии ресмонҳо фаъолият мекунад. Дар ин шӯъба таҷҳизоти зерин истифода мешавад: мошину худкорҳо барои азнавпечӣ намудани ресмонҳо, мошинҳо барои тортанӣ ва ширешдиҳии ресмонҳои тор, дастгоҳҳои торгузаронӣ ва аппаратҳо барои буғдиҳии пуд. Вобаста ба хусусиятҳои истеҳсолот дар ин шӯъба дигар намуди таҷҳизотро низ васл мекунанд, аз ҷумла мошинҳо барои аз дастаи навардҳои тортанӣ ба наварди бофандагӣ гузаронидани ресмонҳои тор, мошинҳои нимширешдиҳӣ) |
| Приготовление ровницы | - | Тайёр кардани пилик |
| Приготовление шлихты | - | Тайёр кардани ширеш, ширешпазӣ |
| Придвигать | - | Наздик овардан |

| | | |
|---|---|---|
| **Приём** | - | **1. Қабул кардан;** |
| | | **2. Амал** (қисми амалиёт, ки аз маҷмӯи ҳаракатҳои комилу мақсаднoки коргар иборат аст. Масалан, ислоҳи каниш, ивази галтак); |
| | | **3. Дафъа, маротиба** |
| **Приём из ремонта** | - | **Аз таъмир қабул кардан** |
| **Приём на работу** | - | **Қабул ба кор** |
| **Приём рабочий** | - | **Амали корӣ** |
| **Приём-сдача смены** | - | **Қабулу супоридани баст** |
| **Приёмка** | - | **Қабул кардан** |
| **Приемлемое значение** | - | **Қимати қобили қабул** |
| **Приёмная** | - | **Қабулгар, қабулгоҳ** |
| **Приёмная вилка** | - | **Сешохаи қабулгар** |
| **Приёмная коробка** | - | **Қуттии қабулгар** (дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо. Пудгузаронак баъди аз бод берун шудан ба ин қуттӣ ворид мешавад) |
| **Приёмный барабан** | - | **Устувонаи қабулгар** |
| **Приёмщик** | - | **Қабулгар** |
| **Приёмщик-весовщик** | - | **Қабулгар - тарозубон** (масъули қабули хомашё, масолеҳи нимтайёр ё маҳсулот. Ҷои кораш бо тарозу муҷаҳҳаз мегардад ) |
| **Прижимные нити** | - | **Ресмонҳои фушурдеҳ** (дар матои чандқабата барои пайвастани қабатҳо хизмат мекунанд) |
| **Призма** | - | **Призма** (ҷузъи мошини жаккардӣ, ки ба қартаи нақш ҳаракат мебахшад) |
| **Признак** | - | **Аломат** |

| | | |
|---|---|---|
| Признак качественный | - | Аломати сифатӣ |
| Признак количественный | - | Аломати миқдорӣ |
| Прикладка | - | Қабати ёрирасон |
| Приклей | - | Ширешнокӣ (нишондиҳандаи технологие, ки афзоиши вазни ресмонҳоро дар натиҷаи раванди ширешдиҳӣ ифода мекунад) |
| Приклей видимый | - | Ширешнокии назаррас (тағйирёбии намнокии ресмонҳоро ба инобат намегирад) |
| Приклей истинный | - | Ширешнокии ҳақиқӣ (бо назардошти тағйирёбии намнокии ресмонҳо ҳисоб карда мешавад) |
| Приклей остаточный | - | Ширешнокии бозмонда (дар таркиби матои бофта) |
| Приклон | - | Калобадастгир (дар таҷҳизоти азнавпеч) |
| Прикрепить | - | Хомдӯзӣ кардан |
| Прилегающий силуэт одежды | - | Тарҳи танчаспи либос |
| Прилепить | - | Часпонидан |
| Прилив | - | Барҷастагӣ |
| Прилипание основы | - | Часпидани тор (дар натиҷаи ширешнок шудан) |
| Приложение | - | Замима |
| Применение | - | Истифодабарӣ |
| Пример | - | Мисол, намуна |
| Примерка одежды | - | Пӯшида дидани либос |
| Примерочная | - | Хонаи пӯшида дидани либос |
| Примесь | - | Иловагии омехташуда |
| Приметать | - | Хомдӯз часпондан |

| | | |
|---|---|---|
| **Принимать** | - | **Қабул кардан** |
| **Принудительное движение** | - | **Ҳаракати иҷборӣ, маҷбурӣ** |
| **Принцип** | - | **Қоида** |
| **Принцип параллельности производства** | - | **Қоидаи ҳамхатии истеҳсолот** (дар корхона ҳамхат, яъне дар як вақт, ҷорӣ будани амалиётҳои гуногуни истеҳсолот. Ин имкон медиҳад, ки давомнокӣ ва меҳнатталабии ҷараёни истеҳсол паст карда шавад) |
| **Принцип пропорциональности производства** | - | **Қоидаи мутаносибии истеҳсолот** (риояи ҳосилнокии баробари шӯъбаҳои истеҳсолии вобаста) |
| **Принцип прямоточности производства** | - | **Қоидаи ростмаҷрогии истеҳсолот** (ифодагари роҳи кӯтоҳтарини аз тамоми зинаҳо ва амалиётҳои раванди истеҳсолӣ гузаштани ашё то лаҳзаи ба махсулоти тайёр табдилшавии он. Барои таъмини ростмаҷрогӣ мебояд мавқеи байниҳамдигарии анборҳо, шӯъбаҳои истеҳсолӣ, ҷойҳои корӣ ва мавзеъои назоратиро дуруст интихоб намуда, дар дохили шӯъбаҳо таҷҳизотро муносиб ҷобаҷогузорӣ намуд) |
| **Принцип ритмичности производства** | - | **Қоидаи бонизомии истеҳсолот** (иҷрои ҳаҷми баробари кор дар фосилаҳои баробари вақт, риояи нақшаи вақтии истеҳсоли маҳсулот дар ҳамаи шӯъбаҳо, қисмҳо ва хатҳои истеҳсолӣ) |
| **Приплести** | - | **Барилова бофтан** |
| **Припой** | - | **Лаҳим** |
| **Припосаживание** | - | **Шинондан** (кӯтоҳ намудани дарозӣ ё бари ҷузъи либос барои ба он бахшидани шаклу андозаҳои муайян) |

| | | |
|---|---|---|
| **Припуск ткани** | - | **Барзиёд сар додани матоъ** (дар асрои дӯхтани либос) |
| **Припуск на шов** | - | **Илова барои дарз** |
| **Приращение длины** | - | **Афзоиши дарозӣ, дарозшавӣ** |
| **Присборивание** | - | **1.Чин-чин кардан;**<br>**2. Даромад** (кӯтоҳшавии ҷузъи либос бинобар чин-чин кардан) |
| **Приспособление** | - | **Олат, ҷиҳоз** |
| **Пристегать** | - | **Лагандадӯзӣ** |
| **Пристегнуть** | - | **Тугмагузаронӣ** |
| **Пристенный проход** | - | **Гузаргоҳи наздидеворӣ** |
| **Пристрочить** | - | **Дӯхта часпондан** |
| **Присучка** | - | **Тофтапайванд** (бегиреҳ васл кардани нӯгҳои он) |
| **Присучка нити** | - | **Тофтапайванди ресмон** |
| **Присучка крутая** | - | **Тофтапайванди баланд** (нуқси пилта, ки дар натиҷаи аз дараҷаи зарурӣ сахттар тофта пайвастани нӯгҳои пилтаи кандашуда ба вуҷуд меояд) |
| **Приталенная одежда** | - | **Либоси миёнчасп** |
| **Приталенный силуэт** | - | **Шакли танчасп** |
| **Приточный воздух** | - | **Ҳавои воридотӣ** |
| **Причина** | - | **Сабаб** |
| **Пришивание** | - | **Дӯхта часпондан** (масалан, пайвастани тугма, киса) |
| **Пришивной воротник** | - | **Гиребони дӯхта часпонида** |

| | |
|---|---|
| Приятный внешний вид | - Намуди зоҳирии хуш, форам, гуворо, дилписанд |
| Проба | - Намуна (порае аз масолеҳ, ки барои озмоиш гирифта шудааст) |
| Пробирание, проборка | - Торгузаронӣ |
| Проблема | - Муаммо, қазия (аз юнонӣ ба маънои «масъала, супориш». Масъалаи ҳалталаб) |
| Проборка | - Торгузаронӣ (аз ҷузъҳои дастгоҳи бофандагӣ) |
| Проборка в бердо | - Торгузаронӣ дар теғa |
| Проборка в ламели | - Торгузаронӣ дар овезаҳо |
| Проборка в ремизки | - Торгузаронӣ дар гулабандхо |
| Проборка групповая | - Торгузаронии гурӯҳӣ |
| Проборка кромочных нитей | - Торгузаронии ресмонҳои ҳошиявӣ |
| Проборка ломанная | - Торгузаронии шикаста |
| Проборка обратная | - Торгузарони баръакс |
| Проборка обратная двойная | - Торгузарони баръакси дучанда |
| Проборка по рисунку | - Торгузаронии мувофиқи расм (ресмонҳои тори боҳампечиашон якхеларо ба ҳамон як гулабанд мегузаронанд. Чунин тартибро торгузаронии ихтисоршуда низ меноманд) |
| Проборка последовательная | - Торгузаронии пайдарпай |
| Проборка простая | - Торгузаронии содда |
| Проборка рядовая | - Торгузаронии қаторӣ |
| Проборка рассыпная | - Торгузаронии пароканда |

| | | |
|---|---|---|
| Проборка сводная | - | Торгузаронии дастагӣ |
| Проборка сложная | - | Торгузаронии муракаб |
| Проборка сокращённая | - | Торгузаронии ихтисоршуда |
| Проборка ступенчатая | - | Торгузаронии зинагӣ |
| Проборка фоновых нитей | - | Торгузарони ресмонҳои асосӣ |
| Проборный | - | Барои торгузаронӣ |
| Проборный крючок | - | Чангаки торгузаронӣ |
| Проборный отдел | - | Шӯъбаи торгузаронӣ |
| Проборный станок | - | Дастгоҳи торгузаронӣ (аз овезаҳо, гулаҳо ва теға) |
| Проборщица | - | Торгузарон |
| Проверка | - | Тафтиш, бозрасӣ |
| Провисание нити | - | Овезиши ресмон |
| Проволочный пруток | - | Милаи симин |
| Прогиб | - | Хамшавӣ, қатшавӣ |
| Прогладить | - | Дарзмол карда шудан |
| Прогноз | - | Пешгӯӣ, пешбинӣ |
| Программа | - | Барнома |
| Прогрев | - | Гармшавӣ, тафсидан |
| Прогресс | - | Рушд, равнақ, пешрафт |
| Прогул | - | Ноҳозирӣ, гайбият |
| Продевание нити | - | Ресмонгузаронӣ |
| Продолжительность | - | Давомнокӣ, тӯлкашӣ, муддат |
| Продолжительность рабочего дня | - | Давомнокии амалиёт |

| | | |
|---|---|---|
| Продолжительность смены | - | 1. Давомнокии баст;<br>2. Муддати ивазсозӣ |
| Продолжительность операции | - | Давомнокии амалиёт |
| Продольная | - | Арзӣ, тӯлӣ |
| Продольно-соединённое переплетение | - | Боҳампечии арзивасл (боҳампечии нақшине, ки ба воситаи он кешбофти раххои арзӣ дошта истеҳсол мешавад. Рахҳо аз ҳамдигар бо ягон аломат фарқ мекунанд) |
| Продольное движение | - | Ҳаракати арзӣ |
| Продольный маршрут | - | Хати роҳи арзӣ (тарзи кори бисёрдастгоҳӣ: бофанда асосан қад-қади пештахтаҳои дастгоҳҳо ва навардҳои бофандагӣ ҳаракат мекунад) |
| Продольный срез (разрез) ткани | - | Буриши арзии матоъ |
| Продукт | - | Ашё, маҳсулот, самара |
| Продукт валовый | - | Ҳаҷми умумии истеҳсол, ҷамъи маҳсулот |
| Продукт питающий | - | Ашёи таъминот |
| Продукт труда | - | Маҳсули меҳнат |
| Продуктивно | - | Сермаҳсул |
| Продукция | - | Маснуот, маҳсулот |
| Продукция валовая | - | Маҳсулоти кӯтара (нишондиҳандаи арзишии хаҷми истеҳсолот ва корҳои иҷрошуда) |
| Продукция выпускаемая | - | Маснуоти истеҳсол, маҳсулоти беруншав |
| Продукция вырабатываемая | - | Маснуоти тайёршав |

| | | |
|---|---|---|
| Продукция выработанная | - | Маснуоти ҳосилшуда, тайёршуда |
| Продукция материалоёмкая | - | Маснуоти масолеҳталаб |
| Продукция новая | - | Маҳсулот нав (истеҳсоли он пешбинӣ гаштааст ё чанде пеш оғоз шудааст) |
| Продукция освоенная | - | |
| Продукция реализованная | - | Маҳсулоти фурӯхта |
| Продукция реализуемая | - | Маҳсулоти фурӯшӣ (нишондиҳандаи арзиши хаҷми истеҳсолот ва корҳои иҷрошуда) |
| Продукция товарная | - | Маҳсулоти молӣ (яке аз нишондиҳандаҳои арзиши хаҷми истеҳсолот ва корҳои иҷрошуда) |
| Проект | - | Лоиҳа, тарҳ |
| Проект эскизный | - | Тарҳи анговаравӣ |
| Проектирование ткани | - | Тарҳрезии матоъ |
| Проектное задание | - | Супориши лоиҳавӣ |
| Производительность | - | Ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ |
| Производительность высокая | - | Ҳосилнокии баланд |
| Производительность оборудования | - | Ҳосилнокии таҷҳизот |
| Производительность расчётная | - | Ҳосилнокии ҳисобӣ |
| Производительность теоретическая | - | Ҳосилнокии назариявӣ |
| Производительность типовая | - | Ҳосилнокии намунавӣ |
| Производительность труда | - | Ҳосилнокии меҳнат |
| Производительность фактическая | - | Ҳосилнокии воқеӣ |

| | | |
|---|---|---|
| **Производные переплетения** | - | **Боҳампечиҳои ҳосилавӣ** (1. зерсинфи махсуси боҳампечиҳо аз синфи боҳампечиҳои хурднақш, ки дар сатҳи матоъ нақши андозааш начандон калон ва шаклан номураккаб ҳосил мекунанд. Боҳампечиҳои ҳосилавӣ дар натиҷаи тағйир додани боҳампечиҳои содда ба вуҷуд меоянд; 2. Синфи боҳампечиҳои кешбофӣ, ки ба он ҳамвораи ҳосилавӣ ва ластики ҳосилавӣ дохил мешаванд. Дар онҳо сутунчаҳои ҳалқагӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд) |
| **Производственная** | - | **Истеҳсолӣ** |
| **Производственная подготовка** | - | **Омодагардонии истеҳсолӣ** (дар асоси технологияи тарҳрезигашта истеҳсол кардани намунаҳои санҷиши намудҳои нави маҳсулот барои ташкили истеҳсоли серадади онҳо, тайёр кардани ҷиҳози технологӣ ва васоити механиконидани равандҳои технологӣ) |
| **Производственная программа** | - | **Барномаи истеҳсолӣ** (нақшаи истеҳсоли маҳсулот аз рӯи ҳаҷм ва сифат дар корхона ё шӯъбаҳои алоҳидаи он барои мӯҳлати муайяни вақт (сол, нимсола, моҳ, ҳафта, рӯз) |
| **Производственное объединение** | - | **Иттиҳодияи истеҳсолӣ** (корхонае, ки ғайр аз истеғсолот бо дигар намуди фаъолият низ машғул аст, масалан бо савдо, пажӯҳиш) |
| **Производственное предприятие** | - | **Корхонаи (муассисаи) истеҳсолӣ** |
| **Производственные фонды** | - | **Захираҳои истеҳсолӣ** (маҷмӯи ашё ва васоити меҳнат) |
| **Производственные запасы** | - | **Захираҳои истеҳсолӣ** (ашёи гардишии дар корхона мавҷуд буда, вале ба истеҳсолот ворид нашуда) |

| | | |
|---|---|---|
| Производственный отдел | | **Шўъбаи истеҳсолӣ** |
| Производственный персонал | - | **Ҳайати истеҳсолӣ** |
| Производственный процесс | | **Раванди истеҳсолӣ, ҷараёни истеҳсол** (пайдарпаии зинаҳои истеҳсоли маснуот, маҷмўи гузаришҳо) |
| Производство | - | **Истеҳсолот** |
| Производство гардинно-тюлевое | - | **Истеҳсолоти пардаи тўр** |
| Производство единичное | - | **Истеҳсолоти донаҳисоб** (намуди истехсолот, ки маҳсулоти гуногунро якчанд донагӣ мебарорад. Бештар намунаҳои санҷишӣ истеҳсол мекунад. Дар истеҳсолоти дўзандагӣ ба он фаъолияти шўъбаи санҷишӣ мисол шуда метавонад) |
| Производство индивидуальное | - | **Истеҳсолоти инфиродӣ** |
| Производство красильно-отделочное | - | **Истеҳсолоти рангу пардоздиҳӣ** |
| Производство массовое | - | **Истеҳсолоти бисёрҳаҷм, серадад** (намуди истехсолот, ки ҳамон як маҳсулотро сершумор мебарорад. Корхонахои нассоҷӣ мисол шуда метавонанд) |
| Производство незавершённое | - | **Истеҳсолоти нотамом** (маҷмўи ашёи меҳнат, ки дар коркард қарор дорад, масалан тори тортанӣ ё ширешхўрда дар истеҳсолоти бофандагӣ) |
| Производство нетканое | - | **Истеҳсолоти газворҳои нобофта** |
| Производство неэффективное | - | **Истеҳсолоти камсамар** |
| Производство ниточное | - | **Истеҳсолоти ресмонбарорӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Производство отделочное | - | Истеҳсолоти пардоздиҳӣ |
| Производство поточное | - | Истеҳсолоти муттасил (ба он ҳаракати бетаваққуф ва мусалсали ашёи меҳнат аз як амалиёт ба дигараш ба самти равиши ҷараёни технологӣ хос аст) |
| Производство прядильное | - | Истеҳсолоти ресандагӣ |
| Производство серийное | - | Истеҳсолоти силсилавӣ (намуди истеҳсолот, ки маҳсулоти гуногунро гурӯҳ-гурӯҳ мебарорад. Масалан, истеҳсолоти дӯзандагӣ) |
| Производство ткацкое | - | Истеҳсолоти бофандагӣ (маҷмӯи равандҳои технологӣ, ки барои истеҳсоли матоъҳои дурушт заруранд. Мувофиқи ҷараёни технологӣ ИБ се марҳиларо дарбар мегирад: амалиётҳои омодасозии ресмонҳо: азнавпечӣ, тортанӣ, ширеҷдиҳӣ, торгузаронӣ, гиреҳбандӣ ва диг.; бофт ба маънои аслии он; амалиётҳои ниҳоӣ: тарошидани матои дурушт, назорати сифат ва ғ.) |
| Производство трикотажное | - | Истеҳсолоти кешбофӣ |
| Производство хлопчатобумажное | - | Истеҳсолоти маснуоти пахтагин |
| Производство чулочно-носочное | - | Истеҳсолоти ҷуроббофӣ |
| Производство швейное | - | Истеҳсолоти дӯзандагӣ |
| Производство шёлкомотальное | - | Истеҳсолоти абрешимпечӣ |
| Производство шёлкокрутильное | - | Истеҳсолоти абрешимтобӣ |
| Производство эксперимeтальное | | Шӯъбаи санҷишӣ |
| Производство эффективное | - | Истеҳсолоти босамар |

| | | |
|---|---|---|
| Произвольный бой | - | **Зарбазании навбаташ ихтиёрӣ** (дар дастгоҳи бофандагӣ) |
| Происхождение волокна | - | **Манбаи пайдоиши нах** |
| Пройма | - | **Чоки остин** (бурииш дар пеш ва пушти либос аз хати буриши китфӣ то хати буриши паҳлуӣ барои пайваст намудани остин бо лифӣ) |
| Прокладка | - | **1.Қабати резинӣ;**<br>**2. Қабати дохилӣ** (дар либоси болопӯш) |
| Прокладка бортовая | - | **Қабати дохилии нимдоман** |
| Прокладочный материал | - | **Масолеҳи қабати дохилӣ** (дар либоси болопӯш – дублерин, флизелин, ватин ва ҳ.) |
| Прокладчик утка | - | **Пудгузаронак** (ҷузъи кории дастгоҳи бофандагӣ) |
| Прокладывание | - | **Гузаронидан** (аз сурохӣ ё аз даруни ягон чиз. Ғайр аз ин, дар кешбофӣ яке аз зинаҳои халқабандӣ, амалиёти ба сӯзан расида гузаштани ресмон бо мақсади ташкили ҳалқаи нав) |
| Прокладывание утка | - | **Пудгузаронӣ** (яке аз амалиётҳои асосӣ дар дастгоҳи бофандагӣ) |
| **Рента** | - | **Фоида** (аз лотинӣ ба маънои «баргардонидан». 1. Фоидае, ки аз чалонидани пул, истифодаи мулк ё иҷораи замин гирифта мешавад; 2. Вомбарги бемӯҳлати давлатӣ, ки соҳиби он даромади доимӣ мегирад) |
| **Рентабельность** | - | **Фоиданокӣ** |
| Рентабельность изделия | - | **Фоиданокии маснуот** |
| Рентабельность производства | - | **Фоиданокии истеҳсолот** |
| **Репей, репейник** | - | **Мушхор** |
| **Репс** | - | **Репс** (1. намуна аз зерсинфи боҳампечиҳои ҳосилавӣ, ки дар натиҷаи танҳо ба як самт пурқувват гардонидан, яъне дароз намудани |

пўшидаҳои яккаи боҳампечии суф ҳосил шудааст; 2. матои зичи пахтагин, абрешимин ё пашмин, ки дар сатҳаш раҳҳои борики муқарнас дорад. Он шабеҳи матоъҳои тофтаю поплин буда, қадре зичтару гафстар аст ва раҳҳои возеҳтар дорад. Раҳҳо қад-қади матоъ ё ба самти кундалангӣ равонаанд. Матоъро ба воситаи боҳампечиҳои репс ё суф мебофанд. Агар аз боҳампечии суф истифода баранд, гафсии ресмонҳои тору пудро гуногун қабул мекунанд, то раҳҳо пайдо шаванд. Аз матои репс асосан куртаҳои мардонаю занона барои фаслҳои баҳору тирамоҳ медўзанд; 3. боҳампечии кешбофие, ки дар натиҷаи ҳамҷояшавии боҳампечиҳои ҳамвора ва ластик ба вуҷуд меояд. Кешбофти ба ин тарз ҳосилшуда аз рўи намуди зоҳирӣ матои репсро мемонад)

Репс ложный - **Репси сохта** (матои боҳампечияш суф, ки дар он ресмонҳои тору пуд аз рўи ғафсӣ ё зичии ҷойгиршавӣ возеҳ фарқ мекунанд. Дар чунин ҳолат низ матоъ раҳдор ҳосил мешавад)

Репс основный - **Репси торӣ** (намуди боҳампечии репс, ки пўшидаҳои он ба самти ресмонҳои тор пурқувват гаштаанд)

Репс уточный - **Репси пудӣ** (намуди боҳампечии репс, ки пўшидаҳои он ба самти ресмонҳои пуд пурқувват гаштаанд)

**Ресивер** - Маҳзан (дар дохили он ҳаво ё буғ захира мегардад)

**Рессора** - Зарбахомўшсоз

**Реставрация** - Барқарор кардан

| | | |
|---|---|---|
| **Ресурсы** | - | **Захираҳо** |
| **Ресурсы вторичные** | - | **Захираҳои дуюмкарата (такрорӣ)** |
| **Ресурсы производства** | - | **Захираҳои истеҳсолӣ** |
| **Ресурсы трудовые** | - | **Захираҳои меҳнатӣ** |
| **Реферат** | - | **Реферат** (баёни хаттии мазмуни китоб ё кори илмӣ) |
| **Решётка** | - | **Панҷара** |
| **Решётка деревянная** | - | **Панҷараи чӯбин** |
| **Решётка колосниковая** | - | **Панҷараи ҳавозагӣ** |
| **Решётка направляющая** | - | **Панҷараи самтбахш** |
| **Решётка неподвижная** | - | **Панҷараи беҳаракат** |
| **Решётка питающая** | - | **Панҷараи таъминот** |
| **Решётка регулируемая** | - | **Панҷараи танзимшав** |
| **Решётчатая** | - | **Панҷарагӣ** |
| **Рецензент** | - | **Муқарриз** |
| **Рецензия** | - | **Тақриз** (таҳлили танқидӣ) |
| **Рецепт шихты** | - | **Таркиби миқдории ширеш** |
| **Рилон** | | **Рилон** (номи дар Руссия ва давлатҳои атрофи он маъмули як намуд ресмони печтоби синтетикӣ. Намунаи ресмонҳои мураккаб (калонҳаҷм) мебошад. Он ба тарзи зерин истеҳсол мешавад: ресмони синтетикиро аз теғи лавҳаи пӯлодин мегузаронанд ва масолеҳ дучори деформатсияи мураккаб мегардад. Дар натиҷа ресмонҳои алоҳидаи бетақсими таркиби он шакли морпечро соҳиб мешаванд) |
| **Римские цифры** | - | **Рақамҳои римӣ** (I, II, III, IV,…) |

| | | |
|---|---|---|
| **Рипшайба** | - | **Байнҳалқаи гардон** (сӯзандони даврзананда дар мошини кешбофии интерлок) |
| **Рисунок вышитый** | - | **Расми гулдӯзишуда** |
| **Рисунок клетчатый** | - | **Расми катакӣ** |
| **Рисунок крестиком** | - | **Расми ироқидӯзӣ** |
| **Рисунок крупный** | - | **Расми калонгул** |
| **Рисунок мелький** | - | **Расми майдагул** |
| **Рисунок непрерывный** | - | **Расми яклухт** |
| **Рисунок переплетения** | - | **Расми боҳампечӣ** |
| **Рисунок полосатый** | - | **Расми рах-рах** |
| **Рисунок проборки** | - | **Расми торгузаронӣ** |
| **Рисунок рельефный** | - | **Расми муқарнас** |
| **Рисунок с каймой** | - | **Расми ҳошиядор** |
| **Рисунчатые переплетение** | - | **Боҳампечиҳои нақшин** (синфи боҳампечиҳои кешбофӣ, ки дар асоси боҳампечиҳои асосӣ ё ҳосилавӣ бо роҳи ворид кардани ресмонҳои иловаги ё амалиётҳои барилова, тагйир додан ё даст кашидан аз ҷузъҳои алоҳидаи ҳалқабандӣ ба вуҷуд меоянд. Боҳампечиҳои жаккардӣ ва прессӣ (фанг, нимфанг) ба ҳамин синф тааллуқ доранд) |
| **Ритм** | - | **Низом, мунтазамӣ** |
| **Ритм потока** | - | **Низоми истеҳсолоти муттасил** (шакли ташкили кори он буда, устувории вақти коркарди маҳсулотро инъикос мекунад. Низом нақшагӣ ё озод буда метавонад) |
| **Ритм регламентированный** | - | **Низоми нақшагӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Ритм свободный | - | Низоми озод |
| Ритмичный | - | Бонизом, мунтазам |
| Ритмичность производства | - | Мунтазамии истеҳсолот (иҷрои ҳаҷми баробари кор дар фосилаҳои баробари вақт, риояи нақшаи вақтии истеҳсоли маҳсулот дар ҳамаи шӯъбаҳо, қисмҳо ва хатҳои истеҳсолӣ) |
| Рифлёный цилиндр | - | Устувонаи раҳдор (дандонадор) |
| Ровиль | - | Ровил (номи нахи синтетикии поливинилхлорид, ки дар Фаронса истеҳсол карда мешавад) |
| Ровница | - | Пилик |
| Ровница кручёная | - | Пилики тофта |
| Ровница некручёная | - | Пилики нотофта |
| Ровница оческовая | - | Пилики лосӣ (аз пасмондаҳои ғоздиҳӣ ҳосилшуда) |
| Ровница перегонная | - | Пилики кӯчон (ҳангоми пиликресии чандзина дар мошини пиликреси гузариши дуюм гирифта мешавад) |
| Ровница сученая | - | Пилики тофта |
| Ровница толстая | - | Пилики ғафс (дар мошини пиликреси гузариши якум гирифта мешавад) |
| Ровница тонкая | - | Пилики борик (дар мошини пиликреси гузариши сеюм гирифта мешавад) |
| Ровница тонкогребенная | - | Пилики шонаресидаи борик |
| Ровница уточная | - | Пилики пудӣ |
| Ровничная | - | Пиликрес, барои пиликпечӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Ровничная каретка | - | Аробачаи пиликпечӣ (ғалтакхои пиликпечро болою поён ғеҷонда, печишро қад-қади онҳо ҷобаҷо мекунад) |
| Ровничная катушка | - | Ғалтаки пиликпеч |
| Ровничная машина | - | Мошини пиликрес |
| Ровничная машина перегонная | - | Мошини кӯчонпиликрес |
| Ровничная машина толстая | - | Мошини ғафспиликрес |
| Ровничная машина тонкая | - | Мошини борикпиликрес |
| Ровничная нить | - | Ресмони пиликӣ |
| Ровничная рамка | - | Чорчубачаи пиликҳо |
| Ровничный цех | - | Шӯъбаи пиликбарорӣ (дар таркиби истеҳсолоти ресандагӣ ташкил мешавад) |
| Ровничница | - | Пиликрес |
| Ровнота нити | - | Мунтазамии ғафсии ресмон |
| Ровнять | - | 1. Ҳамвор намудан;<br>2. Баробар кардан |
| Роговидный | - | Шохшакл |
| Рогожа, рогожка | - | Рогожка (намуна аз зерсинфи боҳампечиҳои ҳосилавӣ, ки дар натиҷаи ба ҳарду самт пурқувват гардонидан, яъне дароз намудани пӯшидаҳои яккаи боҳампечии суф ҳосил мешавад) |
| Рогулька | - | Душоха |
| Рогулька двухплечевая | - | Душохаи дукитфа |
| Рогулька для эффективной крутки | - | Душоха барои тоби пурсамар (бароманди масолеҳ на аз нӯги поёнии шохаи дарунхолии он, балки аз |

| | | |
|---|---|---|
| | | сўрохии паҳлўии ҳамин шоха (аз панҷак болотар) амалӣ мешавад. Ин имкон медиҳад, ки масолеҳ то 30 % тоби бештарро соҳиб гардад) |
| Рогулька заднего ряда | - | Душохаи қатори пас |
| Рогулька переднего ряда | - | Душохаи қатори пеш |
| Рогулька с прижимной лапкой | - | Душохаи дорои панҷаи пахшгар |
| Рогулька центробежная | - | Душохаи марказгурез |
| Рогульчатое веретено | - | Дуки душохадор |
| Род | - | 1. Ҷинс;<br>2. Навъ, хел |
| Род волокна | - | Хели нах |
| Родиа-найлон | - | Родиа-нейлон (нах ё ресмони синтетики истеҳсоли Олмон. Дар мо онро анид меоманд. Аз полигексаметиленадипинамид ҳосил шудааст ва ба гурўҳи наххои полиамидӣ дохил мешавад) |
| Рожок | - | Шохча |
| Рожок лапки | - | Шохчаи панҷак |
| Рожок рейки | - | Шохчаи зех |
| Розовый цвет | - | Ранги гулгун, гулобӣ |
| Розыск конца нити | - | Кофтани нўги ресмон |
| Розыск раза | - | Бодковӣ (дар дастгоҳи бофандагӣ амалиёти ҷустаёфтани боде, ки дар дохили он ресмони канда шудааст) |
| Ролик | - | Ғилдирак |
| Роп | - | Арғамчин, таноб |
| Роспись ткани | - | Нақшу нигори матоъ |

| | | |
|---|---|---|
| Ростовая почка | - | Муғчаи сабзанда |
| Росток | - | Қоматча (буриши гиребон аз хати буриши китфӣ то маркази пушти либос) |
| Ротационная каретка | - | Кареткаи даврзан |
| Ротационный способ | - | Ба тарзи даврзанӣ |
| Ротор | - | Даврзанак |
| Ротор прядильный | - | Даврзанаки ресандагӣ |
| Роторная | - | Даврзанакдор |
| Роторная прядильная машина | - | Мошини ресандагии даврзанакдор |
| Роторное прядение | - | Ресиш бо даврзанак (аз рӯи тартиби амалиётҳо тарзи ресиши ҳуҷрачагиро мемонад, танҳо хизмати ҳуҷрачаро даврзанак иҷро мекунад) |
| Рубаха, рубашка | - | Курта |
| Рубашонка | - | Куртача |
| Рубчик | - | Рах-рах |
| Рубчиковое переплетения | - | Боҳампечии раҳдор |
| Рукав | - | Остин |
| Рукав втачной | - | Остини шинонда |
| Рукав расширенный | - | Остини васеъ |
| Рукав цельнокроенный | - | Остини яклухт шаклбурида |
| Рукавица | - | Дастпӯшаки бепанҷа |
| Руководство | - | 1. Роҳбарӣ, роҳбарият, сарварӣ;<br>2. Дастур |

| | | |
|---|---|---|
| Рукоделие | - | Кори дастӣ |
| Рукоятка | - | Дастак |
| Рулик | - | Шохча |
| Рулон ткани | - | Лӯлапечи матоъ |
| Рунная шерсть | - | Пашми яклухттарош |
| Руно | - | Пашми яклухттарош (мӯи бадани яклухт тарошидаи гӯсфанд, ки аз кучқоракҳо ва дастаҳои мӯйҳои бо ҳам пайваст иборат аст) |
| Ручка | - | Дастак |
| Ручная машина | - | Мошини дастӣ |
| Ручная вышивка | - | Гулдӯзии дастӣ |
| Ручной | - | Дастӣ |
| Ручной узловязатель | - | Асбоби гиреҳбанди дастӣ |
| Рыбацкий узел | - | Гиреҳи моҳигирӣ |
| Рыхление | - | Тит кардан |
| Рыхлое строение | - | Сохти ковокдор, сирак |
| Рыхлость | - | Титшавнокӣ, титпазирӣ (қобилият) |
| Рычаг | - | Фашанг |
| Рычаг-валёк | - | Фашанги задабар (ҷузъи механизми зарбазани зарбааш аз поён) |
| Рычаг-взвод | - | Фашанги бакордарор |
| Рычажная | - | Фашангӣ |
| Рычажная передача | - | Таҳвили фашангӣ |
| Рычажная система | - | Низоми фашангӣ |
| Рычажный регулятор | - | Танзимгари фашангӣ |

| | | |
|---|---|---|
| **Рябая намотка** | - | **Печиши чӯтур (чипор, чиндор)** – нуқси печиш |
| **Ряд** | - | **Қатор** |
| **Ряд петельный** | - | **Қатори ҳалқагӣ** (дар кешбофӣ қатори уфуқии ҳалқаҳо, ба самти кундалангии маснуот равон аст) |
| **Ряд поворотный** | - | **Қатори гардишӣ** (дар кешбофӣ қатори ҳалқагӣ, ки дар он самти ҷойгиршавии ҳалқаҳои ҳамон як ресмон баръакс мегардад) |
| **Рядность трикотажа** | - | **Қатордории кешбофт** (миқдори қаторҳои ҳалқагӣ дар як бозгашти кешбофт) |
| **Рядовая проборка в ремизки** | - | **Торгузаронии қаторӣ** дар гула-бандҳо |
| **Рядок** | - | **Шона** (дар мошинҳои тортанию ширещдиҳӣ) |
| **Рядок направляющий** | - | **Теғаи самтбахш** (дар мошин барои тортании дастагӣ ва мошини ши-рещдиҳӣ шонае, ки ресмонҳои пе-чандаро қад-қади ғалтак мунтазам ҷобаҷо мекунад) |
| **Рядок раздвижной** | - | **Шонаи танзимгар** |
| **Рядок суппорта** | - | **Шонаи механизми таъмингар** (дар мошин барои тортании тасмагӣ) |
| **Ряса** | - | **Ҷелак** (ҷомаи дарозу васеи ходимо-ни дини насронӣ) |

# С

| | | |
|---|---|---|
| **Салфетка** | - | 1. **Дастмолча;**<br>2. **Дастархонча** |

| | | |
|---|---|---|
| Саабо | - | Саабо (номи дигари ресмони калонҳаҷми мэрон) |
| Сак | - | **Халта** (1. халтаи роҳ, ки аз матоъ дӯхта шудааст; 2. палтои занонаи чокбурияш озод) |
| Самовес | - | **Худбаркаш, тарозуи худкор** (дар баъзе мошинҳои истеҳсолоти ресандагӣ олати дохили маҳзан, ки воридоти масолеҳро ба танзим меорад) |
| Самовозгарание, самовоспламенение | - | **Худоташгирӣ** |
| Самозатягивающийся узел | - | **Гиреҳи худтарангшав** |
| Самоклад | - | **Худҷобаҷогар** |
| Самокрутка | - | **Худтобгирӣ** |
| Самокруточная прядильная машина | - | **Мошини ресандагии худтоб** |
| Самообслуживание | - | **Худхизматрасонӣ** (бо эҳтиёҷоти худ машғул будани коргар) |
| Самоостанов | - | **Худбозист** |
| Самоприсучиватель | - | **пайвандгарХуд (бегиреҳ)** |
| Самопроизвольный процесс | | **Раванди худ ба худ** |
| Самопрялка | - | **Чарха** |
| Самоуправление | - | **Худидорасозӣ** |
| Саморезный бархат, двухполотенный бархат | - | **Бахмали худбуршуда** (дуқабата бофта шуда, сипас ба ду матои патдори мустақил ҷудо мешавад. Ҳаммаънои бахмали дуқабатабоф) |
| Сандал | - | **Сандал** (ранги сурх ё зард, ки аз дарахти ҳамном гирифта мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| Сантиметровая лента | - | Тасмаи андозагир |
| Саран | - | Саран (номи яке аз намудҳои нахи синтетикии поливинилхлоридӣ, ки дар ИМА истеҳсол карда мешавад) |
| Сарафан | - | Пероҳани беостин |
| Саржа | - | Лас (аз итолиёӣ ба маънои «абрешимин». 1. Матои абрешимин, пахтагин ё таркибаш дигар, ки бо рахҳои диагоналӣ оро дода шудааст. Ҳамчун куртавор, барои остари либос, бо мақсадхои техникӣ ва ҳ. истифода мешавад; 2. Намуди боҳампечии матоъ) |
| Саржа вафельная | - | Ласи муқарнас |
| Саржа двухлицевая | - | Ласи дурӯя, дуабра (дар ҳудуди бозгашт миқдори пӯшидаҳои торию пудии он баробар аст) |
| Саржа двухсторонняя | - | Ласи дутарафа |
| Сажа диагоналевая | - | Ласи диагоналӣ |
| Саржа зигзагообразная | - | Ласи каҷу килеб |
| Саржа ломанная | - | Ласи шикаста |
| Саржа многополосная | - | Ласи серрах |
| Саржа обратная | - | Ласи чаппа |
| Саржа обратносдвинутая | - | Ласи чаппағеҷида |
| Саржа основная | - | Ласи торӣ |
| Саржа производная | - | Ласи ҳосилавӣ |
| Саржа простая | - | Ласи содда |
| Саржа ромбовидная | - | Ласи ромбшакл |
| Саржа сложная | - | Ласи мураккаб |

Саржа теневая - Ласи сояпарто

Саржа усиленная - Ласи пурқувватташта

Саржа уточная - Ласи пудӣ

Саржевое переплетение - **Боҳампечии лас** (дар сатҳи матои бофташуда раххҳои моили муқарнас ташкил мекунад. Ба воситаи он матоъҳои гринсбон, диагонал, лас, тик, трико, ҷинс ва ғ. бофта мешаванд)

Сари - **Сорӣ** (либоси занона дар Ҳиндустон дар намуди пораи матоъ, ки дар атрофи бадан печонида шуда, нӯгаш бар китф партофта мешавад)

Сателлитовая шестерня - **Дандоначархи ҳамсафар** (дар механизмҳои сайёравӣ чархе, ки ҳамроҳи тири худ дар атрофи чархи марказӣ ба мисли Моҳ дар атрофи Замин давр мезанад)

Сатин - **Сатин** (ба номи шаҳри наздисоҳилии Тсетунг дар Чин. 1. Матои пахтагини сатҳаш суфтаи абрешиммонанд. Намуди якрангшуда, нақшбаста ва баъзан сафед дорад. Дар он ресмонҳои пуд бо зичии хеле баланд сатҳи абраро ташкил мекунанд. Дараҷаи пуршавии матоъ бо ресмонҳои тор 50-64 %, бо ресмонҳои пуд – 69-77%. Сатинҳоро аз ресмонҳои кардавӣ (14,3-18,5 текс дар тор ва 11,8-15,4 текс дар пуд) ва шонарес (10-15,4 текс дар тор ва 8,3-11,8 текс дар пуд) мебофанд. Зичии сатҳии масолеҳ 110-140 г/м². Одатан аз амалиёти намкашгардонӣ мегузарад. Сатинҳои пурсифат сатҳи ҷилодор ва нақши чопи серанга дошта, устувор накшкӯбӣ гаштаанд. Бинобар суфта будани сатҳ масолеҳ нисбати соиш хеле

устувор аст ва ба сифати масолеҳи остарӣ васеъ истифода мешавад. Шишти он кам аст (то 2 %). Матоъ таъиноти маишӣ дорад ва барои дӯхтани куртаҳои мардонаю занона, либоси кӯдакона, хилъатҳо, бистарпӯшҳою либоси таг ва ғ. истифода мешавад; 2. Намуди боҳампечии матоъ)

**Сатин неправильный** - **Сатини нодуруст** (ғеҷиши пӯшидаҳояш тағйирёбанда)

**Сатин отклонённый** - **Сатини майлон** (ҳаммаънои сатини нодуруст)

**Сатин правильный** - **Сатини дуруст** (ғеҷиши пӯшидаҳояш доимӣ)

**Сатин производный** - **Сатини ҳосилавӣ**

**Сатин усиленный** - **Сатини пурқувватгашта**

**Сатин четырёхниточный** - **Сатини чорресмона** (сатини нодуруст, ки баргашташро чор ресмон ташкил медиҳанд)

**Сатиновая рубашка** - **Куртаи сатин**

**Сатиновое переплетение** - **Боҳампечии сатин** (дар натиҷаи он сатҳи абраи матоъро асосан ресмонҳои пуд ташкил мекунанд)

**Сафранин** - **Сафранин** (рангубори кабуду сурх барои наххои табиӣ)

**Сафлор** - **Ранги маъсар**

**Сафьян** - **Сафён, тимоҷ** (чарми тунуку маҳини рангшуда, ки онро асосан аз пӯсти буз ё гӯсфанд тайёр мекунанд)

**Сбавочник** - **Камгар** (ё деккер. Ҷузъи кории баъзе мошинҳои кешбофӣ, ки бо тартиби муқарраршуда ҳалқаро аз як сутунчаи ҳалқагӣ ба дигараш мегеҷонанд. Дар натиҷа сутунча-

хои ҳалқагии канда-канда пайдо мешаванд. Аз он ҳангоми ҳосил кардани боҳампечии тӯрӣ истифода мебаранд)

**Сбивать** - **Зада ғалтондан**

**Сбитый рисунок** - **Расми озурда, нуқсдор**

Сбоку - **Аз паҳлӯ**

**Сбор урожая** - **Ҷамъоварии ҳосил, ғунучин**

**Сборка машины** - **Васлсозии мошин**

**Сборки** - **Ҷимҷима, чин-чин** (дар либос)

**Сборки на юбке** - **Чин-чини юбка**

**Сборная** - **1. Ғуншуда, барои ғуншавӣ;**
**2. Васлшуда;**
**3. Яккачин**

**Сборная деталь** - **Ҷузъи васлшуда**

**Сборная поверхность** - **Сатҳи ғуншавӣ**

**Сборочный цех** - **Шӯъбаи васлсозӣ**

**Сборчатый сарафан** - **Пероҳани чин-чин**

**Сборщик** - **Ҷамъовар**

**Сбрасывание** - **Партофтан** (аз ҷумла, дар кешбофӣ яке аз зинаҳои ҳалқабандӣ, амалиёти ба дохили халқаи пешина партофта шудани ҳалқаи нав)

**Сбрасывание шпули** - **Партофтани найча**

**Сбыт продукции** - **Фурӯши маҳсулот, молфурӯшӣ**

**Сваляться** - **Молида шудан**

**Сведения** - **Ахбор, маълумот**

**Сварка** - **Кафшер**

**Сверхплановый** - **Барзиёд, берун аз нақша**

| | | |
|---|---|---|
| **Сверхприбыль** | - | **Даромади барилова** |
| **Сверху** | - | **Аз боло** |
| **Сверхурочная работа** | - | **Изофакорӣ, кори барилова** (берун аз баст) |
| **Светонепроницаемость** | - | **Рӯшнонагузаронӣ** (қобилият) |
| **Свитер** | - | **Свитер** (аз англисӣ ба маънои «арақ кардан». Жемпери гарми бетугма, ки гиребони баланд дорад ва аз сар пӯшида мешавад) |
| **Свиток** | - | **Лӯлапеч** |
| **Свиться** | - | **Печидан, морпеч шудан** |
| **Свободное** | - | **Озод** |
|     **Свободное движение** | - | **Ҳаракати озод** |
|     **Свободное облегание** | - | **Часпиши озод** |
| **Свод ремизок** | - | **Дастаи гулабандҳо** (маҷмӯи гулабандҳое, ки дар онҳо як намуди торгузаронӣ иҷро шудааст, масалан, торгузаронии пароканда) |
| **Сводка** | - | **Ахборот, маълумот** |
| **Сводная проборка в ремизки** | - | **Торгузаронии дастагӣ дар гулабандҳо** (ҳангоми бофтани матои иборат аз якчанд боҳампечӣ истифода мешавад) |
| **Сводящий рычаг** | - | **Фашанги пайвандгар, якҷосоз** |
| **Своеобразный** | - | **Ба худ хос** |
| **Свойлачивание шерсти** | - | **Намадмолӣ шудани пашм** |
| **Свойства** | - | **Хосиятҳо** (аломатҳои хосе, ки дар асной пайдоиш, коркард ё истеъмоли ашё зоҳир мешаванд) |
|     **Свойства геометрические** | - | **Хосиятҳои геометрӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Свойства гигроскопические | - | Хосиятҳои намкашӣ |
| Свойства механические | - | Хосиятҳои механикӣ |
| Свойства полезные | - | Хосиятҳои муфид |
| Свойства пряжи | - | Хосиятҳои ресмон |
| Свойства теплозащитные | - | Хосиятҳои гарминигаҳдорӣ |
| Свойства теплоизоляционные | - | Хосиятҳои гармидорӣ |
| Свойства упругие | - | Хосиятҳои чандирӣ |
| Свойства физико-механические | - | Хосиятҳои физикӣ-механикӣ |
| Свойства физико-химические | - | Хосиятҳои физикӣ-кимиёӣ |
| Свойства физические | - | Хосиятҳои физикӣ |
| Свойства химические | - | Хосиятҳои кимиёӣ |
| Свойства шлихты | - | Хосиятҳои ширеш |
| Свойства эластические | - | Хосиятҳои нимчандирӣ |
| Свойственный | - | Хос |
| Связанная нить | - | Ресмони басташуда |
| Связать | - | Бастан |
| Связывание узла | - | Гиреҳбандӣ |
| Связь | - | Алоқа, робита, васл |
| Сгиб | | Қат |
| Сгиб отворота | - | Қати ҷои лабгардон |
| Сгиб обтачки | - | Қати ҷузъи барилова |
| Сгиб складки | - | Қати чин |

| | | |
|---|---|---|
| Сгиб ткани | - | Қати матоъ |
| Сгибать | - | Қат кардан |
| Сгораемость | - | Сӯзандагӣ, сӯзишпазирӣ (қобилият) |
| Сгорание | - | Сӯхтан, аланга гирифтан |
| Сгущение | - | Ғафс шудан, ғализ шудан |
| Сдача | - | Супурдан |
| Сдача в ремонт | - | Ба таъмир супурдан |
| Сдача хлопка | - | Пахтасупорӣ |
| Сдача смены | - | Бастсупорӣ |
| Сдвиг | - | Ғеҷиш, лағжиш |
| Сдвиг вертикальный | - | Ғеҷиши амудӣ |
| Сдвиг витков | - | Ғеҷиши печакҳо (дар ғалтак) |
| Сдвиг горизонтальный | - | Ғеҷиши уфуқӣ |
| Сдвиг перекрытий | - | Ғеҷиши пӯшидаҳо (дар боҳампечӣ миқдори ресмонҳое, ки баробар ба он пӯшидаи якка нисбат ба пӯшидаи ҳамноми пешоянд дуртар мехобад) |
| Сдвиг перекрытий по основе | - | Ғеҷиши пӯшидаҳо ба самти тор |
| Сдвиг перекрытий по утку | - | Ғеҷиши пӯшидаҳо ба самти пуд |
| Сдвигать | - | Ғеҷондан, ҷунбондан, лағжондан |
| Сдвоенный | - | Ҷуфтшуда, дучанда |
| Сдвоить | - | Дучанд кадан, дуқабата кардан |
| Сдельная | - | Корбаъй |
| Сдельная зарплата | - | Маоши корбаъй (коргар музди меҳнатро вобаста ба миқдори кори иҷрокарда мегирад) |

| | | |
|---|---|---|
| Сдельная оплата труда | - | Пардохти корбаъй музди меҳнат |
| Сдельная расценка | - | Арзиши корбаъй (нархи воҳиди истеҳсол) |
| Сдельно-премиальная зарплата | - | Маоши корбаъйи мукофотдор |
| Сдельно-прогрессивная оплата труда | - | Пардохти корбаъйи афзояндаи музди меҳнат (дар ин низом ҳаққи хизмат барои воҳиди маҳсулоти аз меъёр боло истеҳсолшуда баландтар муқаррар мегардад) |
| Сдельный заработок | - | Музди корбаъй |
| Сдир | - | Абрешими пўстканшуда, лаш |
| Сдирать | - | Пўсткан кардан |
| Сдувать | - | Пуф карда афтондан |
| Себестоимость | - | Арзиши аслӣ |
| Сев семян | - | Кишти чигитҳо |
| Сектор | - | Қисми доира |
| Секционная | - | Қисмӣ |
| Секционная сновальная машина | - | Мошини танандаи қисм-қисмӣ |
| Секционная катушка | - | Ғалтаки қисмӣ |
| Секционное снование | - | Тортании қисм-қисм |
| Секция | - | Қисм, қисмат (аз лотинӣ ба маънои «буридан, тақсим кардан») |
| Секция головная | - | Қисмати аввал |
| Секция концевая | - | Қисмати охирин |
| Селекция | - | Селексия (бавуҷудории зоти нави растанӣ ё ҳайвонот бо усули интихоби сунъй) |

| | | |
|---|---|---|
| **Семена** | - | **Чигитҳо, тухмӣ** |
| **Семена битые** | - | **Чигитҳои кафида** |
| **Семена незрелые** | - | **Чигитҳои норасида, хом** |
| **Семена посевные** | - | **Чигитҳои киштшав** |
| **Семена технические** | - | **Чигитҳои техникӣ** (барои истеҳсоли равғани пахта) |
| **Семена хлопка** | - | **Чигитҳои пахта** |
| **Семена элитные** | - | **Чигитҳои аълосифат** |
| **Семенное волокно** | - | **Нахи чигитӣ** (дар сатҳи чигитҳои растанӣ меруяд. Пахта дар назар аст) |
| **Семеноводство** | - | **Тухмипарварӣ, чигитпарварӣ** |
| **Семяочиститель** | - | **Чигиттозагар** |
| **Сенсор** | - | **Эҳсосгар** (аз лотинӣ ба маънои «ҳис, эҳсосот») |
| **Сепаратор** | - | **Мошини ҷудосоз** |
| **Сердечник** | - | **Дилак** |
| **Сердцевина** | - | **Ӯзак, дила** |
| **Сердцевинный слой** | - | **Дила, қабати ӯзак** |
| **Середина** | - | **Марказ, байн** |
| **Серицин** | - | **Серитсин** (ширеше, ки дар таркиби ресмонҳои абрешимини аз кирмак беруншуда мавҷуд аст) |
| **Серийное производство** | - | **Истеҳсолоти силсилавӣ** (маҳсулоти гуногунро гурӯҳ-гурӯҳ мебарорад. Масалан, истеҳсолоти дӯзандагӣ) |
| **Серия** | - | **Силсила** |

| | | |
|---|---|---|
| **Сернистый краситель** | - | **Рангубори кибритдор** |
| **Сертификат** | - | **Тасдиқнома** (аз лотинӣ ба маънои «дуруст рафтор кардан». Ҳуҷҷати давлатие, ки сифати молро тасдиқ мекунад) |
| **Серый цвет** | - | **Хокистарранг** |
| **Серьга** | - | **Ҳалқа** |
| **Сетка** | - | **1. Тӯр;**<br>**2. Ҷадвал** |
| **Сетка тарифная** | - | **Ҷадвали маблағӣ** (маҷмӯи дараҷаҳои маблағӣ ва коэффитсиентҳои маблағии ба онҳо хосро дарбар мегирад) |
| **Сетчатый** | - | **Тӯрӣ, тӯршакл** |
| **Сетчатый барабан** | - | **Устувонаи тӯрӣ** (дар сатҳаш сӯрохиҳо дорад) |
| **Сетчатый шаблон** | - | **Қолиби тӯрӣ** |
| **Сеть** | - | **1. Тӯр;**<br>**2. Шабака** |
| **Сжатие** | - | **Фишурдан** |
| **Сжатый воздух** | - | **Ҳавои фишурда** |
| **Сзади** | - | **Аз пас** |
| **Сигнал** | - | **Ишорат, хабар** |
| **Сигнальная** | - | **Хабардеҳ** |
| **Сигнальная лампа** | - | **Чароғаки хабардеҳ** |
| **Сигнальная рамка** | - | **Чорчӯбачаи хабардеҳ** |
| **Сигнальный прибор** | - | **Олати хабардеҳ** |
| **Сигнальный пруток** | - | **Милаи хабардеҳ** |

| | | |
|---|---|---|
| **Сизаль** | - | **Сизал** (нахи лифӣ, ки аз барги растании ҳамном мегиранд) |
| **Сила** | - | **Қувва** |
| **Сила боя** | - | **Қувваи зарба** (мушаххасоти кории механизми зарбазан) |
| **Сила внешная** | - | **Қувваи беруна** |
| **Сила вытягивания** | - | **Қувваи кашиш, ёзонидан** |
| **Сила прибоя** | - | **Қувваи оварда часпонидан** (таъсири теғадастгир ба сарҳади матоъ) |
| **Сила растяжения** | - | **Қувваи кашанда, ёзонанда** |
| **Сила сцепления** | - | **Қувваи часпиш** |
| **Сила трения** | - | **Қувваи соиш** |
| **Сила центробежная** | - | **Қувваи марказгурез** |
| **Силикатное волокно** | - | **Нахи силикатӣ** (нахи шишагин дар назар аст) |
| **Силовое воздействие** | - | **Таъсири қуввагӣ** |
| **Силон** | - | **Силон** (номи наху ресмони синтетикие, ки аз поликапролактам дар Чехия истеҳсол мекунанд. Ба гурӯҳи наххои полиамидӣ дохил мешавад) |
| **Силуэт** | - | **Тарҳ, суроб, шакл** |
| **Силуэт приталенный** | - | **Шакли танчасп** |
| **Сильная крутка** | - | **Тоби сахт, пухтатоб** (беш аз 1500 печиш дар 1 м) |
| **Сильное аппретирование** | - | **Сайқалобдиҳии шадид** |
| **Симметричная** | - | **Мутаносиб** (ҳамандоза будани ду қисми як чиз) |

| | | |
|---|---|---|
| **Симметричный зев** | - | **Боди мутаносиб** |
| **Симметричный узор** | - | **Нақши мутаносиб** |
| **Симметрия** | - | **Мутаносибӣ** |
| **Синтез** | - | **Ҷамъ кардан, якҷоя кардан** |
| **Синтез полимера** | - | **Истеҳсоли полимер** (бо роҳи кимиёӣ) |
| **Синтезировать** | - | **Ҷамъбаст кардан, васл кардан** |
| **Синтетика** | - | **Маснуоти синтетикӣ** |
| **Синтетические волокна** | - | **Нахҳои синтетикӣ** (бо роҳи кимиёӣ аз полимерҳои синтезшуда гирифта мешаванд. Онҳо ё аз гудохтаи полимер (полиамид, полиэфир, полиолефин), ё аз маҳлули он (полиакрилонитрил, поливинилхлорид, спирти поливинил) бо роххои хушк ё тар ташаккул меёбанд. Дар намуди ресмонҳои нассоҷию кордӣ, яккаторҳою нахҳои буридашуда истеҳсол мешаванд. Гуногунии хосиятҳои полимерҳои синтезшав имкон медиҳад, ки аз онҳо нахҳои синтетикии хосиятҳояшон зарурӣ истеҳсол карда шаванд. Чунин имкониятро нахҳои сунъӣ фароҳам намеоранд: онҳоро аз ҳамон як полимер (селлюлозаю ҳосилаҳои он) ташаккул медиҳанд. Нахҳои синтетикӣ хеле мустаҳкам ва чандир буда, нисбати соиш, таъсири об ва моддаҳои кимиёӣ устуворанд. Нахи синтетикии нахустин (поливинилхлоридӣ) соли 1932 истеҳсол шудааст. Имрӯзҳо ҳаҷми истеҳсоли нахҳои синтетикӣ дар муқоиса бо нахҳои сунъӣ бо суръати баландтар меафзояд. Рушди босуръати бозори хомашё, меҳнатталабии камтари равандҳои технологӣ ва сифати ба- |

ланду гуногунии хосиятҳои наххои синтетикӣ инро тақозо мекунанд. Аз ин сабаб наххои синтетикӣ рӯз ба рӯз дар истеҳсолоти нассоҷию техника на танҳо ҷои наххои табиӣ, балки наххои сунъиро низ гирифта истодаанд. Раванди технологии истеҳсоли наххои синтетикӣ аз марҳилаҳои зерин иборат аст: синтез ва тайёр кардани маҳлул ё гудохтаи полимер; ташаккули нах; пардози нах)

| | | |
|---|---|---|
| **Синхронный** | - | **Дар як вақт** |
| **Система** | - | **Низом, маҷмӯъ** (аз юнонӣ ба маънои «яклухт, пайвастагӣ») |
| **Система единиц** | - | **Низоми воҳидҳо** |
| **Система нитей** | - | **Маҷмӯи ресмонҳо** |
| **Система петлеобразующая** | | **Низоми ҳалқабанд** (маҷмӯи олатҳо барои ҳосил кардани як қатори ҳалқагӣ) |
| **Система планово-предупредительного ремонта** | - | **Низоми таъмири пешгири барномавӣ** |
| **Система прядения** | - | **Низоми ресидан** |
| **Система прядения аппаратная** | - | **Низоми ресидани аппаратӣ** |
| **Система прядения гребенная** | - | **Низоми шонаресӣ** |
| **Система прядения гребенная без кардочесания** | - | **Низоми шонаресии бидуни ғоздиҳӣ** |
| **Система прядения кардная** | - | **Низоми кардавии ресидан** |
| **Систематизировать** | - | **Ба низом овардан, бо тартиби муайян ҷойгир кардан** |
| **Ситуация** | - | **Вазъ, мавқеият** |
| **Ситец** | - | **Чит** (аз ҳоландӣ ба маънои «ҳарранга». Матои сабуки пахтагини якранг ё нақшдор. Ба воситаи |

боҳампечии суф аз ресмонҳои ғафсияшон баробар ё наздик (бештар ресмонхои тори 18,5 текс ва пуди 15,4 текс) бофта мешавад. Дараҷаи пуршавии матоъ бо ресмонҳои тор 47-54 %, бо ресмонҳои пуд – 34-40%. Зичии сатҳии масолеҳ 70-100 г/м$^2$.Дар намуди дурушт (пеш аз пардоз) карбос ном дорад. Чит таъиноти маишӣ дорад ва барои дӯхтани куртаҳои мардонаю занона, бистарпӯшҳою либоси таг ва ғ. истифода мешавад. Дар асрҳои миёна ба тарзи дастӣ бо истифода аз қолибҳои чӯбин нақшбанд мегашт (амалиёти читгарӣ). Имрӯзҳо читгарӣ ба тарзи мошинӣ иҷро мешавад. Нахустин мошинҳо барои нақшбандии якрангаю дуранга дар оғози асри 20 пайдо шуданд. Дар солҳои 30-юм мошин барои ҳосил кардани нақши ҳарранга сохта шуд, ки перротина ном дошт)

| | | |
|---|---|---|
| **Ситценабивная машина** | - | **Мошини читгарӣ** |
| Скало | - | **Наварди равонгар** (дар дастгоҳи бофандагӣ барои иваз намудани самти ҳаракати ресмонҳои тор хизмат мекунад) |
| **Сканый шёлк** | - | **Абрешими зартор** (ресмоне, ки дар натиҷаи тофтани ресмони тиллогӣ бо абрешими табиӣ ҳосил мешавад) |
| **Скапливание пуха и сора** | - | **Ғуншавии тибиту хокрӯба** |
| Скат | - | **Нишебӣ, хамӣ** |
| **Скатать, скатывание** | - | **Печондан, лӯла кардан, ғелондан** |
| **Скатерть** | - | **Дастархон** |
| **Сквозная** | - | 1. **Дутарафа, дусара**<br>2. **Дастаи ҳамакора** |

| | | |
|---|---|---|
| Сквозная бигада | - | Дастаи ҳамакора |
| Сквозная щель | - | Тарқиши дутарафа |
| Скелетный сновальный барабан | - | Устувонаи устухонбастаи тортанӣ |
| Скирда | - | Ғарам |
| Склад | - | Анбор |
| Склад деталей | - | Анбори ҷузъҳо (қисмаҳо) |
| Склад навоев | - | Анбори навардҳои бофандагӣ |
| Склад материальный | - | Анбори ҷиҳоз (ашё) |
| Склад суровья | - | Анбори матои дурушт |
| Склад тканей | - | Анбори матоъҳо |
| Склад угаров | - | Анбори пасмондаҳо |
| Складирование | - | Андӯхтан (дар анбор ҷобаҷо кардан) |
| Складки | - | Ҷимҷима, чин-чин (дар либос) |
| Складки бантовые | - | Чин-чини гиреҳдор |
| Складки встречные | - | Чин-чини рӯбарӯ |
| Складки выточные | - | Чин-чини дарункӯк |
| Складки застрочные | - | Чин-чини канораҳои қатшуда |
| Складки односторонные | - | Чин-чини яктарафа |
| Складки устойчивые | - | Чин-чини устувор |
| Складной | - | Қатшав |
| Склеивание | - | Часпонидан |
| Склеиваться | - | Часпидан |
| Склиз батана | - | Равонгари моку (сатҳи суфтаи хамзада дар механизми теғадастгири дастгоҳи бофандагӣ) |

Скоба - Қавса

Скольжение - Лағжиш

Скользящее - Лағжишӣ, лағжанда

Скользящее движение - Ҳаракати лағжанда

Скользящее щупло - Палмосаки лағжанда

Скользящие волокна - Нахҳои лағжанда

Сконструировать - Офаридани тарҳ

Скопировать - Нусхабардорӣ

Скопление - Ғуншавӣ, анбӯҳ

Скорняжная мастеская - Корхонаи пӯстиндӯзӣ

Скоростной режим - Реҷаи суръат

Скорость - Суръат

Скорость вращения - Суръати даврзанӣ

Скорость движения - Суръати ҳаракат

Скорость максимальная - Суръати баландтарин

Скорость наматывания - Суръати печонидан

Скорость нормальная - Суръати мӯътадил, муқаррарӣ

Скорость окружная - Суръати даврӣ

Скорость оптимальная - Суръати муносиб

Скорость предельная - Суръати ҳудудӣ

Скорость рабочая - Суръати корӣ

Скорость снования - Суръати тортанӣ

Скорость тихого хода - Суръати равиши паст (дар мошини ширешдиҳӣ)

| | | |
|---|---|---|
| Скорость угловая | - | Суръати кунҷӣ |
| Скребок | - | Белча |
| Скрепить, скреплять | - | Маҳкам кардан, маҳкам часпондан |
| Скрещивание витков | - | Чилликшавии печакҳо |
| Скроить | - | Шаклбурӣ кардан |
| Скрутить скручивание | - | Тоб додан, тофтан |
| Скручиваться | - | Тоб хӯрдан, тофта шудан |
| Скрытая вытяжка | - | Кашиши ниҳон (худпайдо) |
| Скулка берда | - | Ғафсдандона (дандонаҳои ғафсу васеъ, ки дар ду канори теғаи дастгоҳи бофандагӣ ҷойгиранд) |
| Скулированная нить | - | Ресмони қатшуда |
| Слабая | - | Суст, заиф, қамкувват, паст, кам |
| Слабая намотка | - | Печиши суст (иллат, нуқс) |
| Слабая крутка | - | Тоби паст (то 150 печиш дар 1 м) |
| Слабина края | - | Сустии печиш дар канора (нуқси ғалтак) |
| Слачки берда | - | Асосҳои теға (дар болою поёни теғаи дастгоҳи бофандагӣ зеҳҳое, ки нӯгҳои дандонаҳоро медоранд) |
| След | - | Кафи по (дар пайпоқ низ) |
| Слесарь | - | Таъмиргар |
| Слёт витка | - | Паридани печак (ба паҳлӯи ғалтак) |
| Слётоуловитель | - | Доштагираки паридаҳо |
| Слёты утка | - | Ҳалқазании пуд (нуқс дар сатҳи матоъ дар намуди ҳалқаҳо аз ресмони пуд, ки бинобар аз калоба нодуруст кушода шудани он (паридани печакҳо) ба вуҷуд меояд) |
| Сливное отверстие | - | Сӯрохии обпарто |

| | | |
|---|---|---|
| **Слипаемость** | - | **Часпишнокӣ** (қобилият) |
| **Слипание нитей** | - | **Боҳамчаспии ресмонҳо** |
| **Сложение** | - | **Ҷамъ кардан, ҳамҷоя кардан, серқабат гардондан** |
| **Сложение волокон** | - | **Ҷамъшавии наххо** |
| **Сложение лент** | - | **Серқабатшавии пилтаҳо** |
| **Сложение циклическое** | - | **Ҳамҷояшавии даврӣ** |
| **Сложная** | - | **Мураккаб** |
| **Сложная рогожка** | - | Роғожкаи мураккаб (намуди боҳамнечии ҳосилавӣ, ки дар натиҷаи омехтани боҳампечиҳои репс ва рогожка ба вуҷуд меояд. Онро рогожкаи ороишӣ низ меноманд) |
| **Сложная саржа** | - | **Ласи мураккаб** (намуди боҳампечии ҳосилавӣ, ки ҳангоми дар масоҳати бозгашт ҷойгир намудани ду ё бештар ласҳои содда ё пурқувваттошта ҳосил мешавад. Онро ласи серрах низ меноманд) |
| **Сложные переплетения** | - | **Боҳампечиҳои мураккаб** (1. синфи боҳампечиҳои бофандагӣ, ки дар бавуҷудоварии онҳо беш аз ду маҷмӯи ресмонҳо иштирок мекунанд. Ба воситаи онҳо матоъҳои чандқабата, патдор, дарунхолӣ, барашон чандкарата ва ғ. мебофанд; 2. синфи боҳампечиҳои кешбофӣ, ки барои ҳосилшавии онҳо иҷрои амалиётҳои иловагӣ (ғеҷонидани ҳалқа, дар ҳалқа ҷойгир шудани ду ресмон ва ғ.) талаб карда мешавад. Ба ин синф боҳампечиҳои тӯрӣ, каҷу килеб ва диг. дохиланд) |
| **Сложный атлас** | - | **Атласи мураккаб** (дар кешбофӣ намуди боҳампечии атлас, ки дар |

| | | |
|---|---|---|
| | | як бозгашти он ду ё бештар қаторҳои гардишӣ вомехӯранд) |
| Слоистость | - | Қабатдорӣ |
| Слой | - | Қабат |
| Слой волокнистый | - | Қабати нахӣ |
| Слой намотки | - | Қабати печиш |
| Слой ткани | - | Қабати матоъ |
| Служащий | - | Хизматчӣ, коргар |
| Случай | - | Пешомад, ҳодиса |
| Случай несчастный | - | Ҳодисаи ногувор |
| Случай экстренный | - | Ҳодисаи таъҷил (фавқулодда) |
| Случайность | - | Тасодуф |
| Случайный обрыв | - | Канишш тасодуфӣ |
| Смазка деталей | - | Равғанмолии ҷузъҳо |
| Смазчик | - | Равғанмол |
| Сматывание | - | Кушодашавӣ (аз қалтак) |
| Смачивание | - | Тар кардан, нам кардан |
| Смачиватель | - | Моддаи намибахш |
| Смежная | - | Ҳамҳудуд |
| Смежная зона ремизки | - | Мавзеи ҳамҳудуди гулабанд (дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо ҳангоми бофтани дубара ё себара ҷой дорад. Дар ин қисми гулабанд ресмонҳои тори ба матоъҳои гуногун дахлдошта гузаронида мешаванд. Ҳошиябандҳои маркази дастгоҳ дар ҳудуди ҳамин қисм ҷойгир мешаванд) |

| | | |
|---|---|---|
| Смежные рубчики | - | Раҳҳои ҳамҳудуд, ҳамсоя |
| Смена | - | 1. Баст;<br>2. Иваз кардан |
| Смена автоматическая | - | Худивазшавӣ |
| Смена бобины | - | Ивази калоба |
| Смена очередная | - | Басти навбатӣ, ивазшавии навбатӣ |
| Смена початка | - | Ивази сӯта |
| Смена рабочая | - | Басти корӣ |
| Смена ручная | - | Ивази дастӣ |
| Сменная | - | Ивазшав |
| Сменная шестерня | - | Дандоначархи ивазшав |
| Сменный орган | - | Ҷузъи ивазшав |
| Сменяемость | - | Ивазпазирӣ (қобилият) |
| Сменщик | - | Коргари ивазгар |
| Смерить | - | Андоза гирифтан |
| Смеситель | - | Омехтагар |
| Смесовая | - | Омехтагар, омезишӣ |
| Смесовая камера | - | Ҳуҷрачаи омезишӣ |
| Смесовая машина | - | Мошини омезишӣ |
| Смесовая установка | - | Олати омезишӣ |
| Смесообразование | - | Омехтасозӣ |
| Смеска | - | Омехта |
| Смесоприготовление | - | Тайёрсозии омехта |
| Смесь | - | Омехта |

| | | |
|---|---|---|
| **Смесь аппаратная** | - | **Омехтаи аппаратӣ** (масолеҳ барои истеҳсоли ресмони аппаратӣ) |
| **Смесь волокнистая** | - | **Омехтаи нахӣ** |
| **Смесь двухкомпонентная** | - | **Омехтаи ду ташкилдеҳ** |
| **Смета расходов** | - | **Ҳисоби хароҷот** |
| **Сметать, смётывать** | - | **Хомдӯзӣ** |
| **Смёточный шов** | - | **Дарзи хомдӯзӣ** |
| **Смешанная** | - | **Омехта** |
| **Смешанная нить** | - | **Ресмони омехта** (дар таркиби худ нахҳои табиаташон гуногун дорад, масалан, ресмони пахтагину лавсанӣ) |
| **Смешанная пряжа** | - | **Ресмони омехта (ғайрихолис, гуногунҷинс)** |
| **Смешанный зев** | - | **Боди омехта** (ҳангоми бодкушой ресмонҳои шохаи болои бод ба масофаҳои баробар ва ресмонҳои шохаи поёни бод ба масофаҳои гуногун ҳаракат мекунанд) |
| **Смешать** | - | **Омехтан** |
| **Смещение витка** | - | **Ғеҷиши печак** |
| **Сминаемость** | - | **Ғиҷимпазирӣ, ғиҷимшавӣ** (қобилият) |
| **Смокинг** | - | **Смокинг** (аз лотинӣ ба маънои «либоси тамокукашон». Пиҷаки бошукӯҳе, ки лабгардонҳои ялаққосӣ дорад) |
| **Смолёное бердо** | - | **Теғаи қатронмолида** |
| **Смонтированный** | - | **Васлшуда** |
| **Смотать** | - | **Кушода ғирифтан** |

| | | |
|---|---|---|
| Смотаться | - | Кушода гирифта шудан |
| Смочить | - | Тар кардан |
| Смушковый воротник | - | Гиребон аз пўсти барра |
| Смыть | - | Шуста равондан |
| Смычки | - | Камончаҳо (нуқси матоъ дар шакли ресмонҳои пуди то ҳошияи дигар нарафта. Дар дастгоҳҳои бофандагии фавразӣ ба вуҷуд меояд) |
| Смягчение | - | Мулоим кардан, нарм кардан |
| Смягчитель | - | Масолеҳи мулоимсоз |
| Смягчиться | - | Мулоим шудан, нармтар шудан |
| Смятый | - | Ғиҷимшуда, маҷақшуда |
| Снабжение | - | Таъмин намудан |
| Снашивание | - | Пўшида кўҳна кардан |
| Снизу | - | Аз поён |
| Сновальная машина | - | Мошини тананда |
| Сновальная машина ленточная | - | Мошини т танандаи тасмагӣ |
| Сновальная машина партионная | - | Мошини танандаи дастагӣ |
| Сновальная машина секционная | - | Мошини танандаи қисм-қисмӣ |
| Сновальная паковка | - | Ғалтаки тортанӣ |
| Сновальная рамка | - | Чорчўбаи тортанӣ (қисми таҷҳизоти тортанӣ) |
| Сновальный барабан | - | Устувонаи тортанӣ (ба он тасмаҳои ресмонҳо паиҳам печонида мешаванд) |

| | | |
|---|---|---|
| Сновальный валик | - | Наварди тортанӣ |
| Сновальный отдел | - | Шӯъбаи тортанӣ |
| Сновальщица | - | Тортан (коргари хизматрасони таҷҳизоти тортанӣ) |
| Снование | - | Тортанӣ (ҷараёни ба ғалтаки умумӣ якҷоя печонидани миқдори зиёди ресмонҳои тор. Ин раванд дар истеҳсолоти матоъҳо, кешбофтҳо ва газворҳо ҷой дорад) |
| Снование ленточное | - | Тортаниитасмагӣ |
| Снование непрерывное | - | Тортании бетаваққуф |
| Снование партионное | - | Тортании дастагӣ |
| Снование полное | - | Тортании муккамал (дар сурати кофӣ будани ғунҷоиши калобадон ресмонҳо якбора ба наварди бофандагӣ печонида мешаванд) |
| Снование по сходу | - | |
| Снование прерывное | - | Тортании ботаваққуф |
| Снование секционное | - | Тортании қисм-қисм |
| Сновать, сновка | - | Тортанӣ |
| Сноп | - | Дарза |
| Снятие | - | Гирифтан, кушода гирифтан |
| Снятие мерок | - | Андозагирӣ |
| Снятие ткацкого навоя | - | Кушода гирифтани наварди бофандагӣ (аз мошин) |
| Снятие съёма | - | Маҳсулотгирӣ |
| Собачка | - | Дандонак (олати механизм, ки ба чаппа гаштани чархи чангакдандон монеъ мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| Собственность | - | Моликият |
| Совершенствование | - | Мукаммалсозӣ, такмилдиҳӣ |
| Совместительство | - | Ҳамкорӣ |
| Совмещение, совместить | - | Мутобиқсозӣ, якҷоягардонӣ, ҳамбаст кардан, таъвиз |
| Совмещение профессий | - | Таъвизи ихтисосҳо (касбҳо) |
| Совместимый | - | Мутобиқ, мувофиқ, ҳамбастшав |
| Совместно | - | Якҷоя |
| Совпадающие простои | - | Таваққуфхои мосомада (бо ҳам ростоянда) |
| Совпадение | - | Мос омадан |
| Современный | - | Муосир |
| Согласованное действие механизмов | | Фаъолияти ҳаммувофиқи механизмҳо |
| Согласовать | - | Ҳамоҳанг кардан, мутобиқ сохтан, мувофиқа намудан |
| Согнуть | - | Қат кардан |
| Содействие | - | Мусоидат, ҳамкорӣ |
| Содержание | - | 1. Нигаҳдорӣ, таъмин;<br>2. Мазмун, мӯҳтаво, мундариҷа;<br>3. Доштан<br>4. Таркиб |
| Содержание влаги | - | Доштани намӣ, намнок будан |
| Содержание пороков | - | Нуқсдорӣ, таркиби нуқсҳо |
| Содержать | - | Ягон чиз доштан |
| Содрать | - | Пӯсткан кардан |
| Соебобовое волокно | - | Нахи лубиёӣ |

| | | |
|---|---|---|
| **Соединение** | - | **Пайвастагӣ, пайвастшавӣ** (аз ҷумла, дар кешбофӣ яке аз зинаҳои халқабандӣ, амалиёти аз дохили халқаи пешина гузаронидани ҳалқаи нав) |
| **Соединение болтовое** | - | **Васли мурватӣ** |
| **Соединение винтовое** | - | **Васли печакӣ** |
| **Соединение изделия с подкладкой** | - | **Остарчаспонӣ** |
| **Соединение слоёв ткани** | | **Пайвасти қабатҳои матоъ** |
| **Соединительная** | - | **Пайвастӣ** |
| **Соединительно-отделочный шов** | - | **Дарзию пайвастию ороишӣ** |
| **Соединительный шов** | - | **Дарзию пайвастӣ** |
| **Созревание хлопка** | - | **Пухтарасии пахта** |
| **Соизмеримый** | - | **Муқоисапазир, ҳамандоза** |
| **Сократить** | - | **Ихтисор кардан** |
| **Сокращение** | - | **Коҳиш, кӯтоҳ кардан, ихтисор намудан** |
| **Сокращённая** | - | **Ихтисоршуда** |
| **Сокращённая проборка в ремизки** | - | **Торгузаронии ихтисоршуда дар гулабандҳо** (ресмонҳои тори боҳампечиашон якхеларо ба ҳамон як гулабанд мегузаронанд. Чунин тартибро торгузаронии мувофиқи расм низ меноманд) |
| **Сокращенный заправочный рисунок ткани** | - | **Расми ихтисоршудаи ҷойгирсозии матоъ** (нақшае, ки танҳо аз расми боҳампечии матоъ ва тартиби торгузаронӣ дар гулабандҳо иборат аст) |
| **Солнечная шестерня** | - | **Дандоначархи офтобӣ** |
| **Солома** | - | **Коҳ** |
| **Соль** | - | **Намак** |

| | | |
|---|---|---|
| Сомбреро | - | **Кулоҳи васеълапар** (аз испанӣ ба маънои «соя») |
| Сомкнутая намотка | - | **Печиши ҷафс (часпида)** |
| Соответствие | - | **Мувофиқат, муносибат, марбутӣ** |
| Соответствующая | - | **Мувофиқ, муносиб, дахлдор, марбут** |
| Соответствующее образование | - | **Маълумоти мувофиқ** |
| *Соответствующее подразделение* | - | ***Қисмати (бахши, шуъбаи) мувофиқ*** |
| Соответствующий цвет | - | **Ранги муносиб** |
| Соотношение нитей слоёв ткани | - | **Таносуби ресмонҳои қабатҳои матоъ** |
| Сопло | - | **Олати пуфгар** (барои ҳавои фишурда, моеъ) |
| Сополимер | | **Сополимер** (полимере, ки макромолекулаи он аз аъзоҳои таркибашон гуногун иборат аст) |
| Сопоставление | | **Муқоиса намудан** |
| Соприкосновение | - | **Ба ҳам расидан, пайваста будан** |
| Сопротивление | - | **Муқовимат** |
| Сопряжение | - | **Вобаста кардан, пайвастан** |
| Сопряжённая | - | **Вобаста, вобасташуда, алоқаманд, марбут** |
| Сопряжённая длина | - | **Дарозии вобасташуда** |
| Сопряжённость оборудования | - | **Вобастагии таҷҳизот** (муайянсозии микдори зарурии он) |
| Сопряжённость паковок | - | **Вобастагии ғалтакҳо** (алоқамандии байни дарозии ресмони ба ғалтакҳои гуногун печида) |

| | | |
|---|---|---|
| Сор | - | Хокрӯба |
| Сорбция | - | Ҷаббидан |
| Сорные примеси | - | Омехтаи хокрӯбагӣ |
| Сороудаление | - | Хокрӯбабарорӣ |
| Сороуловитель | - | Хокрӯбақап |
| Сорочечные ткани | - | Матоъҳои куртавор |
| Сорочка | - | Курта |
| Сорт | - | Навъ |
| Сортировать | - | Ба навъҳо (хелҳо) ҷудо намудан |
| Сортировка | - | 1. Ба навъҳо ҷудо намудан, сараву сақатғарӣ;<br>2. Навъомезиш (масолеҳи нахии истеҳсолоти ресандагӣ) |
| Сортировка типовая | - | Навъомезиши намунавӣ |
| Сортировочная | - | Сараву сақатгарӣ |
| Сортировочная машина | - | Мошини сараву сақатгар |
| Сортировочно-трёпальный цех | - | Шӯъбаи навъомезишу наддофӣ (бахши истеҳсолоти ресандагӣ) |
| Сортировочный цех | - | 1. Шӯъбаи навъомезиш;<br>2. Шӯъбаи сараву сақатгарӣ |
| Сортность | - | Навъ |
| Сортовой | - | Босифат |
| Сосредоточение | - | Ҷамъшавӣ, ғуншавӣ, тӯдашавӣ |
| Сосредоточение волокон | - | Тӯдашавии нахҳо |
| Состав | - | Таркиб, ҳайат |
| Состав вещества | - | Таркиби модда |

| | | |
|---|---|---|
| Состав предприятия | - | Таркиби корхона |
| Состав списочный | - | Ҳайати рӯйхатӣ |
| Состав шлихты | - | Таркиби ширеш |
| Состав явочный | - | Ҳайати ҳузурӣ |
| Состояние | - | Ҳолат |
| Состояние изогнутое | - | Ҳолати қатшуда |
| Состояние исходное | - | Ҳолати ибтидоӣ |
| Состояние нагруженное | - | Ҳолати бордор |
| Состояние равновесное | - | Ҳолати мувозинатӣ |
| Состояние распрямлённое | - | Ҳолати ростшуда |
| Состояние растянутое | - | Ҳолати ёзида |
| Состояние скрученное | - | Ҳолати тобхӯрда |
| Соткать | - | Бофтан |
| Сохранение гибкости | - | Нигаҳдории қаишӣ |
| Сохранность | - | Амонӣ |
| Сочетание | - | Якҷояшавӣ, пайваст, ҳамбастӣ, тавъам |
| Спандекс | - | Ресмони резинӣ (ресмонҳои синтетикии полиуретаниро ин тавр меноманд) |
| Спанцель | - | Спантсел (навъи нахи синтетикии полиуретанӣ, ки дар Инглистон истеҳсол мешавад) |
| Спаренный | - | Ҷуфтшуда |
| Спектр | - | Спектр (аз лотинӣ ба маънои «аёи». Маҷмӯи ҳамаи қиматҳои ягон бузургие, ки ҳодиса ё равандро тавсиф мекунад) |
| Спектральный анализ | - | Таҳлили спектрӣ (муайянсозии таркиби модда бо роҳи омӯхтани спектри он) |
| Спереди | - | Аз пеш |
| Специализация | - | Тахассус (намуд ва дараҷаи омодагии касбӣ барои иҷрои фаъо- |

| | | |
|---|---|---|
| | | лияти касбӣ ё идома додани таҳсил, ки бо ҳуҷҷат дар борои таҳсилоти мувофиқ тасдиқ мешавад) |
| **Специализация производства** | - | **Тахассусонии истеҳсолот** (дар асоси тақсимоти ҷамъиятии меҳнат) |
| **Специалист** | - | **Мутахассис** (аз лотинӣ ба маънои «хос») |
| **Специальная** | - | **Махсус, махсусгашта** |
| **Специальная ткань** | - | **Матои таъиноташ махсус** |
| **Специальныё свойства** | - | **Хосиятҳои махсус** |
| **Специальность** | - | **Ихтисос** (маҷмӯи дониш ва маҳорату малака, ки бо роҳи омодагии ҳадафнок ва таҷрибаи корӣ ҳосил шуда, барои намуди муайяни фаъолият зарур мебошад ва бо ҳуҷҷатҳои мувофиқ дар борои таҳсилот тасдиқ карда мешавад) |
| **Специфика** | - | **Хусусият, хислат** |
| **Спецификация** | - | 1. **Таснифот** (ҳуҷҷати техникӣ дар намуди ҷадвал, ки дар он таҷҳизот муфассал тавсиф шудааст);<br>2. **Номгӯй, рӯйхат** |
| **Специфический** | - | **Хос, махсус** |
| **Спецодежда** | - | **Либоси махсусгашта** |
| **Спинка** | - | **Пушт** (қисми либос, ки пушти баданро мепӯшонад) |
| **Спинка иглы** | - | **Пушти сӯзан** |
| **Спиральная** | - | **Морпеч** |
| **Спиральная намотка** | - | **Печиши моршакл** |

| | | |
|---|---|---|
| **Спиральная нить** | - | **Ресмони морпеч** (аз лотинӣ ба маънои «қатшавӣ, печидан». Як намуд ресмони муқарнас, ки намуди морпеч дорад. Он тирдори чандтора буда, дар таркибаш 3-9 дона ресмони кимиёӣ дорад. Ресмонҳои печанда дар атрофи ресмони тирӣ аз рӯи қоидаи рахапечи дуруст ҷойгир мешаванд. Ресмонҳои таркиби он аз ҳамдигар возеҳ фарк мекунанд (ранги гуногун доранд, яке тираю дигар ҷилодор аст), то самари морпеч хуб намудор гардад) |
| **Списочная** | - | **Мувофиқи рӯйхатӣ** |
| **Списочная численность** | - | **Теъдоди рӯйхатӣ** |
| **Списочный состав** | - | **Ҳайати рӯйхатӣ** |
| **Спица** | - | **1. Сих;**<br>**2. Парра** |
| **Сплайсер** | - | **Пайвастгар** (олат барои пайвастани бегиреҳи нӯгҳои ресмон) |
| **Сплести** | - | **Печонида бофтан** |
| **Сплетение** | - | **Печидашавӣ** |
| **Сплошной ворс** | - | **Яклухтпат** (сатҳи газворро пурра мепӯшад) |
| **Сплюснутый** | - | **Пачақ** |
| **Сплющить** | - | **Пачақ кардан, мачақ кардан** |
| **Сползать** | - | **Лағжида рафтан** |
| **Спороть** | - | **Дарондан** |
| **Способ** | - | **Тарз, усул** |
| **Способ двухзевный** | - | **Тарзи дубода** |

| | | |
|---|---|---|
| Способ двухполотный | - | Тарзи дуқабат |
| Способ добавления перекрытый | - | Тарзи иловаи пӯшидаҳо (яке аз роҳҳои ҳосил кардани боҳампечии ҷилвон) |
| Способ негатива | - | Тарзи вобаста кардан (яке аз роҳҳои ҳосил кардани боҳампечии ҷилвон) |
| Способ оптимальный | - | Тарзи муносиб |
| Способ получения | - | Тарзи истеҳсол |
| Способ производства | - | Тарзи истеҳсол |
| Способ прутковый | - | Тарзи милагӣ |
| Способ совмещения переплетений | - | Тарзи ҳамҷоягардонии боҳампечиҳо (ҳосил кардани боҳампечии ҷилвон дар натиҷаи пайвастани ду боҳампечии асосгузор) |
| Способ сушки | - | Тарзи хушкгардонӣ |
| Способность | - | Қобилият |
| Способность испарительная | - | Қобилияти хушкгардонӣ |
| Способность выравнивающая | - | Қобилияти ҳамворгардонӣ |
| Способность котонизационная | - | Қобилияти нахдиҳӣ (имконияти аз нахи техникии растании лифӣ гирифтани нахҳои бетақсим) |
| Способность перемоточная | - | Қобилияти азнавпечӣ (имконияти бо миқдори камтарини каниҷҳо азнавпечӣ гаштан) |
| Способность прядильная | - | Қобилияти ресидашавӣ (самаранокии коркарди нахро ифода мекунад. Ҳамчун ҳосили зарби дарозии ресмон ва баромади он (бо ҳиссаҳои воҳид) аз 1 кг нах ҳисоб карда мешавад) |
| Справочник | - | Китоби маълумот |

| | | |
|---|---|---|
| Справочник тарифно-квалификационный | - | Китоби маълумоти маблағию тахассусӣ |
| Спрессованный хлопок | - | Пахтаи фишурда |
| Спрессовать | - | Фишурдан |
| Спрос | - | Талабот, тақозо |
| Спрос массовый | - | Серталаб |
| Спрос потребительский | - | Талаботи истеъмолӣ |
| Спроектировать | - | Тарҳрезӣ карда шудан |
| Спрясть | - | Ресида шудан |
| Спуск | - | Нишебӣ, хамӣ |
| Спусковой клапан | - | Сарпӯшаки сардеҳ |
| Спутанный | - | Чигил |
| Спутник | - | Ҳамраҳ |
| Срабатывание навоя | - | Холишавии наварди бофандагӣ (аз ресмонҳо) |
| Сравнять | - | Баробар кардан |
| Средневолокнистый хлопок | | Пахтаи миёнанах (хеле васеъ истифода мешавад. Чигитҳои он сернаханд, аз пахтаи хом 32-35 % нах мегиранд. Ранги нахи чунин пахта сафед буда, он 31-36 мм дарозӣ дорад. Қисми бештари ресмонҳои пахтагинро аз нахи чунин пахта мересанд) |
| Среднеквадратичное отклонение | - | Майли миёнаи квадратӣ |
| Средний | - | Миёна, байнӣ |
| Средний вал | - | Наварди байн |
| Средний ремонт | - | Таъмири миёна (нопурра. Одатан пас аз 3-6 моҳ такрор мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| Средний уровень основы | - | Мавқеи байнии тор (дар дастгоҳи бофандагӣ хате, ки сарҳади матоъро бо милаҳои ресмонҷудосоз мепайвандад) |
| Средняя крутка | - | Тоби миёна (250-600 печиш дар 1 м) |
| Средняя массодлина | - | Дарозии вазнии миёна |
| Средства | - | 1. Васоит, олат;<br>2. Маблағҳо |
| Средства механизация | - | Васоити механиконидан (механизмҳои махсус дар назаранд) |
| Средства оборотные | - | Маблағҳои гардон (арзиши пулии захираҳои гардони истеҳсолӣ ва захираҳои гардиши корхона) |
| Средства производства | - | Васоити истеҳсолот (маҷмӯи ашё ва васоити меҳнат) |
| Средства труда | - | Васоити (олати) меҳнат |
| Срез | - | Буриш, чок |
| Срез боковой | - | Буриши паҳлуӣ |
| Срез внутренний | - | Буриши даруни |
| Срез поперечный | - | Буриши кундалангӣ |
| Срез продольный | - | Буриши арзӣ |
| Срезание хомутов | - | Бурида гирифтани пашҳо (дар раванди ширенчиҳӣ) |
| Срок | | Мӯҳлат |
| Срок гарантийный | | Мӯҳлати кафолатӣ |
| Срок службы | | Мӯҳлати хизмат |
| Срочная | | Фаврӣ, таъҷилӣ |
| Срочная работа | | Кори фаврӣ |

Срочный заказ - Фармоиши таъчилӣ

Ссылка - Истинод

Стабилизация - Устуворсозгардонӣ, пухтасозӣ

Стабилизация ткани - Устуворсозии матоъ (бо роҳи коркарди гармо устувор намудани хосиятҳои он)

Стабилизация процесса - Устуворшавии раванд

Стабильность - Устуворӣ, бардавомӣ

Ставильщица - Калобагузор (коргари ёрирасон дар раванди тортанӣ, ки бо ивази калобаҳо машғул аст)

Ставить заплатку - Ямоқ кардан, поргӣ духтан

Ставка - 1. Гузоштан;

2. Миқдори гузошташуда;

3. Нарх, ҳақ

Ставка бобин - 1. Калобагузорӣ;

2. Миқдори калобаҳо (дар чорчӯбаи таҷҳизоти тортанӣ гузошта мешаванд)

Ставка тарифная - Нархи маблағӣ (ҳаққи пулӣ барои вақти муайяни кор)

Стадия - Марҳила, давра

Стаж - Собиқаи корӣ (давомнокии фаъолият дар ягон соҳа)

Стан - Андом, қадду қомат

Стандарт - Стандарт (1. Намуна, андоза, қолаб; 2. Ҳуҷҷати меъёрию техникӣ)

Стандарт качества - Стандарти сифат

| | | |
|---|---|---|
| **Станина машины** | - | **Ҷуссаи (синҷаи) мошин** |
| **Станок** | - | **Дастгоҳ** |
| **Станок для очистки хлопка** | - | **Дастгоҳи пахтатозасозӣ** |
| **Станок ворсоткацкий** | - | **Дастгоҳи бофти патдор** |
| **Станок ткацкий** | - | **Дастгоҳи бофандагӣ** |
| **Станок ткацкий трёхполотный** | - | **Дастгоҳи бофандагии себара** (он имкони дар як вақт бофтани се матои якхеларо дорад) |
| **Станочек** | - | **Дастгоҳак** |
| **Старение** | - | **Кӯҳнашавӣ** |
| **Старомодное платье** | - | **Куртаи номуосир** |
| **Старший** | - | 1. **Калон;**<br>2. **Масъул** (вобаста ба салоҳият) |
| **Старший узловяз** | - | **Гиреҳбанди масъул** (амалиётгари мошини гиреҳбандӣ) |
| **Старший шлихтовальщик** | - | **Ширешдеҳи масъул** (коргари хизматрасони таҷҳизоти ширешдиҳӣ) |
| **Статика** | - | **Статика** (аз юнонӣ ба маънои «оромӣ». Ҳолати оромӣ ё мувозинат) |
| **Статистика** | - | **Омор** (аз юнонӣ ба маънои «ҳолат». Бақайдгирии миқдории ҳодисаҳои бисёр рӯйдиҳанда) |
| **Статистический контроль** | - | **Назорати оморӣ** |
| **Стационарная узловязальная машина** | - | **Мошини ғайрисайёр гиреҳбандӣ** |
| **Стачать, стачивать** | - | **Дӯхтан** |
| **Стачивающая машина** | - | **Мошини дӯзандагӣ** |

Стачной шов - Дарзи пайвастӣ

Ствол навоя - Танаи наварди бофандагӣ

Створка - Табақа (дар дохили ғӯзаи пахта)

Стеарин - Стеарин (аз юнонӣ ба маънои равған, чарбу». Ба таркиби ширеши нассоҷӣ ба сифати моддаи мулоимгар ворид карда мешавад)

Стебель - Поя

Стёганка - Нимтанаи лаганда

Стёганая - Лагандашуда

Стёганое одеяло - Кӯрпаи лагандашуда

Стёганое одеяльце - Кӯрпачаи лагандашуда

Стёжка - Лаганда кардан

Стежок - Кӯк

Стежок вспушенный - Кӯки сохта

Стежок закрепочный - Кӯки пухта

Стежок копировальный - Кӯки нусхабардорӣ

Стежок косой - Кӯки уреб

Стежок крестообразный - Кӯки чилликӣ

Стежок машинный - Кӯки мошинӣ

Стежок обвивочный - Кӯки печондагирӣ

Стежок обмёточный - Кӯки ҳошия

Стежок петельный - Кӯки ҳалқапарто

Стежок петлеобразный - Кӯки ҳалқашакл

Стежок подшивочный - Кӯки дарунӣ

| | | |
|---|---|---|
| Стежок потайной | - | Кӯки ниҳонӣ |
| Стежок размёточный | - | Кӯки хомдузӣ |
| Стежок ручной | - | Кӯки дастӣ |
| Стежок смёточный | - | Кӯки хомдӯзӣ |
| Стежок стачной | - | Кӯки пайвастӣ |
| Стежок цепной | - | Кӯки занҷирак |
| Стежок челночный | - | Кӯки мокугӣ |
| Стекловолокно | - | Шишанах |
| Стеклянная | - | Шишагин |
| Стеклянная вата | - | Шишапахта |
| Стеклянные волокна | - | Наххои шишагин (наххои кимиёии ғайриорганикӣ) |
| Стеллаж | - | Рафи бисёрқабата (барои ҷойгир кардани ягон чиз) |
| Стеллаж лотковый | - | Рафи бисёрқабатаи новадор |
| Стендовый ремонт | - | Таъмири яклухт (дастгоҳи таъмиршав бо дастгоҳи аз таъмир гузашта яклухт иваз карда мешавад ва таъмири он дар шӯъбаи махсус гардонидашуда ба иҷро мерасад) |
| Стенка | - | Девора, сатҳи паҳлӯӣ |
| Стенка челнока | - | Девораи моку |
| Стенка щели | - | Девораи тарқиш |
| Степень | | Дараҷа |
| Степень влажности | | Дараҷаи намӣ |
| Степень ворсистости | | Дараҷа патнокӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Степень вытяжки | | Дарачаи кашиш |
| Степень гребнечесания | | Дарачаи шоназанӣ |
| Степень зрелости | - | Дарачаи пухтагӣ |
| Степень кардочесания | | Дарачаи ғоздиҳӣ |
| Степень кручения | | Дарачаи тофтагӣ |
| Степень наполнения | | Дарачаи пуршавӣ |
| Степень насыщения | | Дарачаи сершавӣ |
| Степень ориентации | | Дарачаи равонӣ |
| Степень очистки | | Дарачаи тозашавӣ |
| Степень пропытывания шлихтой | - | Дарачаи чаббидани ширеш |
| Степень сухости | | Дарачаи хушкӣ |
| Степень сучения | | Дарачаи бегиреҳпайвандӣ |
| Степень разрыхления | | Дарачаи титшавӣ |
| Степень трепания | | Дарачаи наддофишавӣ |
| Стержень | - | Тир |
| Стержень иглы | - | Тири сӯзан |
| Стержневая нить | - | Ресмони тирӣ (дар маркази ресмони тирдор ростхатта чойгир мешавад) |
| Стиль одежды | - | Услуби либос |
| Стильный костюм | - | Костюми босалиқа, хушуслуб |
| Стирай-носи | - | Шӯю-пӯш (ин тавр матоъҳоеро меноманд, ки дар аснои пардоз аз коркарди махсус гузаштаанд. Новобаста ба намуди наххҳои истифодашуда, матоъ пас аз ин мулоим гашта, қобилияти хуб шуста шуданро соҳиб мешавад) |

| | | |
|---|---|---|
| **Стирка** | - | **Ҷомашӯӣ, либосшӯӣ** |
| **Стихарь** | - | **Қабо** (либоси зарбафти дарози рӯҳониёни насронӣ) |
| **Сланцевое волокно** | - | **Нахи густурда гирифта** (бо усули дар саҳро густурдани пояи растании лифӣ ва ба он таъсир кардани шабнам гирифта мешавад) |
| **Стоевая нить** | - | **Ресмони ростист** (дар боҳамчечӣ бо ресмонҳои печтобхӯр) |
| **Стоимостная** | - | **Арзишӣ** |
| **Стоимостной показатель** | - | **Нишондиҳандаи арзишӣ** (миқдори ягон чизро бо назардошти арзишашон ифода мекунанд) |
| **Стоимость** | - | **Арзиш** |
| **Стоимость балансовая** | - | **Арзиши тавозунӣ** |
| **Стоимость оборудования балансовая** | - | **Арзиши тавозунии таҷҳизот** (онро нархи таҷҳизот ва хароҷот барои овардану васл намудан ташкил медиҳанд) |
| **Стоимость оборудования восстановительная** | - | **Арзиши таҷдиди таҷҳизот** (арзиши истеҳсол намудани таҷҳизоти қаблан баровардашуда дар шароити муосир ё харидани он бо нархҳои мавҷуда) |
| **Стоимость оборудования первоначальная** | - | **Арзиши ибтидоии таҷҳизот** (онро нархи таҷҳизот ва хароҷот барои овардану васл намудан ташкил медиҳанд) |
| **Стоимость оборудования остаточная** | - | **Арзиши бозмондаи таҷҳизот** (арзиши таҷҳизот бо хориҷ намудани истеҳлок) |
| **Стоимость работ** | - | **Арзиши корҳо** |
| **Стоимость обработки** | - | **Арзиши коркард** |
| **Стоимость работ** | - | **Арзиши корҳо** |
| **Стойка** | - | **Тиргак, поя, такягоҳ** |

| | | |
|---|---|---|
| Стойка воротника | | Такягоҳи гиребон |
| Стойка для сновальных валов | - | Такягоҳ барои навардҳои тортанӣ |
| Стойкая плёнка | - | Ғишои устувор |
| Стойкость к истиранию | - | Устуворӣ нисбати соиш |
| Стол | - | Миз |
| Стол браковочный | - | Мизи сақатгарӣ |
| Столбик петельный | - | Сутунчаи ҳалқагӣ (дар кешбофӣ қатори амудии ҳалқаҳо, қад-қади маснуот равон аст) |
| Столик | - | Мизча |
| Столик питающий | - | Мизи таъминот (дар баъзе мошинҳои истеҳсолоти ресандагӣ) |
| Столик суппорта | - | Мизи таъмингар (дар мошин барои тортании тасмагӣ) |
| Стопорный винт | - | Мехпечи манъгар |
| Сторожевой метод обслуживания | - | Тарзи назоравии хизматрасонӣ (бофанда аз мавқеи қулайтарин дасттоҳҳоро назорат карда меистад ва ҳангоми аз кор мондани дасттоҳе ба самти он равон мешаввад) |
| Сторона | - | Тараф |
| Сторона левая | - | Тарафи чап |
| Сторона правая | - | Тарафи чап |
| Сточные воды | - | 1. Обҳои шоранда;<br>2. Обҳои ифлос |
| Стрелка прибора | - | 1. Ақрабак;<br>2. Рах |
| Стрелка прибора | - | Ақрабаки асбоб |
| Стрелка брюк | - | Рахи шим |

**Стремя** - **Рикоб**

**Стренга** - **Тори ресмон** (як ташкилдиҳандаи ресмони чандтора)

**Стренга выпрядаемая** - **Тори ресидашав** (дар мошини ресандагию тобдиҳӣ шохаи ресмони тофта, ки аз пилик ба вуҷуд меояд)

**Стрига** - **Дурушпмӯй** (пашми бесифат)

**Стригальная машина** - **Мошини тарошанда** (таҷҳизот барои тарошидани газвор. Ҷузъи кории онро механизми тарошанда ташкил мекунад. Механизм аз силиндре, ки ба он кордҳои морпеч (қанотҳо) васл шудаанд ва корди пӯлодини ҳамвор иборат аст. Силиндри бо суръати баланд даврзан дар ҳамроҳӣ бо корди ҳамвори беҳаракат қайчиро ташкил мекунанд, ки сатҳи матои аз байнашон гузаронро метарошад. Мошини тарошанда ду намуд мешавад: барои тарошидани арзӣ ва кундалангӣ. Мошини намуди аввал сатҳи газворро метарошад. Ҳангоми тарошидани кундалангӣ охирҳои матоъ аз патҳои нӯги ресмонҳо тоза мешаванд)

**Стригальщик** - **Тарошгар, матоътарош**

**Стриженный ковёр** **Қолини тарошидашуда**

**Стрижка ткани** - **Тарошидани матоъ** (амалиёти аз сатҳи матоъ дур намудани нӯгҳои ресмонҳо, гиреҳҳо ва баробар кардани дарозии пат бо мақсади беҳтар кардани намуди зоҳири масолеҳ. Газвори патдори кешбофтаро низ метарошанд. Равандро дар мошини тарошанда иҷро мекунанд)

**Стричь** **Тарошидан**

| | | |
|---|---|---|
| Строение | - | Сохт |
| Строение бобины | - | Сохти калоба |
| Строение намотки | - | Сохти печиш |
| Строение початка | - | Сохти сӯта |
| Строение ткани | - | Сохти матоъ |
| Строчить | - | Бахиязанӣ, кӯкзанӣ, дӯхтан |
| Строчка | - | 1. Сатр;<br>2. Кӯкхат |
| Строчка «барашка» | - | Кӯкхати бахияқатор |
| Строчка вышивальная | - | Кӯкхати кашидадӯзӣ |
| Строчка зигзагообразная | - | Кӯкхати каҷу килеб |
| Строчка обратная | - | Кӯкхати чаппагард, баръакс |
| Строчка отделочная | - | Кӯкхати ороишӣ |
| Строчка «отхлёстка» | - | Кӯкхати «қамчинӣ» |
| Строчка соединительная | - | Кӯкхати пайвастӣ |
| Строчка стачивающая | | Кӯкхати пайвастӣ |
| Строчка «толстый шнур» | | Кӯкхати «таноби ғафс» |
| Строчка цепная | - | Кӯкхати занҷирак |
| Строчка челночная | - | Кӯкхати мокугӣ |
| Струйные ткацкие станки | - | Дастгоҳҳои бофандагии фавврагӣ (дастгоҳҳои обкору ҳавокор дар назаранд) |
| Струя | - | Фавра |
| Струя воды (водная) | - | Фавраи об |
| Струя воздуха (воздушная) | - | Фавраи ҳаво |
| Струя набегающая | - | Фавраи омадарас |

| | | |
|---|---|---|
| **Структура** | - | **Сохт, таркиб** (ҷойгиршавии байниҳамдигарӣ ва алоқаи қисмҳои таркибии ягон чиз) |
| **Стрясти** | - | **Афшонидан, такон додан** |
| **Ступенчатая** | - | **Зинадор, зинагӣ, чандзина** |
| **Ступенчатая проборка** | - | **Торгузаронии зинагӣ** |
| **Ступенчатый шкив** | - | **Тасмачархи чандзина** |
| **Стык** | - | **Ҷои пайванд** |
| **Стыковать** | - | **Сар ба сар гузоштан** |
| **Стягивать** | - | **Пайваст кардан, якҷоя кардан** |
| **Стянуться** | - | **Кашида шудан** |
| **Сузить** | - | **Борик кардан** |
| **Сукно** | - | **Моҳут** (1. Матои пашмин ё аз пашми омехта, ки сатҳи абраи он дар натиҷаи молидан бо қабати намадин пӯшида шудааст. Онро аз ресмонҳои аппаратӣ ба воситаи боҳампечиҳои суф ё лас мебофанд. Пас аз молидан матоъ зич мешавад ва расми боҳампечии он нопадид мегардад. Вобаста ба намуд ва ғафсии ресмонҳо моҳут тунук, нимдурушт ва дурушт мешавад, вобаста ба пардоз – бепат ва патнокшуда. Матои моҳут ба гурӯҳи матоъҳои моҳутӣ, ки сершуморанд, дохил мешавад. Аз моҳут палтоҳои зимистона, костюмҳо ва либоси расмӣ медӯзанд. Моҳути техникӣ ҳамчун масолеҳи полоиданӣ, барои руйпӯш карданӣ мебел, дохили автомобил ва ғ. хизмат мекунад; 2. Матои пахтагини патнокшудаи ҳарранганах ё якранг, ки бо намуди зоҳирии худ моҳути пашминро мемонад ва дар ивази он хизмат мекунад (асосан |

барои дӯхтани либоси мактабӣ, костюми лижаронҳо ва ғ.; 3. боҳампечии кешбофии торҳалқагии омехта, ки барои ҳосил кардани он ҳар ресмон банавбат дар ду сутунчаи ҳамҳудуд набуда (дар байнашон як сутунчаи ҳалқагии дигар партофта шудааст) ҳалқапартоӣ мекунад. Чунин боҳампечиро дутрико ё трикои сесӯзанӣ низ меноманд)

| | | |
|---|---|---|
| **Сукновальная машина** | - | **Мошини моҳутмол** (таҷҳизот барои молидани матоъҳои моҳут дар аснои пардоз. Дар он ба воситаи силиндр ба масолеҳи дар маҳлули собундор ё тезобӣ таршуда фишор оварда мешавад. Дар аснои чунин коркард наххо дар дохили матоъ ба ҳаракат меоянд ва моҳут ба ҳарду самт мешинад (ба самти кундалангӣ то 50 %). Дар натиҷа матоъ зич ва мулоим шуда, сатҳаш бо наххо пӯшида мешавад ва бо ин сабаб хосиятҳои гарминигаҳдорияш беҳтар мегарданд) |
| **Суконка** | - | **Моҳутпора** |
| **Суконная** | - | **Моҳутӣ** |
| **Суконная ткань** | - | **Матои моҳутӣ** (кулли матоъҳои аз ресмони пашмини аппаратӣ бофташуда, ки аз амалиёти молиданӣ мегузаранд: байка, бобрик, драп, моҳут, трико, шевиот ва ғ.) |
| **Суконное прядение** | - | **Истеҳсоли ресмони моҳутбофӣ** (яъне, ресмони пашмини аппаратӣ) |
| **Суконное ткачество** | - | **Моҳутбофӣ** |
| **Суконная пряжа** | - | **Ресмони моҳутбофӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| **Сукрутина** | - | **Худпечтоб** |
| **Супат** | - | **Тугмаи пинҳон** |
| **Суперлофт** | - | **Суперлофт** (номи дигари ресмони баландёзиши эластик) |
| **Суппорт** | - | **Таъмингар** (аз лотинӣ ба маънои «нигоҳ доштан». Қисми мошин барои тортании тасмагӣ, ки ресмонҳоро қад-қади устувона дар аснои печиш мегечонад) |
| **Суппортный** | - | **Аз таъмингар** |
| **Суппортный столик** | - | **Аробачаи таъмингар** |
| **Суппортное бердо** | - | **Теғаи таъмингар** (дар мошин барои тортании тасмагӣ бари муайяни тасма ва зичии ҷойгиршавии ресмонҳоро таъмин мекунад ва нигоҳ медорад) |
| **Суровая** | - | **Дурушт** (бепардоз) |
| **Суровая нить (пряжа)** | - | **Ресмони дурушт** |
| **Суровая ткань, суровьё** | - | **Матои дурушт** |
| **Суспензия** | - | **Хоммоеъ** (дар муҳити моеъ муаллақ будани зарраҳои сахт) |
| **Сутана** | - | **Ҷелак** (ҷомаи дарози рӯҳониёни католик) |
| **Сутюжить деталь** | - | **Дарзмол кардани ҷузъ** (онро дар ҳолати озод дарзмол мекунанд, то шакли лозимиро гирифтан) |
| **Сутулая осанка** | - | **Қомати хамида** |
| **Сухарик** | - | **Лавҳаи оҳанин** |
| **Сухая** | - | **Хушк** |
| **Сухая шлихта** | - | **Ширеши хушк** |
| **Сухое прядение** | - | **Хушкресӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Сухой волос | | Мӯи хушк (намуди нахи шук, ки дурушт ва ғафс аст) |
| **Сученая** | - | **Тофта, тобдода** |
| Сученая ровница | - | Пилики тофта |
| **Сучение** | - | **Тофтан, тобдиҳӣ** |
| **Сучильный** | - | **Тофтагар, тобдеҳ** |
| Сучильный рукав | - | Остини тобдеҳ |
| **Сучить** | - | **Тофтан, тоб додан** |
| **Сушильная** | - | **Барои хушкгардонӣ** |
| Сушильная камера | - | Ҳуҷрачаи хушкгардонӣ |
| Сушильное устройство | - | Олати хушкгардонӣ |
| Сушильный барабан | - | Устувонаи хушкгардонӣ |
| Сушильный шкаф | - | Қуттии хушкгардонӣ |
| **Сушильщик** | - | **Хушкгардон** |
| **Сушка** | - | **Хушк кардан, қоқ кардан** |
| Сушка барабанная | - | Хушкгардонии устувонагӣ (ба тарзи алоқа) |
| Сушка естественная | - | Хушкгардони табиӣ |
| Сушка камерная | - | Хушкгардонии ҳуҷрачагӣ (бо таъсири ҳавои гарм) |
| Сушка комбинированная | - | Хушкгардонӣ ба тарзи омехта (ҳам дар устувонаҳо ва ҳам дар ҳуҷра) |
| Сушка конвективно-воздушная | - | Хушкгардонӣ бо ҳаво (дар дохили ҳуҷра) |
| Сушка специальная | - | Хушкгардонӣ ба тарзи махсус |
| **Существенный признак** | - | **Аломати муҳим, қатъӣ, воқеӣ** |

| | | |
|---|---|---|
| Сферическая намотка | - | Печиши курашакл |
| Сформированная | - | Ташаккулёфта |
| Сформированная паковка | - | Ғалтаки ташаккулёфта |
| Сформированный навой | - | Наварди бофандагии ташаккулёфта |
| Схема | - | Нақша (аз юнонӣ ба маънои «шакл, намуд») |
| Схема заправки машины | - | Нақшаи таъмини мошин (бо масолеҳ) |
| Схема кинематическая | - | Нақшаи баҳаракатоварӣ |
| Схема проборки | - | Нақшаи торгузаронӣ (ҷузъи расми ҷойгирсозии матоъ, тартиби гузаронидани ресмонҳои тор дар гулабандҳо ва теғаи дастгоҳи бофандагӣ) |
| Схема технологическая | - | Нақшаи технологӣ |
| Сход | - | Кушодашавии печиш, ба охиррасии ресмонҳои печонида |
| Сход основы | - | Ба охиррасии тор |
| Сход пряжи | - | Кушодашавии ресмон (аз ғалтак) |
| Сцепление шестерен | - | Пайвастшавии дандоначархҳо |
| Счертить | - | Нусхакашӣ, нусхабардорӣ |
| Счёт | - | 1. Ҳисоб;<br>2. Суратҳисоб |
| Счётчик десятичный | - | Ҳисобгари даҳрақама |
| Сшив, сшивание | - | Дӯхта пайвастан |
| Сшивание кусков ткани | - | Пайвастани пораҳои матоъ |
| Сшитый | - | Дӯхта шуда |

| | | |
|---|---|---|
| **Сшить платье** | - | **Курта дӯхтан** |
| **Съём** | - | **1. Ҷудо карда гирифтан;**<br>**2. Борчинӣ, маҳсулотгирӣ**<br>**3. Маҳсулоти гирифт** (аз мошин) |
| **Съём коконов** | - | **Пиллагирӣ, чида гирифтани пиллаҳо** |
| **Съёмник** | - | **Олати гирифт** (коғазе, ки ба воситаи он кирмакҳои зиндагашта аз инкубаторий берун карда мешаванд) |
| **Съёмная** | - | **Ҷудошав, ҷудосоз** |
| **Съёмные органы ткацкого станка** | - | **Ҷузъҳои ҷудошави дастгоҳи бофандагӣ** (теға ва олатҳои овезаҳою гулабандҳо) |
| **Съёмный барабан** | - | **1. Устувонаи ҷудосоз (масолеҳгир);**<br>**2. Устувонаи ҷудошав** |
| **Съёмный узел** | - | **Қисми ҷудошав** |
| **Съёмщица** | - | **Борчин** |
| **Сыпучесть ткани** | - | **Қобилияти рехташавии матоъ** (афтида ҷудошавии ресмонҳои он) |
| **Сырьевая** | - | **Ашёӣ** |
| **Сырьевая база** | - | **Манбаи ашёӣ** |
| **Сырьевой состав** | - | **Таркиби ашёӣ** |
| **Сырьё** | - | **Хомашё** |
| **Сюзане** | - | **Сӯзани** |
| **Сюжет рисунка** | - | **Мавзӯи расм** |
| **Сюртук** | - | **Камзӯли мардона** |

# Т

| | | |
|---|---|---|
| Табель | - | **Дафтар** (1. рўйхати бонизоми ягон чиз; 2. ҳуҷҷати қайди ба кор омадан ва аз кор рафтани кормандон; 3. варақаи пешрафт дар муассисаи таълимӣ) |
| Табельный номер | | **Рақами рўйхатӣ** |
| Табельный отдел | | **Шўъбаи ҳозирғоиб** |
| Таблица | - | **Ҷадвал** |
| Тайлак | - | **Айлоқӣ** (пашми мулоиму кўтоҳи уштури айлоқӣ, ки асосан аз тибит иборат буда, ҳангоми тулак кардан гирифта мешавад) |
| Такон | - | **Такон** (мухтасаршудаи «трощённые ацетатно-капроновые объёмные нити» - «ресмонҳои калонҳаҷми атсетатию капронии ҳамроҳшуда, яъне ресмонҳои акони ҳамроҳшуда». Ресмони чандторае, ки дар натиҷаи ҳамроҳ тоб додани се-чор ресмони акон, ки тобашон гуногунсамт аст, ҳосил мешавад. Аз он матоъҳо ва газворҳои кешбофтаи зич тайёр мекунанд) |
| Такт потока | - | **Зарби хати муттасил** (муддати вақте, ки дар аснои он аз истеҳсолоти муттасил як доиа ё як даста маҳсулот берун мешавад. Вақти миёнаи коркарди воҳиди махсулот ё даста) |
| Талия | - | **Миён, камар** |
| Талон | - | **Хатча** (як намуд хуҷҷат) |
| Таль | - | **Борбардор** |

| | | |
|---|---|---|
| Тальма | - | **Китфпӯшак** (ба номи актёр фаронсавӣ. Китфпӯшаки занонаи дарози беостин) |
| **Тамбурная** | - | **Бахиядӯз, юрмадӯз** |
| **Тамбурная швейная машина** | - | **Мошини бахиядӯз, юрмадӯз** |
| **Тамбурный шов** | - | **Дарзи бахиядӯзӣ, юрмадӯзӣ** |
| Тапа | | **Тапа** (матои дастбофи сокинони таҳҷоии ҷазираҳои Уқёнусия. Онро аз наххое мебофанд, ки бо роҳи кӯфтани пӯсти дарахт ҳосил мешаванд) |
| Тара | - | **Зарф, қуттӣ** |
| **Тара технологическая** | - | **Ғалтак** (сӯта, найчаи моку, калоба, наварди бофандагӣ ва ғ.) |
| **Тарельчатый натяжной прибор** | - | **Олати тарангибахши лаълигӣ** |
| **Тариф** | - | Маблағ, ҳақ (барои кор, хизмат) |
| **Тарифная** | - | **Маблағӣ** |
| Тарифная сетка | - | **Ҷадвали маблағӣ** (маҷмӯи дараҷаҳои маблағӣ ва коэффитсиентҳои маблагии ба онҳо хосро дарбар мегирад) |
| **Тарифная ставка** | - | **Нархи маблағӣ** (ҳаққи пулӣ барои вақти муайяни кор) |
| **Тарифно-квалификационный справочник** | - | **Китоби маълумоти маблағию тахассусӣ** |
| Тарифный коэффициент | - | **Коэффитсиенти маблағӣ** (барои ҳар як дараҷаи маблағӣ қимати худро дорад. Чанд маротиба калонтар будани ҳаққи кори дараҷаи мазкурро нисбат ба ҳаққи кори дараҷаи якум ҳифода мекунад) |
| **Тарифный разряд** | - | **Дараҷаи маблағӣ** (сатҳи тахассуси коргар, донишу малакаи ӯро ба назар гирифта, барои муқаррар |

намудани қимати ҳаққи хизмат асос мебошад)

| | | |
|---|---|---|
| **Тарная ткань** | - | **Матои борпечонӣ** |
| **Таслан** | - | **Таслан** (ресмони калонҳаҷми ҳалқадор, ки чандтора мебошад. Он аз ресмони тирии капронӣ ва ресмони печандаи атсетатӣ ё вискозӣ иборат аст. Ба мисли аэрон истеҳсол мешавад) |
| **Тафта** | - | **Тофта** (аз ибораи форсии тобхӯрда». Матои якранги сатҳаш ҷилодори пахтагин ё абрешимин аз ресмонҳои сахт тофашуда, боҳампечияш суф. Қаблан аз зағир низ бофта мешуд. Аз он либоси мардонаю занона медӯзанд. Дар гузашта тофтаро мардҳо ҳамчун салла истифода мебурданд. Ба тунукии матоъ нигоҳ накарда, он то дараҷае дурушт аст. Аз ҳамин сабаб ҳангоми дӯхтан фах мешавад ва дар либос чинҳои хос ба вуҷуд меорад. Раххои бофта дорад ва ба қатори матоъҳои репси сохта дохил мешавад. Шабеҳи матои поплин буда, қадре сабуктар аст) |
| **Тафтинг** | - | **Тафтинг** (технологияи маъмули истеҳсоли масолеҳи нобофтаи ҳалқанӯш ба тарзи омехта. Асоси газвор ба таври механикии ҳалқабандию бахиязанӣ иҷро мешавад. Пайвасти зичи ҳалқаҳои овезон бо асос ба воситаи ширеш амалӣ мегардад) |
| **Тафтяное переплетение** | - | **Боҳампечии тофтагӣ** (номи дигари боҳампечии суф) |
| **Тахометр** | - | **Даврсанҷ** (асбоб барои чен кардани суръати даврзанӣ) |
| **Твёрдая сталь** | - | **Пӯлоди сахт** |

| | | |
|---|---|---|
| **Твид** | - | **Твид** (матои пашмини зич, ки намуди дастбоф дорад. Боҳампечияш лас. Барои дўхти костюмҳо ва либоси варзишӣ хеле боб аст. Аз твиди сабук курта низ медўзанд) |
| **Тевирон** | - | **Тевирон** (номи нахи синтетикии поливинилхлорид, ки дар Ҷопон истеҳсол карда мешавад) |
| **Текс** | - | **Текс** (аз лотинӣ ба маънои «бофтан, боҳампечӣ кардан». Воҳиди зичии хаттии нах ва ресмон, 1 текс = 1 г/км. Агар 1 км ресмон 25 г вазн дошта бошад, зичии хаттии он 25 текс мебошад) |
| **Текстиль** | - | **Мансуҷот** |
| **Текстильная** | - | **Нассоҷӣ** |
| **Текстильное материаловедение** | - | **Масолеҳшиносии нассоҷӣ** |
| **Текстильное волокно** | - | **Нахи нассоҷӣ** |
| **Текстильно-вспомогательные вещества** | - | **Моддаҳои ёрирасони нассоҷӣ** |
| **Текстильно-галантерейные материалы** | - | **Масолеҳи нассоҷии чарчинворӣ** (газворҳои барои чатр, галстук, руймол, гарданпеч, болишт пешбинигашта) |
| **Текстильный материал** | - | **Масолеҳи (ашёи, маводи) нассоҷӣ** |
| **Текстильное изделие** | - | **Маснуоти нассоҷӣ** |
| **Текстильщик** | - | **Нассоҷ** |
| **Текстура** | - | **Таркиб, сохт** |
| **Текстурированне** | - | **Мураккабгардонӣ** |
| **Текстурированные нити** | - | **Ресмонҳои мураккаб** (ресмонҳои калонҳаҷме, ки аз ресмонҳои муқаррарӣ бо ҳаҷми хоси калон, печдории баланд, сохти ковок ва баъзан ёзишнокии баланд фарқ мекунанд) |

| | | |
|---|---|---|
| Текучесть | - | 1. Ивазшавӣ;<br>2. Шоридан |
| Текущая | - | Ҷорӣ |
| Текущий год | - | Соли ҷорӣ |
| Текущий ремонт | - | Таъмири ҷорӣ (ба маънои таъмири пешгирӣ) |
| Тележка | - | Ароба |
| Тело намотки | - | Танаи печиш |
| Телогрейка | - | Камзӯли гарми нимтана |
| Телосложение | - | Ҷуссаи одам |
| Тельфер | - | Борбардори барқӣ |
| Тема | - | Мавзӯъ |
| Темп потока | - | Суръати истеҳсолоти муттасил (ҳосилнокии ҳисобии хати муттасил, микдори миёнаи маснуот, ки дар воҳиди вақт аз он берун мешавад) |
| Температура | - | Ҳарорат |
| Температура воспламенения | - | Ҳарорати алангагирӣ |
| Температура окружающей среды | - | Ҳарорати муҳити атроф |
| Температура плавления | - | Ҳарорати гудозиш |
| Температура размягчения | - | Ҳарорати мулоимшавӣ |
| Температура разложения | - | Ҳарорати тақсимшавӣ |
| Температура стеклования | - | Ҳарорати шишашавӣ |
| Теневая | - | Соягӣ, сояпарто |
| Теневая саржа | - | Ласи сояпарто (намуди боҳампечии матоъ, ки дар натиҷаи зина |

| | | |
|---|---|---|
| | | ба зина аз ласи пуд ба ласи тор мубаддал гаштани боҳампечӣ ба вуҷуд меояд. Чунин боҳампечӣ дар истеҳсолоти матоъҳои жаккардӣ барои оҳиста-оҳиста аз равшанӣ ба торикӣ гузаштан дар нақш мавриди истифода қарор мегирад) |
| Теневой сатин | - | **Сатини сояпарто** (боҳампечии матоъ зина ба зина аз сатин ба атлас мубаддал мегардад) |
| **Тензиметр** | - | **Фишорсанҷи буғ** |
| **Тензометр** | - | **Тарангисанҷ** |
| **Тент** | - | **Соябон, чодир** |
| **Теоретическая производительность** | - | **Ҳосилнокии назариявӣ** |
| **Тепловая** | - | **Ҳароратӣ** |
| Тепловая обработка | - | **Коркарди ҳароратӣ** |
| Тепловые свойства | - | **Хосиятҳои ҳароратӣ** |
| **Теплозащитные свойства** | - | **Хосиятҳои гарминигаҳдорӣ** |
| **Теплоизоляция** | - | **Гарминогузар** |
| **Теплоноситель** | - | **Гармибар** |
| **Теплоотдача** | - | **Гармидиҳӣ** |
| **Теплопроводность** | - | **Гармигузаронӣ** (қобилият) |
| **Теплостойкость** | - | **Гармибардорӣ** (қобилият) |
| **Тергал** | - | **Тергал** (номи нахи синтетикии полиэфир, ки аз гудохтаи полиэтилентерифталат дар Фаронса истеҳсол мешавад) |
| **Теребление льна** | - | **Решакани зағирпоя** |

| | | |
|---|---|---|
| Терилен | - | Терилен (номи нахи синтетикии полиэфирӣ, ки аз гудохтаи полиэтилентерифталат дар Инглистон истеҳсол мекунанд, Ҳамон лавсан) |
| Термическое разрушение | - | Вайроншавии ҳароратӣ |
| Термообработка | - | Коркарди ҳароратӣ |
| Термопластичное волокно | - | Нахи гармочандир (ин қобилияташ ба ҳарорат вобаста аст) |
| Термопрессование | - | Фушурдани ҳароратӣ (яке аз тарзҳои истеҳсоли газвори нобофта) |
| Терморегулятор | - | Танзимгари ҳарорат |
| Термостойкость | | Устувории ҳароратӣ (қобилият) |
| Термофиксация, термостабилизация | - | Устуворгардонии ҳароратӣ (бо роҳи коркарди гармо устувор гардонидани сохт, шакл ва хосиятҳои масолеҳи аз наху ресмонҳои синтентикӣ ҳосилшуда бо мақсади устувории андозаҳои он, кам кардани ғиҷимшавӣ ва беҳтар намудани намуди зоҳирӣ. Барои ин масолеҳро дар муҳити хушк то 220°C ё дар муҳити нами буғдор то 130°C гарм намуда, сипас зуд хунук мегардонанд) |
| Тесёмка | - | Тасмача |
| Тесёмчатый | - | Тасмагӣ |
| Тесил | - | Тесил (нахи синтетикии полиэфирӣ, ки аз гудохтаи полиэтилентерифталат дар Чехия истеҳсол мекунанд. Дар асл ҳамон лавсан) |
| Тесьма | - | Тасма (маснуоте, ки дар натиҷаи байни ҳам печидани ташкилдеҳҳо ҳосил шудааст) |

| | | |
|---|---|---|
| Тетерон | - | Тетерон (нахи лавсани истеҳсоли Ҷопон) |
| Техника | - | 1. **Техника** (ба маънои таҷҳизот таҷҳизот, ҷиҳоз); |
| | | 2. **Усул, услуб, тарз, маҳорат, равиш** |
| Техника безопасности | - | 1. **Техника** (ба маънои таҷҳизот таҷҳизот, ҷиҳоз); |
| | | 2. **Усул, услуб, тарз, маҳорат, равиш** |
| Техника работы | - | Тарзи кор |
| **Технико –экономические показатели** | - | **Нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодӣ** |
| Техническая | - | Техникӣ |
| **Техническая ткань** | - | **Матои таъиноташ техникӣ** |
| **Технические семена** | - | **Чигити техникӣ** (барои истеҳсоли равғани пахта) |
| **Технический осмотр** | - | **Муоинаи техникӣ** |
| **Технический расчёт ткани** | - | **Ҳисоби техникии матоъ** |
| Техническое волокно | - | **Нахи техникӣ** (маҷмӯи наххои бетақсими ҳамраҳ, ки бо ширеш ё ба воситаи қувваҳои кристаллизатсия бо ҳам пайваст шудаанд, масалан, загир) |
| Технолог | - | **Технолог** (мутахассис) |
| Технологическая | - | **Технологӣ** |
| Технологическая карта процесса | - | **Корти технологии раванд** (ҳуҷҷате, ки дар он мушаххасоти технологии раванд оварда шудаанд) |
| **Технологическая операция** | - | **Амалиёти технологӣ** (дар натиҷаи он шакл ё хосиятҳои ашё дигар мешаванд) |

| | | |
|---|---|---|
| **Технологическая плотность ткани** | - | **Зичии технологии матоъ** (миқдори ресмонҳои тор ё пуд дар масофаи 10 см) |
| **Технологическая подготовка производства** | - | **Омодагардонии технологии истеҳсолот** (тарҳрезии тарзҳои дуруст ва рушдноки истеҳсол ё мукаммалсозии маҳсулот бо назардошти истифодаи пурсамари таҷҳизот ва масоҳатҳои истеҳсолӣ) |
| **Технологическая схема машины, станка** | - | **Нақшаи технологии мошин, дастгоҳ** (тасвири роҳи ҳаракати масолеҳ аз нуқтаи ворид ба дастгоҳ то аз он берун шудан, бо нишон додани ҷузъҳои кории дастгоҳ, ки дар аснои ҳаракат масолеҳ бо онҳо дар алоқа мегардад) |
| **Технологическая тара** | - | **Зарфи технологӣ** (сӯта, найчаи моку, калоба, наварди бофандагӣ ва ғ.) |
| **Технологическая цепочка** | - | **Занҷираи технологӣ** (пайдарпаии равандҳои технологии истеҳсолот) |
| **Технологические параметры** | - | **Мушаххасоти технологӣ** (нишондиҳандаҳои меъёрии кори таҷҳизот ё хосиятҳои ашёи коркардшав) |
| **Технологический показатель** | - | **Нишондиҳандаи технологӣ** |
| **Технологический процесс** | - | **Раванди технологӣ** (1. пайдарпаии зинаҳои истеҳсоли маснуот, маҷмӯи гузаришҳо;<br>2. маҷмӯи амалиётҳои дар як таҷҳизот иҷрошаванда, аз қабили ресидан, тобдиҳӣ, азнавпечӣ, тортанӣ ва ҳ.) |
| **Технологический переход** | - | **Гузариши технологӣ** (як раванди истеҳсолӣ, масалан, тортанӣ) |

| | | |
|---|---|---|
| **Технологический процесс шлихтования** | - | **Раванди технологии ширешдиҳӣ** |
| **Технологический расчёт** | - | **Ҳисоби технологӣ** |
| **Технологическое разделение труда** | - | **Тақсими технологии меҳнат** (ба зинаҳо, гузаришҳо ва амалиётҳо ҷудо кардани раванди истеҳсол) |
| **Технология** | - | **Технология** (аз юнонӣ ба маънои «маҳорат». Маҷмӯи тарзҳои истеҳсоли маснуот) |
| **Тёмный цвет** | - | **Ранги тира** |
| **Тик** | - | **Тик** (матои зичу мустаҳками пахтагин ё зағирин, ки боҳампечии суф дорад. Бо раххои рангин оро дода мешавад) |
| **Тик-ластик** | - | **Тик-ластик** (матои пахтагини нисбати соиш устувор, ки ба воситаи боҳампечии атлас бофта мешавад. Сатҳи суфта дорад. Аз ресмонҳои кардавии 25 текс дар тор ва 29,4 текс дар пуд бофта мешавад. Зичии сатҳияш 165-200 г/м². Аз он (ба мисли матои гринсбон) асосан эзорҳои тагпӯши мардона медӯзанд) |
| **Тиолан** | - | **Тиолан** (навъи нахи полинозӣ, ки дар Ҷопон истеҳсол мекунанд) |
| **Тип** | - | **Хел, тоифа, намуд** |
| **Тип производства** | - | **Намуди истеҳсолот** (се намуд буда метавонад: донаҳисоб, силсилавӣ, серадад) |
| **Тип ткацкого станка** | - | **Намуди дастгоҳи бофандагӣ** (мокудор, ҳавокор ва ғ.) |
| **Тип хлопка** | - | **Тоифаи пахта** |
| **Типичный** | - | **Намунавӣ, хос** |

| | | |
|---|---|---|
| Типовая | - | Намунавӣ |
| Типовая производительность | - | Ҳосилнокии намунавӣ |
| Типовая сортировка | - | Навъомезиши намунавӣ |
| Типовой проект | - | Лоиҳаи намунавӣ |
| Тиски | - | Исканҷа |
| Тиснение | - | Нақшкӯбӣ (ҳосил кардани нақши барҷаста) |
| Тихий ход | - | Равиши паст |
| Тканая | - | Бофта, аз матоъ |
| Тканая замша | - | Ҷири бофта (матои боҳампечиаш сатин, ки сатҳи абраи онро ресмонҳои пуд хеле зич пур кардаанд. Дар аснои пардоз он аз амалиётҳои шоназанию сайқалобдиҳӣ мегузарад ва бинобар ин аз рӯи намуди зоҳирӣ ва ҳангоми даст расонидан ҷири аслиро мемонад. Аз он либоси варзишӣ ва курткаҳо медӯзанд) |
| Тканое изделие | - | Газвори бофта, матоъ |
| Тканая лента | - | Тасмаи бофта |
| Тканое полотно | - | Газвори бофта, матоъ |
| Тканый узор | - | Нақши бофта |
| Тканевая основа | - | Асоси матоӣ |
| Тканеобразование | - | Ташкили матоъ |
| Ткани-компаньоны | - | Матоъҳои ҳамроҳ (матоъҳое, ки барои истифода дар таркиби як маҷмӯи сару либос пешбинӣ гаштаанд. Онҳо аз рӯи ранг, нақш ва хусусиятҳои сатҳ бояд ба ҳамдигар мувофиқат кунанд. Барои ми- |

| | | |
|---|---|---|
| | | сол, ҳамон як нақш дар ҳар яке аз ин матоъҳо бо масштабҳои гуногун (дар як матоъ калон, дар дигараш – хурдтар) оварда мешавад. Ё ин ки дар ҳамон як намуд замина расмҳои гуногун иҷро мешаванд. Аз тарзи вобастасозии «негатив-позитив» низ истифода мебаранд) |
| **Ткань** | - | **Матоъ** (газворе, ки бо роҳи бофтан истеҳсол мешавад) |
| **Ткань аппретированная** | - | **Матои сайқалобдода** |
| **Ткань безворсовая** | - | **Матои бепат** |
| **Ткань бельевая** | - | **1. Матоъ барои либоси тагпӯш** (калсон, корсет, синабанд, хилъат, либоси оббозӣ ва ғ.);<br>**2. Матои бистарпӯш** |
| **Ткань бархатная** | - | **Матои бахмалӣ** |
| **Ткань в клетку** | - | **Матои катакдор** |
| **Ткань в полоску** | - | **Матои рахдор** |
| **Ткань водонепроницаемая** | - | **Матои обнагузарон** |
| **Ткань ворсовая** | - | **Матои патдор** |
| **Ткань гладкая** | - | **1. Матои суфта;**<br>**2. Матои якранг** |
| **Ткань гладкокрашенная** | - | **Матои якранг** |
| **Ткань готовая** | - | **Матои тайёр** |
| **Ткань двойной ширины** | - | **Матои дубара** |
| **Ткань двухлицевая** | - | **Матои дурӯя** |
| **Ткань двухслойная** | - | **Матои дуқабата** |
| **Ткань двухстороняя** | - | **Матои дутарафа** |

| | | |
|---|---|---|
| Ткань драпировочная | - | Матои ороишӣ |
| Ткань костюмная | - | Матои костюмбоб |
| Ткань креповая | - | Матои чилвон |
| Ткань лицевая | - | Матои абра |
| Ткань мешочная | - | Матои халтавор |
| Ткань многократной ширины | - | Матои бараш чандкарата (матои яккабатаи васеъбар, ки дар дастгоҳ бисёрқабата бофта мешавад) |
| Ткань многослойная | - | Матои бисёрқабата |
| Ткань многоцветная | - | Матои ҳарранга |
| Ткань набивная | - | Матои нақшбаста |
| Ткань непромокаемая | - | Матои обногир |
| Ткань одёжная | - | Матои либосвор |
| Ткань однородная | - | Матои якхела |
| Ткань основная | - | Матои асосӣ, матои рӯ |
| Ткань отбеленная | - | Матои сафедгашта |
| Ткань петельная | - | Матои ҳалқапӯш |
| Ткань плательная | - | Матои куртавор |
| Ткань платочная | - | Матои рӯймолвор |
| Ткань подкладочная | - | Матои остар |
| Ткань полая | - | Матои дарунхолӣ |
| Ткань полушерстяная | - | Матои нимпашмин |
| Ткань рубчатая | - | Матои рахдор |
| Ткань ручной выработки | - | Матои дастбоф |
| Ткань с двухсторонным ворсом | - | Матои паташ дутарафа |

| | | |
|---|---|---|
| Ткань с дополнительной основой | - | Матои дорои тори иловагӣ (ба маънои матои остараш аз тор) |
| Ткань с дополнительным утком | - | Матои дорои пуди иловагӣ (ба маънои матои остараш аз пуд) |
| Ткань с подкладочной основой | - | Матои торостар (намуди матои якунимқабата, ки аз се маҷмӯъ ресмонҳо бофта мешавад: ду маҷмӯъ тор ва як маҷмӯъ пуд) |
| Ткань с подкладочным утком | - | Матои пудостар (барои бофтани чунин матои якунимқабата як маҷмӯъ тор ва ду маҷмӯъ пуд зарур аст) |
| Ткань с полосками | - | Матои раҳдор |
| Ткань смешанная | - | Матои гайрихолис |
| Ткань специальная | - | Матои таъиноташ махсус |
| Ткань стриженная | - | Матои тарошида |
| Ткань суконная | - | Матои моҳутӣ |
| Ткань суровая | - | Матои дурушт (бепардоз) |
| Ткань узорчатая | - | Матои нақшин |
| Ткань цветная | - | Матои ранга |
| Ткать | - | Бофтан |
| Ткач | - | Бофанда |
| Ткачество | - | Бофтан, матоъбофӣ (истеҳсоли матои дурушт дар дастгоҳи бофандагӣ. Ба маънои васеъ дар зери ин мафҳум ҷамъи кулли равандҳои технологии истеҳсолоти бофандагиро мефаҳманд: азнавиечӣ, тортанӣ ва диг.) |
| Ткацкая | - | Бофандагӣ, бофт |
| Ткацкая фабрика | - | Истеҳсолоти бофандагӣ (корхонае, ки барои истеҳсоли матоъҳои дурушт махсус гардонида шудааст. Одатан он аз се шӯъбаи истеҳсолӣ иборат аст: шӯъбаи омодасозии ресмонҳо, шӯъбаи |

| | | |
|---|---|---|
| | | бофандагӣ; шуъбаи назорату бақайдгирии матоъҳо. ФБ метавонад корхонаи мустақил бошад, ё дар таркиби комбинати нассоҷӣ амал намояд) |
| **Ткацкие паковки** | - | **Ғалтакҳои бофандагӣ** |
| **Ткацкие переплетения** | - | **Боҳампечиҳои бофандагӣ** (ба воситаи онхо матоъҳо ҳосил мешаванд. Тартиби пайвастшавии ресмонҳои тору пуд дар назар аст. Намудҳои хеле зиёди ББ вуҷуд доранд ва онҳоро дар чор синф гурӯҳбанди мекунанд: асосӣ ё содда, мураккаб, хурднақш ва калоннақш) |
| **Ткацкий навой** | - | **Наварди бофандагӣ** (ҷузъи кории дастгоҳи бофандагӣ, ки ба он ресмонҳои тор печонида шудаанд) |
| **Ткацкий прибор** | - | **Олати бофт** (маҷмӯи овезаҳо, гулабандҳо ва теға барои бофти матои муайян) |
| **Ткацкий рисунок** | - | **Расми бофт** |
| **Ткацкий узел** | - | **Гиреҳи бофандагӣ** (онро гиреҳи якҳалқагӣ низ меноманд) |
| **Ткацкий рисунок** | - | **Нақши бофт** |
| **Ткацкий станок** | - | **Дастгоҳи бофандагӣ** |
| **Ткацкий станок автоматический** | - | **Дастгоҳи бофандагии худкор** |
| **Ткацкий станок бесчелночный** | - | **Дастгоҳи бофандагии бемоку** |
| **Ткацкий станок гидравлический** | - | **Дастгоҳи бофандагии обкор** |
| **Ткацкий станок двухполотный** | - | **Дастгоҳи бофандагии дубара** (он имкони дар як вақт бофтани ду матои якхеларо дорад) |

| | | |
|---|---|---|
| Ткацкий станок круглый | - | Дастгоҳи бофандагии мудаввар |
| Ткацкий станок механический | - | Дастгоҳи бофандагии механикӣ |
| Ткацкий станок многозевный | - | Дастгоҳи бофандагии бисёрбод |
| Ткацкий станок однополотный | - | Дастгоҳи бофандагии якбар |
| Ткацкий станок плоский | - | Дастгоҳи бофандагии ҳамвор |
| Ткацкий станок пневматический | - | Дастгоҳи бофандагии ҳавокор |
| Ткацкий станок пневморапирный | - | Дастгоҳи бофандагии найзагии ҳавокор |
| Ткацкий станок рапирный | - | Дастгоҳи бофандагии найзагӣ |
| Ткацкий станок с гибкими рапирами | - | Дастгоҳи бофандагии қаишнайзагӣ |
| Ткацкий станок с жёсткими рапирами | - | Дастгоҳи бофандагии мазбутнайзайӣ |
| Ткацкий станок струйный | - | Дастгоҳи бофандагии фаврагӣ |
| Ткацкий станок трёхполотный | - | Дастгоҳи бофандагии себара |
| Ткацкий станок узкий | - | Дастгоҳи бофандагии камбар |
| Ткацкий станок челночный | - | Дастгоҳи бофандагии мокудор |
| Ткацкий станок широкий | - | Дастгоҳи бофандагии васеъбар |
| Ткацкий цех | - | Шӯъбаи бофандагӣ (қисми истеҳсолоти бофандагӣ, ки дар он аз ресмонҳои тор ва пуди барои бофт омодашуда матои дурушт истеҳсол мекунанд. Таҷҳизоти шӯъбаро дастгоҳҳои бофандагӣ ташкил мекунанд) |

| | | |
|---|---|---|
| Ткацкое производство | - | **Истеҳсолоти бофандагӣ** (маҷмӯи равандҳои технологӣ, ки барои истеҳсоли матоъҳои дурушт заруранд. Мувофиқи ҷараёни технологӣ ИБ се марҳиларо дарбар мегирад: амалиётҳои омодасозии ресмонҳо: азнавпечӣ, тортанӣ, ширещдиҳӣ, торгуза-ронӣ, гиреҳбандӣ ва диг.; бофт ба маънои аслии он; амалиётҳои ниҳоӣ: тарошидани матои дурушт, назорати сифат ва ғ.) |
| Тление | - | **Мил-мил карда сӯхтан** |
| Товар | - | **Мол** (маҳсулоти фурӯшӣ) |
| Товарная | - | **Моли** |
| Товарная продукция | - | **Маҳсулоти молӣ** (яке аз нишондиҳандаҳои арзишии ҳаҷми истеҳсолот ва корҳои иҷрошуда) |
| Товарная пряжа | - | **Ресмони молӣ** (фурӯшӣ) |
| Товарный валик | - | **Наварди молпечӣ, матоъпечӣ** |
| Товарный регулятор | - | **Танзимгари молпеч, матоъпеч** |
| Товаробраковочный отдел | - | **Шӯъбаи молсақатгарӣ** (дар таркиби истеҳсолоти бофандагӣ фаъолият мекунад. Он барои иҷрои ҷараёнҳои зерини технологӣ пешбинӣ мегардад: муайянсозии навъи матои бофташуда (сифатнокии он); муайян намудани дарозии порчаҳо ва миқдори истеҳсоли матоъ аз тарафи бофандаҳои алоҳида ва дар давоми бастҳои корӣ; тоза намудани матоъ аз гарду чанг, нӯгҳои ресмонҳо, гиреҳҳо ва ғ.; борпечӣ намудани матоъҳо ва равон намудани онҳо ба анбори матоъҳои дурушт) |
| Товаровед | - | **Молшинос** |

| | | |
|---|---|---|
| Товароведенис | - | Молшиносй |
| Товарообмен | - | Мубодилаи мол |
| Товарооборот | - | Гардиши мол |
| Товары широкого потребления | - | Молҳои ниёзи омма |
| Тога | - | Китфпӯшак |
| Толкатель | | Теладеҳ |
| Толстая | - | Ғафс |
| Толстая пряжа | - | Ресмони ғафс |
| Толстая ровница | - | Пилики ғафс (аз мошини пиликреси гузариши якум гирифта мешавад) |
| Толстая ровничная машина | - | Мошини ғафспиликрес |
| Толстый пропуск | - | Ғафсгузаронӣ (нуқси пилта дар намуди ғафсӣ. Дар мошини пилтарес аз сабаби дар мавзеи таъминот нӯгҳои аз меъёр дарози пилтаи кандашударо тофта пайваст кардан ба вуҷуд меояд) |
| Толща, толщина | - | Ғафсӣ |
| Толщина зуба берда | - | Ғафсии дандонаи теғa |
| Толщина ленты | - | Ғафсии пилта, ғафси тасма |
| Толщина намотки | - | Ғафсии печиш (дар ғалтак) |
| Толщина узла | - | Ғафсии гиреҳ |
| Ток | - | Ҷараён |
| Тональность | - | Тобишнокӣ |
| Тонина волокна | - | Борикии нах |
| Тонкая | - | Борик, маҳин |
| Тонкая нить | - | Ресмони борик |

| | | |
|---|---|---|
| **Тонкая ровница** | - | **Пилики борик** (дар мошини пиликреси гузариши сеюм гирифта мешавад) |
| **Тонкая ровничная машина** | - | **Мошини борикпиликрес** |
| **Тонкая шерсть** | - | **Пашми маҳин, борик** |
| **Тонкий пропуск** | - | **Борикгузаронӣ** (нуқси пилта дар намуди борикӣ. Дар натиҷаи вайронии механизми худманъгари мошини пилтарес, яъне ба инобат гирифта нашудани каниши яке аз пилтаҳои таъминӣ (пилтаи ташкилдеҳ) ба вучуд меояд) |
| **Тонковолокнистый хлопок** | - | **Пахтаи маҳиннах** (онро мисрӣ низ меноманд. Аз он нахи дарозтарин, бориктарин ва мустаҳкамтарин мегиранд, ки абрешиммонанди рангаш зардчатоб мебошад. Дарозии чунин нах 37-40 мм буда, он барои истеҳсоли ресмонҳои бориктарини пурқимат истифода мешавад. Чунин пахта дар муқоиса бо пахти миёнанах ғузаҳои андозаашон хурдтар ва маҳсулнокии пасттар дорад, 29-34 % пахтаи хомро нах ташкил мекунад. Ҳаҷми истеҳсоли матоъҳои баландсифат аз ҳамон миқдор пахтаи маҳиннах дар муқоиса ба пахтаи миёнанах ду маротиба зиёд аст.) |
| **Тонкогребенная** | - | **Шонаресидаи борик** |
| **Тонкогребенная ровница** | - | **Пилики шонаресидаи борик** |
| **Тонкогребенное чесание** | - | **Ғоздиҳии шонареси борик** |
| **Тонкопряха** | - | **Маҳинрес** |
| **Тонкорунная шерсть** | - | **Пашми яклухттароши маҳиннах** |
| **Тонкость** | - | **Борикӣ** |
| **Тонкосуконная пряжа** | - | **Ресмони борики моҳутбоб** |

| | | |
|---|---|---|
| Топорщиться | - | Фахшавӣ, сихшавӣ |
| Торейон | - | Торейон (нахи вискозии истеҳсоли Ҷопон) |
| Торец | - | Нӯг, паҳлӯ |
| Торец бобины | - | Паҳлӯи калоба |
| Торец ствола ткацкого навоя | - | Нӯги танаи наварди бофандагӣ |
| Торжественная одежда | - | Либоси тантанавӣ |
| Торможение вала | - | Манъ кардани навард |
| Тормоз | - | Манъгар |
| Тормоз барабана | - | Манъгари устувона |
| Тормоз верёвочный | - | Манъгари арғамчиндор |
| Тормоз ткацкого навоя | - | Манъгари наварди бофандагӣ |
| Тормоз трения | - | Манъгари соишӣ |
| Тормозная | - | Аз манъгар, барои манъ кардан |
| Тормозная колодка | - | Кафи манъгар |
| Тормозная лента | - | Тасмаи манъгар |
| Тормозная система | - | Низоми манъгар |
| Тормозная шайба | - | Байнҳалқаи манъгар (ҷузъи олати тарангибахш) |
| Тормозной барабан | - | Устувонаи манъгар |
| Торсионный вал | - | Наварди чандир (аз фаронсавӣ ба маънои «тофтан». Наварди чандир, ки имконияти таҳвили моментҳои калони даврзанӣ ва қабул кардани моментҳои қатнаморо дорад. Масалан, дар дастгоҳи бофандагии дорои пудгузаронакҳо он ҷузъи механизми зарбазан мебошад) |

| | | |
|---|---|---|
| Торшон | - | Торшон (аз фаронсавӣ ба маънои «латта». Матои пахтагини муқарнас. Одатан бо катакҳо оро ёфтааст) |
| Торцевая | - | Нӯгӣ, паҳлӯӣ |
| Торцевое торможение валика | - | Манъи нӯгии навард (аз паҳлӯ) |
| Торцевой ключ | - | Калиди нӯгӣ |
| Точечный прибой | - | Оварда часпондани пайдарпай |
| Точка | - | Нуқта |
| Точка отсчёта | - | Нуқтаи сарҳисоб |
| Точка уступа воротника | - | Нуқтаи майли гиребон |
| Точность | - | Аниқӣ, саҳеҳӣ |
| Траверса | - | Болор, синчи боровезӣ |
| Траектория | - | Маҳрук (хати равиш) |
| Траектория движения | - | Маҳруки ҳаракат |
| Траектория прямолинейная | - | Маҳруки ростхатта |
| Трактовать, трактовка | - | Маънидод (тавзеҳ, тафсир) кардан, эзоҳ (шарҳ) додан |
| Транспортёр | - | Таҳвилгар, борбар |
| Транспортировка | - | Интиқол, ба дигар ҷой бурдан |
| Транспортировщик | - | Таҳвилгар, борбар |
| Транспортирующий канал | - | Қубури (найчаи) интиқол |
| Транспортная | - | Нақлиётӣ |
| Транспортный проход | - | Гузаргоҳи нақлиётӣ |
| Транспортный цех | - | Шӯъбаи нақлиётӣ |
| Траурная одежда | - | Либоси мотамӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Трафарет | - | Қолаб |
| Требование | - | Талабот, тақозо |
| Трение | - | Соиш |
| Трепало | - | Наварди зарб |
| Трепало бильное | - | Наварди якзарб |
| Трепало двухбильное | - | Наварди дузарб |
| Трепало игольчатое | - | Наварди зарби сӯзанпӯш |
| Трепало пилчатое | - | Наварди зарби аррапӯш |
| Трепало планочное | - | Наварди зарби зеҳпӯш |
| Трепало трёхбильное | - | Наварди сезарб |
| Трепало цилиндрическое | - | Наварди зарби устувонагӣ |
| Трёпальная машина | - | Мошини наддофӣ |
| Трёпальный орешек | - | Ҷавзаки наддофӣ (пасмондаи раванд) |
| Трёпальный цех | - | Шӯъбаи наддофӣ |
| Трёпальщик | - | Наддоф |
| Трепание | - | Наддофӣ |
| Трепать | - | Наддофӣ кардан |
| Трещина | - | Ҷои кафида |
| Треста | - | Пояи хесида (пояи намноки растании лифӣ, ки дар он нахҳо аз кабатҳои дигар ҷудо шудаанд) |
| Третий переход | - | Гузариши сеюм (зинаи сеюми коркарди ашё дар якчанд мошини таъиноташ якхела) |
| Трёхигольное трико | - | Трикои сесузанӣ (боҳампечии кешбофии торҳалқагии омехта, ки барои ҳосил кардани он ҳар рес- |

| | | |
|---|---|---|
| | | мон банавбат дар ду сутунчаи ҳамҳудуд набуда (дар байнашон як сутунчаи ҳалқагии дигар партофта шудааст) ҳалқапартой мекуиад. Чунин боҳампечиро дутрико ё моҳут низ меноманд) |
| **Трёхпазовый кулачок** | - | **Муштаки секомадор** |
| **Трёхплечий рычаг** | - | **Фашанги секитфа** |
| **Трёхполотный ткацкий станок** | - | **Дастгоҳи бофандагии себара** (он имкони дар як вақт бофтани се матои якхеларо дорад) |
| **Трёхпрочёсный аппарат** | - | **Аппарати шоназани секарата** |
| **Трёхсменная работа** | - | **Кори себаста** |
| **Трёхступенчатый** | - | **Сезинагӣ** |
| **Трёхступенчатый шкив** | - | **Тасмачархи сезинагӣ** |
| **Трёхступеньчатый контроль** | - | **Назорати сезинагӣ** |
| **Трёхшовный рукав** | - | **Остини седарз** |
| **Трещина** | - | **Роғ, тарқиш** |
| **Триацетатное волокно** | - | **Нахи триатсетатӣ** (нахи сунъӣ, ки аз полимери триатсетилселлюлоза ташаккул меёбад. Дар муқоиса бо нахи атсетатӣ чандирияти баландтар дорад, аммо қобилияти намкашиаш пасттар аст) |
| **Трико** | - | **Трико** (аз фаронсавӣ ба маънои «кешбофӣ». 1. Матои зичи костюмбоб аз пашм ё нахта. Ба воситаи боҳампечиҳои лас ё омехта бофта мешавад. Нақши возеҳи геометрӣ (раҳҳо, катакчаҳо ва г.) дорад; 2. Либоси варзишии кешбофта, ки ба бадан зич мечаспад; 3. Намуди боҳампечии торҳалқагӣ, ки ба синфи боҳампечиҳои содда дохил мешавад. Дар он ҳалқаҳои пӯшида ё кушодаи як ресмон банавбат дар ду сутунчаҳои ҳалқагии ҳамсоя ҷойгир мешаванд) |

| | | |
|---|---|---|
| Трико двухигольное | - | **Трикои дӯсузанӣ** (боҳампечии трикои оддӣ дар назар аст, ки барои ҳосил кардани он ҳар ресмон банавбат дар ду сутунчаи ҳамҳудуд ҳалқапартой мекунад. Яъне ҳалқабандиҳои як ресмон ба воситаи ду сӯзани ҳамсоя банавбат иҷро мешаванд) |
| Трико-сукно | - | **Трико-моҳут** (боҳампечии кешбофии торҳалқагӣ, ки барои ҳосил кардани он ду шоначаи сӯзанҳои гӯшакдор талаб карда мешавад) |
